**ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН**

Бо ҳуқуқи дастнавис

**ТДУ: 343.62 (575.3)**
**ТКБ: 67.408 (2Т)**
**М – 90**

**МУҚИМОВ САФАРБЕК ДАВЛАТБЕКОВИЧ**

# ҶАВОБГАРИИ ҶИНОЯТӢ БАРОИ ҚАСДАН РАСОНИДАНИ ЗАРАРИ МИЁНА БА САЛОМАТӢ ТИБҚИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**ДИССЕРТАТСИЯ**

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ

**РОҲБАРИ ИЛМӢ:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
профессор **САФАРЗОДА А.И.**

**ДУШАНБЕ – 2023**

## МУНДАРИҶА

**НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ**......................3-4
**МУҚАДДИМА**......................................................................5-20
**БОБИ 1. ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ ҶАВОБГАРИИ ҶИНОЯТӢ БАРОИ ҚАСДАН РАСОНИДАНИ ЗАРАРИ МИЁНА БА САЛОМАТӢ: ТАҲЛИЛИ ТАЪРИХӢ ВА ТАҲЛИЛИ МУҚОИСАВӢ**..............................................21-60
1.1. Таърихи ташаккули қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ...............................21-38
1.2. Таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории ҷиноятиии давлатҳои пасошуравӣ оид ба қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ............39-60
**БОБИ 2. ТАВСИФИ ҲУҚУҚИИ ҶИНОЯТИИ ҚАСДАН РАСОНИДАНИ ЗАРАРИ МИЁНА БА САЛОМАТӢ**.....................................................61-189
2.1. Объект ва предмети қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ....61-89
2.2. Тарафи объективии қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ..........................................................................................89-125
2.3. Субъект ва тарафи субъективии қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ........................................................................................125-160
2.4. Аломатҳои вазнинкунандаи қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ........................................................................................160-180
**ХУЛОСА**.........................................................................................181-184
**ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ**...................................................................................185-187
**РӮЙХАТИ АДАБИЁТ (МАЪХАЗҲО)**..................................................188-204
**ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ**.........................................................................................205-206

## НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ

**ҶТ** – Ҷумҳурии Тоҷикистон

**КҶ** – Кодекси ҷиноятӣ

**КҶ ҶТ** – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**ҶШФСР** – Ҷумҳурии Шуравии Федеративии Сотсиалистии Русия

**КҶ ҶШС Узбекистон** – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Узбекистон

**КҶ ҶШС Тоҷикистон** – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон

**КҶ ФР** – Кодекси ҷиноятии Федератсияи Русия

**КҶ Ҷумҳурии Қазоқистон** – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Қазоқистон

**КҶ Ҷумҳурии Қирғизистон** – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Қирғизистон

**КҶ Ҷумҳурии Узбекистон** – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Узбекистон

**КҶ Ҷумҳурии Украина** – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Украина

**КҶ Ҷумҳурии Белорус** – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Беларус

**КҶ Ҷумҳурии Озарбойҷон** – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Озарбойҷон

**КҶ Ҷумҳурии Арманистон** – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Арманистон

**КҶ Ҷумҳурии Туркманистон** – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии **Туркманистон**

**КҶ Ҷумҳурии Молдова** – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Молдова

**КҶ Ҷумҳурии Литва** – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Литва

**КҶ Ҷумҳурии Эстония** – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Эстония

**ИҶШС** – Иттиҳоди Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистӣ

**АМО ҶТ** – Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**СММ** – Созмони Милали Муттаҳид

**ИДМ** – Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил

**ФР** – Федератсияи Русия

**ВКД ҶТ** – Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**ғ.** – ғайра

**с.** – сол

**с.** – саҳифа

**С.** – саҳифа

**қ.** – қисм

**қ.қ.** – қисмҳо

**б.** – банд

**б.б.** – бандҳо

**м.** – модда

**м.м**. – моддаҳо

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Баъди пош хӯрдани ИҶШС ва соҳибистиқлол гардидани ҶТ дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоии давлат тағйироти муҳим ба амал омадаанд, ки ба сиёсати ҳуқуқии ҷиноятӣ, аз ҷумлаи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳо ба муқобили саломатӣ таъсир гузошт. Конститутсияи ҶТ саломатиро, ки яке аз муҳимтарин ҳуқуқҳои фитрии инсон ба ҳисоб меравад, дар м. 38 муқаррар намуд[1]. Ин ҳуқуқи конститутсионии инсон мутобиқи м. 2 КҶ ҶТ ба ҳайси объекти ҳифзи Кодекс дохил шуда, дар м.м. 110-129 КҶ ҶТ барои зарар расонидан ба саломатӣ ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ гардидааст[2]. Дар замони муосир қонунгузории ҷиноятӣ ба сифати яке аз воситаҳои муҳимми танзимсозандаи муносибатҳои ҷамъиятӣ баромад намуда, манфиатҳои шахс, ҷомеа ва давлатро аз таҷовузҳои ҷинояткорона ҳифз менамояд[3]. Маврид ба зикр аст, ки новобаста аз ин муқаррарот қонунгузорӣ оид ба ҳифзи саломатӣ, махсусан ҷавобгарии ҷиноятӣ барои зарар расонидан ба саломатӣ аз камбудиҳо орӣ нест. Бинобар ин, таҳқиқоти диссертатсионӣ оид ба масъалаи мазкур аҳаммияти калони назарию амалӣ дорад.

Бояд тазаккур дод, ки қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ яке аз ҷиноятҳои хатарнок ба муқобили саломатӣ мебошад, ки дар м. 111 КҶ ҶТ барои он ҷавобгарии ҷиноятӣ муқаррар шудааст. Хавфи он пеш аз ҳама дар он аст, ки барои ҷамъият оқибати хавфнок дошта, ба солимии бардавоми инсон халал мерасонад. Ҳамзамон ба ҷабрдида зарари маънавӣ низ расонида мешавад, ки метавонад ба зиндагии минбаъдаи инсон таъсири манфӣ дошта бошад. Саломатӣ гуфта, ҳолати беҳбудии пурраи ҷисмонӣ, рӯҳӣ ва иҷтимоӣ, набудани беморӣ ва нуқсонҳои ҷисмониро меноманд. Дар ҳолати зарар

---

[1] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://mmk.tj (санаи муроҷиат: 01.02.2023).

[2] Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 маи соли 1998, таҳти №574 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://mmk.tj (санаи муроҷиат: 01.02.2023).

[3] Ниг.: Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028 бо фармони Президенти ҶТ аз 6 феврали соли 2018, таҳти №005 тасдиқ шудааст // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ВА ҶТ «Адлия» [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj/index_tj.fwx (санаи муроҷиат: 01.02.2023).

дидани саломатии инсон, аз як тараф, ҷисми ӯ дучори ҷароҳат мешавад ва, аз тарафи дигар, хатари марг ва ё аз даст додани қисме аз саломатии худ ба ӯ таҳдид мекунад. Инсон танҳо дар сурати пурра солим будан метавонад аз ҳуқуқу озодиҳои худ истифода бурда, ҳамчун инсони комил дар муносибатҳои ҷамъиятӣ ширкат варзад. Бинобар ин, саломатӣ барои инсон неъмати бебаҳо маҳсуб шуда, зарар расонидан ба он на танҳо ба саломатии як шахс, балки ба саломатии аҳолӣ низ хатар дорад. Аз ин рӯ, омӯзиши ҷинояти қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ (м. 111 КҶ ҶТ) ва паҳлуҳои дигари он барои амалия ва назария мубрам ба ҳисоб меравад.

Масъалаи эътироф, арзишмандӣ ва ҳифзи ҳуқуқи саломатии инсон дар маркази таваҷҷуҳи ҳамешагии Президент ва Ҳукумати ҶТ қарор дорад. Бо дарки зарурат ва аҳаммияти масъала Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии ҶТ аз санаи 21.12.2021 изҳор намудаанд, ки «Рушди соҳаи тандурустӣ ва ҳифзи солимии аҳолӣ, ки яке аз бахшҳои муҳим мебошад, минбаъд низ ҳамчун самти афзалиятноки сиёсати иҷтимоии давлат ва Ҳукумати Тоҷикистон боқӣ мемонад»[4]. Дар ҷои дигар иброз намудаанд, ки «Барои ҳар як давлат солимии аҳли ҷомеа зарур мебошад. Аз ин рӯ, мо бояд халқамонро солим нигоҳ дорем ва барои тандурустии он тамоми шароитро фароҳам оварем». Ҳукумати кишвар ҳанӯз аз солҳои аввали ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ ба масъалаи ҳифзи саломатӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамуд. Эътироф ва ҳифзи ҳуқуқ ба саломатӣ ҳамчун арзиши олӣ дар сатҳи қонунгузорӣ, пеш аз ҳама, Конститутсияи ҶТ, Кодекси граждании ҶТ, Кодекси тандурустии ҶТ ва муқаррар намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои зарар расонидан ба саломатии инсон дар сатҳи қонунгузорӣ, пеш аз ҳама, Кодекси ҷиноятии ҶТ дастоварди даврони соҳибистиқлол оид ба ҳифзи саломатӣ ба ҳисоб меравад. Аммо, дар баробари дастовардҳои зиёди назариявию амалӣ дар баъзе аз

---

[4] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 21.12.2021 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://mfa.tj (санаи муроҷиат: 01.02.2023).

қисматҳои қонунгузории амалкунандаи ҷиноятӣ оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои расонидани зарар ба саломатӣ ҳанӯз нуқсонҳо мавҷуданд, ки таҳқиқоти алоҳидаро тақозо менамоянд. Ҳолати имрӯза ва дурнамои рушди минбаъдаи қонунгузории ҷиноятӣ оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои расонидани зарар ба саломатӣ аз мубрамияти бештари мавзуи таҳқиқшаванда дарак медиҳад.

Ҳамзамон моҳияти таҳқиқи мавзуи баррасишаванда дар он ифода мегардад, ки дар ин хусус таҷрибаи судии ҶТ зиёд мебошад. Тавре аз маълумотҳои омории Раёсати омори судии Суди Олии ҶТ бармеояд, оид ба ҷинояти қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ (м. 111-и КҶ ҶТ) дар соли 2018 – 227 нафар, соли 2019 – 216 нафар, соли 2020 – 226 нафар ва дар соли 2021 – 225 нафар бо ҳукми судӣ маҳкум гардидаанд[5].

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Масъалаи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ дар ҶТ то кунун ҳамчун мавзуи таҳқиқоти илмии монографию диссертатсионӣ қарор нагирифтааст. Паҳлуҳои алоҳидаи мавзуи мазкур қисман аз ҷониби муҳаққиқони ватанӣ таҳқиқ гардидаанд. Дар ин самт У.А. Азиззода[6], И.Х. Бобоҷонзода[7], З.Х. Зокирзода[8], З.А. Камолов[9], Ф.А. Мирзоахмедов[10], Ғ.С. Сатторов[11], А.И. Сафарзода[12], Ш.Л.

---

[5] Ниг.: Маълумотномаи омории Раёсати омори судии Суди Олии ҶТ. – Душанбе, 2022.

[6] Ниг.: Азизов У.А. Эволюция институтов преступления и наказания на территории исторического и современного Таджикистана: историко-правовое исследование: монография [Отв. ред. Ф.Т. Тахиров]. – Душанбе: Андалеб-Р, 2015. – 368 с.

[7] Ниг.: Бабаджанов И.Х. Жизнь и смерть человека как институционально-правовые категории (теоретико-аксиологический и частно-правовой анализ): дис. … д-ра юрид. наук. – Душанбе, 2014. – 369 с.

[8] Ниг.: Зокирзода З.Х. Мусодираи молу мулк ҳамчун намуди ҷазои ҷиноятӣ: дис. ... ном. илм. ҳуқуқ. – Душанбе, 2020. – 176 с.; Зокирзода З.Х., Муқимов С.Д. Баъзе масъалаҳои объекти қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ / З.Х. Зокирзода, С.Д. Муқимов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2022. – №9. – С. 218-225.

[9] Ниг.: Камолов З.А. Система наказаний по уголовному кодексу Республики Таджикистан: дис. … канд. юрид. наук. – Иркутск, 2009. – 193 с.

[10] Ниг.: Мирзоахмедов Ф.А. Уголовная ответственность за терроризм по законодательству Республики Таджикистан и Российской Федерации (сравнительно-правовое исследование): монография. – Душанбе: ЭР-граф, 2017. – 180 с.

[11] Ниг.: Сатторов Ғ.С. Ҳуқуқи ҷиноятӣ (қисми махсус). – Душанбе, 2018. – 144 с.

[12] Ниг.: Сафарзода А.И. Уголовно-правовая охрана предпринимательской деятельности в Республике Таджикистан: автореф. дис. … д-ра юрид. наук. – Душанбе, 2018. – 53 с.; Сафарзода А.И., Муқимов С.Д. Баъзе масоили инкишофи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ / А.И. Сафарзода, С.Д. Муқимов // Қонунгузорӣ (маҷаллаи илмӣ). – 2022. – №1 (45). – С. 108-117.

Холиқзода[13], С.Ҳ. Ҳусейнзода [14], Т.Ш. Шарипов[15] ва дигарон таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд. Олимони номбурда дар ҳалли масоили ҷиноятҳо ба муқобили саломатӣ саҳми худро гузоштанд.

Масъалаи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ ва ҳамчун мавзуи омӯзиши як қатор олимони хориҷӣ низ қарор гирифтааст, аз қабили А.М. Ахвердов[16], Е.В. Безручко[17], С.В. Бородин[18], А.С. Гудимов[19], Л.И. Гуревич[20], Т.Г. Даурова[21], П.А. Дубоветс[22], Н.И. Загородников[23], В.С. Коновалов[24], А.С. Никифоров[25], С.В. Расторопов[26], Ш.С. Рашковская[27], Б.Н. Титов[28], Е.Н. Тихонов[29], М.Д. Шаргородский[30] ва дигарон.

Бояд тазаккур дод, ки саҳми олимони ватанӣ дар таҳқиқи масъалаи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ бузург аст, ки онҳо ҳарчанд мавзуи мазкурро таҳқиқ накарда бошанд ҳам, вале

---

[13] Ниг.: Халиков Ш.Л. Уголовная ответственность за умышленное причинение тяжкого вреда здоровью по законодательству Республики Таджикистан: дис. … канд. юрид. наук. – Душанбе, 2017. – 178 с.
[14] Ниг.: Ҳусейнзода С.Х., Нажбудинов М.А. Хикматзода Ҷ.У. Ҷиноятҳо ба муқобили саломатӣ. Дастури таълимӣ. – Душанбе: Эр-граф, 2017. – 372 с.
[15] Ниг.: Шарипов Т.Ш., Сафарзода А.И., Камолов З.А., Холиқзода Ш.Л., Зокирзода З.Х., Зиёбоева М.Н. Ҳуқуқи ҷиноятӣ (Қисми умумӣ). Нашри 5-ум, такмилдодашуда. – Душанбе, 2020. – 223 с.
[16] Ниг.: Ахвердов А.М. Умышленное причинение тяжкого вреда здоровью, повлекшего по неосторожности смерть потерпевшего: уголовно-правовой и криминологический аспекты: дис. … канд. юрид. наук. – Ставрополь, 2005. – 206 с.
[17] Ниг.: Безручко Е.В. Уголовная ответственность за причинение вреда здоровью человека: дис. … канд. юрид. наук. – Ростов-на-Дону, 2001. – 203 с.
[18] Ниг.: Бородин С.В. Ответственность за убийство: квалификация и наказание по российскому праву. – М.: Юрист, 1994. – 216 с.; Бородин С.В. Преступления против жизни: Практ. пособие. – М.: Юристъ, 1999. – 356 с.
[19] Ниг.: Гудимов А.С. Уголовно-правовая характеристика умышленного причинения средней тяжести вреда здоровью человека: дис. ... канд. юрид. наук. – М., 2008. – 213 с.
[20] Ниг.: Гуревич Л.И. Борьба с телесными повреждениями по советскому уголовному праву: автореф. дис. ... канд. юрид. наук. – М., 1950. – 16 с.
[21] Ниг.: Даурова Т.Г. Уголовная ответственность за легкие телесные повреждения / Под ред. Ной И.С. – Саратов: Изд-во Сарат. ун-та, 1980. – 120 с.
[22] Ниг.: Дубовец П.А. Ответственность за телесные повреждения по советскому уголовному праву. – М.: ЮЛ, 1964. – 159 с.
[23] Ниг.: Загородников Н.И. Преступления против здоровья. – М., 1969. – 64 с.
[24] Ниг.: Коновалов В.С. Уголовная ответственность за причинение легкого вреда здоровью: дис. ... канд. юрид. наук. – Ростов-на-Дону, 2002. – 185 с.
[25] Ниг.: Никифоров А.С. Ответственность за телесные повреждения. – М.: Госюриздат, 1959. – 128 с.
[26] Ниг.: Расторопов С.В. Борьба с умышленными тяжкими телесными повреждениями, совершаемыми осужденными в исправительно-трудовых колониях: дис. ... канд. юрид. наук. – Рязань, 1996. – 301 с.
[27] Ниг.: Рашковская Ш.С. Преступления против жизни, здоровья, свободы и достоинства личности: Лекции для студентов ВЮЗИ / Под ред. А.Н. Васильева. – М., 1956. – 87 с.
[28] Ниг.: Титов Б.Н. Уголовная ответственность за умышленное причинение тяжкого вреда здоровью: дис. ... канд. юрид. наук. – М., 2001. – 130 с.
[29] Ниг.: Тихонов Е.Н. Уголовная ответственность за причинение вреда здоровью по законодательству Российской Федерации: дис. ... канд. юрид. наук. – М., 2004. – 187 с.
[30] Ниг.: Шаргородский М.Д. Преступления против жизни и здоровья. – М.: Юриздат, 1947. – 471 с.

баъзе аз паҳлуҳои мавзуи мазкурро баррасӣ карда, барои таҳқиқи он замина фароҳам овардаанд. Бо вуҷуди ин, ҷанбаҳои ҷиноятӣ-ҳуқуқии қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ ва ҷавобгарии ҷиноятӣ барои он ҳамчун мавзуи мукаммали монографӣ таҳқиқ нагардидааст. Дар илми ҳуқуқшиносии ҶТ то имрӯз таҳқиқоти бунёдӣ дар ин самт гузаронида нашудааст.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ.** Диссертатсия дар доираи лоиҳаи илмии кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (Сиёсати ҳуқуқии ҷиноятии ҶТ дар даврони муосири рушд) иҷро гардидааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот.** Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ аз маҷмуи муносибатҳои ҷамъиятие иборат мебошад, ки ба омӯзиши ҳамаҷониба ва возеҳи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ алоқаманд мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Барои расидан ба мақсадҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ баррасии илмии **вазифаҳои** зерин зарур мебошанд:

– омӯзиши таърихи ташаккули қонунгузории ҷиноятии ҶТ оид ба қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ;

– таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории ҷиноятии давлатҳои пасошуравӣ оид ба ҷинояти қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ;

– муайян намудани объект ва предмети ҷинояти қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ;

– таҳқиқи тарафи объективии ҷинояти қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ;

– баррасии субъект ва тарафи субъективии ҷинояти қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ;

– баррасии аломатҳои вазнинкунандаи ҷинояти қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ;

– омӯзиши омори расмӣ, таҷрибаи судӣ ва ошкор сохтани мушкилиҳои татбиқи меъёрҳои қонуни ҷиноятӣ вобаста ба қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ;

– пешниҳоди тавсияҳо барои ҳалли мушкилоти қонунгузор, назария ва амалияи ҳуқуқи ҷиноятӣ вобаста ба мавзуи таҳқиқшаванда.

**Объекти таҳқиқот.** Объекти таҳқиқотро муносибатҳои ҷамъиятӣ вобаста ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ ташкил медиҳад.

**Мавзуи (предмет) таҳқиқот.** Мавзуи таҳқиқотро меъёрҳои қонунгузории ҷиноятӣ оид ба рушди қонунгузории миллӣ, таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории ҷиноятии ҶТ бо қонунгузории ҷиноятии давлатҳои пасошуравӣ, тавсифи ҳуқуқи ҷиноятии аломатҳои таркиби ҷиноят, омӯзиши маълумоти оморӣ, таҷрибаи судӣ ва ошкор сохтани мушкилиҳои татбиқи меъёрҳои қонуни ҷиноятӣ вобаста ба қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ ташкил медиҳад.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот (доираи таърихии таҳқиқот).** Таҳқиқоти диссертатсионӣ фарогири ду марҳилаи инкишофи қонунгузории ҷиноятӣ оид ба қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ мебошад: 1) ташаккули қонунгузории ҷиноятӣ оид ба қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ дар низоми ҳуқуқи шуравӣ; 2) рушди қонунгузории ҷиноятии ҶТ оид ба қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ.

Диссертатсияи мазкур дар кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон омода гардидааст. Давраи таҳқиқоти диссертатсионӣ фарогири солҳои 2020-2023 мебошад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Асоси назариявии диссертатсияро корҳои илмӣ-назариявии олимони ватанию хориҷӣ оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ ташкил медиҳад. Дар таҳияи диссертатсияи мазкур муаллиф ба осори илмии У.А. Азиззода, А.М.

Ахвердов, Е.В. Безручко, И.Х. Бобоҷонзода, С.В. Бородин, А.С. Гудимов, Л.И. Гуревич, Т.Г. Даурова, П.А. Дубоветс, Н.И. Загородников, З.Х. Зокирзода, З.А. Камолов, В.С. Коновалов, Ф.А. Мирзоахмедов, Ф.Р. Муродзода, М.А. Нажбудинов, А.С. Никифоров, Н.С. Одиназода, С.В. Расторопов, Ш.С. Рашковская, Ғ.С. Сатторов, А.И. Сафарзода, Б.Н. Титов, Е.Н. Тихонов, Ш.Л. Холиқзода, Ф.Ф. Хоҷазода, С.Ҳ. Ҳусензода, М.Д. Шаргородский, М.М. Шарипов, Т.Ш. Шарипов ва дигарон такя кардааст.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Асосҳои методологии таҳқиқоти диссертатсиониро усулҳои умумиилмӣ ва махсуси ҳуқуқӣ ташкил медиҳанд. Аз ҷумла, усулҳои диалектика, мантиқӣ-забонӣ, оморӣ, шаклӣ-ҳуқуқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ дар диссертатсия бештар истифода гардидаанд.

Ташаккул ва инкишофи қонунгузории ҷиноятӣ оид ба қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ дар давраи шуравӣ ва ҶТ ба воситаи усули диалектика мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Усули мазкур имконият дод, ки воқеияти ҷавобгарии ҷиноятӣ барои қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ дар давраҳои таърихӣ таҳлил карда шавад. Усули мантиқӣ-забонӣ дар таҳлил ва пешниҳоди дурусти истилоҳ, мафҳумҳо ва ибораҳои ҳуқуқии дар таҳқиқоти диссертатсионӣ истифодагардида мусоидат намудааст. Дар заминаи усули мазкур истифодаи якхела ва дурусти истилоҳ, мафҳумҳо ва ибораҳои ҳуқуқӣ аз назари мантиқӣ ва забонӣ пешниҳод гардидаанд. Бо такя аз усули оморӣ зимни таҳқиқи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ аз натиҷаҳои оморӣ истифода гардидааст. Дар заминаи усули шаклӣ-ҳуқуқӣ ҷавобгарии ҷиноятӣ барои қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ ҳамчун падидаи сирф ҳуқуқӣ баррасӣ гардидааст. Тавассути усули муқоисавӣ-ҳуқуқӣ қонунгузории ҶТ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии давлатҳои хориҷӣ дар самти ҷавобгарии ҷиноятӣ барои қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ омӯхта шуда, шабоҳат ва тафовут миёни онҳо муайян гардидааст. Бо истифода аз усули таърихӣ-ҳуқуқӣ масъалаи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ мавриди таҳқиқи таърихӣ-

ҳуқуқӣ қарор дода шудааст. Усулҳои мазкур дар якҷоягӣ имконият фароҳам овардаанд, то таҳқиқоти диссертатсионӣ ҳамаҷониба, пурра ва объективона гузаронида шуда, вазифаҳои гузошташуда ҳалли худро пайдо намоянд.

**Заминаҳои эмпирикӣ.** Зимни гузаронидани таҳқиқот омори баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ оид ба қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ дар раванди ҳуқуқтатбиқунӣ барои солҳои 2016-2021 мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифта, зиёда аз 220 парвандаи ҷиноятӣ дар шаҳру ноҳияҳои ҶТ мавриди омӯзиш қарор дода шуд.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Навгонии илмии диссертатсия дар он ифода меёбад, ки диссертатсияи мазкур нахустин пажӯҳиши мукаммали илмӣ оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ дар ҶТ ба шумор меравад. Навгонии аз ҷониби муаллиф пешниҳодгардида ҷавобгарии ҷиноятӣ барои қасдан расонидани зарари миёна ба саломатиро фаро гирифтааст. Хулосаҳо ва нуктаҳои илмии диссертатсия, ки ба ҳимоя пешниҳод мегарданд, навгонии таҳқиқоти диссертатсионӣ ва натиҷаҳои ҳалли вазифаҳои гузошташударо инъикос менамоянд, ки онҳоро ба гурӯҳҳои зерин ҷудо кардан мумкин аст:

– Таърихи ташаккули қонунгузории ҷиноятии ҶТ оид ба қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ мавриди омӯзиш қарор дода шуд;

– Таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории ҷиноятии давлатҳои пасошуравӣ оид ба қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ гузаронида шуда, монандӣ ва фарқияти онҳо муайян карда шуд;

– Объект ва предмети ҷинояти қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ баррасӣ гардида, муайян карда шуд;

– Тарафи объективии ҷинояти қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифт;

– Субъект ва тарафи субъективии ҷинояти қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ баррасӣ гардида, муайян карда шуданд;

– Омӯзиши омори расмӣ, таҷрибаи судӣ ва ошкор сохтани мушкилиҳои татбиқи меъёрҳои қонуни ҷиноятӣ вобаста ба қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ баррасӣ карда шуданд;

– Тавсияҳо барои ҳалли мушкилоти қонунгузор, назария ва амалияи ҳуқуқи ҷиноятӣ вобаста ба мавзуи таҳқиқшаванда пешниҳод карда шуданд.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда.** Навгонии илмии таҳқиқот бо **нуктаҳои илмии** зерин, ки ба ҳимоя пешкаш карда мешаванд, собит мегардад:

1. Ҷинояти қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ ва ҷавобгарии ҷиноятӣ барои он дар ҳуқуқи шуравӣ махсусиятҳои худро дошт. Аз рӯйи зараре, ки ба шахси зарардида расонида мешуд, Кодекси ҷиноятии ҶШФСР соли 1922 дараҷаи сеҷузъии зарари ҷисмониро ба зарари вазнин, зарари каме вазнин ва зарари сабук асос қарор дода буд. Аз ин хулоса баровардан мумкин аст, ки дар КҶ ҶШС Тоҷикистон (соли 1935) қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ ҳамчун таркиби ҷиноят мавҷуд набуд. Дар Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон соли 1961 аз нав низоми сезинаи муайян намудани дараҷаи зарари ҷисмонӣ ба кор гирифта шуд:

1) м. 111 – қасдан расонидани зарари вазнини ҷисмонӣ;

2) м. 112 – қасдан расонидани зарари каме вазнини ҷисмонӣ;

3) м. 115 – қасдан расонидани зарари сабуки ҷисмонӣ.

2. Дар айни замон, ки барои қонунгузор осону содатар мебуд агар дар КҶ ҶТ дар ин замина аз мафҳуми нисбатан ба ин маъно миёна, яъне мафҳуми «инсон» кор гирифта мешуд. Илми ҳуқуқи ҷиноятӣ, бояд мафҳумҳои «шахсият» ва «инсон»-ро ҳамчун ду мафҳуми баробармаъно арзёбӣ намояд. Дар баробари ин, барои қонунгузор осонтар мебуд, агар дар Кодекси ҷиноятии ҶТ аз мафҳуми «инсон» истифода мешуд. Ҳамин тавр, қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ унсури муҳимми низоми ҷиноятҳо ба муқобили ҳаёт ва саломатӣ ба ҳисоб меравад, ки он дар КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст.

3. Қонунгузории давлатҳои аврупоӣ ба таври ҷиддӣ ҳам аз КҶ ҶТ ва ҳам аз кодексҳои ҷиноятии давлатҳои ИДМ ва соҳили Балтика фарқ менамоянд. Аз

нигоҳи қонунгузори Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун нишондиҳандаи асосии хавфи иҷтимоӣ доштани сӯйиқасд ба саломатии инсон, ба таври анъанавӣ оқибатҳои ҷиноятӣ ба ҳисоб мераванд. Мушаххасан, онҳо, яъне оқибатҳои ҷиноятӣ аломати ҷудокунандаи таркибҳои зарари вазнин, миёна ва сабук ба саломатии шахс дониста мешаванд. Дар айни замон, аз дидгоҳи мо зарур ва лозим аст, ки имкони ворид сохтани ҷазои алтернативӣ нисбат ба ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ, ки он метавонад барои мисол, таъини корҳои ҳатмӣ бошад, мавриди омӯзиш қарор бигирад.

4. Таҳлилу баррасии муқаррароти КҶ ҶТ нишон медиҳад, ки мафҳуми истифодашудаи саломатӣ хусусияти мураккаби тиббиву ҳуқуқӣ дорад. Ҳамин тавр, анҷом додани таҳлилу омӯзиш дар робита ба мафҳумҳои мавҷуди саломатӣ бо мақсади пайдо намудани мафҳуми ҷавобгӯи талаботи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва таълимот дар бораи таркиби ҷиноят кори муҳим ба назар мерасад.

5. Тарафи объективии ҷинояти содиршаванда, ки дорои хусусияти инъикос дар ҷаҳони объективист, маҳз дар раванди таҳқиқу тафтиш тавассути мақомоти ҳифзи ҳуқуқи мавриди омӯзишу арзёбӣ қарор мегирад. Он як қатор аломатҳои ҳатмӣ ва факултативиеро дар бар мегирад, ки муайян ва муқаррар кардани онҳо дар дуруст арзёбӣ шудани кирдори содиршуда ва ошкор сохтани ангезаву мақсад ва сабабҳои содиршавии ҷиноят нақши принсипиалии муҳим мебозад. Ҳамин тавр, барои муайян намудани кирдори содирнамуда аз рӯйи м. 111 КҶ ҶТ лозим аст, то вуҷуд надоштани ду аломати аввал ва вуҷуд доштани ҳаддиақал яке аз ду аломати охир муқаррар карда шавад.

6. Омӯзиш ва таҳқиқи тарафи субъективӣ, марҳалаи нисбатан мураккаб дар кори муайян намудани ҷиноят ба ҳисоб меравад ва дар ин кор тавре ки таҷриба нишон медиҳад, ҳатто аз сӯйи муфаттишҳои варзида ва судяҳои босалоҳият ҳам дар бисёр маврид ба иштибоҳоти зиёди амалӣ роҳ дода мешавад. Бидуни муболиға метавон гуфт, ки дар масъалаи вобаста ба ҷалб намудани шахс ба ҷавобгарии ҷиноятӣ ва нисбат ба он таъйин намудани ҷазои

сазовор тарафи субъектии ҷиноят унсури асосӣ шуморида мешавад. Маҳз ба ҳамин хотир, имрӯз зарурати мубрам барои гузаронидани таҳқиқоту пажӯҳишҳои бунёдии бештар вуҷуд дорад. Бояд ба таври махсус қайд намуд, ки ҳангоми вуҷуд доштани шаку шубҳа дар мавриди мазмуну муҳтаво ва мақсаду ҳадафи қасди шахси айбдоршаванда, бояд ба таври пурра принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ асос қарор дода шавад. Ва мувофиқи он «ҳамаи масъалаҳои ҳалнашаванда ба нафъи шахси айбдоршаванда таъбиру тафсир мегарданд».

**Тавсияҳои амалии** зеринро, ки дар натиҷаи анҷом додани таҳқиқоти диссертатсионӣ коркард шудаанд, пешниҳод менамоем:

1. Барои боз ҳам равшантар шудан барои иштирокчиёни мурофиаи судӣ, махсусан барои судя ҷиҳати баровардани ҳукми одилона беҳтар мебуд, ки дар эзоҳи моддаи 111-и КҶ ҶТ мафҳуми «харобшавии тӯлонии саломатӣ ё ба таври устувору назаррас аз даст додани камтар аз сеяки қобилияти умумии меҳнатӣ» шарҳ дода шавад.

2. Диспозитсияи моддаи 111-и КҶ ҶТ танҳо аломатҳои саломатии ҷисмонии инсонро ифода кардааст, вале аломатҳои саломатии равонии инсон аз мадди назар дур мондаанд. Бинобар ин, беҳтар мешуд, ки дар диспозитсияи моддаи 111-и КҶ ҶТ дар баробари ифодаи «*харобшавии тӯлонии саломатӣ ё ба таври устувору назаррас аз даст додани камтар аз сеяки қобилияти умумии меҳнатӣ»* ифодаи *«аз даст додани қобилиятҳои равонӣ ва саломатии равонӣ, ки ба бемориҳои руҳӣ монанд нест»* илова карда шавад.

3. Дар диспозитсияи қисми дуюм банди зерин илова карда шавад: «*нисбати шахси баръало ноболиғ, ё шахсе, ки дар ҳолати оҷизӣ қарор доштани ӯ барои гунаҳгор аён аст*».

4. Бинобар сабаби он, ки бераҳмии махсус дараҷаи зарари расонидашударо меафзояд ва ҳамзамон шабеҳ будани банди «г» м. 111 ба банди «ж» м. 117-и КҶ ҶТ беҳтар мешуд, ки аз қисми дуюми моддаи 111-и КҶ ҶТ банди «г) *бо бераҳмии махсус*» хориҷ карда мешуд.

5. Гипотеза ва диспозитсияи моддаҳои 110, 111 ва 112-и КҶ ҶТ бо ҳамдигар шабеҳ мебошанд, вале дар диспозитсияи моддаи 111-и КҶ ҶТ танҳо ифодаи «*оқибатҳои дар моддаи 110 ҳамин Кодекс пешбинишударо ба миён наовардааст*» муқаррар шудааст. Бинобар ин, беҳтар мешуд, ки дар диспозитсияи моддаи 111-и КҶ ҶТ ҳамзамон ифодаи зерин илова гардад: «*оқибатҳои дар моддаи 112-и ҳамин Кодекс пешбинишударо ба миён наовардааст*».

6. Ҳамчунин, истифодаи мафҳуми *«зарар»* муайяну мушаххас нест, зеро *«зарар»* ҳам хусусияти молумулкӣ ва ҳам хусусияти шахсии ғайримолумулкӣ (ҳаёт, саломатӣ, қадру қимат, обрӯ ва ғ.)-ро ифода менамояд. Истифодаи калимаи «*зиён*» фаҳмо ва муназзам ба назар мерасад. Аз ин рӯ, калимаи *«зарар»,* ки дар диспозитсияи м. 111 КҶ ҶТ оварда шудааст, ба калимаи *«зиён*» иваз карда шавад. Бинобар ин, номи м. 111 КҶ ҶТ ба «Қасдан расонидани зиёни миёна ба саломатӣ» иваз карда шавад.

7. Бо мақсад мувофиқ аст, ки дар эзоҳи м. 111 КҶ ҶТ муқаррароти зерин пешбинӣ карда шавад:

«*1. Зиёни миёна ба саломатӣ, зарарест, ки боиси харобшавии тӯлонии саломатӣ ё ба таври устувори назаррас аз даст додани камтар аз сеяки қобилияти меҳнатӣ гаштааст.*

*2. Харобшавии тӯлонии саломатӣ дар ҳолате ҷой доша метавонад, ки дар натиҷаи зарар шахс қобилияти меҳнатии худро зиёда аз се ҳафта (21 рӯз) гум карда бошад.*

*3. Ба таври устувору назаррас аз даст додани қобилияти меҳнатӣ бошад, дар вақте ҷой дорад, ки шахс аз 10 то 30 фоизи қобилияти меҳнатии худро гум карда бошад».*

8. Пешниҳод карда мешавад, ки моддаи 111-и КҶ ҶТ дар таҳрири зерин оварда шавад:

1) Қасдан расонидани ***зиёни*** миёна ба саломатӣ, ки барои ҳаёт хавфнок набуда ва оқибатҳои дар моддаи 110 ***ва 112-и*** ҳамин Кодекс пешбинишударо ба миён наовардааст, вале боиси харобшавии тӯлонии саломатӣ ё ба таври устувору назаррас аз даст додани камтар аз сеяки қобилияти умумии меҳнатӣ,

***аз даст додани қобилиятҳои равонӣ ва саломатии равонӣ, ки ба бемориҳои руҳӣ монанд нест, аз даст додани камтар аз сеяки қобилияти меҳнатӣ касбӣ*** шудааст, -

бо корҳои ислоҳӣ ба муҳлати то ду сол ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати то ду сол ҷазо дода мешавад.

2) Ҳамин кирдоре, ки:

а) нисбати ду ё зиёда шахсон;

б) нисбати шахс ё наздикони ӯ вобаста бо фаъолияти хизматӣ ё қарзи ҷамъиятиро иҷро намудани ӯ;

в) аз ҷониби гурӯҳи шахсон ё гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ;

г) ***нисбати шахси баръало ноболиғ ё шахсе, ки дар ҳолати оҷизӣ қарор доштани ӯ барои гунаҳгор аён аст;***

д) дар ҷараёни бетартибиҳои оммавӣ;

е) бо сабаби нафрат ё хусумати миллӣ, нажодӣ, динӣ, маҳалгароӣ ё интиқом;

ж) такроран ё аз ҷониби шахси қаблан содирнамудаи ҷинояти қасдан расонидани зарари вазнин ба саломатӣ ё одамкушии пешбининамудаи моддаҳоии 104 ва 110 ҳамин Кодекс содир гардидааст, -

бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз ду то панҷ сол ҷазо дода мешавад.

**Эзоҳ:**

«1. Зиёни миёна ба саломатӣ, зарарест, ки боиси харобшавии тӯлонии саломатӣ ё ба таври устувори назаррас аз даст додани камтар аз сеяки қобилияти меҳнатӣ гаштааст.

2. Харобшавии тӯлонии саломатӣ дар ҳолате ҷой дошта метавонад, ки дар натиҷаи зарар шахс қобилияти меҳнатии худро зиёда аз се ҳафта (21 рӯз) гум карда бошад.

3. Ба таври устувору назаррас аз даст додани қобилияти меҳнатӣ бошад, дар вақте ҷой дорад, ки шахс аз 10 то 30 фоизи қобилияти меҳнатии худро гум карда бошад».

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** дар он ифода меёбад, ки хулосаҳо ва пешниҳодҳои дар натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионӣ бадастомада мумкин аст барои ҳалли масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ дар самти ҳифзи саломатии инсон ва ҷавобгарӣ барои расонидани зарар ба саломатӣ истифода карда шаванд. Таҳқиқоти пешниҳодшуда метавонад дар раванди таълими фанҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ва ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ, инчунин, дар курси махсуси таълимии ҳуқуқӣ, аз ҷумла фанни «Асосҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ» истифода шавад.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он ифода мегардад, ки дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ҷиҳати такмили қонунгузории кишвар метавон хулосаву пешниҳодҳои таҳқиқотро вобаста ба масъалаи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ истифода бурд. Хулосаву пешниҳодҳои таҳқиқот барои амалияи ҳуқуқтатбиқсозӣ ҷиҳати муайян кардани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои содир кардани ҷинояти қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ аҳаммияти калон доранд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ба таҳлили воқеъбинона ва ҳаматарафаи таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ оид ба паҳлуҳои мухталифи ҷинояти қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ ва ҷавобгарии ҷиноятӣ барои он, таҳлили натиҷаҳо ва хулосаҳои дар илм пазируфташуда, мафҳумҳо, андешаҳо ва тавсияҳои назариявию амалии муаллиф, нуктаҳои илмии таҳқиқот ва тавсияҳо, таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории миллӣ бо қонунгузории қишварҳои хориҷӣ оид ба ҷинояти қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ, таҳқиқи ҳолати кунунӣ, дурнамо ва роҳҳои такмили қонунгузории кишвар оид ба масъалаи мазкур асос меёбад.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ тасдиқ карда шудааст, мутобиқ мебошад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия ба сатҳи навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсия, нуктаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, мақолаҳои илмӣ, маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ асоснок карда мешавад. Ҳамзамон, масъалагузорӣ ва сабки диссертатсия саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳанд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Диссертатсияи номзадӣ дар кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон омода гардида, борҳо дар ҷаласаҳои кафедраи номбурда муҳокима гардида, ба ҳимоя пешниҳод шудааст.

Муҳимтарин натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар шакли пешниҳоди маърӯзаҳо дар конференсияҳои ҷумҳуриявию байналмилалии илмӣ-назариявии зерин мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд:

а) байналмилалӣ:

– Конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ бахшида ба таҷлили 30-умин солгарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзуи Рушди илмҳои башардӯстӣ (гуманитарӣ) дар 30 соли Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон маърӯза дар мавзуи «Қасдан расонидани зарари миёна ба саломатии шахс дар қонунгузории ҷиноятии давлатҳои хориҷи дур» (Рашт, соли 2021);

б) ҷумҳуриявӣ:

– Конференсияи илмӣ-назариявии устодон, кормандон ва донишҷӯён бахшида ба 25-солагии рӯзи Ваҳдати миллӣ ва «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (солҳои 2020-2040)», маърӯза дар мавзуи «Таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории ҷиноятии давлатҳои пасошӯравӣ оид ба қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ» (Рашт, соли 2022).

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Доир ба мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ унвонҷӯ 12 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 7 адади он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ ва 5 мақола дар маҷаллаҳои дигар ба нашр расонидааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз номгуйи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ, муқаддима, ду боб, шаш зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот ва рӯйхати адабиёт (маъхазҳо) иборат аст. Ҳаҷми умумии диссертатсия 206 саҳифаро ташкил медиҳад.

# БОБИ 1. ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ ҶАВОБГАРИИ ҶИНОЯТӢ БАРОИ ҚАСДАН РАСОНИДАНИ ЗАРАРИ МИЁНА БА САЛОМАТӢ: ТАҲЛИЛИ ТАЪРИХӢ ВА ТАҲЛИЛИ МУҚОИСАВӢ

## 1.1. Таърихи ташаккули қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ

Инқилоби моҳи октябри соли 1917 ба марҳалаи навин дар рушду нумуи ҳуқуқи ҷиноятии ватанӣ асос гузошт. То қабули нахустин кодекси ҷиноятии Ҳокимияти Шуравӣ, яъне Кодекси ҷиноятии ҶШФСР соли 1922, меъёрҳои Қонуни ҷиноятии соли 1903 дар Русия амал менамуданд, «зеро онҳо бинобар он ки бо шарафу виҷдон ва маърифати ҳуқуқии инқилобӣ мухолифат надоштанд, аз сӯйи Инқилоб бекор нашуда буданд». Дар ҳафт соли сипаришуда миёни Инқилоб ва қабули Кодекси ҷиноятии ҶШФСР соли 1922, мақомоти қонунгузории шуравӣ фармону дастурҳои зиёде содир намуданд, вале ҳамаи ин санадҳо ғолибан хусусияти мурофиавӣ дошта, навгониҳои ҷолиби таваҷҷуҳро дарбар намегирифтанд.

Кодекси ҷиноятии ҶШФСР соли 1922 аз ду қисм иборат буд. Қисми махсуси КҶ ҶТ боби 5 ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои расонидани зарари ҷисмонӣ бахшида шуда буд, ки дар он дар бораи ҷиноятҳо ба муқобили ҳаёт, саломатӣ, озодӣ ва шаъну шарафи шахсият сухан мерафт. Аз рӯйи зараре, ки ба шахси зарардида расонида мешуд, Кодекси ҷиноятии ҶШФСР соли 1922 дараҷаи сесатҳи зарари ҷисмониро ба зарари вазнин, зарари каме вазнин ва зарари сабук асос қарор дода буд.

Зарарҳое, ки расонидани онҳо боиси эҷоди ихтилол дар саломатии шахс мегардиданд ва ё аз даст додани қувваи биноӣ, шунавоӣ ё яке аз узвҳои баданро сабаб мешуданд ё боиси нуқсони ислоҳнопазири рӯй мегардиданд, аз рӯйи дараҷаи суратгирифта ба гурӯҳи зарари ҷисмонии вазнин дохил мешуданд (м. 149 КҶ ҶШФСР соли 1922). Зарари барои саломатӣ, ки дар натиҷаи расонидани онҳо ихтилоли доимӣ дар саломатии шахс ба вуҷуд меомад ва ё ба муддати тӯлонӣ боиси халалдор шудани кори яке аз узвҳои

бадан мегардидад, ҳамчун зарари нисбатан сабук муайян шуда буданд (м. 150 КҶ ҶШФСР).

Санксияҳои моддаҳои 149, 150, 153 КҶ ҶШФСР (соли 1922) нишон медиҳад, ки қонунгузор дар мубориза бо таҷовуз ба муқобили шахсият аҳамияти зиёд медод. Барои расонидани зарари вазнини ҷисмонӣ ҷазо дар шакли маҳрум сохтан аз озодӣ ба муддати на камтар аз 3 сол муқаррар гардида буд. Қисми дуюми ин модда оид ба намудҳои муайяншудаи зарари ҷисмонӣ, чораи ҷазоиро дар шакли маҳрум сохтан аз озодӣ ба муддати на камтар аз 5 сол пешбинӣ менамуд. Барои расонидани зарари ҷисмонии қасдонаи нисбатан сабук ҷазо дар шакли маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати то 3 сол муқаррар шуда буд. Барои ворид намудани зарари ҷисмонии сабук ҷазо дар шакли махрум сохтан аз озодӣ ва ё корҳои маҷбурӣ ба муддати то 1 сол пешбинӣ шуда буд.

Моддаи махсус барои латукӯб ва ё дигар кирдорҳои зӯроварона ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ менамуд. Задан ва азоб додан дар моддаи алоҳида зикр ёфта буд, вале бо дар назар гирифта шудани истифодаи он дар маҷмуъ бо дигар моддаҳои кодекс, моҳиятан он нақши вазнинкунандаи шароити содиршавии кирдорро иҷро менамуд. Кодекси ҷиноятии ҶШФСР соли 1922 барои аз рӯйи беэҳтиётӣ расонидани ҳар гуна зарари ҷисмонӣ, сарфи назар аз дараҷаи вазнини онҳо, аз ҷумла зарари ҷисмонии сабук ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ намуда буд.

Ба дунболи Кодекси ҷиноятии ҶШФСР соли 1922, муқаррарот барои тартиб додани хулоса дар бораи муайянсозии дараҷаи вазнинии зарар таҳия гардид.

Барои аввалин бор натиҷаҳои мактаби ҳуқуқи ҷиноятии шуравӣ, аз лиҳози қонунгузорӣ, дар Кодекси ҷиноятии ҶШФСР соли 1926, ки расман он аз якуми январи соли 1927 эътибори қонунӣ гирифта буд, инъикос ёфтанд. Ин кодекс аз миёни аломатҳои зарари вазнини ҷисмонӣ, аз ҷумла аломати «зарари ба ҳаёт ва саломати шахс хавфнок»-ро, ки он бо аз даст додани

қобилияти ҷиддии меҳнатии шахс меанҷомид, хориҷ намуд. Ба ин тартиб, дар қонунгузории ҷиноятии ватанӣ, аввалин бор меъёри иқтисодии арзёбии дараҷаи вазнинии зарар ба саломатии шахс пайдо шуд. Ҳамзамон бо ин, унсури зарари ҷисмонии нисбатан сабук, аз қонунгузорӣ хориҷ шуд. Бо тақсими дараҷаи дусатҳи зарари ҷисмонӣ, яъне тақсим ба зарари вазнин ва сабуки ҷисмонӣ, қонунгузор амалан аз тартиби сесатҳи тақсими зарари ҷисмонӣ даст кашид. Ҷудосозии зарари ҷисмонии сабук ба ду навъ, яъне зарари воридкунанда ва зарари вориднакунандаи зарба ба саломатии шахс аз навгонии Кодекси ҷиноятии ҶШФСР соли 1926 ба ҳисоб мерафт.

Мутобиқи м. 142-и Кодекси ҷиноятии ҶШФСР соли 1926 ва банди 8 Муқаррароти танзими хулоса дар бораи муайянсозии дараҷаи вазнинии зарар аз соли 1928, зери мафҳуми зарари вазнин зарари ҷисмоние фаҳмида мешуд, ки барои ҳаёт хатарнок ба ҳисоб мерафтанд ва оқибати онҳо боиси аз даст додани қувваи биноӣ, шунавоӣ ва ё кадоме яке аз узвҳои бадан ё аз даст додани қобилияти кории аъзои бадан, ба таври ислоҳнопазир зарар дидани рӯй, бемории руҳӣ, зарар дидани саломатӣ ҳамроҳ бо аз даст додани беш аз сеяки қобилияти меҳнатӣ мешуд. Барои қасдан расонидани зарари ҷисмонии вазнин ба шахс ҷазо дар шакли маҳрум сохтан аз озодӣ ба муддати то 8 сол пешбинӣ мешуд.

Моддаи 143-и Кодекси ҷиноятии ҶШФСР соли 1926 барои расонидани зарари сабуки ҷисмонӣ ба саломатӣ ҷавобгарии ҷиноятӣ муқаррар намуда буд, ки он аз ду қисм иборат буд. Қисми аввал масъалаҳои вобаста ба ҷавобгарӣ барои ворид намудани зарари сабуки ҷисмонии барои ҳаёт бехатар, вале воридкунандаи зарба ба саломатии шахсро танзим месохт; қисми дуюм барои расонидани зарари сабуки ҷисмоние, ки ба саломатии шахс зарар ворид намесохт ҷавобгарии ҷиноятӣ муайян намуда буд. Аломати умумии ҳар ду навъи зарари сабуки ҷисмонӣ ин набудани хавф ба саломатии шахс шуморида мешуд[31]

[31] Ниг.: Никифоров А.С. Ответственность за телесные повреждения. – М.: Госюриздат, 1959. – С. 48.

Мутобиқи б. 9 Муқаррароти танзими хулоса дар бораи муайянсозии дараҷаи вазнинии зарари ҷисмонӣ, зарари сабуки ҷисмонии барои ҳаёт бехавф, вале воридкунандаи зарар ба саломатии шахс, дорои аломатҳои зерин буд:

1) барои ҳамеша аз даст додани на камтар аз сеяки қобилияти меҳнатӣ;

2) нуқсони дарозмуддат бардоштани яке аз узвҳои бадан;

3) бемориҳои дарозмуддати барои ҳаёт бехавф.

Тамомии ин зарарҳо дар сурати ворид намудани зарар ба саломатӣ ва ҳамзамон бехавф будан барои ҳаёт аз сӯйи қонунгузор ба гурӯҳи зарари сабуки ҷисмонӣ дохил карда мешуд. Зарарҳое, ки боиси аз даст дода шудани сеяки қобилияти меҳнатӣ мешуданд, ҳамчун зарари сабуки ҷисмонии воридкунандаи зарар ба саломатӣ арзёбӣ мегардид. Ин аломат марзи мушаххасе миёни зарари вазнин ва сабуки ҷисмонӣ мегузошт, зеро мавҷуд будани аз даст додани қобилияти кории доимии камтар аз сеяки ин зарарро вазнин намесохт, аммо аз даст додани қобилияти кории доимӣ, имкони ҳамчун зарари сабуки ҷисмонӣ муайян гардидани зарари мазкурро ғайриимкон месохт.

Аломати дуюми нишондиҳандаи зарари сабуки ҷисмонии воридкунандаи зарар ба саломатӣ мутобиқи Муқаррароти мазкур «барои муддати тӯлонӣ халалдор шудани кори яке аз узвҳои бадан» шуморида мешуд. Дар эзоҳи он омада буд, ки зери мафҳуми халалдор шудан заъфи кори қувваи биноӣ, шунавоӣ, такаллум, даступо, аммо пурра аз даст надодани онҳо фаҳмида мешуд.

Аломати сеюм ба бемориҳои дарозмуддати барои ҳаёт бехавф рабт мегирифт. Аҳамияти ин аломат дар он асос меёфт, ки он нафақат миёни зарари сабуки ҷисмонии воридкунандаи зарар ба саломатӣ ва зарари сабуки ҷисмонии бидуни зарар ба саломатӣ марз мегузошт, балки асоси онро фароҳам меовард, ки дар чаҳорчӯби таркиби қ. 1. м. 143 КҶ ҶШФСР

гуруҳҳои зиёди зарари ҷисмонии дигар, ки ба бемории дарозмуддат меанҷомиданд, муттаҳид гардонида шаванд.

Барои қасдан расонидани зарари ҷисмонӣ (қ. 1. м. 143-и Кодекси ҷиноятии ҶШФСР) ҷазо дар шакли маҳрум сохтан аз озодӣ ва корҳои ислоҳӣ-меҳнатӣ ба муддати то 1 сол пешбинӣ мешуд. Зарарҳое, ки дар натиҷаи онҳо ба саломатӣ зарар ворид намешуд, зарари сабук шинохта мешуданд, яъне зарарҳое, ки боиси аз даст дода шудани қобилияти меҳнатӣ ба муддати кӯтоҳ мешуданд ё ба муддати кӯтоҳ боиси суст шудани кори яке аз узвҳои бадан мешуданд ё бемории кӯтоҳмуддати зудгузар мешуданд (б. 10 Муқаррароти танзими хулосаи дар бораи муайянсозии дараҷаи вазнинии зарар). Ҳамаи се аломати зарари сабуки ҷисмонии вориднакунандаи зарари ҷисмонӣ мухолифи аломатҳои зарари сабуки ҷисмонии воридкунандаи зиён ба саломатии шахс мебошанд. Агар барои қ. 1 м. 143 Кодекси ҶШФСР соли 1926 тазъифи тӯлонии кори яке аз узвҳои бадан хос бошад, дар ин ҳолат қ. 2. м. 143 баръакс, дорои хусусияти зараррасонии кӯтоҳмуддат буд; қ. 1 м. 143 – бемориҳои дарозмуддат, қ. 2 м. 143 – бемориҳои зудгузар, қ. 1 м. 143 – аз даст додани қобилияти меҳнатӣ барои муддати тӯлонӣ ва қ. 2 м. 143 – ба муддати кӯтоҳ аз даст додани қобилияти меҳнатӣ. Барои содир намудани таҷовузи мазкур мутобиқи б. 2 м. 143 ҷазо дар намуди корҳои ислоҳӣ-меҳнатӣ ба муддати то 6 сол ва ё ҷарима дар ҳаҷми 300 рубл муқаррар шуда буд.

Муқаррароти Кодекси ҷиноятии ҶШФСР соли 1926 доир ба ҷиноятҳо ба муқобили саломатӣ барҳақ аз сӯйи мутахассисон мавриди интиқод қарор гирифт. Н.И. Загородников дар ин робита аз ҷумла қайд намуда буд: «Мувофиқи Кодекси ҷиноятии ҶШФСР соли 1926 танҳо ду намуди зарари ҷисмонӣ, яъне сабук ва вазнин пешбинӣ шуда буд. Ба ин шакл тақсим гардидани зарари ҷисмонӣ боиси пеш омадани мушкилот дар таҷрибаи амалии судӣ мегардид»[32]. Ба таври равшан нуқсу камбудҳои системаи дусатҳии арзёбии дараҷаи зарари ҷисмониро Т.Г. Даурова тавсиф намуда

---

[32] Тафсир ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Муҳаррири масъул Х.Х. Шарипов. – Душанбе: Глобус, 2006. – С. 78.

буд: «Таҷрибаи тӯлонии истифодаи Кодекси ҷиноятии ҶШФСР (соли 1926) ба дараҷаи лозим асоснок набудани гузариш ба арзёбии дусатҳии муайян намудани дараҷаи зарари ҷисмониро ошкор намуд. Бар асоси он миёни зарари вазнин ва сабуки ҷисмонӣ тафовути ҷиддӣ муайян шуда буд, ки дар як модда зери унвони зарари сабуки ҷисмонӣ ба таври пурра на ҳама ҷиноятҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ хавфноки якхела муттаҳид гардонида шуда буданд. Чораҳои ҷазоии барои расонидани зарари сабуки ҷисмонӣ пешбинишуда ба дараҷаи воқеии вазнинии бештари ин кирдорҳо мутобиқат наменамуданд»[33]. Сабуксозии беасоси ҷазо барои расонидани зарари сабуки ҷисмонии воридкунандаи зарар ба саломатӣ камбуду нуқсони асосии системаи дусатҳии муайян намудани дараҷаи вазнинии зарар ба ҳисоб мерафт.

Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон (минбаъд – КҶ ҶШС Тоҷикистон), бо Қарори Президиуми КМИ Шуроҳои ҶШС Тоҷикистон аз 9 майи 1935 қабул гардида, 15 июни соли 1935 дар ҳудуди ҷумҳурӣ ба қувваи амал даромад, ки давраи муҳим дар инкишофи ҳуқуқи ҷиноятӣ дар Тоҷикистон ба ҳисоб меравад[34]. Бо ин қарор амали КҶ ҶШС Узбекистон дар ҳудуди ҶШС Тоҷикистон бекор карда шуд[35]. Ин нахустин КҶ ҶШС Тоҷикистон мебошад, ки нақш ва аҳамияти муҳимро дар таърихи ҳуқуқи ҷиноятӣ мебозад[36]. Кодекси мазкур мутобиқи қонунҳои умумииттифоқӣ бо инъикоси хусусиятҳои ҷомеаи Тоҷикистон сохта шуда буд[37]. Дар Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон аз 15 июни соли 1935 системаи таркибҳои зарари ҷисмонӣ дар боби 7 «Ҷиноятҳо ба муқобили ҳаёт, саломатӣ, озодӣ ва шаъну шарафи шахс» пешбинӣ шуда, зарари ҷисмониро ба зарари вазнини ҷисмонӣ (м. 174) ва зарари ҷисмонии сабук (м. 175). ҷудо мекард. Оқибатҳое, ки боиси гум шудани биноӣ, шунавоӣ ва ё ягон узв, вайроншави рӯй, бемории равонӣ ё

---

[33] Даурова Т.Г. Уголовная ответственность за легкие телесные повреждения / Под ред. Ной И.С. – Саратов: Изд-во Сарат. ун-та, 1980. – 121 с.

[34] Ниг.: Зокирзода З.Х. Мусодираи молу мулк ҳамчун намуди ҷазои ҷиноятӣ: дис. … ном. илм. ҳуқуқ. – Душанбе, 2020. – С. 31

[35] Ниг.: Халиков Ш.Л. Уголовная ответственность за умышленное причинение тяжкого вреда здоровью по законодательству Республики Таджикистан: дис. … канд. юрид. наук. – Душанбе, 2017. – С. 122.

[36] Ниг.: Муллаев М.М. История уголовного права Таджикской ССР. – Сталинабад: Идв-во Таджик, гос. ун-та, 1960. – Ч. 1. – С. 122.

[37] Ниг.: Муллаев М.М. Асари зикршуда. – С. 122-123.

дигар ихтилоли саломатӣ, маъюбии шахс мегардад, ба зарари вазнини ҷисмонӣ дохил мешавад (қ. 1 м. 174). Қасдан расонидани зарари ҷисмонии сабук, ки ба ҳаёт таҳдид намекунад, ҳамчун зарар эътироф шудааст, вале боиси ихтилоли саломатӣ гардидааст (қ. 1 м. 175)[38]. Аз ин ҷо маълум мегардад, ки дар КҶ ҶШС Тоҷикистон (соли 1935) қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ ҳамчун таркиби ҷиноят мавҷуд набуд.

17-уми августи соли 1961 КҶ ҶШС Тоҷикистон қабул гардид, ки аз 1-уми декабри соли 1961 мавриди амал қарор дода шуд[39]. КҶ ҶШС Тоҷикистон соли 1961 аз принсипҳо ва муқаррароти умумии Асосҳои қонунгузории ҷиноятии ИҶШС ва ҷумҳуриҳои иттифоқӣ, ки 25 декабри соли 1958 қабул гардидааст, бармеояд[40]. Дар ҷараёни таҳияи Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон соли 1961 масъалаҳои мавҷудаи таҷрибаи амалияи судӣ ва интиқодоти намояндагони муассисаҳои илмӣ ба инобат гирифта шуданд. Ба қонунгузории ватанӣ муяссар гардид, ки иштибоҳоту камбудиҳои мавҷудро рафъ сохта, системаи мутавозини муайянсозии дараҷаи зарари ҷисмонӣ ба саломатии шахсро эҷод намояд.

Дар Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон соли 1961 аз нав системаи сесатҳии муайян намудани дараҷаи зарари ҷисмонӣ ба кор гирифта шуд:

1) м. 111 – қасдан расонидани зарари вазнини ҷисмонӣ

2) м. 112 – қасдан расонидани зарари каме вазнини ҷисмонӣ

3) м. 115 – қасдан расонидани зарари сабуки ҷисмонӣ

Таҳлили муқоисавии м. 142 КҶ ҶШФСР соли 1926 ва м. 111-и Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон соли 1961, ҳамчунин Муқарраротҳои ҳуқуқии кодексҳои солҳои 1926 ва 1961 нишон медиҳанд, ки қонунгузори шуравӣ барои ворид кардани тағйироти ҷиддӣ дар таркиби қасдан расонидани зарари вазнини ҷисмонӣ далелу асоси қавӣ ошкор насохт. Танҳо қатъ

---

[38] Ниг.: Шарипов Т.Ш., Сафарзода А.И., Камолов З.А., Холиқзода Ш.Л., Зокирзода З.Х., Зиёбоева М.Н. Ҳуқуқи ҷиноятӣ: қисми умумӣ. Китоби дарсӣ. – Душанбе, 2020. – С. 57-58.

[39] Ниг.: Зокирзода З.Х. Мусодираи молу мулк ҳамчун намуди ҷазои ҷиноятӣ: дис. … ном. илм. ҳуқуқ. – Душанбе, 2020. – С. 20.

[40] Ниг.: Мирзоахмедов Ф.А. Уголовная ответственность за терроризм по законодательству Республики Таджикистан и Российской Федерации (сравнительно-правовое исследование): монография. – Душанбе: ЭР-граф, 2017. – С. 13.

намудани ҳомиладорӣ ҳамчун навгонии чунин аломат дар чаҳорчӯби м. 111-и Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон (соли 1961) пешбинӣ шуд. Моддаи мазкур ҷавобгарии ҷиноятиро дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз 3 то 10 сол муқаррар намуд. Қасдан расонидани зарари вазнини ҷисмонӣ, ки боиси марги шахси зарардида мешуд ё дорои хусусияти азобу шиканҷа ва ё ҷинояти содиршуда тавассути шахси ретсидивист ҷазо дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз панҷ то дувоздаҳ солро ба ҳамроҳ метавонист дошта бошад (қ. 2 м. 111 Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон соли 1961).

Зарари ҷисмоние, ки боиси ба миён омадани оқибатҳои хоси зарари вазнини ҷисмонӣ нашуда, сабаби ворид гардидани зарари дарозмуддат ба саломатӣ дар шакли бемориӣ ё иллатдор шудани яке аз узвҳои бадан ба муддати бештар аз чаҳор ҳафта, ё аз 15 то 33% аз кор афтодани қобилияти меҳнатӣ мегардиданд, дар Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон соли 1961 ва Муқаррароти танзими хулоса дар бораи дараҷаи муайянсозии вазнинии зарар ҳамчун зарари нисбатан сабуки барои ҳаёт бехавф муайян гардиданд.

Таркиби муайяншуда (расонидани зарари нисбатан сабуки дорои хусусияти азобу шиканҷа ё зараре, ки тавассути шахси ретсидивист расонида мешавад) таъини ҷазо дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати то панҷ солро пешбинӣ менамуд.

Дар тамоми давраи амали Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон (соли 1961) м. 112 танҳо ду бор дучори тағйир шуд. Мувофиқи Указ Президиуми Суди Олии ССР аз таърихи 3 декабри соли 1982, муҳлати ҷазо барои қасдан расонидани зарари каме вазнини ҷисмонӣ бидуни аломатҳои вазнинкунанда то се соли маҳрум сохтан аз озодӣ тамдид карда шуд.

Мутобиқи ин санади қонунгузорӣ расонидани зарари ҷисмонии нисбатан сабук ба шахсе, ки дар ҳоли иҷрои вазифаи ҷамъиятӣ ё хизматӣ мебошад ё ба шахси наздики вай ва ё шахсони дигаре, ки ба ҳаёти онҳо таҷовуз бо мақсади халал расонидан ба иҷрои фаъолияти қонунӣ, ки

тавассути онҳо анҷом дода мешавад, зарари муайяншуда арзёбӣ мегардад. Ба ғайр аз ин, ба муҳлати то ду сол ҳадди минималӣ барои содир намудани таркиби квалификатсионӣ муқаррар гардид.

Аз якуми сентябри соли 1998 КҶ ҶТ мавриди амал қарор гирифт, ки он аз муқаррароти қаблан амалкунанда қоидаҳои зиёди вобаста ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои содир намудани ҷиноятҳо ба муқобили ҳаёт ва саломатии инсонро низ қабул намуд. Дар зимн ба он навгониҳои зиёде низ ҳамроҳ карда шуд. Аз ҷумла, дар ин замина системаи муайянсозии аломатҳои қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ ба таври назаррас тағйир дода шуд. Аснои таҳияи КҶ ҶТ соли 1998 мафҳуми ба таври васеъ истифодашавандаи «зарари ҷисмонӣ» ба истилоҳи нисбатан дақиқттар, яъне «расонидани зарар ба саломатӣ» барои муайян гардидани оқибатҳои таҷовуз ба саломатии шахс иваз карда шуд. Системаи сесатҳии муайянсозии дараҷаи вазнинии зарари расонидашаванда ба саломатӣ дар КҶ ҶТ соли 1998 иваз нагардида, ҳифз шуд.

Дар Кодекси ҷиноятии ҶТ соли 1998 ҷавобгарии ҷиноятӣ барои қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ дар м. 111 пешбинӣ шудааст, ки он аз ду қисм иборат мебошад: қ. 1 - таркиби асосӣ, қ. 2 – таркиби квалификатсионӣ. Кодекси ҷиноятии ҶТ соли 1998 принсипи сохти таркиб бо истифода аз аломатҳои негативӣ (барои ҳаёт хавфнокнабуда ва оқибатҳои дар м. 110 КҶ ҶТ пешинишударо ба миён наовардааст) ва аломатҳои позитивиро, ки (аз се як ҳисса аз даст додани қобилияти умумии меҳнатӣ, ба муддати тӯлонӣ ворид гардидани зарар ба саломатӣ) дар Кодекси ҷиноятии ҶШС (соли 1961) Тоҷикистон мавриди санҷиш қарор гирифта буд, истифода намуд. Истифодаи чунин конструксия имкон медиҳад ба ҳадди максималӣ фосила дар байни қасдан расонидани зарари миёна ва қасдан расонидани зарари вазнин ба саломатӣ мушаххас гардад. Санксияи қ. 1 м. 111 КҶ ҶТ хусусияти алтернативӣ дорад ва он ду намуди ҷазои эҳтимолиро пешбинӣ

менамояд: 1) корҳои ислоҳӣ ба муҳлати то ду сол; 2) маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати то ду сол.

Тағйиру иловаҳои ба КҶ ҶТ воридкардашуда дар даврони соҳибистиқлолии ҶТ шаҳодат аз он медиҳад, ки дар ҷумҳурӣ раванди гуманизатсияи ҷазоҳои ҷиноятӣ сурат гирифта истодааст. Ин бо он тасдиқ мешавад, ки КҶ ҶТ (1998), баръакси КҶ солҳои 1935, 1961 пайдарпайии дигари намудҳои ҷазоҳоро «аз ҷазои сабуктар ба ҷазои вазнинтар» мустаҳкам менамуданд[41].

Ҳамин тавр, зарари миёна ба саломатӣ, зарарест, ки боиси харобшавии тӯлонии саломатӣ ё ба таври устувори назаррас аз даст додани камтар аз сеяки қобилияти меҳнатӣ гаштааст. Харобшавии тӯлонии саломатӣ дар ҳолате ҷой дошта метавонад, ки дар натиҷаи зарар шахс қобилияти меҳнатии худро зиёда аз се ҳафта (21 рӯз) гум карда бошад. Ба таври устувору назаррас аз даст додани қобилияти меҳнатӣ бошад, дар вақте ҷой дорад, ки шахс аз 10 то 30 фоизи қобилияти меҳнатии худро гум карда бошад[42].

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз тариқи раъйпурсии умумихалқӣ 6-уми ноябри соли 1994 қабул шудааст, арзиши олӣ будани ҳуқуқи инсонро муайян намудааст: «Инсон, ҳуқуқ ва озодии ӯ арзиши олӣ ба ҳисоб мераванд. Давлат ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро эътироф, риоя ва ҳифз менамояд»[43].

Дар миёни ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ҷойгоҳи бисёр муҳимро ҳуқуқ ба саломатӣ ишғол менамояд. Дар сатҳи байналмилалӣ ҳуқуқи инсон ба саломатӣ ахиран эътирофи байналмилалӣ касб намудааст. Нахустин бор дар хусуси саломатӣ ҳамчун яке аз ҳуқуқҳои пурарзиши иҷтимоиву иқтисодии бегонанашаванда, ба таври расмӣ дар конференсияи байналмилалие, ки соли 1945 дар Сан-Франтсискои ИМА ба муносибати таъсиси Созмони Миллали Муттаҳид баргузор шуда буд, таъкид шуд.

---

[41] Ниг.: Зокирзода З.Х. Мусодираи молу мулк ҳамчун намуди ҷазои ҷиноятӣ: дис. … ном. илм. ҳуқуқ. – Душанбе, 2020. – С. 48.

[42] Ниг.: Спиркин А.Г. Философия. Учебник. – М.: Гардарики, 2002. – С. 252.

[43] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: Нашриёти Ганҷ, 2016. – 137 с.

Мутобиқан, дар соли 1945 ба таври муайян дар моддаи 55 Қатъномаи СММ дар қатори дигар ҳуқуқҳои байналмилалӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва ғайра ҳуқуқ ба саломатӣ низ зикр ёфт ва аз ин ба баъд ҷомеаи ҷаҳонӣ уҳдадор шуд, ки ин ва дигар ҳуқуқҳои дахлдори инсонро ҳифз намояд.

Як сол баъд, 22 июни соли 1946, дар шаҳри Нью-Йорки ИМА Қатъномаи Созмони байналмилалии саломатӣ ба имзо расид, ки дар он барои аввалин бор дар сатҳи байналмилалӣ мафҳуми саломатӣ ба таври расмӣ муайян ва мушаххас гардид. Дар муқаддимаи он аз ҷумла омадааст: «Саломатӣ на фақат маънии надоштани ҳолати заъфу беморӣ, балки он ҳолати рифоҳу некӯаҳволии комили ҷисмонӣ, руҳӣ ва иҷтимоии шахсро ифода менамояд». Дастрас будани имконоти олии меъёрҳои саломатӣ ҳуқуқи ҷудонопазири ҳар як шаҳрванд новобаста ба нажод, эътиқоди диниву сиёсӣ, мақоми моддӣ ва иҷтимоии вай дар ҷомеа мебошад. Сиҳату тандуруст будани шахс асос ва заминаи мусоиди расидан ба сулҳу амният маҳсуб мешавад ва он ба ҳамкории зичу наздики шахс ва давлатҳои ҷудогона сахт алоқаманд мебошад. Дастовардҳои ҳар як давлати ҷудогона дар самти таъмин ва ҳифзи саломатии шахс барои давлатҳои дигар як навъ меъёр ва маҳаки роҳнамо ба ҳисоб мераванд». Иқтибоси мазкур ба муҳим будани неъмате чун саломатӣ дар миқёси фазои ҳуқуқи байналмилалӣ таъкид мекунад. Конститутсияи ҶТ дар мутобиқат ва мувофиқати комил бо меъёрҳои пазируфташудаи умумии байналмилалӣ барои ҳар як шаҳрванд ҳуқуқ ба ҳифзи саломатӣ ва кумакҳои лозимаи тиббиро кафолат медиҳад[44]. Зери мафҳуми ҳифзи саломатӣ қонунгузории миллӣ маҷмуи иқдомоти сиёсӣ, иқтисодӣ, ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, илмӣ, тиббӣ, санитариву беҳдоштӣ ва дигар чорабиниҳои дорои хусусияти зиддиэпидемиологиро дар назар дорад, ки ҳадафи ниҳоии онҳо пеш аз ҳама ҳифз ва тақвияти вазъи ҷисмониву руҳии ҳар як шаҳрванд ва таъмини фаъолияту зиндагии тӯлонии шахс ва расонидани ёрии лозими

[44] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: Нашриёти Ганҷ, 2016. – 137 с.

тиббӣ дар сурати аз даст додани саломатӣ ба ҳисоб меравад[45]. Яке аз самтҳои аслии фаъолияти давлат дар заминаи ҳифзи саломатии шахс ҳифзи саломатии шаҳрвандон дар баробари таҷовузу сӯйиқасдҳои дорои ангезаи ҷиноятӣ мебошад. Нақш ва аҳамияти бисёр муҳиммеро дар амри ҳифзи саломатии шаҳрвандон дар баробари таҷовузи ҷиноят ҳуқуқи ҷиноятӣ мебозад. Кодекси ҷиноятии ҶТ ба таври муносиб дучори тағйиру таҳаввул гардид ва дар зимн ҳамзамон мутобиқи муқаррароти Конститутсияи ҶТ масъалаи ҳифзи саломатии шахсро дар авлавият қарор дод. Фасли VII Қисми махсуси Кодекси ҷиноятии ҶТ, ки барои содир намудани ҷиноятҳо ба муқобили шахсият ҷавобгарии ҷиноятӣ муқаррар намудааст, оғоз мeёбад.

Таъмини бехатарии шахсӣ, ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд аз ҷумлаи вазифаҳои дорои аҳамияти афзалиятнок дар самти таъмини бехатарии миллӣ муайян шудаанд.

Набуди системаи муассири таъмини ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон дар якҷоягӣ бо бухрони мавҷуди низоми саломатӣ, таъмини ҳифзи иҷтимоии мардум, афзоиши дараҷаи масрафу истифодаи нушокиҳои спиртӣ ва маводи мухаддир ва ҳамчун паёмад зиёд шудани ҷиноятҳои зӯроварии оилавӣ саломатии миллатро дар маҷмуъ бо хатароти бевосита рӯ ба рӯ месозад[46].

Бо матраҳ намудани мавзуи ҳифзи саломатӣ дар сатҳи конститутсионӣ, қонунгузори миллӣ дар баробари татбиққунандаи ҳуқуқ ҳамчун кафили асосии ҳифзи саломатии шаҳрванд талаботи ҷиддӣ ба миён гузоштааст. Баъд аз сипарӣ шудани шароити сангини солҳои 90-уми асри XX, ба тадриҷ давраи субот оғоз ёфт. Эҳёи фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ, ки ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар маркази таваҷҷуҳи онҳо қарор доранд, вазифаи басо мураккаб ва сангинест, ки имрӯз аз сӯйи давлати мо ҷиддан пайгирӣ мешавад. Вуҷуд надоштани системаи пурсамари татбиқи ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии инсон метавонад боиси аз байн рафтани

[45] Ниг.: Сафарзода А.И., Муқимов С.Д. Баъзе масоили инкишофи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ / А.И. Сафарзода, С.Д. Муқимов // Қонунгузорӣ (маҷаллаи илмӣ). – 2022. – №1 (45). – С. 108-117.
[46] Ниг.: Сафарзода А.И., Муқимов С.Д. Асари зикршуда. – С. 108-117.

асосҳои демократӣ дар ҷомеа гардад. Аз ин нигоҳ, ҳуқуқи ҷиноятӣ дар мубориза ва талош барои таъмини дастовардҳои демократии давлати мо бояд нақши муҳим ва калидиро ифо намояд.

Бешубҳа, корбурд ва истифодаи меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ танҳо василаи мавҷуд дар ин роҳ нест. Аммо лозим ба таъкид аст, ки он василаи самарабахшу муассир дар пешгирӣ ва аз миён бурдани кирдорҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ хавфноке ба ҳисоб мераванд, ки метавонанд ба ҳаёт ва саломатии инсон ва ҷомеа зарар ворид созанд. Аз ин ҷиҳат аст, ки мақомоти қонунгузор ва муассисаҳои илмӣ доиман ва пайваста ба масъалаҳои вобаста ба таҳқиқу коркарди илмӣ ва татбиқу ҷорикунии амалии асосҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ барои содир намудани ҷиноятҳои мушаххас ба муқобили ҳаёт ва саломатии инсон ва шаҳрванд таваҷҷуҳи хосса зоҳир менамоянд. Фақат ба туфайли низоми дар амал санҷидашуда ва дақиқи истифода бурдани монеаҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ метавон дар кори мубориза ба муқобили ҷиноятkорӣ, ки имрӯз ҷомеаи моро фаро гирифтаанд, ба натиҷаҳои дилхоҳу самарабахш ноил шуд. Дарки дурусти мақоми таркиби ҷиноят, дараҷаи татбиқу ҳамгироии он бо низоми умумии монеагузориҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ имкон медиҳад дар бораи сифати меъёрҳои мавриди омӯзиш ба таври саҳеҳу дуруст натиҷагирӣ намуда, камбуду норасоӣ ва иштибоҳоти эҳтимолии мавҷуди онро муайян ва рафъ намуд[47].

Зери мафҳуми ҷиноят ба муқобили шахсият ҳуқуқи ҷиноятии ватанӣ гуруҳи кирдорҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ хавфнокеро муайян менамояд, ки онҳо дар КҶ ҶТ муқаррар ва пешбинӣ шудаанд. Ин кирдорҳо ба муқобили ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, дахлнопазирии ҳаёти шахсӣ, обрӯю эътибори шахсият ва ҳуқуқи кӯдаку модар нигаронида шудаанд. Тамоми ҷиноятҳоеро, ки дар фасли VII Қисми махсуси КҶ ҶТ муттаҳид гардонида шудаанд, метавон ба панҷ гуруҳи ҷудогона тақсим намуд: 1) ҷиноятҳо ба муқобили

[47] Ниг.: Сафарзода А.И., Муқимов С.Д. Баъзе масоили инкишофи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ / А.И. Сафарзода, С.Д. Муқимов // Қонунгузорӣ (маҷаллаи илмӣ). – 2022. – №1 (45). – С. 108-117.

ҳаёт ва саломатӣ; 2) ҷиноятҳо ба муқобили озодӣ, обрӯ ва эътибори шахсият; 3) ҷиноятҳо ба муқобили озодии ҷинсӣ ва дахлнопазирии ҷинсӣ; 4) ҷиноятҳо ба муқобили ҳуқуқ ва озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд; 5) ҷиноятҳо ба муқобили оила ва ноболиғон[48].

Ҷиноятҳо ба муқобили ҳаёт ва саломатӣ муҳимтарин бахши сохтори кирдорҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ хавфнок ба муқобили шахсиятро ташкил медиҳанд. Бесабаб нест, ки фасли VII КҶ ҶТ бо меъёрҳои ҳуқуқие оғоз меёбад, ки онҳо ба мавзуи ҷиноятҳо ба муқобили ҳаёт ва саломатӣ бахшида шудаанд. Аз рӯйи чунин тартиб ҷой гирифтани боби 16 бояд ёддовар шуд, ки ба таври пурра ва комилан ба меъёрҳои пазируфташудаи ҳуқуқи байналмилалӣ мутобиқ ва ҷавобгӯ мебошад. Бо дарназардошти ин нукта, ки ҷиноятҳо ба муқобили ҳаёт ва саломатӣ амалан қисми таркибии ҷиноятҳо ба муқобили шахсият ба ҳисоб мераванд, мушаххас намудани таносуби байни мафҳумҳои «шахсият» ва «инсон» аз аҳамияти хос бархурдор аст. Аз муқоисаи расмии номгӯи фаслҳо ва ҳамчунин номгӯи бобҳо метавон чунин натиҷагирӣ намуд, ки боби 16 фақат барои ҷиноятҳое ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ менамояд, ки нисбат ба инсон ва шахсият содир мешаванд. Дар баробари ин, бояд зикр кард, ки дар моддаи дуюми КҶ ҶТ ва ҳамчунин дар диспозитсияҳои моддаҳои фасли VII КҶ ҶТ аз сӯйи қонунгузор чунин мафҳумҳое аз қабили «инсон» ва «шахсият» истифода шудаанд.

Ҳар як мафҳум дар ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология мазмуни муайянеро фаро гирифта, дарки он барои ҳалли масъалаҳои мубориза бо ҷинояткорӣ замина фароҳам меорад[49]. Бар асоси назару андешаи маъмул шахс аз ибтидо ҳамчун шахсият ба дунё намеоянд, балки ӯ дар раванди ҳаёт ба шахсият мубаддал мегардад ва аз ин ҷост, ки мафҳуми «шахсият» дар муқоиса бо

---

[48] Ниг.: Сафарзода А.И., Муқимов С.Д. Баъзе масоили инкишофи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ / А.И. Сафарзода, С.Д. Муқимов // Қонунгузорӣ (маҷаллаи илмӣ). – 2022. – №1 (45). – С. 108-117.

[49] Ниг.: Сафарзода А.И. Уголовно-правовая охрана предпринимательской деятельности в Республике Таджикистан: автореф. дис. … д-ра юрид. наук. – Душанбе, 2018. – 53 с.

мафҳуми «инсон»[50] то андозае ҷанбаи замони гузаштаро ифода менамояд. Мувофиқи таърифи пешниҳоднамудаи В.П. Тугаринов, шахсият, дорои хусусиятҳое мебошад, ки ин хусусиятҳо дар маҷмуъ ба шахси калонсол ва аз ҷиҳати руҳиву равонӣ солим хос мебошанд. Профессор А.Н. Красиков, дар ин замина, ба ин нукта ишора менамояд, ки «на ҳар фард лозиман шахсият ба ҳисоб меравад. Фарде шахсият ҳисобида мешавад, ки ӯ баробари таваллуд соҳиби ҳуқуқ ва озодиҳо мегардад, метавонад ба таври мустақилона аз уҳдаи вазифаҳои барояш тавассути давлат муайян гардида барояд[51]. Илми фалсафа низ тақрибан аз чунин нуқтаи назар пайравӣ ва пуштибонӣ менамояд. Дар фалсафа шахсият ҳамчун ифодаи муносибатҳои иҷтимоӣ субъекти маърифат ва таҳаввули ҷаҳон, ҳуқуқу вазифаҳо, меъёрҳои ахлоқиву эстетикӣ ва дигар меъёрҳои иҷтимоӣ баррасӣ мегардад. Ба ифодаи дигар, шахсият ин фарди аз ҷиҳати маънавӣ рушду инкишофёфта ба ҳисоб меравад[52]. Ҳамин тавр, бо такя ба назари мутахассисону коршиносони зиёде метавон чунин натиҷагирӣ намуд, ки набояд тамоми шахсро шахсият номид. Ба ин тарз пазируфта шудани нуқтаи назари ҳуқуқи ҷиноятии ҶТ дар мавриди мафҳуми шахсият метавонад ин гуна тафсир шавад, ки фасли VII КҶ ҶТ танҳо он намояндагони ба истилоҳ хушбахти ҷомеаро пуштибонӣ менамояд, ки алаккай онҳо шахсият ба ҳисоб мераванд ва метавонанд ба таври мустақилона ҳуқуқу озодиҳои худро амалӣ сохта, он вазифаҳоеро, ки давлат дар баробарашон муайян намудааст, иҷро намоянд. Ба ин маъно аз нигоҳи ҳуқуқи ҷиноятӣ ба истилоҳ шахси бепуштупаноҳ танҳо кӯдакони хурдсолу ноболиғ, пирону солмандон ва ҳамчунин шахсони дорои мушкилоти руҳиву равонӣ боқӣ мемонанд. Ҳамин тавр, ҳуқуқи ҷиноятӣ бояд мафҳумҳои «шахсият» ва «инсон»-ро ба сифати ду мафҳуми баробармаъно мавриди баррасӣ қарор

---

[50] Ниг.: Матузов Н.И. Личность. Права. Демократия. Теоретические проблемы субъективного права. – Саратов, 1972. – С. 69.
[51] Ниг.: Красиков А.Н. Уголовно-правовая охрана прав и свобод человека в России. – Саратов: Полиграфист, 1996. – С. 67.
[52] Ниг.: Сборник документов по истории уголовного законодательства СССР и РСФСР 1917-1952 гг. – М.: Госюриздат, 1953. – С. 358.

бидиҳад[53]. Дар айни замон, наметавон ин нуктаро ёддовар нашуд, ки барои қонунгузор осону содатар мебуд, агар дар Кодекси ҷиноятии ҶТ дар ин замина аз мафҳуми нисбатан ба ин маъно миёна ва мутавассит, яъне мафҳуми «инсон» кор гирифта мешуд. Ҳамин тавр, илми ҳуқуқи ҷиноятӣ, бояд мафҳумҳои «шахсият» ва «инсон»-ро ҳамчун ду мафҳуми баробармаъно арзёбӣ намояд. Дар баробари ин, наметавон ба ин нукта ишора накард, ки барои қонунгузор роҳату осонтар мебуд, агар дар КҶ ҶТ аз мафҳуми воҳиди «инсон» истифода мешуд.

Қасдан расонидани зарари миёна ба саломатии шахс қисми бисёр муҳим ва ҷудонопазири низоми ҷиноятҳо ба муқобили саломатӣ ба ҳисоб меравад. Барои дарки дурусти моддаи 111-и КҶ ҶТ дар низоми ҷиноятҳо ба муқобили саломатии шахс, пеш аз ҳама бояд гурӯҳи кирдорҳоеро мушаххас сохт, ки ҷузъи ин низом ба ҳисоб мераванд.

Дар марҳалаи кунунӣ илми ҳуқуқи ҷиноятӣ низоми ҷиноятҳо ба муқобили ҳаёт ва саломатии инсонро ба маънои васеъ ва нигоҳи тахассусӣ мавриди баррасӣ қарор медиҳад[54]. Профессор С.В. Бородин қайд менамояд, ки зери мафҳуми ҷиноятҳо ба муқобили ҳаёт ва саломатӣ бояд он кирдорҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ хавфноке дар назар гирифта шаванд, ки дар боби ҷиноятҳо ба муқобили ҳаёт ва саломати КҶ ба онҳо ишора шудааст. Агар ин кирдорҳо боиси расонидани зарари мушаххас ба саломатии шахс ва ё шаҳрванд гарданд, дар ин ҳолат онҳо аз нигоҳи қонунгузорӣ оқибатҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ дошта метавонанд. Оқибати барои ҷамъият хавфнок оқибати кирдори ҷиноятконаест, ки дар шакли зарар ба муносибатҳои ҷамъиятии таҳти ҳифзи қонуни ҷиноятӣ қарор дошта расонида шудааст ё метавонист расонида шавад[55].

---

[53] Ниг.: Сафарзода А.И., Муқимов С.Д. Баъзе масоили инкишофи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ / А.И. Сафарзода, С.Д. Муқимов // Қонунгузорӣ (маҷаллаи илмӣ). – 2022. – №1 (45). – С. 108-117.
[54] Ниг.: Ожегов С.И., Шведова Н.Ю. Толковый словарь русского языка. – М., 1993. – С. 37-39.
[55] Ниг.: Российское уголовное право. Особенная часть / Бородин С.В., Дубовик О.Л., Келина С.Г., Кригер Г.Л., и др.; Под ред.: Кудрявцев В.Н., Наумов А.В. – М.: Юристъ, 1997. – С. 87.

Мутобиқи мавқеи дарки васеъ, ба ҷиноятҳо ба муқобили саломатӣ кирдорҳое дохил мешаванд, ки онҳо бевосита боиси расонидани зарар ба саломатии шахс намегарданд, вале метавонанд саломатии инсонро ба хатар биандозанд[56].

Аз нуқтаи назари мо мавқеи дарки васеи ҷиноятҳо ба муқобили ҳаёт ва саломатии инсон дар шароити истифодаи равишҳои инноватсионии кунунӣ бо мақсади эҷоди низоми босамари ҳифзи ҳуқуқҳои инсон ба ҳаёт ва саломатӣ нисбатан асоснок мебошад. Аз низоми ҷиноятҳо ба муқобили саломатии инсон хориҷ намудани унсурҳои дар боло зикршудаи ҷиноятҳои мавриди назар, мавриди омӯзиш қарор додани онҳоро ғайриимкон мегардонад, ки ин дар навбати худ боиси ба миён омадани монеагузориҳои ҳуқуқи ҷиноятие мегардад, ки он амалан ҳифзи натиҷабахши ҳаёт ва саломатии инсонро номумкин месозад[57].

Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ чанд равиши аз ҳам мутафовит нисбат ба масъалаи таснифи гурӯҳи ҷиноятҳои мавриди назар вуҷуд дорад. Аз ин миён, дар ин ҷо ба равишҳои нисбатан маълуму ошно ишора мекунем.

Ба сифати маҳаки таснифот, В.И. Зубкова аз аломатҳои объективии ҷиноятҳо ба муқобили ҳаёт ва саломатии инсон, яъне аз оқибатҳо ва тарзи таҷовуз истифода мекунад ва дар зимн, ба таври пурра аз унсурҳои субъективии ҷиноят сарфи назар менамояд. Аз назари мо низоми ҷиноятҳо ба муқобили ҳаёт ва саломатӣ ба мафҳуми васеъ, яъне бо дарназар гирифта шудани унсурҳои ҷиноятии дар банди боло зикршуда бояд таҳқиқу баррасӣ шавад. Ба таври умумӣ, системаи мавриди назар аз қисмҳои қонунмандӣ бо ҳам дар алоқамандӣ қарордошта иборат аст[58].

Бинобар ин, ҷиноятҳо ба муқобили ҳаёт ва саломатӣ, бояд дар маҷмуъ бо тамоми кирдорҳои дар КҶ ҶТ муайяншуда, ки барои расонидани зарар ба

---

56 Ниг.: Курс уголовного права. Особенная часть. Т. 3. Учеб. для вузов / Под ред. Г.Н. Борзенкова, В.С. Комисарова. – М.: ИКД Зерцало, 2002. – С. 74-69.

57 Ниг.: Сафарзода А.И., Муқимов С.Д. Баъзе масоили инкишофи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ / А.И. Сафарзода, С.Д. Муқимов // Қонунгузорӣ (маҷаллаи илмӣ). – 2022. – №1 (45). – С. 108-117.

58 Ниг.: Никифоров А.С. Ответственность за телесные повреждения. – М.: Госюриздат, 1959. – С. 774.

саломатии инсон ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ менамоянд, новобаста аз мақому ҷойгоҳ дар низоми қонуни ҷиноятӣ баррасӣ ва таҳқиқ шаванд[59]. Ин дар ҳолест, ки ҳангоми таҳияву коркарди таркибҳои мазкур, низоми зарари расонидашуда ба саломатии шахс ба вазнин, миёна ва зарари сабук дараҷабандӣ шудааст.

Зимни таҳлилу баррасии таърихи ташаккули қонунгузории ҷиноятии ҶТ оид ба қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ хулосаҳои зерин бароварда шуд.

1) Аз рӯйи зараре, ки ба шахси зарардида расонида мешуд, Кодекси ҷиноятии ҶШФСР соли 1922 дараҷаи сесатҳии зарари ҷисмониро ба зарари вазнин, зарари каме вазнин ва зарари сабук асос қарор дода буд.

2) Дар КҶ ҶШС Тоҷикистон (соли 1935) қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ ҳамчун таркиби ҷиноят мавҷуд набуд.

3) Дар Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон (соли 1961) аз нав системаи сесатҳии муайян намудани дараҷаи зарари ҷисмонӣ ба кор гирифта шуд:

– м. 111 – қасдан расонидани зарари вазнини ҷисмонӣ;

– м. 112 – қасдан расонидани зарари каме вазнини ҷисмонӣ

– м. 115 – қасдан расонидани зарари сабуки ҷисмонӣ.

4) Дар айни замон, ки барои қонунгузор осону содатар мебуд агар дар КҶ ҶТ дар ин замина аз мафҳуми «инсон» кор гирифта мешуд. Илми ҳуқуқи ҷиноятӣ, бояд мафҳумҳои «шахсият» ва «инсон»-ро ҳамчун ду мафҳуми баробармаъно арзёбӣ намояд. Дар баробари ин, барои қонунгузор роҳату осонтар мебуд, агар дар КҶ ҶТ аз мафҳуми «инсон» истифода мешуд. Ҳамин тавр, қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ унсури муҳими низоми ҷиноятҳо ба муқобили ҳаёт ва саломатӣ ба ҳисоб меравад, ки он дар КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст.

[59] Ниг.: Сафарзода А.И., Муқимов С.Д. Баъзе масоили инкишофи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ / А.И. Сафарзода, С.Д. Муқимов // Қонунгузорӣ (маҷаллаи илмӣ). – 2022. – №1 (45). – С. 108-117.

## 1.2. Таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории ҷиноятиии давлатҳои пасошуравӣ оид ба қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ

Ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таҳлили муқоисавӣ ҳуқуқии қонунгузории ватанӣ ва хориҷӣ таваҷҷуҳи хосса зоҳир менамояд. Таваҷҷуҳ ба масъалаи таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, пеш аз ҳама ба мавзуи торафт суръат гирифтани раванди ҳамгироии ҶТ бо ҷомеаи байналмилалӣ ва ҳамчунин зарурати мутобиқсозии қонунгузории ҷиноятии миллӣ бо меъёр ва стандартҳои байналмилалӣ вобаста мебошад. Ба андешаи З.Х. Зокирзода як сабаби дигари зарур будани омӯзиши қонунгузории хориҷӣ иборат аз он аст, ки солҳои охир дар ҷаҳон фазои умумии ҳуқуқӣ, махсусан, дар соҳаи мубориза ба муқобили ҷиноятҳои дорои хусусияти байналмилалӣ ташаккул ёфта истодааст[60]. Ҳамчунин, Д.В. Толков таъкид менамояд, ки ҳангоми коркарду таҳияи намудҳои ҷазо ва чораҳои дигари дорои хусусияти ҳуқуқии ҷиноятӣ бояд тавсияҳои аз тарафи ҷомеаи байналмилалӣ ва таҷрибаи қонунгузории пешниҳодшудаи давлатҳои хориҷӣ ба назар гирифта шавад[61]. Мутаассифона, олимони ватанӣ, ба мавзуи таҳқиқоти таҷрибаи хориҷӣ доир ба мубориза бо ҷиноятҳо дар соҳаи фаъолиятҳои иқтисодӣ бештар таваҷҷуҳ нишон медиҳанд ва дар ин миён самтҳои муҳиму асосии дигар ё фаромӯш мегарданд ва ё нодида гирифта мешаванд. Дар зимн бояд таъкид шавад, ки тамаркузи асосӣ дар таҳқиқу пажӯҳишҳои илмӣ дар ин замина бояд рӯйи масъалаҳои вобаста ба мубориза бо ҷиноятҳо бар зидди саломатии инсон қарор бигирад. Ба ин маънӣ, С.В. Познишев ин гуна изҳори назар менамояд: «Саломатӣ барои ҳар як инсон волотарин ва пурарзиштарин неъматест, ки болотар ва муҳимтар аз он барои инсон дар зиндагӣ чизи дигаре вуҷуд надорад»[62]. Ба андешаи Т.Ш. Шарипов, А.И. Сафарзода, З.А. Камолов, Ш.Л. Холиқзода ва дигарон ба оқибати моддӣ зараре дохил мешаванд, ки чен

---

[60] Ниг.: Зокирзода З.Х. Проблемаҳои танзими ҳуқуқи ҷиноятии мусодираи молу мулк дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: монография: нашри аввал / Зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, Шарипов Т.Ш. – Душанбе: «Нашри мубориз», 2021. – С. 49.

[61] Ниг.: Толков Д.В. Конфискация имущества как институт уголовного права: дис. … канд. юрид. наук. – Рязань, 2010. – С. 59.

[62] Познышев С.В. Очерк основных начал науки уголовного права. Особенная часть: Преступления против личности. – М: Юриздат НКЮ, 1938. – С. 27.

карданаш мумкин аст: а) зарари воқеие, ки ба ҳаёт ё саломатии инсон расонида шудааст; б) зарари молу мулк, ки аз расонидани зарари моддӣ ба соҳибмулк ва ё дорандаи қонуни молу мулк расонида шудааст; в) зарари экологӣ, ки аз расонидани зарар ба олами ҳайвоноту растаниҳо ва инсон чун мавҷудоти биологӣ иборат мебошад[63].

Аз ин ҷост, ки саломатӣ, дар ҳар як ҷомеа ва давлати мутамаддини дунё аз лиҳози ҳуқуқи ҷиноятӣ мавриди муҳофизату пуштибонӣ қарор мегирад.

Дар чаҳорчӯби ин таҳқиқоти илмӣ, чунин имкон вуҷуд надорад, ки пажӯҳиши мукаммал ва ҳаматарафа дар робита ба ҷиноятҳо ба муқобили саломатии инсон мутобиқи қонунгузориҳои кишварҳои хориҷа сурат бигирад. Бинобари ин, дар ин қисмат мо дар мисоли қонунгузориҳои бархе давлатҳои хориҷӣ мавзуи қасдан расонидани зарари миёна ба саломатии инсонро мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор медиҳем.

Таҳқиқоти худро мо аз давлатҳои ба истилоҳ кишварҳои пасошуравӣ оғоз менамоем, ки ба он Украина, Молдавия, Туркманистон, Тоҷикистон, Узбекистон, Эстония Латвия, Литва, Арманистон, Озарбойҷон, Беларус, Гурҷистон, Қазоқистон ва Қирғизистон дохил мегарданд. Таваҷҷуҳ ба қонунгузории кишварҳои дар боло зикршуда дар ҳоли афзоиш аст, зеро ҳамагӣ 30 сол қабл, ҳамаи мо дар чаҳорчӯби давлати ягона ва мутаносибан дар чаҳорчӯби фазои ҳуқуқии воҳид қарор гирифта будем. Кишварҳои мазкурро метавон ба ду даста ва ё гуруҳ ҷудо намуд: 1) давлатҳои соҳили Балтика (Латвия, Литва, Эстония); 2) давлатҳои узви Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ҳамаи ин давлатҳо, ба ҷуз давлатҳои ҷузви гуруҳи аввал). Қабули Кодекси моделии ҷиноятии давлатҳо-аъзои ИДМ, ки 17 феврали соли 1996 иттифоқ афтод, метавон гоми нахустин дар роҳи анҷоми ислоҳоти қонунгузориҳои миллӣ номид. Чунин руйдоди муҳими ҳуқуқӣ, дорои аҳамияту арзиши беназири ҳуқуқӣ мебошад, зеро ба роҳ мондани чунин ҳамкории муштарак бо мақсади яксонсозӣ ва анҷоми ислоҳоти қонунгузории

---

[63] Ниг.: Шарипов Т.Ш., Сафарзода А.И., Камолов З.А., Холиқзода Ш.Л., Зокирзода З.Х., Зиёбоева М.Н. Ҳуқуқи ҷиноятӣ: қисми умумӣ. Китоби дарсӣ. Нашри 5-ум, такмилдодашуда. – Душанбе, 2020. – С. 87.

ҷиноятӣ дар таҷрибаи амалии ҷаҳонӣ аз ин пеш собиқа надоштааст. Мутобиқи ҳадафе, ки муаллифон матраҳ намуда буданд, Кодекси моделӣ бояд асосу пойдевори муҳиму мустаҳкам дар роҳи эҷоди қонунгузории ҷиноятии муассир дар қаламрави давлатҳо-аъзоёни Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил мегардид ва он дар чаҳорчӯби иттиҳоди мазкур мебоист имкони ташкили фазои ягонаи ҳуқуқиро фароҳам меовард. Бо истифода аз тавсияҳои Кодекси моделӣ, давлатҳо-узви Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар кӯтоҳтарин муҳлат кодексҳои ҷиноятии худро таҳия намуданд.

Чанде баъд аз Русия[64], Қазоқистон[65], Қирғизистон[66], Туркманистон[67] кодексҳои ҷиноятии нави худро қабул намуданд. Дар соли 1998 чунин кодекс дар Тоҷикистон ба тасвиб расид[68]. Як сол баъд, соли 1999, Гурҷистон[69], Озарбойҷон[70] ва Беларус[71] соҳиби кодексҳои ҷиноятии нав гардиданд. Ва ҳамин тавр, соли 2000 дар Украина[72], соли 2002 дар Молдавия[73] ва соли 2003 дар Ҷумҳурии Арманистон[74] кодексҳои ҷиноятии нав қабул гардида, ба тасвиб расиданд. Имрӯз мутмаинан метавон гуфт, ки Кодекси моделӣ он рисолатеро, муаллифони он дарназар гирифта буданд, иҷро намуд ва қабули он ба таври назаррас ба яксонсозии қонунгузории ҷиноятӣ дар фазои ИДМ мусоидат намуд.

---

[64] Уголовный кодекс Российской Федерацииот 13.06.1996, №63-ФЗ (ред. от 16.10.2019) [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.consultant.ru/document/cons_doc_LAW_10699/ (санаи муроҷиат: 06.11.2021).

[65] Уголовный кодекс Республики Казахстан [Захираи электронӣ] / Манбаи дастрасӣ: URL: https://online.zakon.kz/document/?doc_id= 31575252#pos=66;–45 (санаи муроҷиат: 06.11.2021).

[66] Уголовный кодекс Кыргызской Республики от 2 февраля 2017 года, №19 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://cbd.minjust.gov.kg/act/view/ru–ru/111527?cl=ru–ru (санаи муроҷиат: 06.11.2021).

[67] Уголовный кодекс Туркменистана [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://minjust.gov.tm/ru/mmerkezi/doc_view.php?doc_id=8091 (санаи муроҷиат: 06.11.2021).

[68] Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Захираи электронӣ] // Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Манбаи дастрасӣ: URL: http: // mmk.tj (санаи муроҷиат: 06.11.2021).

[69] Уголовный кодекс Грузии. – СПб.: Юридический центр Пресс, 2002. – 409 с.

[70] Уголовный кодекс Азербайджанской Республики [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://continent–online.com/Document/?doc_id=30420353#pos=5.–124 (санаи муроҷиат: 06.11.2021).

[71] Уголовный кодекс Республики Беларусь. – СПб.: Юридический центр Пресс, 2001. – 474 с.

[72] Уголовно-процессуальный кодекс Украины [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: https://femida.news/ugolovnyj–processualnyj–kodeks–ukrainy–2019/ (санаи муроҷиат: 06.11.2021).

[73] Уголовный кодекс Молдовы [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL:https://www.legislationline.org/download/id/8276/file/Moldova_CC_2002_am2018_ru.pdf (санаи муроҷиат: 06.11.2021).

[74] Уголовный кодекс Армении [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://base.spinform .ru/show_doc.fwx?rgn=7472 (санаи муроҷиат: 06.11.2021).

Дар айни замон лозим ба зикр аст, ки барои муайян намудани хусусияти зарару осебе, ки қасдона расонида мешавад, дар қонунгузории давлатҳо-узви Иттиҳоди ИДМ ва кишварҳои соҳили Балтика истилоҳҳои мухталиф ба кор бурда мешаванд: «зарар ба саломатӣ» ва «зарари ҷисмонӣ». Вале дар баробари ин, дар баъзе давлатҳо ҳамзамон ҳар дуи ин истилоҳ ба кор бурда мешавад (ҷадвали 1). Ин дар ҳолест, ки Кодекси ҷиноятии моделӣ истилоҳи «зарар ба саломатӣ»-ро тарҷеҳ медиҳад.

Дар адабиёти ватании бахшида ба мавзуи мубориза бо ҷиноятҳои ба муқобили саломатии инсон равона гардида дар тарафдорӣ аз дуруст ва асоснок будани истифодаи истилоҳи «зарар ба саломатӣ» далелу мадраки зиёд пешниҳод шудааст. Мо низ дар ин ҷо ҳуқуқи қонунгузорони давлатҳои-узви ИДМ ва кишварҳои соҳили Балтикаро нисбат ба худмуайянкунӣ ба баҳсу шубҳа намегирем. Аммо дар айни замон, чунин меҳисобем, ки истифодаи истилоҳи «зарар ба саломатӣ» дар муқоиса бо истилоҳи «зарари ҷисмонӣ» дурусту дақиқтар аст, зеро он табиати оқибати ҷиноятҳои эҳтимолиро ба хубӣ инъикос менамояд.

**Ҷадвали 1.**

**Истилоҳҳое, ки дар давлатҳои ИДМ ва соҳили Балтика барои муайян намудани хусусияти зиён ҳангоми расонидани зарар ба саломатии инсон ба кор бурда мешаванд**

| Давлат | Номи истилоҳ |
|---|---|
| Белорус | Зарари ҷисмонӣ |
| Узбекистон | Зарари ҷисмонӣ |
| Латвия | Зарари ҷисмонӣ |
| Украина | Зарари ҷисмонӣ |
| Эстония | Зарари ҷисмонӣ |
| Русия | Зарар ба саломатӣ |

| | |
|---|---|
| Қирғизистон | Зарар ба саломатӣ |
| Тоҷикистон | Зарар ба саломатӣ |
| Қазоқистон | Зарар ба саломатӣ |
| Озарбойҷон | Зарар ба саломатӣ |
| Гурҷистон | Зарар ба саломатӣ |
| Арманистон | Зарари ҷисмонӣ / зарар ба саломатӣ |
| Литва | Зарари ҷисмонӣ / зарар ба саломатӣ |
| Молдавия | Зарари ҷисмонӣ / зарар ба саломатӣ |

Ҳамзамон истифода гардидани мафҳумҳои «зарар ба саломатӣ» ва «зарари ҷисмонӣ», мо чунин меҳисобем, ки бархурд ва мавқеъи қонунгузорони Арманистон[75], Литва[76] ва Молдавия[77] дар ин робита ғайриқобили қабул мебошад, зеро мафҳуми «зарар ба саломатӣ» дар муқоиса бо мафҳуми «зарари ҷисмонӣ» мафҳуми нисбатан васеъ ба ҳисоб меравад ва ба ҳамин далел ҳам якҷоя ба кор бурдани онҳоро наметавон дурусту асоснок шуморид[78].

Бо дарназар гирифтани анъанаҳои қонунгузории ҷиноятии даврони шуравӣ, бидуни истисно, бояд қайд намуд, ки тамоми давлатҳо-аъзои ИДМ ва ҳамчунин давлатҳои собиқ шуравии соҳили Балтика низоми седараҷаии арзёбиву муайянсозии дараҷаи вазнинии зарари расонидашавандаи ҷисмонӣ ба инсонро ҳифз намудаанд. Аммо формулировкаҳое (қаринаҳое), ки дар шарҳу баёни таркибҳои ҷиноят мавриди истифода қарор мегиранд, ба таври ҷиддӣ аз ҳам тафовут доранд.

---

75 Уголовный кодекс Армении [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://base.spinform .ru/show_doc.fwx?rgn=7472 (санаи муроҷиат: 06.11.2021).

76 Уголовный кодекс Литовской Республики [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: https://www.yakaboo.ua/ugolovnyj–kodeks–litovskoj–respubliki.html (санаи муроҷиат: 06.11.2021).

77 Уголовный кодекс Молдовы [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL:https://www.legislationline.org/download/id/8276/file/Moldova_CC_2002_am2018_ru.pdf (санаи муроҷиат: 06.11.2021).

78 Ниг.: Расторопов С.В. Сравнительно-правовой анализ некоторых составов преступлений против здоровья человека по УК РФ и УК государств СНГ и Балтии / С.В. Расторопов // «Черные дыры» в российском законодательстве. – 2004. – №1. – С. 110-111.

Тавре ки дар ҷадвалҳои боло ба мушоҳида мерасад, аксари давлатҳо расонидани зарар ба саломатии шахсро (расонидани зарари ҷисмониро) ба категорияҳои вазнин, миёна ва сабук ҷудо менамоянд. Вале дар ин миён, истисноҳое низ вуҷуд доранд. Барои мисол, бо қисман ба иқтибос гирифтани истилоҳоти КҶ соли 1960 ҶШФСР, ҷумҳуриҳои собиқ шуравии Озарбойҷон, Гурҷистон ва Қирғизистон аз қаринаи «зарари начандон вазнин ба саломатӣ» истифода менамоянд. Дар Кодекси ҷиноятии ҷумҳурии Белорус, Тоҷикистон дар навбати худ номи қаблии таркиби ҷинояти баррасишаванда, яъне «зарари каме вазнини ҷисмонӣ» ҳифз гардидааст. Бо вижагии хоси бархурд дар заминаи дараҷабандӣ намудани дараҷаи зарар ба саломатӣ, қонунҳои ҷиноятии Литва ва Эстония низ фарқ менамоянд.

Дар Кодекси ҷиноии Ҷумҳурии Эстония зарари махсусан вазнин, зарари вазнин ва осеби ҷисмонии сабук муайян шудааст[79].

Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Литва, ки дар он истифодаи ҳамзамони «зарари ҷисмонӣ»ва «зарар ба саломатӣ» муайян шудааст, ҳамчунин вазнинии дараҷаи зарарро ба категорияҳои зерин ҷудо менамояд: 1) зарари вазнин ба саломатӣ, 2) зарари начандон вазнин, 3) зарари начандон ҷиддии ҷисмонӣ[80]. Метавон ба андешаи В.С. Расторопов мувофиқ буд, ки чунин тасмими қонунгузорӣ на асоси назариявӣ ва на асоси амалӣ дорад. Илова бар ин, дар ин ҷо риоят нашудани бархе аз қонунҳо ва мантиқи табақабандӣ ба таври аён ба назар мерасад[81].

Бешубҳа, ихтилофҳои ишорашудаи дорои ҷанбаи истилоҳӣ, моҳияту мазмуни ҷинояти мавриди таҳқиқро тағйир намедиҳад, вале аз назари мо ҷудо намудани зарар ба категорияҳои вазнин, миёна ва сабук аз нигоҳи мантиқӣ бештар дурусту асоснок шуморида мешавад.

---

[79] Уголовный кодекс Эстонии [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL:https://www.legislationline.org/download/id/6462/file/Estonia_CC_as_of_2002_ru.pdf (санаи муроҷиат: 06.11.2021).

[80] Уголовный кодекс Литовской Республики [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: https://www.yakaboo.ua/ugolovnyj–kodeks–litovskoj–respubliki.html (санаи муроҷиат: 06.11.2021).

[81] Ниг.: Расторопов С.В. Уголовно-правовая охрана здоровья человека от преступных посягательств: монография. – М.: Моск. ин-т экономики, менеджмента и права, 2003. – С. 166.

Қасдан расонидани зарари миёна ба саломатии шахс дар қонунгузории ҷиноятии давлатҳои узви ИДМ ва кишварҳои соҳили Балтика мавқеи махсусро ишғол менамояд. Лозим ба зикр аст, ки вуҷуди бархурди воҳиду ягона нисбат ба сохти такркибҳои мавриди назар, вижагии муштараки хоси қонунгузориҳои давлатҳо-аъзои ИДМ ва кишварҳои соҳили Балтика ба ҳисоб меравад. Ба монанди Кодекси ҷиноятии Федератсияи Русия қонунгузорони аксари давлатҳо-аъзои ИДМ ва давлатҳои соҳили Балтика, муҳтавои зарари миёна ба саломатиро тавассути чаҳор аломати объективӣ муайян менамоянд: 1) вуҷуд надоштани хавф барои саломатӣ, 2) набуди оқибатҳои зарари вазнин, 3) ба муддати тулонӣ халалдор шудани вазъи саломатӣ, 4) ба миқдори сеяки аз даст додани қобилияти умумии меҳнатӣ. Сабаби чунин пазириши воҳиду ягона ба назари мо ба таҷрибаи истифодаи муваффақи аломатҳои объективии мазкур ба даврони мавҷудияти давлатҳои мавриди назар дар фазои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ бармегардад. Конструксияи тарафи объективӣ бо истифода аз аломатҳои манфӣ ва мусбат имкон медиҳад, ки, аз як тараф, марзи мушаххас миёни зарари вазнин ва зарари миёна гузошта шавад ва аз тарафи дигар, марзҳои мавҷуд миёни зарари миёна ва зарари сабук муайян гарданд (ҷадвали 2).

**Ҷалвали 2.**

**Аломатҳои вазнинкунандаи зарари миёна ба саломатӣ мутобиқи Кодексҳои ҷиноятии давлатҳои ИДМ ва назди Балтика**

| Давлатҳо | Надоштани хавф барои ҳаёт | Бидуни аломати осеби вазнин | Тӯлонӣ иллат пайдо кардани саломатӣ | Аз даст додани қобилияти умумии меҳнатӣ | Аломатҳои барои КҶ ҶТ ноошно |
|---|---|---|---|---|---|
| Русия | + | + | + | + | – |
| Арманистон | + | + | + | + | |
| Тоҷикистон | + | + | + | + | |
| Молдавия | + | + | + | + | – |
| Қазоқистон | + | + | + | + | – |
| Туркманистон | + | + | + | + | – |
| Узбекистон | + | + | + | + | – |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| Украина | + | + | + | + | – |
| Латвия | + | + | + | + | – |
| Белорус | + | + | + | + | – |
| Озарбойҷон | + | + | + | + | – |
| Гурҷистон | + | + | + | + | – |
| Қирғизистон | + | + | + | + | – |
| Литва | + | + | + | + | +2 |
| Эстония | + | + | + | + | – |

Лозим ба зикр аст, ки дар Кодексҳои ҷиноятии Ҷумҳуриҳои Узбекистон ва Литва равиш ва бархурди ҷолиб нисбат ба ташаккул ва мушаххас гардидани аломатҳои зарари миёна ба саломатии шахс ба мушоҳида мерасад.

Қонунгузори Ҷумҳурии Литва диспозитсияи мазкурро ба ин тарз муайян намудааст: «Шахсе, ки ба каси дигар осеби ҷисмонӣ мерасонад ва ё боиси расонидани зарар ба саломатии шахсе мегардад, ки дар натиҷаи он шахси зарардида қисман қобилияти меҳнатии худро аз даст медиҳад ё ба таври умумӣ қобилияти меҳнатиашро аз даст медиҳад, ё боиси ба муддати тӯлонӣ осеб дидани саломатӣ бидуни ба миён омадани оқибатҳои дар қ. 1 м. 135 Кодекси мазкур зикршуда мегардад»[82]. Аз миёни ҷанбаҳои мусбати ин конструксия, метавон ба вуҷуд доштани аломати аз даст додани қисмати начандон зиёди коршоямии касбӣ ишора намуд. Қонунгузории ҶТ ҳатман бояд ба қарор ва тасмими муваффақи Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Литва таваҷҷуҳ зоҳир намояд. Афзун бар ин, олимони ватанӣ кайҳост, таъкид менамоянд, ки набудани аломати қисман аз даст додани қобилияти кории касбӣ дар моддаи 111 КҶ ҶТ ба раванди иҷрои таҷрибаи ҳуқуқтатбиқкунӣ дар маҷмуъ таъсири манфӣ мерасонад. Ҳолатҳое низ метавонад вуҷуд дошта бошанд, ки ҳангоми ба таври қобили таваҷҷуҳ ва на ба таври пурра аз даст додани қобилияти кории касбӣ зараре, ки расонида мешавад, қонунгузор ҳамчун зарари сабук арзёбӣ менамояд, ки ин дар навбати худ боиси нодида гирифта шудани хавфи ҷамъиятии оқибатҳои эҳтимолии ба миёнояндаи ҷиноят ва ё тамоми ҷиноят ба таври куллӣ мегардад. Дар ҳоли ҳозир, Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Литва танҳо намунаи муваффақи мавриди

[82] Уголовный кодекс Литовской Республики. – СПб.: Юрид. центр Пресс, 2003. – С. 245.

истифода қарор гирифтани аломати «қисман аз даст додани қобилияти кории касбӣ» ба ҳисоб меравад. Аз нуқтаи назари мо, равиш ва бархурди тавассути қонунгузори Литва таҳияшуда бояд дар қонунҳои ҷиноятии давлатҳои назди Балтика ва ИДМ низ бояд инъикоси худро ёбад[83]. Даст кашидан аз аломати «надоштани хавф барои саломатӣ» дар қисмати мубориза бо расонидани «зарари дорои вазнинии начандон зиёд» ба саломатӣ ва ҳамчунин мураккабсозии беасоси конструксия тавассути истифодаи ҳамзамони истилоҳоти «зарари ҷисмонӣ» ва «зарар ба саломатӣ»-ро метавон аз нуқсу камбудиҳои Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Литва номид.

Сохти диспозитсияи моддаи 135 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Узбекистонро метавон намунаи муваффақ номид, зеро он ба таври максималӣ аломатҳои объективии унсур ва таркибҳои баррасишавандаро ба таври мушаххас муайян месозад[84]. Дар ин робита, дар навбати аввал, қаринаи истифодашуда барои муайян намудани ҳолати мавҷуд набудани хавф барои ҳаёти шахси зарардида, яъне «қасдона расонидани зарари ҷисмонии миёнаи дар замони расонида шудан бехавф барои ҳаёт» ва дар навбати дуюм ба таври дақиқ аз рӯйи қонунгузорӣ муайян шудани аломатҳои ба муддати тӯлонӣ халалдор шудани саломатӣ ва ба таври қобили мулоҳиза талаф ёфтани қобилияти умумии меҳнатӣ, ки «боиси ба таври тӯлонӣ зарар дидани саломатӣ ба муддати беш аз 21 рӯз ва на бештар аз чаҳор моҳ ва аз даҳ то сӣ дарсад аз даст дода шудани қобилияти умумии меҳнатӣ мегардад, ҷолиб ба назар мерасад»[85]. Зимнан, бояд ба таври махсус қайд намуд, ки Ҷумҳурии Узбекистон дар миёни давлатҳои аъзои ИДМ нахустин давлатест, ки ҳанӯз қабл аз қабули Кодекси ҷиноятии моделии давлатҳои ИДМ кодекси ҷиноятии худро мавриди истифода қарор дода буд.

---

[83] Уголовный кодекс Литовской Республики [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: https://www.yakaboo.ua/ugolovnyj–kodeks–litovskoj–respubliki.html (санаи муроҷиат: 06.11.2021).

[84] Уголовный кодекс Республики Узбекистан (с изменениями и дополнениями по состоянию на 12.09.2019 г.) [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://continent–online.com/Document/?doc_id=30421110 (санаи муроҷиат: 06.11.2021).

[85] Уголовный кодекс Республики Узбекистан. – СПб.: Юрид. центр Пресс, 2001. – С. 141.

Қонунгузории Гурҷистон, ки дар таҳия ва сохти диспозитсияи қасдона расонидани зарари на он қадар вазнин ба саломатӣ ҳеҷ гуна навгонӣ ворид насохта буд, ин камбудро ба таври изофӣ бо ҳамроҳ намудани м. 119 ба Кодекси ҷиноятии Гурҷистон – «расонидани зарар ба саломатӣ, ки боиси марг мегардад» ба истилоҳ ҷуброн намуд. Диспозитсияи моддаи мазкур ба сурати зайл аст: «қасдона расонидани зарари вазнин ва начандон вазнини ҷисмонӣ, ки боиси марги шахси зарардида мегардад»[86]. Чунин модда дар ҳеҷ аз як кодексҳои ҷиноятии давлатҳои дигари ИДМ ва назди Балтика вуҷуд надорад. Ин дар ҳолест, ки дар м. 118 КҶ Ҷумҳурии Гурҷистон – «қасдона расонидани зарари на он қадар вазнин ба саломатӣ» лаҳзае, ки бояд хатар барои саломатӣ вуҷуд надошта бошад, муайян нагардидааст. Моддаи 118 метавонад танҳо дар он ҳолат мантиқӣ ба назар расад, ки агар хатар барои саломатӣ баъд аз расонидани зарар бо аломати беэҳтиётӣ ба амал ояд. Дар ҳоли ҳозир чунин ҳолат дар КҶ Ҷумҳурии Гурҷистон вуҷуд надорад. Чунин вазъ аз нигоҳи мо метавонад боиси халалдор шудани кори амалии кормандони дахлдор гардад. Илова бар ин, таркиби мазкур, имрӯз бидуни зарурат дар м. 117 КҶ Ҷумҳурии Гурҷистон – «қасдона расонидани зарари вазнин ба саломатӣ» такрор шудааст. Вале сарфи назар аз ин, чунин меҳисобем, ки криминалистони ватаниро лозим аст ба роҳи ҳалли на он қадар муваффақ, вале роҳи ҳалли нави қонунгузори гурҷӣ таваҷҷуҳ зоҳир намояд. Бо дарназар гирифтани тағйиру ислоҳоти пешниҳодшуда, метавон ба таври муваффақ системаи арзёбии дараҷаи вазнинии зарар ба саломатиро дар қонунгузории ҷиноятии давлатҳои ИДМ ва соҳили Балтика мукаммалтару пурратар намуд.

Дар ин замина бояд ба таври махсус ба таркибҳои сифативу миқдории бандубастшавандаи аломатҳои дар Кодексҳои ҷиноятии давлатҳои ИДМ ва назди Балтика ҷойдошта таваҷҷӯҳ шавад. Таҳлилу омӯзиши анҷомшуда нишон медиҳад, ки дар мавриди миқдори аломатҳои бандубастшавандаи

[86] Уголовный кодекс Грузии. – СПб.: Юрид. центр Пресс, 2002. – С. 148.

ҷинояти мавриди омӯзиш назари воҳид ва ягона вуҷуд надорад. Аз нигоҳи миқдор аломатҳои вазнинкунандаи ҷиноят дар кишварҳои ИДМ ва назди Балтикаро метавон ба се гуруҳ ҷудо намуд. Ба гуруҳи аввал давлатҳое дохил мегарданд, ки дар онҳо 10 ва аз ин ҳам зиёдтар аломати вазнинкунандаи ҷиноят вуҷуд дорад – Литва (15), Латвия (12), Молдавия (14), Ўзбекистон (14), Гурҷистон (18), Қазоқистон (10), Туркманистон (10), Тоҷикистон (10), Қирғизистон (11). Ба гуруҳи дуюм кишварҳои дорои аз 6 то 9 аломат – Эстония (6), Озарбойҷон (8), Арманистон (9) дохил мешаванд; гуруҳи сеюмро ҷумҳуриҳои Украина ва Белорус ташкил медиҳанд, ки дар муқоиса бо дигар кишварҳо мутаносибан дорои 2 ва 3 аломат мебошанд.

Бо вуҷуди ихтилофи миқдории назаррас, аломатҳои вазнинкунандаи ҷиноятро метавон ба ду гуруҳ тақсим намуд:

1) аломатҳои монанди дар м. 111 КҶ ҶТ муайянгардида;

2) аломатҳои номуайян, қ. 2 м. 111 КҶ ҶТ.

Мо ба гуруҳи аввал он аломатҳоеро низ дохил месозем, ки онҳо барои қонуни ҷиноятии ҶТ ошно ва шинохташуда ба ҳисоб мераванд, вале дорои шакли каме тағйирёфта мебошанд (аломатҳои монанд) ва ё дар дигар моддаҳои КҶ ҶТ пешбинӣ шудаанд. Албатта, бидуни шубҳа дар маркази таваҷҷуҳи таҳқиқоти мо гуруҳи дувуми аломатҳо, яъне аломатҳои барои қ. 2 м. 111 КҶ ҶТ нав (ҷадвали 4) қарор доранд. Наметавон қайд насозем, ки бо вуҷуди бархурди воҳид нисбат ба масъалаи сохту коркарди аломатҳои асосии таркибҳои мавриди таҳқиқ, қонунгузорони аксари давлатҳои ИДМ ва назди Балтика аломатҳои нави вазнинкунандаи ҷиноятро, ки барои КҶ ҶТ ноошно мебошанд, пешниҳод менамоянд. Дар ин миён фақат Кодексҳои ҷиноятии ҷумҳуриҳои Қазоқистон ва Қирғизистон истисноанд, ки қонунгузорони ин давлатҳо аз ҳар гуна тасмимгириҳои нав дар робита ба масъалаи мавриди таҳқиқ худдорӣ намудаанд.

**Ҷадвали 3.**

**Аломатҳои вазнинкунандаи зарари миёна ба саломатӣ мувофиқи Кодексҳои ҷиноятии давлатҳо-аъзои ИДМ ва соҳили Балтика, ки дар қ. 2 м. 111 КҶ ҶТ пешбинӣ нашудаанд**

| Давлатҳо | Аломатҳои муайянкунандаи зарари миёна ба саломатӣ, ки дар қ. 2 м. 111 КҶ ҶТ пешбинӣ нашудаанд |
|---|---|
| Озарбойҷон | 3-аз рӯйи истихдом; бо равиши хатарноки умумӣ; бо мақсади истифодаи организм ва бофтҳои бадани шахси зарардида |
| Арманистон | 1-аз рӯйи ангезаи ғаразнок |
| Белорус | 1-дорои хусусияти азият |
| Гурҷистон | 4-бо тарзи хавфноки умумӣ; аз рӯйи истихдом; бо мақсади истифодаи узвҳо ва бофтаҳои бадани шахси зарардида |
| Қазоқистн | * |
| Қирғизисон | * |
| Латвия | 6-ҳангоми пешгирии ҷиноят; ҳангоми додани шоҳидӣ; дорои хусусияти азият; шахсе, ки дар боздоштгоҳи муваққат, ҳабси пешакӣ ва ё дар маҳалли иҷрои давраи маҳрумият қарор дорад |
| Литва | 10-нисбат ба шахси ноболиғ; модар; падар; фарзанди худ; зани хабардор аз ҳомила будани худ; дорои хусусияти азият; бо тарзи барои умум хатарнок; аз рӯйи ангезаҳои ғаразнок; бо мақсади пинҳон намудани ҷинояти дигар; бо мақсади истифодаи аъзои бадан барои пайванд намудани бофтаҳо (трансплантатсия). |
| Молдавия | 7-нисбат ба шавҳар; зан; хешованди наздик; бо равиши дорои хусусияти азобу азият; бо воситаҳои барои ҳаёт ва саломатии шахсони зиёд хавфнок; аз рӯйи ангезаҳои ғаразнок; аз рӯйи фармоиш |
| Русия | 1-аз ҳисиёти авбошӣ |
| Туркманистон | 2-нисбат ба зани баръало ҳомила; дорои хусусияти азобу азият |
| Узбекистон | 5-нисбат ба зани баръало ҳомилаи; дар ҷараёни бетартибиҳои оммавӣ; бо ангезаи ғаразнок; тавассути шахси ретсидивист ва ё ретсидивисти бисёр хавфнок содир шавад |
| Украина | 2-бо мақсади таҳдиду тарси шахси зарардида ва ё хешовандони он; бо мақсади водор ба амали мушаххас. |
| Эстония | 1-бо равиши барои умум хавфнок |

Баъзе аз аломатҳои дар ҷадвали 4 ишорашуда бидуни шак метавонанд низоми аломатҳои вазнинкунандаи ҳам м. 111 ва ҳам тамоми кодекси ҷиноятии ҶТ-ро дар маҷмуъ пурра бисозанд. Дар ин миён кодекси ҷиноятии ду кишвари соҳили Балтика – Литва ва Латвия аломатҳои бештари вазнинкунандаи ҷиноятро доро мебошанд. Дар қонунҳои ҷиноятии ин ду давлат, мутаносибан 10 ва 6 аломати барои КҶ ҶТ наву ноошно пешбинӣ ва муқаррар шудаанд. Дар кодексҳои ҷиноятии ҳамчунин Арманистон ва Молдавия низ ба 7 то 10 аломати дар КҶ ҶТ муқаррарнашуда низ ишора шудааст. Маҷмуи аломатҳои дар ҷадвали 4 ба онҳо ишорашударо метавон ба чанд гуруҳ ҷудо намуд:

**1. Аломатҳои вазнинкунандаи ва мушаххаскунандаи шахсияти зарардида:**

а) нисбати шахсони хурдсол; модар; падар; фарзанди худ; занони баръало ҳомила (КҶ Ҷумҳурии Литва); б) нисбат ба шавҳар; зан (ҳамсар); хешу пайванди наздик (КҶ Ҷумҳурии Молдавия); в) нисбат ба зани баръало ҳомила (КҶ Туркманистон ва Узбекистон).

Аз нигоҳи мо аломатҳои номбаршуда барои КҶ ҶТ аломатҳои нав ба ҳисоб мераванд. Оё онҳо ба таври куллӣ барои қонунгузории миллӣ нав ва тоза ба шумор мераванд? Албатта, не!

Дар робита ба он аломатҳое, ки зиёд намудани ҷавобгарии қасдан расонидани зарар ба саломатии шахси хурдсол; модар; падар; фарзанди худ; зан; хешованди наздикро пешбинӣ менамоянд, метавон гуфт, ки вориди КҶ ҶТ намудани чунин аломатҳо дар ҳоли ҳозир як зарурати воқеӣ ба ҳисоб меравад. Зимни эъломи идеалҳои хоси ҷомеаи шаҳрвандӣ, мо дар бештари ҳолатҳо фаромӯш месозем, ки хушунат дар аксари хонаводаҳои тоҷик имрӯз ба меъёри муқаррарӣ табдил ёфтааст ва чунин вазъ дар ҳоле ба мушоҳида мерасад, ки ҳамрӯза мешунавем, ки оилаи солим ва мустаҳкам пойдевори ҷомеаи шаҳрвандӣ ба ҳисоб меравад. Сатҳи рушду инкишофи муносибатҳои ҷамъиятӣ тавсеаи доираи афрод ва қасду таҷовуз ба саломатии онҳоеро тақозо менамуд, ки он ҷавобгарии шахси гунаҳгорро мураккабтар месозад. Аз ин ҷост, ки ин масъала дар қонунгузории ҷумҳуриҳои Литва ва Молдавия

ба назар гирифта шудааст. Чунин таҷриба бешубҳа, сазовори таваҷҷуҳи лозим аз сӯйи қонунгузорони дигар давлатҳо-аъзои ИДМ ва назди Балтика мебошад. Аммо дар мавриди аломатҳои вазнинкунандаи ҷиноят бояд гуфт, ки аз ин лиҳоз Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Молдавия намунаи нисбатан муваффақтар маҳсуб мешавад.

Аломати таҳдидкунандаи ҷавобгарӣ барои қасди таҷовуз ба ҳаёт ва саломатии зан ба таври мушаххас ҳомила дар м. 110 Кодекси ҷиноятӣ ва дигар қонунҳои Тоҷикистон муайян ва пешбинӣ шудааст. Вуҷуди ин аломат дар м. 110 КҶ ҶТ ва ҳамчунин набудани он дар м. 111 КҶ ҶТ камбуди ҷиддӣ ба ҳисоб меравад. Вале агар лаҳзае кодекси ҷиноятиро фаромӯш кунему ба воқеиятҳои зиндагӣ назар андозем, бароямон равшан мегардад, ки тафовути мавҷуд миёни зарари вазнин ва миёна ба саломатӣ дар бештари мавридҳо ба ҳадде нозуку ҳассос аст, ки он пешбинӣ шудани ин аломатро дар м. 111 КҶ ҶТ амри зарурӣ мегардонад.

**2. Аломатҳои ангеза ва мақсадҳои содиршавии ҷиноят:**

а) дар асоси нафрати маҳалгароӣ ё хусумат ва ё қасосгирии хунӣ (КҶ ҶТ); бар асоси эътиқодоти динӣ (КҶ Узбекистон); бар асоси ифротгароии мазҳабӣ (КҶ Арманистон). Қисми зиёди аломатҳои ишорашуда бо қаринаи истифодашуда дар банди «е» қ. 2. м. 111 КҶ ҶТ – қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ бо сабаби нафрат ё хусумати миллӣ, нажодӣ, динӣ, маҳалгарои ё интиқом мутобиқат доранд;

б) аз рӯйи ангезаҳои ғаразнок (КҶ Узбекистон, КҶ Арманистон, КҶ Молдавия, КҶ Литва); аз рӯйи гаравгон (КҶ Гурҷистон, КҶ Озарбойҷон); аз рӯйи фармоиш (КҶ Молдавия). Аломате, ки мувофиқи он барои расонидани зарар ба саломатӣ аз рӯйи ангезаи ғаразнок ҷавобгарӣ пешбинӣ шудааст, барои қонунгузори ватанӣ ҷолиб ба назар намерасад, зеро он ба системаи меъёрҳои КҶ ҶТ мутобиқат надорад.

Баръакси он, аломате, ки барои расонидани зарар ба саломатӣ нисбати шахси рабудашуда ё гаравгон ҷавобгарӣ пешбинӣ менамояд, бояд ба таври

ҳатмӣ дар м. 111 КҶ ҶТ қайд шавад. Зеро чунин аломат аллакай дар банди «г» м. 110 КҶ ҶТ муқаррар гардидааст;

в) бо мақсади истифодаи аъзои бадан ва бофтҳои организми шахси зарардида (КҶ Озарбойҷон); бо мақсади истифодаи аъзои бадан ва бофтҳои организми шахси зарардида (КҶ Гурҷистон); бо мақсади истифодаи аъзои бадан ё бофтаҳои ҷабрдида (КҶ Литва);

г) бо мақсади таҳдиду тарсонидани шахси зарардида ва ё наздикони вай, бо мақсади водор намудан ба иҷрои амалҳои муайян (КҶ Украина); бо мақсади пинҳон намудани ҷинояти дигар (КҶ Литва).

Ҷойи ҳайрату таассуф аст, ки давлати дар гузашта бародар ва дорои мактаби анъанавии ҳуқуқи ҷиноятии шӯравӣ барои нишон додани худ дар миёни давлатҳои дигари ИДМ ва назди Балтика танҳо ду аломати муайянкунандаи ҷиноят, он ҳам аломатҳои барои тамоми давлатҳои собиқ шуравӣ навро муқаррар менамояд. Ҳангоми арзёбии то чӣ андоза мувофиқи мақсад будани аломатҳои монанд ба моддаи пешбиникунандаи ҷавобгарӣ барои қасдона расонидани зарари миёна ба саломатӣ, наметавон ба далелҳои пешовардаи С.В. Расторопов дар ин робита розӣ нашуд, ки ба ин тарз асосноккунии қасди ҷиноятӣ ҳаддиақалл шубҳанок ба назар мерасад[87].

Аломати пешбиникунандаи ҷавобгарӣ барои расонидани зарар ба саломатӣ бо мақсади пинҳон намудани ҷинояти дигар, ба аломатҳои дар КҶ Ҷумҳурии Украина муқарраргардида наздиктар мебошад ва ба боварӣ мо барои қонунгузори ватанӣ мубрам маҳсуб намешавад, зеро он дар б. «е» м. 62 КҶ ҶТ дар миёни аломатҳои вазнинкунандаи ҷазо пешбинӣ шудааст.

**3. Аломатҳои тавсифкунандаи вазъият, замон, макон, тарз ва дигар ҳолатҳои содиршавии ҷиноят**:

а) дар ҷараёни бетартибиҳои оммавӣ (КҶ Тоҷикистон, КҶ Узбекистон). Кодекси ҷиноятии ҶТ содир намудани ҷиноят дар ҳолати бетартибиҳои оммавиро (б. «м»м. 62 КҶ ҶТ) ҳамчун ҳолати вазнинкунандаи ҷазо арзёбӣ

[87] Ниг.: Расторопов С.В. Уголовно-правовая охрана здоровья человека от преступных посягательств: монография. – М.: Моск. ин-т экономики, менеджмента и права, 2003. – С. 176.

менамояд. Аз нигоҳи мо, дар иртибот ба ҷиноятҳои дорои хусусияти зӯроварӣ, содир намудани сӯиқасд дар ҷараёни бетартибиҳои оммавӣ, бояд ҳамчун аломати муайянкунандаи ҷиноят арзёбӣ гардад, зеро дар натиҷаи амали мазкур, хавфи ҷамъиятии амал ба таври ҷиддӣ афзоиш меёбад ва ба ин далел ҳам он ҷазои нисбатан сахттарро тақозо менамояд.

б) бо равиши умумии хавфнок (КҶ Гурҷистон, КҶ Озарбойҷон, КҶ Литва, КҶ Эстония); воситаҳои барои ҳаёт ва саломатии шахсони зиёд). Мо комилан муътақидем, ки қонунгузори ватанӣ ба таври ҷиддӣ на он қадар ба оқибатҳои сӯиқасд ба саломатӣ (дараҷаи вазнинии зарар ба саломатӣ), балки бештар ба тарзу роҳҳои расонидани чунин зарар ҳамчун ба муҳимтарин нишондиҳандаи хавфи ҷамъиятии кирдор ва шахсияти ҷинояткор бояд таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир намояд. Намунаи равшани ин қонунгузории Ҷумҳурии Федеративии Олмон ва бархе дигар аз кишварҳои Аврупои Ғарбӣ ба ҳисоб меравад. Албатта, таҷрибаи кишварҳои аъзои ИДМ ва соҳили Балтика шоистаи таваҷҷуҳи лозим аз сӯйи қонунгузори ватанист, аммо ин нукта ҳам лозим ба таъкид аст, ки ин таҷриба ҳамчун нимиқдом ва ё нимчора наметавонад меъёр ва маҳаки воқеӣ дар ҷудосозии ҷазои ҷиноятӣ барои сӯиқасд ба ҳаёт ва саломатии инсон гардад. Дар ин самт асли матлаб бархурд ва равиши ҷудогонаеро барои муайянсозии тарзу равиши сӯиқасд тақозо менамояд;

в) дорои хусусияти азобу шиканҷа (КҶ Литва, КҶ Латвия, КҶ Туркманистон); бо равиши дорои хусусияти шиканҷа (КҶ Молдавия); бо равиши дорои хусусияти шиканҷа (КҶ Белорус); КҶ ҶТ шиканҷаро ҳамчун ҷинояти мустақили ҷудогона (м. 143.1) арзёбӣ менамояд ва зери ин мафҳум расонидани азоби ҷисмониву равонӣ бо роҳи латукӯб ва дигар амалҳои дорои хусусияти зӯроварӣ дар назар аст агар ин ҳама оқибатҳои дар м.м. 110 ва 111 КҶ омадаро ба ҳамроҳ надошта бошад. Ҳамин тавр, ба назари мо пешбинӣ гардидани аломатҳои мавриди назар дар чаҳорчӯби м. 111 КҶ ҶТ мувофиқи мақсад нест;

г) тавассути шахси дар боздоштгоҳи муваққатӣ ва ё дар маҳалли иҷрои давраи маҳкумият қарордошта (КҶ Латвия); С.В. Расторопов муаллифи нахустин таҳқиқоти махсуси бахшидашуда ба мавзуи қасдона расонидани зарар ба саломатӣ дар муассисаҳои ислоҳӣ хостори ҳамроҳ намудани аломати вазнинкунандаи мазкур ба КҶ ҶТ шудааст[88]. Нуқтаи назари мазкур дар таҳқиқоту пажӯҳишҳои муаллифони дигар низ таъкид ва пуштибонӣ шудааст[89].

д) аснои пешгирии рух додани ҷиноят, ҳангоми додани шаҳодат (шоҳидӣ) (КҶ Латвия).

**4. Аломатҳои тавсифкунандаи шахсияти ҷинояткор:**

а) такроран, ё тавассути шахсе, ки қасдона ба саломатии шахси зарардида зарари вазнин мерасонад, ё тавассути куштор (КҶ Қирғизистон, КҶ Қазоқистон); такроран, тавассути ретсидивисти хавфнок ва ё тавассути шахсе, ки қаблан зарари вазнини ҷисмонӣ расонидааст ва куштори қасдона анҷом додааст, тавассути ретсидивисти махсусан хавфнок (КҶ Узбекистон); такроран (КҶ Молдавия).

Ҳамин тавр, ба сифати ҷазо барои қасдона расонидани зарари миёна ба саломатӣ, қонунгузории давлатҳо-аъзои ИДМ ва соҳили Балтика намудҳои зерини ҷазоро истифода мебаранд: 1) корҳои ислоҳӣ, 2) маҳдуд кардани озодӣ, 3) маҳрум сохтан аз озодӣ, 4) ҳабс, 5) ҷарима, 6) корҳои ҳатмӣ (ҷадвали 4).

**Ҷалвали 4**

**Ҷазо барои қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ мувофиқи Кодексҳои ҷиноятии кишварҳои ИДМ ва соҳили Балтика**

| Давлатҳо | Таркиби асосӣ (намуд ва андозаи ҷазо) | Таркиби бандубастшаванда (намуд ва андозаи ҷазо) |
| --- | --- | --- |

[88] Ниг.: Расторопов С.В. Борьба с умышленным причинением вреда здоровью граждан в исправительных колониях. – М.; Рязань: Ряз. Филиал Моск. ин-та экономики, менеджмента и права, 2000. – С. 250.
[89] Ниг.: Старков О.В., Милюков С.Ф. Наказание: уголовно-правовой и криминопенологический анализ. – СПб.: Юрид. центр Пресс, 2001. – С. 125.

| | | |
|---|---|---|
| Озарбойҷон | 1. Корҳои ислоҳӣ ба муҳлати то 2 сол<br>2. Маҳдуд кардани озодӣ ба муҳлати то 2 сол<br>3. Маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати то 2 сол | 1. Маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати то 5 сол |
| Арманистон | 1. Ҳабс ба муҳлати аз 1 то 3 сол<br>2. Маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати на бештар аз 3 сол | 1. Маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати на бештар аз 5 сол |
| Беларус | 1. Ҷарима<br>2. Корҳои ислоҳӣ ба муддати то 2 сол<br>3. Маҳдуд кардани озодӣ ба муҳлати то 3 сол<br>4. Ҳабс ба муҳлати на беш аз 6 моҳ | 1. Маҳдуд сохтан аз озодӣ то 5 сол<br>2. Маҳрум сохтан аз озодӣ аз 1 то 5 сол |
| Гурҷистон | 1. Корҳои ислоҳӣ ба муҳлати 18 моҳ<br>2. Маҳдуд кардани озодӣ ба муҳлати то 3 сол<br>3. Ҳабс ба муддати то 3 моҳ<br>4. Маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати то 3 сол | Маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати то 5 сол |
| Қазоқистон | 1. Ҳабс ба муддати аз 3 то 6 моҳ<br>2. Маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати то 5 сол | Маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати то 5 сол |
| Қирғизистон | 1. Ҳабс ба муҳлати то 6 моҳ<br>2. Маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати то 5 сол | Маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз 3 то 7 сол |
| Латвия | 1. Ҷарима дар ҳаҷми 100 МРОТ<br>2. Корҳои ҳатмӣ то 280 соат<br>3. Ҳабс ба муҳлати то 6 моҳ<br>4. Маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати то 5 сол | 1. Маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати то 8 сол |
| Литва | 1. Маҳдуд сохтан аз озодӣ ба муҳлати то 3 сол<br>2. Ҳабс ба муҳлати то 3 моҳ<br>3. Маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати то 3 сол | 1. Маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати то 5 сол |

| | | |
|---|---|---|
| Молдавия | 1. Ҳабс ба муҳлати то 6 моҳ<br>2. Маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати то 4 сол | 1. Маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз 3 то 7 сол |
| Федератсияи Русия | 1. Ҳабс ба муҳлати аз 3 то 6 сол<br>2. Маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати то 3 сол | 1. Маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати то 5 сол |
| Тоҷикистон | 1. Корҳои ислоҳӣ ба муҳлати то 2 сол<br>2. Маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати то 3 сол | 1. Маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз 3 то 5 сол |
| Туркманистон | 1. Корҳои ислоҳӣ ба муҳлати то 2 сол<br>2. Маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати то 3 сол | 1. Маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати то 5 сол |
| Узбекистон | 1. Корҳои ислоҳӣ ба муҳлати то 3 сол<br>2. Маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати то 3 сол | 1. Маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз 3 то 5 сол |
| Украина | 1. Корҳои ислоҳӣ ба муҳлати то 2 сол<br>2. Маҳдуд сохтани озодӣ ба муҳлати то 3 сол<br>3. Маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати то 3 сол | 1. Маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз 3 то 5 сол |
| Эстония | 1. Ҳабс ба муҳлати то 3 моҳ<br>2. Маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати то 2 сол | 1. Маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз 1 то 7 сол |

Маҳрум сохтан аз озодӣ ҳамчун навъи анъанавии ҷазо дар ҳамаи кодексҳои ҷиноятии давлатҳои ИДМ ва соҳили Балтика вуҷуд дорад. Аз миёни 15 ҷумҳурӣ 9 кишвар бе ишора ба ҳадди пойинтарини ҷазо, ҳадди болотарини онро дар шакли се соли маҳрум сохтан аз озодӣ муқаррар менамоянд. Доштани санксияҳои нисбатан сабук аз хусусияти фарқкунандаи қонунгузориҳои ҷумҳуриҳои Озарбойҷон ва Эстония ба ҳисоб меравад. Ҷазои нисбатан вазнинтар барои расонидани зарари миёна ба саломатии шахс муқаррар шудааст: 1) Молдавия – 4 сол, 2) Латвия, Қирғизистон, Қазоқистон – 5 сол.

Содир намудани ҷиноят бо таркиби бандубасткунандаи ҷиноят афзоиши дараҷаи ҷазоро пешбинӣ менамояд. Барои мисол, 11 давлат давраи ҳадди аксари ҷазо барои амали мавриди назарро то 5 соли маҳрум сохтан аз озодӣ боло бурдаанд. Қирғизистон ва Молдавия ҷазои ҳаддиаксарро дар шакли маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати то 7 сол муқаррар намудаанд. Нисбатан санксияи вазнинтарро дар ин замина, Кодекси ҷиноятии Латвия пешбинӣ намудааст: 8 соли маҳрум сохтан аз озодӣ. Илова бар ин, қонунгузориҳои ҷиноятии ҳамаи давлатҳои ИДМ ва соҳили Балтика бидуни истисно ба сифати ҷазои бидуни алтернативӣ ҷазои маҳрум сохтан аз озодиро пешбинӣ менамоянд. Низоми ҷазоро дар ҶТ З.Х. Зокирзода[90] ва З.А. Камолов нисбатан муфассал таҳқиқ намудааст[91].

Тавре ки дар ҷалвали 5 ба мушоҳида мерасад, санксияи таркибҳои асосии тамоми давлатҳо-аъзои ИДМ ва соҳили Балтика алтернативӣ мебошанд ва аз ду то панҷ намуди ҷазои гуногунро дарбар мегиранд. Аз нуқтаи назари мо, формулае, ки аз сӯйи қонунгузори Ҷумҳурии Тоҷикистон ба кор бурда шудааст, нисбатан мутобиқ ва мувофиқтар бо хусусият ва дараҷаи хавфи ҷамъиятии доштаи кирдори мавриди омӯзиш ба ҳисоб меравад. Дар айни замон, аз дидгоҳи мо зарур ва лозим аст, ки имкони ворид сохтани ҷазои алтернативӣ нисбат ба ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ, ки он метавонад барои мисол, таъини корҳои ҳатмӣ бошад, мавриди омӯзиш қарор бигирад.

Қонунгузории давлатҳои аврупоӣ ба таври ҷиддӣ ҳам аз Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳам аз кодексҳои ҷиноятии давлатҳои ИДМ ва соҳили Балтика фарқ менамояд.

Аз нигоҳи қонунгузори Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун нишондиҳандаи асосии хавфи иҷтимоӣ доштани сӯиқасд ба саломатии инсон, ба таври анъанавӣ оқибатҳои ҷиноятӣ ба ҳисоб меравindependent. Мушаххасан, онҳо, яъне

[90] Ниг.: Зокирзода З.Х., Муқимов С.Д. Низоми ҷазо дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон / З.Х. Зокирзода, С.Д. Муқимов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2022. – №5. – С. 218-225.

[91] Ниг.: Камолов З.А. Система наказаний по уголовному кодексу Республики Таджикистан: дис. … канд. юрид. наук. – Иркутск, 2009. – 193 с.

оқибатҳои ҷиноятӣ аломати ҷудокунандаи таркибҳои зарари вазнин, миёна ва сабук ба саломатии шахс дониста мешаванд.

Тайи солҳои ахир мавҷудият ва муассир будани чунин бархурду шева шубҳаву гумонҳои зиёдро ба миён овардааст. Бо такя ба усули ҷавобгарии субъективӣ, олимони ватанӣ ҳар чӣ бештар ин суолро матраҳ менамоянд: оё метавон дар ҳолате, ки ҳатто мутахассисони баландихтисоси экспертизаи судиву тиббӣ дар аксари ҳолат нисбат ба механизми ташаккул ва инкишофи робитаи сабабӣ ба таври пурра мутмаин нестанд, ҷинояткорро бар асоси оқибатҳои ниҳоии амалаш гунаҳкор донист? Вале агар ошкорро бигӯем, мутахассисон ҳамеша нисбат ба ин ё он масъала ҳатто агар онҳо дар рӯйи коғаз сабт нашуда бошанд ҳам шакку тардиди муайяне доранд. Афзун бар ин, раванди торафт дар ҳоли бадшавии таъминоти баду номатлуби кадрҳо дар соҳаи фаъолиятҳои вобаста ба экспертизаи судиву тиббӣ (мисли дигар соҳаҳои алоқаманд ба фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ) низ бар вазъи мавҷуд таъсири манфии худро мерасонад: ба ҷойи кадрҳои моҳиру баландихтисос кадрҳои ғайрикасбӣ ба кор меоянд. Дар чунин ҳолат чӣ гуна метавон вазъро тағйир дод?

Замони он фаро расидааст, ки меъёрҳои арзёбии ҷиноятҳои вобаста ба расонидани зарарҳои мухталифи вазнин ба саломатӣ бояд аз нав бознигарӣ гарданд. Дар ин замина, барои мо ҳуқуқи ҷиноятии давлатҳои Аврупо метавонад омӯзанда ва муфид бошанд. Дар миёни давлатҳои аврупоӣ, маъмулан, кишварҳое вуҷуд доранд, ки ба таври суннатӣ ва анъанавӣ бо қонунгузории ҷиноятии пешрафтаи худ фарқ мекунанд. Олмон, Австрия, Швейтсария, Белгия ва Фаронса ба гуруҳи чунин давлатҳо дохил мегарданд. Кишварҳои Аврупо бо надоштани бархурди ягона нисбат ба мавзуи конструксияи системаи ҷиноятҳо ба муқобили саломатӣ аз ҳам тафовут доранд.

Зимни баррасии таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории ҷиноятиии давлатҳои пасошуравӣ оид ба қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ хулосаҳои зайл бароварда шуд:

1. Қонунгузории давлатҳои аврупоӣ ба таври ҷиддӣ ҳам аз Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳам аз кодексҳои ҷиноятии давлатҳои ИДМ ва соҳили Балтика фарқ менамояд. Аз нигоҳи қонунгузори Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун нишондиҳандаи асосии хавфи иҷтимоӣ доштани сӯйиқасд ба саломатии инсон, ба таври анъанавӣ оқибатҳои ҷиноятӣ ба ҳисоб мераванд. Мушаххасан, онҳо, яъне оқибатҳои ҷиноятӣ аломати ҷудокунандаи таркибҳои зарари вазнин, миёна ва сабук ба саломатии шахс дониста мешаванд.

2. Маҳрум сохтан аз озодӣ ҳамчун намуди анъанавии ҷазо дар ҳамаи кодексҳои ҷиноятии давлатҳои ИДМ ва соҳили Балтика вуҷуд дорад. Аз миёни 15 ҷумҳурӣ 9 кишвар бе ишора ба ҳадди пойинтарини ҷазо, ҳадди болотарини онро дар намуди се соли маҳрум сохтан аз озодӣ муқаррар менамоянд. Доштани санксияҳои нисбатан сабук аз хусусияти фарқкунандаи қонунгузориҳои ҷумҳуриҳои Озарбойҷон ва Эстония ба ҳисоб меравад. Ҷазои нисбатан вазнинтар барои расонидани зарари миёна ба саломатии шахс муқаррар шудааст: 1) Молдавия – 4 сол, 2) Латвия, Қирғизистон, Қазоқистон – 5 сол.

3. Санксияи таркибҳои асосии тамоми давлатҳо-аъзои ИДМ ва соҳили Балтика алтернативӣ мебошанд ва аз ду то панҷ навъи ҷазои гуногунро дарбар мегиранд. Аз нуқтаи назари мо, формулае, ки аз сӯйи қонунгузори Ҷумҳурии Тоҷикистон ба кор бурда шудааст, нисбатан мутобиқ ва мувофиқтар бо хусусият ва дараҷаи хавфи ҷамъиятии доштаи амали мавриди омӯзиш ба ҳисоб меравад. Дар айни замон, аз дидгоҳи мо зарур ва лозим аст, ки имкони ворид сохтани ҷазои алтернативӣ нисбат ба ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ, ки он метавонад барои мисол, таъини корҳои ҳатмӣ бошад, мавриди омӯзиш қарор бигирад.

# БОБИ 2. ТАВСИФИ ҲУҚУҚИ ҶИНОЯТИИ ҚАСДАН РАСОНИДАНИ ЗАРАРИ МИЁНА БА САЛОМАТӢ

## 2.1. Объект ва предмети қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ

Объекти ҷиноят унсури ҳатмии таркиби ҷиноят мебошад. Ин маънои онро дорад, ки ҷиноят бе объект вуҷуд надорад. Объекти ҷиноят муносибати ҷамъиятие дониста мешавад, ки қонуни ҷиноятӣ онро ҳифз менамояд ва дар натиҷаи таҷовуз, ба он зарар расонида мешавад[92].

Олими ватанӣ К.Ҳ. Солиев низ объекти ҷиноятро манфиатҳои (арзишҳои) бо қонуни ҷиноятӣ хифзшаванда эътироф намуда, зикр менамояд, ки ин манфиатҳо мазмуни муносибатҳои гуногуни ҷамъиятиро ифода мекунанд[93].

Унсури асосии таркиби ҷиноятро объекти ҷиноят ташкил медиҳад. Ҷиноятҳои бидуни объект вуҷуд надорад[94]. Объекти ҷиноят муносибати ҷамъиятӣ дониста мешавад, ки қонуни ҷиноятӣ онро ҳифз намуда, ва дар натиҷаи таҷовуз ба он зарар ворид карда мешавад.

Дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ сохти таркибии ҳар як ҷиноят аз чор унсури асосӣ объект, тарафи объективӣ, субъект ва тарафи субъективии ҷиноят иборат мебошад. Дар адабиёти ҳуқуқӣ объекти ҷиноят ба сифати муносибатҳои ҷамъиятӣ эътироф мегарданд.

Ҳамин тавр, объекти ҷиноят – «муносибатҳои ҷамъиятие дониста мешаванд, ки аз ҷониби қонунгузории ҷиноятӣ ҳифз мегарданд»[95]. Ҳар гуна кирдори аз лиҳози иҷтимоӣ хавфноки (ҳаракат ва беҳаракатӣ) дар қонуни ҷиноятӣ муқарраршуда, дар умум ин ё он объекти дахлдорро мавриди таҷовуз қарор медиҳад. Объекти ҷиноят ҳам дар муайян кардани конструксияи таркиби ҷиноят дар маҷмуъ ва ҳам дар тавсифу баёни унсурҳои

---

[92] Ниг.: Шарипов М.М. Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ришвадиҳии тиҷоратӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон: дис. ... ном. илм. ҳуқуқ. – Душанбе, 2022. – С. 51.
[93] Ниг.: Солиев К.Ҳ. Таркиби ҷиноят. – Душанбе: Ирфон, 2014. – С. 14.
[94] Ниг.: Кадников Н.Г. Квалификация преступлений и вопросы судебноготолкования: теория и практика: Учеб. пособие. – М.: Норма, 2003. – С. 21; Трайнин А.Н. Общее учение о составе преступления. – М.: Госюриздат, 1957. – С. 122.
[95] Сафаров А.И., Саидов Ш.Н., Кудратов. Н.А. Ҷиноятҳои иқтисодӣ: воситаи таълимӣ. – Душанбе 2015. – С. 6.

дигари таркиби ҷиноят, нақши муҳим мебозад[96]. Объекти ҷиноят асоси ҷудосозии таркибҳои ба ҳам наздики ҷиноят ба ҳисоб меравад, ки дорои як қатор аломатҳои ба ҳам монанд буда, ин ё он ҷиҳати таҷовузро тавсиф менамоянд. Вале ҳамчун оқибат ва натиҷаи таснифоти гуногуни ҳуқуқӣ онҳо аз нигоҳи объект дорои тафовути ҷиддӣ мебошанд. Бо дарназардошти маҷмуи объектҳои мавҷуде, ки таҳти муҳофизати ҳуқуқи ҷиноятӣ қарор доранд, метавон дар бораи самтҳои афзалиятноки сиёсати ҳуқуқи ҷиноятии давлат, дараҷаи демократӣ ва фарҳанги ҳуқуқии он муҳокимаронӣ намуд. Нуктаҳои дар боло матраҳшуда оид ба зарурати баррасии ҷиддиву ҳаматарафаи масъалаи вобаста ба объекти ҷиноятҳо ба муқобили саломатӣ ба таври куллӣ ва қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ ба таври ҷудогона аз ин шаҳодат медиҳанд.

Объекти бевоситаи ҷинояти мавриди таҳлил қарор гирифта, мувофиқи мантиқи сохти Қисми махсуси қонуни ҷиноят ва маънои муқаррар намудани манъи ҳуқуқӣ-ҷиноятии мазкур, бояд манфиатҳои адолати судӣ дар қисми таъмини фаъолияти муътадили мақомотҳои адолати судӣ ва тафтишоти пешакӣ оид ба муайян кардани шахсони гунаҳкор дар содир намудани ҷиноят ва ноил шудан ба мақсадҳои таъсири ҳуқуқии ҷиноятӣ эътироф карда шаванд[97].

Объекти ҷиноят маҳсули илми ҳуқуқи ҷиноятӣ мебошад, зеро таърифу муайянсозии анъанавии он ба таври амалӣ инъикоси худро дар қонунгузории ҷиноятӣ пайдо накардааст[98]. Вуҷуд надоштани таърифи мушаххас дар бораи объекти ҷиноят аз лиҳози қонунгузорӣ – ин натиҷаи набудани назарияи пазируфташудаи умумӣ, аз ҷиҳати илмӣ асоснок ва ҷавобгӯи талаботи таҷрибаи ҳуқуқтатбиққунӣ дар бораи мафҳуми умумии объекти ҷиноят мебошад. Тавре ки Г.П.Новоселев қайд менамояд, «Яке аз мабдаи муҳимми

[96] Ниг.: Гельфер М.А. Объект преступления. – М., I960. – С. 6.

[97] Ниг.: Хоҷазода Ф.Ф. Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои дахлдорӣ ба ҷиноят мутобиқи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон: дис. ... ном. илм. ҳуқуқ. – Душанбе, 2022. – С. 94.

[98] Ниг.: Зокирзода З.Х., Муқимов С.Д. Баъзе масъалаҳои объекти қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ / З.Х. Зокирзода, С.Д. Муқимов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2022. – №9. – С. 218-225.

консепсияи кунунии амалкунанда дар бораи мафҳуми объекти ҷиноят ба масъалаи дарку фаҳмиши он алоқамандӣ дорад»[99].

Дар адабиёти ҳуқуқии шуравӣ доир ба ҳуқуқи ҷиноятӣ, ба таври бечунучаро назарияи мушаххас дар бораи объект вуҷуд дошт, ки мувофиқи он объекти ҳар гуна ҷиноятҳо амалан муносибатҳои ҷамъиятие эътироф мешуданд, ки бевосита дар натиҷаи таҷовузи ҷинояткорона ба онҳо зарар ворид мешуд. Чунин олимони варзидаи хориҷӣ, аз ҷумла М.А. Гелфер, В.Н. Коржанский, Б.С. Никифоров, А.А. Пионтковский, С.В. Познишев, А.Н. Трайнин ва дигарон пажӯҳишҳои пурарзиши илмӣ ва таҳқиқотии худро ба омӯзиши мавзуи вобаста ба объекти ҷиноят бахшидаанд[100]. Мавзуи мазкурро дар таҳқиқоти муҳаққиқони ватанӣ З.Х. Зокирзода[101], З.А. Камолов[102], С.Ғ. Сатторов[103], Ш.Л. Холиқзода[104], С.Х. Ҳусейнзода, М.А. Нажбудинов, ва Ҷ.У. Ҳикматзода[105] низ, вохӯрдан мумин аст.

Наметавон дастовардҳои олимони даврони шуравиро дар кори омӯзишу таҳқиқи мавзуи объекти ҷиноят нодида гирифт, вале дар баробари ин бояд ёддовар шуд, ки пазируфта нашудани назарияҳои гуногун доир ба объекти ҷиноят тавассути илм, ки бо идеологияи ҳокимиятӣ он давра мутобиқат надошт, мутаассифона соҳаи омӯзишу ҷустуҷӯҳои илмиро дар чаҳорчӯбҳои мавҷуди он замон то андозае маҳдуд намуда буд. Идеологизатсияи аз ҳад зиёди ҳокимияти, мутаассифона, ба назарияи расмӣ оид ба объекти ҷиноят,

---

[99] Уголовное право. Общая часть: Учеб. для вузов / Отв. ред. И.Я. Козаченко, З.А. Незнамова. – М: НОРМА-ИНФРА – М, 2000. – С. 125.

[100] Ниг.: Гельфер М.А. Объект преступления. – М., I960. – С. 6.; Коржанский Н.И. Объект и предмет уголовно-правовой охраны. – М.: Акад. МВД СССР, 1980. – 248 с.; Никифоров Б.С. Объект преступления по советскому уголовному праву. – М.: Госюриздат, 1960. – 229 с.; Пионтковский А.А. Учение о преступлении по советскому уголовному праву. – М.: Госюриздат, 1961. – 666 с.; Познышев С.В. Учебник уголовного права: Общая часть. Очерк основных начал Общей и Особенной части уголовного права. Т. 1. – М.: Юрид. изд-во Наркомюста, 1923. – 300 с.; Трайнин А.Н. Общее учение о составе преступления. – М.: Госюриздат, 1957. – 321 с.

[101] Ниг.: Зокирзода З.Х., Муқимов С.Д. Баъзе масъалаҳои объекти қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ / З.Х. Зокирзода, С.Д. Муқимов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2022. – №9. – С. 218-225.

[102] Ниг.: Камолов З.А. Система наказаний по уголовному кодексу Республики Таджикистан: дис. … канд. юрид. наук. – Иркутск, 2009. – 193 с.

[103] Ниг.: Сатторов Ғ.С. Ҳуқуқи ҷиноятӣ (қисми махсус). – Душанбе, 2018. – 144 с.

[104] Ниг.: Халиков Ш.Л. Уголовная ответственность за умышленное причинение тяжкого вреда здоровью по законодательству Республики Таджикистан: дис. … канд. юрид. наук. – Душанбе, 2017. – 178 с.

[105] Ниг.: Ҳусейнзода С.Х., Нажбудинов М.А., Хикматзода Ҷ.У. Ҷиноятҳо ба муқобили саломатӣ. Дастури таълимӣ. – Душанбе: Эр-граф, 2017. – 372 с.

ки бар асоси он муносибатҳои ҷамъиятӣ объекти таҷовуз қарор мегирифтанд, таъсири бояду шояди мусбат нагузошта буд[106]. Зимни эътироф намудани муносибатҳои ҷамъиятӣ ҳамчун объекти ҷиноят бояд таъкид шавад, ки дар заминаи муносибатҳои ҷамъиятӣ ҳамчун падидаи иҷтимоӣ аз сӯйи олимон таҳқиқотҳои ҷиддиву амиқ анҷом нашудааст, ки ин дар навбати худ боиси ба миён омадани як қатор ихтилофҳои ҳалношуда гардидааст. Ҳалли ин ихтилофҳо бидуни тағйир додани бархурд нисбат ба равиши омӯзишу баррасии объекти ҷиноят имконнопазир аст. Таъкид мешавад, ки муқаррароти назарияи мазкур дар ҳолатҳои истисноӣ ҳангоми таҳлили таркибҳои ҷудогонаи ҷиноят тасдиқи худро пайдо намудаанд. Дар муайян кардани намуд, ҷинс ва бевосита будани объекти ҷиноят ҳам душвориҳои зиёд ба назар мерасид.

Шуруи таҳаввулоти демократӣ дар кишвари мо мутахассисону олимони ватаниро ба он водор намуд, ки нисбат ба аксар ҳолату муқаррароти назария дар бораи объекти ҷиноят таҷдиди назар намоянд. Ҳамин тавр, назарияҳои гуногуне ба вуҷуд омаданд, ки бар асоси онҳо пешниҳод мешуд, ки фарди алоҳида ва ё гурӯҳи ҷудогонаи шахсон манфиатҳои қонунии ҳимоятшаванда, неъматҳои муайяни ҳуқуқӣ (ҳаёт, саломатӣ, моликият ва ғайра) ба сифати объекти ҷиноят шинохта шаванд.

Дар ин робита мавқеъ ва нуқтаи назари Г.П. Новоселов, ки дар асари таҳқиқотии муаллиф бо номи «Таълимот дар бораи объекти ҷиноят. Ҷанбаҳои методологӣ» омадааст, хеле ҷолиб ба назар мерасад[107]. Муллифи мазкур, аз ҷумла чунин меҳисобад, ки муносибатҳои ҷамъиятӣ наметавонанд ба сифати объекти ҷиноят баромад кунанд, зеро таҷовуз на ҳама вақт ба он чи ки тағйир меёбад, балки ба он манфиатҳое, ки ба ин тағйирот дахл доранд, зарар ворид менамоянд. Мазмуну муҳтавои муносибатҳои ҷамъиятиро мавриди таҳлилу омӯзиш қарор дода, Г.П. Новоселов ба чунин

[106] Ниг.: Зокирзода З.Х., Муқимов С.Д. Баъзе масъалаҳои объекти қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ / З.Х. Зокирзода, С.Д. Муқимов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2022. – №9. – С. 218-225.
[107] Ниг.: Новоселов Г.П. Учение об объекте преступления. Методологические аспекты. – М.: Норма, 2001. – 208 с.

хулоса меояд, ки ҳар як ҷиноят ин муносибати шахс нисбат ба шахс мебошад. Ва ҳамин тавр дар натиҷа, на худи муносибати ҷамъиятӣ, балки танҳо як ҷанбаи он объекти ҷиноят ба ҳисоб меравад. Ба сифати объекти ҷиноят, ҳамеша шахси алоҳида ё гуруҳи шахсони ҷудогона баромад мекунанд[108]. Ба андешаи мо ба ин тарз дарк намудани объекти ҷиноят ба содаву роҳат шудани фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мусоидат наменамояд, зеро ин метавонад ба таври ҷиддӣ таснифоти ҷиноятҳоро душвортар гардонад. Барои мисол, ҳангоми расонидани зарар ба саломатии инсон дар ҳолати мудофиаи зарурӣ, ба шахс зарар ворид мегардад, аммо дар ин сурат ҷавобгарии ҷиноятӣ истисно мегардад. Зеро зарар дар чунин ҳолат на ба шахсият ҳамчун маҷмӯи муносибатҳои ҷамъиятӣ, балки ба инсон ҳамчун мавҷуди биологӣ расонида мешавад[109].

Г.П. Новоселов пешниҳод менамояд зери мафҳуми объекти ҷиноят шахсони ҷудогона ва ё ҷамъе аз афрод, арзишҳои моддӣ ва ғайримоддие дар назар гирифта шавад, ки мавриди таъсири ин ё он кирдори ҷиноятӣ қарор мегиранд ва дар натиҷаи ин таъсир ба шахс зарар расонида мешавад ва ё таҳдиди расонидани хатар ба вуҷуд меояд. С.В. Расторопов дуруст қайд менамояд, ки консепсияи мазкур на он қадар қаноатбахш ба назар мерасад, зеро дар айни ҳол ки қонуни ҷиноятӣ нишондиҳанда ва баёнкунандаи иродаи давлат аст, ҳамзамон он ба таври умумӣ давлат ва ҷомеаро ҳифз менамояд, аъзои ҷудогонаи ҷомеа танҳо дар сурате таҳти ҳимояи қонун ва давлат қарор мегиранд, ки агар ин мухолифи манфиатҳои ҷомеа ва давлат набошад[110]. А.Н. Игнатов бо ишора ба гуногунтаркибӣ, аз ҳадд зиёд абстракт будани муносибатҳои ҷамъиятӣ пешниҳод менамояд, ки неъматҳои ҳуқуқӣ ва манфиатҳои ҳифзгардида ба сифати объекти ҷиноят мавриди таҳқиқ қарор

---

[108] Ниг.: Новоселов Г.П. Учение об объекте преступления. Методологические аспекты. – М.: Норма, 2001. – 208 с.; Уголовное право. Общая часть: Учеб. для вузов / Отв. ред. И.Я. Козаченко, З.А. Незнамова. – С. 125-144.

[109] Ниг.: Зокирзода З.Х., Муқимов С.Д. Баъзе масъалаҳои объекти қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ / З.Х. Зокирзода, С.Д. Муқимов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2022. – №9. – С. 218-225.

[110] Ниг.: Расторопов С.В. Состав преступления против здоровья человека: монография. – Рязань, 2003. – С. 63.

бигиранд[111]. Аз нигоҳи А.Н. Игнатов чунин бархурд дорои як қатор бартариҳои баҳснопазир дар муқоиса бо мафҳуми «муносибатҳои ҷамъиятӣ» мебошад. Ба эътиқоди ин муаллиф, «манфиатҳои ҳимояшаванда» ва «неъматҳо»-е ки ба сифати объекти ҷиноят эътироф мешаванд, бо хосияти мувофиқатпазирии осон нисбат ба махсусиятҳои танзими ҳуқуқӣ фарқ мекунанд ва онҳо имкон медиҳанд, ки ба таври назаррас раванди мушахасгардонӣ осон ва роҳат гардад. Ба таври беасос айният додани категорияҳои «манфиатҳои ҳимояшаванда» ва «манфиати ҳуқуқӣ»-ро бояд нуктаи заъфи консепсияи мазкур эътироф намуд[112]. Илова бар ин, зимни баршумурдани неъмату манфиатҳои мушаххас имкон дорад дар натиҷаи содиршавии ҷиноят ба онҳо зарар расонида шавад, А.Н. Игнатов онҳоро на ба мафҳуми пурраи объект, балки ҳамчун бахше аз объект арзёбӣ мекунад. Моҳиятан ин ҷо сухан дар бораи унсурҳои ҷудогонаи муносибатҳои ҷамъиятӣ меравад, ки таъсир расонидан ба онҳо метавонад ба таври куллӣ ба тамоми муносибатҳо зарар ворид намояд. А.В. Пашковская низ дар ин робита мавқеъ ва нуқтаи назари монанд дорад. Аз нуқтаи назари муаллифи мазкур, зери мафҳуми объекти ҷиноят «арзиш, манфиат ва неъматҳои дорои аҳамияти иҷтимоии тавассути қонуни ҷиноятӣ ҳимоятшаванда дар назар дошта мешавад»[113]. Бидуни зери суол қарор додани ин мавқеъ, фақат ин нукта бояд таъкид шавад, ки бар асоси диди мо ба сифати объекти умумии ҷиноят муттаҳид кардани категорияҳои мухталиф, аз ҷумла категорияи «арзишҳо», «манфиатҳо» ва «неъматҳо» на фақат масъалаи ошкорсозии объекти бевоситаро осон намесозад, балки гузашта аз он онро қатъиян мураккаб мегардонад. Манфиат, арзиш ва неъматҳо ба таври ҷудонопазир ба муносибатҳои ҷамъиятӣ алоқаманд буда, ҳамчун падида ва моҳият бо онҳо,

---

[111] Ниг.: Уголовное право России: Учебник: В 2 т. Т. 1. Общая часть / Под ред. А.И. Игнатова, Ю.А. Красикова. – М.: НОРМА-ИНФРА-М, 2000.– С. 104.

[112] Ниг.: Зокирзода З.Х., Муқимов С.Д. Баъзе масъалаҳои объекти қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ / З.Х. Зокирзода, С.Д. Муқимов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2022. – №9. – С. 218-225.

[113] Курс уголовного права. Общая часть. Т. 1. Учение о преступлении: Учеб. для вузов / Под ред. Н.Ф. Кузнецовой, И.М. Тяжковой. – М: ИКД «Зерцало-М», 2002. – С. 209.

таносуб доранд ва дар натиҷа категорияҳои зикргардида фақат инъикос ва зоҳиршавии муносибатҳои ҷамъиятӣ ба ҳисоб меравандд[114].

Аз нигоҳи корбурд ва истифодаи объекти ҷиноят масъала ба таҳқиқоту омӯзиши ҷудогона ниёз дорад. Тавре ки қаблан зикр шуд, дар бархе аз китобҳо доир ба ҳуқуқи ҷиноятӣ таваҷҷуҳу алоқамандӣ ба сифати объекти ҷиноят мавриди баррасӣ қарор мегирад. Ба андешаи А.И. Сафарзода дуруст муайян намудани объекти ҷиноят имкон медиҳад, ки на танҳо гуруҳҳои воқеии ҷиноятҳоро аз гуруҳҳои ҷиноятҳои монанд, балки аз дигар намуди ҳуқуқвайронкуниҳо низ фарқ кард[115].

Аз сӯйи қонунгузор бо мақсади ба шакли муайян даровардани унвони бархе аз бобҳо мебошад. Эҳтимолан, ин ба майлу таваҷҷуҳи қонунгузор барои осонсозии раванди муайян намудани объекти бевосита ва намудӣ алоқаманд мебошад. Дар ин миён таваҷҷуҳу алоқамандӣ набояд ҳамчун объекти ҷиноят, балки ҳамчун инъикос ва зоҳиршавии он арзёбӣ гардад. Зеро дар аксари мавридҳо, муносибатҳои ҷамъиятӣ тавассути манфиатҳои ширкаткунандагони онҳо ошкор мегарданд. Таҳлили манфиатҳо, дар навбати худ, метавонад ба таври ҷиддӣ, барқарорсозии раванди муносибатҳои ҷамъиятиро содаву осон гардонад.

Тамоми назарияҳое, ки мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд, ба истистнои назарияҳои муносибатҳои ҷамъиятӣ сарфи назар аз доштани асли муҳим, аз асосу далели кофии илмӣ бархурдор набуда, дорои хусусияти намоишӣ мебошанд. Ба андешаи З.Х. Зокирзода ҳамчун объекти ҷиноят шинохтани муносибатҳои ҷамъиятӣ сарфи назар аз доштани фишори идеологӣ нисбатан асоснок ба назар мерасад[116].

Мушкилии аслии назарияи мазкур дар он ифода меёбад, ки нуқтаи назари воҳиду ягона дар робита ба мафҳуми муносибатҳои ҷамъиятӣ вуҷуд

[114] Ниг.: Зокирзода З.Х., Муқимов С.Д. Баъзе масъалаҳои объекти қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ / З.Х. Зокирзода, С.Д. Муқимов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2022. – №9. – С. 218-225.
[115] Ниг.: Сафарзода А.И. Уголовно-правовая охрана предпринимательской деятельности в Республике Таджикистан: дис. … д-ра юрид. наук. – Душанбе, 2018. – С. 104
[116] Ниг.: Зокирзода З.Х., Муқимов С.Д. Асари зикршуда. – С. 218-225.

надорад. Матлаби мазкур на танҳо ба ҳуқуқи ҷиноятӣ, балки ба илми фалсафа, ки дар он низ ба мафҳуми мазкур таваҷҷуҳи зиёд дода мешавад, дахл дорад. Ҳамин тавр, зери мафҳуми муносибатҳои ҷамъиятӣ «муносибатҳое, ки миёни афрод ташаккул меёбанд»[117], «робитаҳои гуногуне, ки дар миёни афрод дар бахшҳои мухталифи ҳаёти ҷамъиятӣ», аз ҷумла фаъолиятҳои объективӣ, ирсӣ, ҷамъӣ, ҳамкории муштараки байни афрод[118], «робитаҳои иҷтимоие, ки тавассути хусусияти объект ва субъекти фаъолият»[119] муайян мегарданд, сохтори объективӣ ва устувори муносибатҳои иҷтимоӣ, ки мутобиқ ба навъ ва мавзуи фаъолиятҳои инсонӣ ташаккул ва тағйир ёфта, ҳамчун манфиатҳои васеи афрод»[120] ошкор мегарданд, дар назар дошта мешавад. Новобаста ба тафовутҳои ҷиддии мафҳумҳои овардашуда, нуктаи аслии бунёдӣ он аст, ки муносибатҳои иҷтимоӣ робитаи байни субъектҳои муносибатҳое мебошанд, ки дар ҷараёни фаъолиятҳои моддиву маънавии субъектҳои мавриди назар ташаккул меёбанд.

Системаи муносибатҳои иҷтимоӣ аз муносибатҳои иҷтимоии мухталиф, аз ҷумла муносибатҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва ғайра иборат мебошад. Вале ҳуқуқи ҷиноятӣ фақат маҷмуи муносибатҳоеро таҳти ҳимояи худ қарор медиҳад, ки онҳо барои ҷомеа ва давлат бештар муҳимму калидӣ ба ҳисоб меравindependent. Аз ин рӯ, дар маҷмуъ, объекти ҷиноят на ҳамаи низоми муносибатҳои иҷтимоӣ, балки фақат ҳамон бахше аз муносибатҳо баромад мекунанд, ки таҳти ҳимояи қонуни ҷиноятӣ қарор доранд. Дар навбати худ, тағйирнопазирӣ хоси маҷмуи муносибатҳои ҷамъиятии дорои ҳимояи ҳуқуқӣ нест. Онҳо тавассути криминализатсияи кирдорҳои хавфноки ҷамъиятӣ (декриминализатсия) тағйир меёбанд ва бо ин роҳ объекти муҳофизати ҳуқуқи ҷиноятӣ низ дигаргун мегардад.

---

[117] Рожин В.П. Введение в марксистскую социологию. – Л.: Изд-во Ленингр. ун-та, 1962. – С. 52.
[118] Ниг.: Келле В.Ж. Роль субъективного фактора в совершенствовании социалистических общественных отношений / В.Ж. Келле // Филос. науки. – 1968. – №1. – С. 15.
[119] Перфильев М.Н. Общественные отношения. Методологические и социальные проблемы. – Л.: 1974. – С. 107.
[120] Социальные и политические отношения развитого социализма / Под ред. Г.А. Белова. – М., 1985. – С. 5.

Тавре ки зикр шуд, муносибатҳои ҷамъиятӣ категорияи илмии байнисоҳавие шуморида мешаванд, ки бештар ба таври бунёдӣ дар соҳаи фалсафа мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд. Вале мо чунин меҳисобем, ки он ба таври ҷиддӣ бояд аз нуқтаи назари ҳуқуқи ҷиноятӣ бо мақсади ошкор сохтани муносибатҳое, ки ба сифати объекти ҷиноят баромад мекунанд, мавриди баррасӣ қарор бигирад. Ба ғайр аз ин, дар миёни муҳаққиқон мавзуи вобаста ба сохтори муносибатҳои иҷтимоӣ ҳамоно баҳсбарангез боқӣ мемонад[121].

Тамоми масъалаҳои вобаста ба назарияи объекти ҷиноят, ки дар боло ба онҳо ишора шуд, ҳамчун муносибатҳои иҷтимоӣ роҳи ҳалли худро дар корҳои пажӯҳишии анҷомдодаи Л.Д. Гаухман[122] ёфтаанд. Аз дидгоҳи ин муаллиф, муносибатҳои иҷтимоӣ ҳамчун объекти ҷиноят дорои нӯҳ аломат мебошанд:

1. Муносибатҳои ҷамъиятӣ таҷассум ва инъикоскунандаи моҳияти сохти иҷтимоӣ-иқтисодӣ мебошанд. Ба ибораи дигар, бо дарназар гирифтани маҷмуи муносибатҳое, ки таҳти муҳофизати ҳуқуқи ҷиноятӣ қарор доранд ва ҳамчунин ҷиддӣ ва сахт будани ҳифозати онҳо, метавон муайян намуд, ки кадом навъи муносибатҳои ҷамъиятӣ муносибатҳои асосӣ ва бунёдӣ барои сохти мавриди назар ба ҳисоб меравабанд.

2. На ҳамаи муносибатҳои ҷамъиятӣ объекти ҷиноят эътироф карда мешаванд. Фақат он қисм аз муносибатҳои ҷамъиятӣ объекти ҷиноят эътироф мегарданд, ки ба нафъи синфи ҳоким мебошанд. Ин ба маънои бархурди сахту ҷиддии синфӣ нисбат ба муайян сохтани объекти муҳофизати ҳуқуқи ҷиноятӣ нест, зеро ҳангоми муайян сохтани маҷмуи муносибатҳои ҷамъиятии ташкилдиҳандаи объекти умумии ҷиноят, бешубҳа, арзишҳои умумиинсонӣ ба назар гирифта мешаванд.

---

[121] Ниг.: Зокирзода З.Х., Муқимов С.Д. Баъзе масъалаҳои объекти қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ / З.Х. Зокирзода, С.Д. Муқимов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2022. – №9. – С. 218-225.
[122] Ниг.: Гаухман Л.Д. Квалификация преступлений: закон, теория, практика. – М., 2003. – С. 60-84.

3. Муносибатҳои ҷамъиятии нисбатан муҳим ва пурарзиш объекти ҷиноят эътироф мегарданд.

4. Объекти ҷиноят – категорияи комилан иҷтимоӣ буда, он ҳеҷ гуна ҷанбаи моддиро дарбар намегирад. Маҳз ҳамин аломат имкон медиҳад, ки миёни предмет ва объекти ҷиноят марзи мушаххас гузошта шавад. Ҳамин тавр, метавон таъкид намуд, ки сарфи назар аз вуҷуд доштани алоқаи тарафайн, предмет ҷузъи объекти ҷиноят ба ҳисоб намеравад.

5. Муносибатҳои ҷамъиятие, ки ба соҳаи зербино (базис) ва рӯбино (надстройка) марбут мебошанд, объекти ҷиноятро ташкил медиҳанд.

6. Он муносибатҳои ҷамъиятие, ки бештар дорои ҷанбаи умумӣ мебошанд ба сурати умумӣ метавонанд мавриди объекти ҷиноятӣ қарор бигиранд.

7. Субъекти муносибатҳои ҷамъиятие, ки объекти ҷиноят ба ҳисоб мераванд, дар маҷмуъ ҷомеа эътироф мегардад. Аломати мазкур аз он далолат медиҳад, ки муносибатҳои ҷамъиятӣ ба сифати объекти ҷиноят субстансияи бидуни субъектро ташкил медиҳанд, зеро ҳамчун объекти ҷиноят моҳияти муносибатҳои ҷамъиятии дорои тартиби лозим баромад мекунад. Дар ин робита, бояд таъкид намуд, ки ақидаи дар адабиёти илмӣ паҳнгардида дар бораи конструксияи сеузвии муносибатҳои ҷамъияӣ, ки субъектҳои марбут ба муносибатҳо, предметҳои ҷаҳони моддӣ ба он дохил мегарданд ва заминаи онҳо муносибатҳои ҷамъиятӣ ва алоқаи иҷтимоӣ вуҷуд доранд, дурусту асоснок нест.

8. Маҳз муносибатҳои ҷамъиятии тавассути қонуни ҷиноятӣ муҳофизатгардида дар ниҳоят метавонанд ҳадафи ҷиноят қарор бигиранд. Эътироф гардидани муносибатҳои ҷамъиятӣ ҳамчун объекти ҷиноят имкон медиҳад аломати моддии ҷиноят – хавфи ҷамъиятӣ ба эътибор гирифта нашавад.

9. Ҳангоми содир шудани ҷиноят муносибатҳои ҷамъиятӣ вайрон намегарданд, аз байн бурда намешаванд. Онҳо фақат риоят намешаванд. Ҷудо намудани ин аломат механизми таъсиргузорӣ ба объекти ҷиноятро

ошкор месозад. Барои намуна ҳангоми содиршавии ҷиноят мутобиқи моддаи пешбинишудаи 111 КҶ ҶТ ба саломатии шахс зарар расонида мешавад, вале ин ба маънои аз байн бурдани муносибатҳои ҷамъиятӣ, ки саломатии шахсро муҳофизат менамоянд ва ё зарар расонидан ба онҳо нест. Сарфи назар аз он ки муносибатҳои ҷамъиятӣ вайрон карда мешаванд, вале онҳо мушаххасан баъд аз содир шудани ҷиноят ҳам амал мекунанд. Дар натиҷаи содир гардидани ҷиноят фақат предмети ҷиноят тағйир меёбад. Дар асоси он чи ки дар ин ҷо матраҳ гардид, мо андешаеро, ки мувофиқи он муносибатҳои ҷамъиятӣ объекти ҳар гуна ҷиноятро ташкил медиҳанд асоснок ва дуруст меҳисобем.

Назарияе, ки бар асоси он муносибатҳои ҷамъиятӣ ташкилдиҳандаи объекти ҷиноят ба ҳисоб мераванд, имкон медиҳад системаи вертикалии намудҳои объекти ҷиноят муайян ва мушаххас гардад. Объекти ҷиноят ба вертикалӣ ва горизонталӣ ва инчунин дар навбати худ ба умумӣ, хелӣ ва намудӣ ҷудо карда мешавад[123]. Бо такя ба принсипе, ки аз сӯйи қонунгузори ватанӣ дар таҳияи Қисми махсуси КҶ ҶТ истифода шудааст, метавон чаҳор намуди объекти ҷиноятро ҷудо намуд: 1) умумӣ, 2) хелӣ, 3) намудӣ, 4) бевосита. Мавқеи мазкур дар ҳуқуқи ҷиноятии ватанӣ пазируфташуда ба назар мерасад[124].

Таснифоти объектҳо ба умумӣ, хелӣ ва бевосита, ки аз ҷониби бисёре аз муаллифон пешниҳод гардида буд, минбаъд бо объекти намудии ҷиноят комил гардонида шуд[125].

Дигар нуқтаи назар доир ба хелҳои объекти ҷиноят низ нишон дода мешавад. Аз ҷумла, ҳамаи объектҳои ҷиноят ба се гуруҳ, яъне ба се хел тақсим мешаванд: объекти умумӣ, объекти қавмӣ (махсус) ва объекти бевосита.

---

[123] Ниг.: Шарипов Т.Ш., Азимов Н.Б., Камолов З.А., Насриддинов М.Н. Ҳуқуқи ҷиноятӣ. Қисми умумӣ: Курси мухтасари лексияҳо. – Душанбе, 2010. – С. 81-82.
[124] Ниг.: Шарипов Т.Ш., Сафарзода А.И., Камолов З.А., Холиқзода Ш.Л., Зокирзода З.Х., Зиёбоева М.Н. Ҳуқуқи ҷиноятӣ: қисми умумӣ. Китоби дарсӣ. Нашри 5-ум, такмилдодашуда. – Душанбе, 2020. – 223 с.
[125] Ниг.: Фролов Е.А. Спорные вопросы учения об объекте преступления / Е.А. Фролов // Сб. учен. тр. – Свердловск, 1968. – Вып. 10. – С. 203-204.

– объекти умумии ҷиноят мувофиқи б. 1 м. 2 КҶ ҶТ маҷмуи манфиату неъматҳое, ки аз ҷониби КҶ ҶТ таҳти ҳифзи давлатӣ гирифта шудааст, мебошад. Объекти умумии ҷиноят, мутобиқи б. 1 м. 2 КҶ ҶТ ҳуқуқу озодиҳои инсон ва амнияти ҷамъиятӣ, сохти конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, сулҳ ва амнияти башарият дар якҷоягӣ мебошад. Яъне, маҷмуи ҳамин манфиату неъмату арзишҳои дар ин меъёри Кодекс номбаршуда объекти умумии ҷиноятро ташкил мекунад;

– объекти махсуси ҷиноят – ин як гурӯҳи якхела, як намуди манфиату неъмату арзишҳо мебошад, ки ба онҳо кирдорҳои якхела дахолат мекунад;

– объекти бевоситаи ҷиноят он манфиат ё неъмати мушахассест, ки ба вай дар натиҷаи содир шудани ҷинояти мушаххас зарар расидааст[126]. Объекти умумӣ маҷмуи муносибатҳои ҷамъиятии таҳти ҳимояти қонуни ҷиноятӣ қарор гирифта шуморида мешавад. Табиат ва муҳтавои объекти умумиро А.В. Пашковская ба таври равшан тавсиф менамояд: «Объекти умумӣ ин объекти ҷинояти ҷудогона ва тамоми ҷиноятҳо ба ҳисоб меравад»[127]. Объекти умумӣ тамоми ҷиноятҳои тавассути қонуни ҷиноятӣ пешбинишударо дарбар мегирад. Бо истифода аз мафҳуми «объекти умумии ҷиноят» аз нигоҳи назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ марзҳои мавҷуд миёни муносибатҳои ҷамъиятӣ, ки таҷовуз ба онҳо аз сӯйи давлат ҷиноят шуморида мешавад, муайян ва мушаххас мегарданд. Объекти умумии ҷиноят имкон медиҳад, ки ҷиноят аз ҳуқуқвайронкунӣ, қонуншиканӣ ва дигар шакли рафторҳои хилофи ҷамъиятӣ ҷудо карда шавад.

Объекти намудӣ гурӯҳи ҷиноятҳои яклухтеро дарбар мегирад, ки онҳо дар фасли ҷудогонаи Қисми махсуси Кодекси ҷиноятии ҶТ муқаррар гардидаанд. Ба ақидаи Р.Ҳ. Раҳимзода ва И.Ҳ. Бобоҷонзода «объекти намудӣ гурӯҳи муносибатҳои ҳамнамуде мебошанд, ки ба онҳо ҷиноят таҷовуз карда,

---

[126] Ниг.: Ҳуқуқи ҷиноятӣ (қисми умумӣ): китоби дарсӣ / Зери таҳрири Ғаффорова Н.А., Салимов Ҳ.С. – Душанбе: Зинат, 2011. – С. 98.

[127] Курс уголовного права. Общая часть. Т. 1. Учение о преступлении. Учеб. для вузов / Под ред. Н.Ф. Кузнецовой, И.М. Тяжковой. – М: ИКД «Зерцало-М», 2002. – С. 214.

ҷавобгарӣ барои он дар моддае пешбинӣ шудааст, ки дар ҳамон як боби қисми махсуси КҶ ҶТ дохил мешаванд»[128].

Объекти намудӣ дар миёни объектҳои намудӣ ва бевосита ҳолати миёнаро ишғол менамояд ва он маҷмуи муносибатҳои ҷамъиятии ба ҳам монандеро дарбар мегирад, ки мавриди таҷовузи тамоми ҷиноятҳое қарор мегиранд ва тавассути моддаҳои дар Қисми махсуси КҶ ҶТ омада пешбинӣ шудаанд. Объекти намудии боби 16 КҶ ҶТ, ки дар он ҷиноятҳои ба муқобили саломатӣ равонашуда зикр шудаанд, муносибатҳои ҷамъиятие мебошанд, ки амният ва бехатарии ҳаёт ва саломатиро таъмин менамоянд. Яъне дар ҳолати мазкур объекти намудӣ ду гуруҳи муносибатҳои ба ҳам монанди ҷамъиятиро муттаҳид менамояд: муносибатҳои таъминкунандаи бехатарии ҳаёт ва муносибатҳои таъминкунандаи бехатарии саломатӣ. Дар ин робита мавқеи С.В. Расторопов зоҳиран дуруст ба назар мерасад. Аз нигоҳи муаллифи мазкур, намудҳои ишорашударо бояд ба намуди мустақили объект, яъне ба категорияи зернамуд ҷудо намуд. Зеро аз рӯйи моҳият ва аҳамияти ҳуқуқи ҷиноятии худ ҳар кадом аз намудҳои зикршударо наметавон ба таври пурра на ба объекти бевосита ва на объекти намудӣ нисбат дод[129]. Ҳамин тавр, таҳти мафҳуми объекти ҷиноят ба муқобили саломатӣ бояд муносибатҳои ҷамъиятие фаҳмида шаванд, ки бехатари саломатии шахсро таъмин менамоянд. Сарфи назар аз муҳим будани муайянсозии объектҳои умумӣ, хелӣ ва намудӣ, коршиносон ва муаллифони адабиёти доир ба ҳуқуқ дар кори муайян намудани объекти бевоситаи ҷиноят бо душвориҳои мушаххас рӯ ба рӯ мегарданд. Ин ба он алоқаманд мебошад, ки объекти ҷинояти мушаххас ва ё гуруҳи ҷиноятҳо дорои хусусиятҳои ба худ хос мебошад. Объекти бевоситаи ҷиноят ин намуди мушаххаси муносибатҳои ҷамъиятие

---

[128] Ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон: қисми умумӣ: китоби дарсӣ / Зери таҳрири Раҳимзода Р.Ҳ., Бобоҷонзода И.Ҳ. – Душанбе, 2019. – С. 127

[129] Ниг.: Расторопов С.В. Уголовно-правовая охрана здоровья человека отпреступных посягательств: монография. – М.: Моск. ин-т экономики, менеджмента и права, 2003. – С. 260; Расторопов С.В. Объект преступлений против здоровья человека / С.В. Расторопов // Уголовное право. –2004. – №1. – С. 43-45.

мебошад, ки ба онҳо ҳамон як ҷиноят таҷовуз менамояд[130]. Объекти бевоситаи ҷиноят дар ҷудосозии ҷиноятҳои мухталифи як гуруҳ аз якдигар нақши бағоят муҳим мебозад[131]. Ба сифати объекти бевоситаи иловагӣ муносибатҳои ҷамъиятии бо қонунгузории ҷиноятӣ ҳифзшавандае, ки дар вақти содир намудани ҷиноят бо баробари зарар расонидан ба объекти бевоситаи асосӣ, ба он низ зарар ё таҳдиди расонидани чунин зарар ба вуҷуд меояд. Объекти бевоситаи иловагӣ ҳамеша дар меъёрҳои мушаххаси қисми махсуси Кодекси ҷиноятии ҶТ, ки ҷавобгариро барои ҷиноятҳои дуобъекта ё бисёробъекта муқаррар мекунад, нишон дода мешавад[132].

Дар ҳоли ҳозир аксари криминалистон аз нуқтаи назаре пуштибонӣ менамоянд, ки бар асоси он объекти бевоситаи ҷиноятҳо ба муқобили саломатӣ саломатии инсон ба ҳисоб меравад.

Саломатӣ чун унсури асосӣ баҳри таъмин намудани ҳаёт ва амалӣ намудани ҳадафҳои ботинии инсон хизмат намуда, дорои нақш ва мавқеи бориз мебошад. Масири таърих шаҳодат аз он медиҳад, ки саломативу беморӣ, саломативу марг, саломативу ҳаёт бо ҳам гоҳе дар робитаву гоҳе дар мубориза қарор доштаанд[133].

Дар зимн, ин ҳатто ба олимоне низ хос аст, ки муносибатҳои ҷамъиятиро ҳамчун объекти умумии ҷиноят қабул менамоянд. Саломатӣ ин ҳолати беҳбудии пурраи ҷисмонӣ, руҳӣ ва иҷтимоӣ, набудани беморӣ ва нуқсонҳои ҷисмонӣ мебошад[134]. Аз нуқтаи назари мо, саломатии инсон бояд ҳамчун категорияи биологӣ арзёбӣ ва мушаххас гардад. Саломатӣ хусусияти махсуси табиии инсон аст, ки ба туфайли он инсон дар ҷаҳони воқеиятҳои объективӣ

---

[130] Ниг.: Ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми умумӣ. Китоби дарсӣ / Зери таҳрири д.и.ҳ., дотсент Раҳимзода Р.Ҳ. ва д.и.ҳ., профессор Бобоҷонзода И.Ҳ. – Душанбе: ЭР-граф, 2019. – С. 128.

[131] Ниг.: Зокирзода З.Х., Муқимов С.Д. Баъзе масъалаҳои объекти қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ / З.Х. Зокирзода, С.Д. Муқимов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2022. – №9. – С. 218-225.

[132] Ниг.: Ғаффорӣ Н.А., Ҳусейнзода С.Ҳ. Ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (Қисми умумӣ). Мафҳумҳо дар нақшаҳо. – Душанбе: ЭР-граф, 2016. – С. 35; Ҳусейнзода С.Ҳ. Таркиби ҷиноят. Дастури таълимӣ. – Душанбе: ЭР-граф, 2013. – С. 47.

[133] Ниг.: Сафарзода Н.Ф. Ҳуқуқ ба саломатӣ: масъалаҳои назарӣ ва амалӣ: дис. ... ном. илм. ҳуқуқ. – Душанбе, 2022. – С. 45.

[134] Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2017 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://mmk.tj (санаи муроҷиат: 01.02.2023).

ба сар мебарад. Ба таври махсус бояд қайд намуд,ки саломатӣ ин на аломати шахсият, балки аломати инсон ҳамчун мавҷуди биологӣ мебошад. Агар тасаввур шавад, ки дар натиҷаи фоҷиаи экологӣ тамоми башарият ба ғайр аз як нафар, аз байн равад, дар ин сурат бо итминон метавон тасдиқ намуд,ки бо вуҷуди аз байн рафтани муносибатҳои ҷамъиятӣ ба сурати кулл, инсон ҳамчун мавҷуди биологӣ ба туфайли доштани саломатӣ боқӣ мемонад. Ҳамин тавр, дар иртибот бо ҷиноятҳои ба муқобили саломатӣ бояд ҳамчун категорияи биологӣ арзёбӣ гардад. Нуқтаи назаре дар илм вуҷуд дорад, ки бар асоси он ҷиноятҳои ба муқобили саломатӣ равонашуда аз қоидаи умумии маъмул истистно мебошанд ва саломатӣ ба сифати категорияи биологӣ объекти бевоситаи онҳоро ташкил медиҳад. Зимни мувофиқ будан бо тарафдорони назарияи мазкур дар робита ба баррасии ҷанбаи «саломатӣ», мо дар айни замон андешаи онҳо оид ба табиати «нодир»-и ҷиноятҳо ба муқобили саломатиро ғайриқобили қабул медонем. Чунин дарку фаҳмиши объекти ҷиноят дорои нуқсу камбудӣ буда, боиси эҷоди духурагӣ дар робита ба он мегардад, зеро тавре ки маълум аст қазовати аз нигоҳи умумӣ дуруст, аз лиҳози хусусӣ низ саҳеҳ ба назар мерасад. Аз ин нуқтаи назар, эътирофи худсаронаи объекти ҷиноят дар қатори муносибатҳои ҷамъиятӣ (ҳамчун категорияи иҷтимоӣ), падидаҳои дорои табиати моддӣ нодуруст аст, зеро он ҳам бо воқеъиятҳои ҳуқуқии мавҷуд ва ҳам бо воқеиятҳои умумиилмии пазируфташуда мухолиф аст.

Т.Г. Дауров таъкид менамояд,ки зимни баррасии саломатӣ аз нигоҳи ҷанбаи биологӣ, бархе аз муаллифон бе доштани далел аҳамияти иҷтимоии онро нодида мегиранд. Ба андешаи муаллифи мазкур, мавзуи объекти бевоситаи ҷиноят бояд ба таври комплексӣ бо дарназар гирифта шудани ҷанбаҳои биологӣ ва иҷтимоии масъала мавриди баррасӣ қарор бигирад[135]. Тавре ки мо қаблан ҳам ишора карда будем, ҳамчун падидаи иҷтимоӣ ва моддӣ арзёбӣ намудани саломатӣ номумкин аст. Аҳамияти иҷтимоии

[135] Ниг.: Даурова Т.Г. Уголовная ответственность за легкие телесные повреждения / Под ред. Ной И.С. – Саратов: Изд-во Сарат. ун-та, 1980. – С. 66.

саломатӣ дар муносибатҳои ҷамъиятӣ инъикос мегардад. Муносибатҳои ҷамъиятӣ, яъне категорияи иҷтимоӣ, объекти ҷиноятро ташкил медиҳанд. Саломатӣ нисбат ба гурӯҳи ҷиноятҳои мавриди назари мо дорои аҳамияти ҳуқуқи ҷиноятӣ мебошад. Ба ин тариқ, андешаи дар адабиёти таълимӣ паҳнгардидаро дар бораи он ки саломатии шахси дигар объекти қасдан расонидани зарари миёна ба саломатиро ташкил медиҳад, бояд беасос эътироф намуд. Ҳамин тавр, объекти бевоситаи қасдан расонидани зарари миёна ба саломатиро муносибатҳои иҷтимоие ташкил медиҳанд, ки бехатарии саломатии шахси дигарро аз хатари расонидани зарари миёна ба саломатӣ таъмин менамоянд.

Масъалаи объекти қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ ба таври зич ба ҳалли масъалаи марбут ба предмети он алоқаманд мебошад. Бештари корҳои илмии анҷомшуда, ки ба предмети ҷиноят бахшида шудаанд, бо сарфи назар намудан аз арзёбии хусусиятҳои он нисбат ба таркиби мушаххаси ҷиноят, предмети ҷиноятро ба таври умумӣ мавриди баррасӣ қарор медиҳанд. Имрӯз зарурати он пеш омадааст, ки предмети таркиби ҳар як ҷинояти ҷудогона бояд мавриди таҳқиқу омӯзиш қарор бигирад, зеро маҳз тағйир ёфтани предмети ҷиноят (ҳолати маконӣ, хусусиятҳои химиявӣ, физикӣ ва ғайра) инъикос ва ифодаи моддии таҷовузи ҷиноятӣ мебошад.

Аз сабаби он ки аксари меъёрҳои Қисми махсуси КҶ ҶТ, аз ҷумла меъёрҳои бахшидашуда ба мавзуъи таҷовуз ба саломатӣ ишораи бевосита ба объект надоранд, омӯзишу таҳқиқ ва баррасии пурраи предмети ҷиноят ба ҳалли дурусти масъалаҳои вобаста ба ошкор намудани моҳияти объекти бевоситаи ҷиноят мусоидат менамояд. Муайян намудани предмети ҷиноят аввалин қадам дар роҳи мушаххас намудани объекти ҷиноят ба ҳисоб меравад[136]. Набудани таҳқиқоту пажӯҳишҳои ҷиддӣ боиси ба миён омадани тасаввуроти зидду нақиз дар робита ба ин мафҳум мегардад. То имрӯз

[136] Ниг.: Коржанский Н.И. Предмет преступления (понятие, виды изначение для квалификации). – Волгоград: ВСШ МВД СССР, 1976. – С. 25.

масъалаҳои вобаста ба предмети ҷиноят дар таълимоти умумии марбут ба таркиби ҷиноят масъалаҳое ба ҳисоб меравanд, ки ба қадри лозим мавриди омӯзиш қарор нагирифтаанд. Дар ин замина Г.В. Новоселов аз ҷумла қайд менамояд: «то кунун дар адабиёти мо ҳолат ва муқаррароте вуҷуд дорад, ки ҷанбаи баҳсбарангез надошта бошад»[137]. Маъмулан таҳти мафҳуми предмети ҷиноят чизе фаҳмида мешавад, ки ба муқобили он таҷовузи ҷиноятӣ равона шуда бошад[138]. Дар айни замон, дар мавриди он ки зери мафҳуми предмети ҷиноят мушаххасан чӣ чиз бояд дар назар дошта шавад (арзишҳои моддӣ ва ҳам арзишҳои маънавӣ), нуқтаи назари воҳиду ягона вуҷуд надорад. Тарафдорони нуқтаи назари аввал чунин меҳисобанд,ки ҷиноятҳое вуҷуд доранд, ки дорои предмет намебошанд. Ба қатори ин ҷиноятҳо, асосан таҷовузҳои ҷиноятие дохил мегарданд,ки дар натиҷаи беҳаракатӣ содир мегарданд. Тарафдорони нуқтаи назари дигар ба ин бовар ҳастанд,ки ҷиноятҳои бидуни предмет вуҷуд надоранд ва дар робита ба ҳолати беамалӣ фаъолияти худи шахси гунаҳкор предмети ҷиноятро ташкил медиҳад.

Дар чунин ҳолат, дар робита ба муайян намудани предмети ҷиноят ба муқобили ҳаёт ва саломатӣ душвориҳои махсусе ба миён меоянд. Бисёр донишмандон намехоҳанд ин масъала роҳи ҳалл пайдо намояд. Чунин назаре вуҷуд дорад,ки мувофиқи он ҷиноятҳо ба муқобили шахсият умуман предмети худро надоранд[139]. Предмети ҷиноят на дар ҳар як ҷиноят мавҷуд аст, балки он дар ҷиноятҳое ҷой дорад, ки таҷовузи ҷинояткорона ба объекти ҷиноят тавассути бевосита расонидани таъсир ба предметҳои моддии олами беруна ба амал баровардa мешавад. Масалан, таҷовуз ба номус (м. 138 КҶ ҶТ)[140].

---

137 Уголовное право. Общая часть: Учеб. для вузов / Отв. ред.И.Я. Козаченко, З.А. Незнамова. – М: НОРМА-ИНФРА – М, 2000. – С. 129.

138 Ниг.: Большой юридический словарь / Под ред. А.Я. Сухарева, В.Е. Крутских. 2-е изд., перераб. и доп. – М.: ИНФРА-М, 2002. – С. 471.

139 Ниг.: Гельфер М.А. Объект преступления. – М., I960. – С. 15; Уголовное право России. Общая часть: Учебник / Под ред. В.Н. Кудрявцева, В.В. Лунева, А.В. Наумова. – М.: Юристъ, 2003. – С. 122.

140 Ниг.: Шарипов Т.Ш., Сафарзода А.И., Камолов З.А., Холиқзода Ш.Л., Зокиров З.Х., Зиёбоева М.Н. Ҳуқуқи ҷиноятӣ: қисми умумӣ. Нашри 4-ум, такмилдодашуда. – Душанбе, 2019. – С. 80.

Ҳамчун мавҷуди биологӣ, моҳияти инсон тавассути ҳолати физикӣ ва дар маҷмуъ тавассути фаъолияту кори тамоми узвҳои бадани вай муайян мегардад. Тавре ки дар боло қайд шуд, арзёбӣ намудани саломатии инсон ба сифати объекти таҷовузи ҷиноятӣ ғайриқобили қабул аст. Зеро он ҳамчун мавҷуди биологӣ ва ҳастии моддӣ хусусияти ҷудонопазири инсон шуморида мешавад. Дар робита ба ин чунин суол матраҳ мегардад: оё метавон саломатиро ҳамчун предмети ҷиноят арзёбӣ кард ва зери он мушаххасан чӣ дар назар дошта мешавад? Мафҳуми «саломатӣ» дар фанҳои таълимии гуногун ва соҳаи илмҳои гуманитарӣ мавриди истифода қарор мегирад. Аз ин рӯ, метавон таъкид намуд, ки ба вуҷуд овардани мафҳуми универсалии ягона ғайриимкон ба назар мерасад. Мафҳуми мазкур тақозо менамояд, ки он дар истифода ба ҳар як соҳае, ки дар он ба кор бурда мешавад мавриди арзёбӣ қарор гирад. Дар муқаддимаи асосномаи Созмони Ҷаҳонии Тандурустӣ мафҳуми саломатӣ на фақат ба маънои «надоштани беморӣ ва нуқс, балки ҳамчун ҳолати доштани хушиву беҳбудии комили ҷисмонӣ, маънавӣ ва иҷтимоӣ муайян шудааст». Таърифи овардашуда яке аз таърифҳои нисбатан умумие мебошад,ки дар худ ҷанбаҳои иҷтимоӣ ва тиббии мафҳуми «саломатӣ»-ро муттаҳид намудааст.

Вазифаи ҳуқуқи ҷиноятӣ бо тафовут аз илми тиб ин таъмин намудани вазъи рифоҳу беҳбудии ҷисмониву маънавиву иҷтимоии инсон бо роҳи мубориза бо бемориҳо нест. Вазифаи ҳуқуқи ҷиноятӣ ин пайгирии ҷиноятии шахсе мебошад, ки бо расонидани зарар ба саломатии шахс монеи расидани инсон ба ҳолати рифоҳу беҳбудӣ, ҳолати хуби ҷисмонӣ ва маънавию иҷтимоӣ мегарданд.

Дар асоси он чи матраҳ гардид, арзёбии категория саломатиро ҳамчун предмети қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ имконпазир медонем. Вале бояд зикр шавад, ки ба сифати предмети ҷиноят категорияи саломатӣ бояд аз лиҳози тиббӣ мавриди арзёбӣ қарор бигирад. Таҳлилу баррасии муқаррароти КҶ ҶТ нишон медиҳад, ки мафҳуми истифодашудаи саломатӣ хусусияти мураккаби тиббиву ҳуқуқӣ дорад. Ҳамин тавр, анҷом додани

таҳлилу омӯзиш дар робита ба мафҳумҳои мавҷуди саломатӣ бо мақсади пайдо намудани мафҳуми ҷавобгӯи талаботи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва таълимот дар бораи таркиби ҷиноят кори зарурӣ ба назар мерасад. Сарфи назар аз он ки илми тиб ва ҳуқуқи ҷиноятӣ предмет ва соҳаҳои гуногуни истифодаи амалӣ доранд, вале онҳо дорои нуқтаҳои муштарак низ мебошанд, ки омӯзишу баррасии он имкон медиҳад бархе аз падидаҳои алоқаманд ба фаъолияти инсон ба таври комилтар дарк гарданд[141].

Илми тиб зимни муайян намудани мафҳуми саломатӣ, маъмулан онро мафҳуми мухолиф бо мафҳуми беморӣ тавсиф менамояд. Дар ин хусус И.Х. Бобоҷонзода таҳқиқоти бештар бурдааст[142]. Аз нигоҳи Энсиклопедияи бузурги тиббӣ, ки он соли 1950 ба нашр расидааст, саломатӣ ҳолате аз организми инсон муаррифӣ шудааст, ки дар чунин ҳолат кори тамоми узвҳои бадан баробар бо муҳити атроф буда, дар он ҳеҷ гуна тағйироти дарднок эҳсос намешавад[143].

Дар ибтидои солҳои 70 асри XX С.Я. Якин навишта буд «Саломатӣ ин ҳаёт аст, ки он имкони иҷрои функсияҳои иҷтимоӣ, пеш аз ҳама қобилияти кории оптималӣ, эҳсоси хушӣ аз муҳиту зиндагӣ ва ғайраро» ба инсон медиҳад[144].

Н.М. Амосов дар ин робита нуқтаи назари комилан мутафовит дорад. Ӯ ба ин бовар аст, ки муайян намудани саломатӣ ҳамчун маҷмуи нишондодҳои муқаррарӣ кофӣ нест. Аз ин хотир пешниҳод менамоянд, ки аз равишу бархурди миқдорӣ нисбат ба саломатӣ истифода шавад[145]. Аз нуқтаи назари ин муаллиф «миқдор ё нишондоди саломатӣ» ҷамъи зарфиятҳои захиравии системаҳои асосии функсионалӣ мебошад. Дар навбати худ зарфиятҳои захиравӣ тавассути «коэффитсиенти захира» ҳамчун миқдори максималии

---

[141] Ниг.: Смитиенко В.Н. Обьект преступлений против здоровьянаселения. – Омск.: Ом. высш. шк. милиции, 1973. – С. 21; Расторопов С.В. Понятие здоровья в уголовно-правовой и медицинской науках / С.В. Расторопов // Черные дыры в российском законодательстве. – 2005. – №1. – С. 149-152.

[142] Ниг.: Бабаджанов И.Х. Жизнь и смерть человека как институционально-правовые категории (теоретико-аксиологический и частно-правовой анализ): дис. … д-ра юрид. наук. – Душанбе, 2014. – 369 с.

[143] Ниг.: Большая медицинская энциклопедия. Т. 1. – М., 1959. – С. 387.

[144] Ниг.: Чикин С.Я. Здоровье человека и социальная среда. – М.: Знание, 1971. – С. 24.

[145] Ниг.: Амосов Н.М. Раздумья о здоровье. 3-е изд., доп. и перераб. – М.: Физкультура и спорт, 1987. – С. 62-63.

функсиятҳои мутаносиб бо дараҷаи муқаррарӣ ифода меёбанд. Зимни пазируфтани нуқтаи назари Н.М. Амосов ва мафҳуми муайян гардида дар асосномаи Созмони Ҷаҳонии Тандурустӣ, Р.М. Баевский қайд менамояд, ки «Маҳаки саломатӣ ҳамчун шарти ҳатмии имкони ба таври пурра, фаъолона ва ба таври номаҳдуд машғул шудан ба кор ва фаъолияти иҷтимоии муфидро дарбар мегирад»[146]. Аз нигоҳи илми тиб саломатӣ ҳамчун бузургии мутлақ арзёбӣ мегардад. Илми тиб ҳолатеро, ки шахс худро хубу бардам ҳис менамояд ва дар ҷомеа тарзи ҳаёти фаъолона дорад, саломатӣ номидааст. Шахсе солим шуморида мешавад, ки дучори ҳеҷ навъ беморӣ набуда, вазифаҳои дар наздаш гузоштаи ҷомеа ва давлатро қодир аст сариватқт ва босифат иҷро намояд. Дар адабиёти тиббӣ, амалан мафҳуми «саломатӣ» бо мафҳуми «шахси солим» айният дорад. Чунин тафсири дар илми тиб пазируфташудаи мафҳуми саломатӣ, аз нигоҳи талаботи ҳуқуқи ҷиноятӣ наметавонад мавриди пазириш қарор бигирад. Сарфи назар аз зарурати ба таври мушаххас муайян намудани мафҳуми саломатӣ, мутаассифона, криминалистон таваҷҷуҳи ҷиддӣ нисбат ба ин мафҳуми муҳим нишон надодаанд. Ба таври умум метавон гуфт аз назари аксари мутахассисон, саломатӣ ҳолату вазъи маъмулие мебошад, ки он ба таҳқиқу омӯзиши муфассал эҳтиёҷ надорад. Дар ин миён, теъдоди начандон зиёди муҳаққиқон кӯшидаанд муҳтавои онро таҳқиқу баррасӣ намоянд. Яке аз аввалинҳо шуда, ба ин мавзуъ Л.В. Гуревич таваҷҷуҳ зоҳир намуд. Ба назари ӯ, саломатии инсон аз кори мураттабу муқаррарии тамоми узвҳои бадан иборат мебошад[147]. А.А. Пионктовский саломатиро ба маънои яклухту бутуни ҷисмӣ ва фаъолияти муқаррарии тамоми аъзои бадан муайян намуда буд. А.С.Никифоров низ зимни муайян намудани ҳолати муқаррарии тамоми организми инсон аз чунин мавқеъ пуштибонӣ менамояд[148]. Таърифе, ки

[146] Баевский Р.М. Проблема здоровья и нормы: точка зрения физиолога / Р.М. Баевский // Клиническая медицина. – 2000. – №4. – С. 60.
[147] Ниг.: Гуревич Л.И. Борьба с телесными повреждениями по советскому уголовному праву: автореф. ... канд. юрид. наук. – М., 1950. – С. 7-8.
[148] Ниг.: Никифоров А.С. Ответственность за телесные повреждения по советскому уголовному праву. – М.: Госюриздат, 1959. – С. 12.

профессор Н.И. Загородников пешниҳод намудааст, нисбатан муваффақ ва қобили дастгирӣ мебошад. Аз нуқтаи назари ин муаллиф, «Саломатӣ чунин ҳолати организми инсон мебошад, ки дар он тамоми система ва узвҳои бадани инсон ба таври маъмул ва муназзам фаъолият менамоянд»[149].

Дар тибби судӣ низ таърифи умумии саломатӣ вуҷуд надорад. Табибони соҳаи судӣ низ ба монади криминалистон ба зарурати коркарди мафҳуми соҳавии саломатӣ, дорои муҳтавои мураккаби ҳуқуқӣ-тиббӣ мебошад, таъкид менамоянд. В.В. Алшевский чунин мепиндорад,ки саломатӣ, яъне таркиби аслии ташкилдиҳандаи рифоҳу беҳбудии иҷтимоӣ маҳсуб мешавад, ки он қабл аз таҳқиқи амал вуҷуд дошта, ба таври объективӣ тавассути ҳолати муайяни ҷисмониву руҳӣ ифодаи худро меёбад[150]. Таҳлили таърифи ироадодаи В.В. Алшевский имкон медиҳад ин гуна хулосабарорӣ намуд, ки муаллиф мафҳуми саломатиро аз се ҷанба, яъне ҷанбаи соматикӣ (ҷисмонӣ), руҳӣ, иҷтимоӣ мавриди баррасӣ қарор медиҳад. Бидуни ба баҳсу баррасӣ дар мавриди аҳамияти мафҳуми мавриди назар барои илми тиб, мо чунин меҳисобем, ки дар чаҳорчӯби ҳуқуқи ҷиноятӣ мафҳуми саломатӣ бояд аз ду ҷанба мавриди арзёбӣ қарор бигирад: соматикӣ (ҷисмонӣ) ва руҳӣ. Арзиши иҷтимоии саломатӣ бидуни баҳс аст, вале баррассии он дар доираи объекти ҷиноят ҷавобгӯи табиату мазмуни ҳуқуқии ин мафҳум нест. Масалан, дар бораи кадом хушбахтиву беҳбудии иҷтимоӣ метавон сухан гуфт, вақте ки шахс гирифтори бемории руҳӣ бошад. Зеро он имкон намедиҳад, ки шахси гирифтори бемории руҳӣ худро аз ҷиҳати иҷтимоӣ хушбахт ҳис намояд. Дар робита ба ҳуқуқи ҷиноятӣ, арзиши иҷтимоии саломатӣ дар амалкарди қонунгузор оид ба муқаррар намудани мавриди манъ барои таҷовуз ба муносибатҳои муайяни иҷтимоӣ, яъне объекти ҷиноят инъикос меёбад.

Тавре аз таърифҳои дар боло овардашуда дида мешавад, дар ҳуқуқи ҷиноятии шуравӣ ихтилоф дар мавриди аҳамияти мафҳуми «саломатӣ»

---

[149] Загородников Н.И. Преступления против здоровья. – М., 1969. – С. 16.

[150] Ниг.: Альшевский В.В. Судебно-медицинская экспертиза вреда здоровью в современном уголовном судопроизводстве (процессуальные аспекты, методические принципы и формально-логические алгоритмы). – М.: Юрлитинформ, 2004. – С. 72.

амалан вуҷуд надошт. Ҷолиб аст, ки дар он замон мафҳуми саломатӣ ба мисли таърифҳои тиббӣ аз мавқеи меъёрҳо арзёбӣ мешуд. Вале оё ин дуруст аст? Луғати тафсирии С.И. Ожегов меъёрро «ҳамчун андозаи муқарраргардида ва бузургии миёна муайян намудааст»[151]. Ҳамин тавр, зери мафҳуми «фаъолияти муқаррарӣ» чунин ҳолати узвҳои бадан фаҳмида мешавад, ки он ба стандарти умумӣ мутобиқ бошад. Аз нуқтаи назари мо, ба ин тарз дарк намудани мафҳуми саломатӣ моҳияти ҳуқуқи ҷиноятии онро инъикос наменамояд. Агар мафҳумҳои дар боло овардашударо асос қарор диҳем, саломатии инсон дар сурати ҷавобгӯ набудан ба меъёрҳои муайян дорои ҳимояти ҳуқуқи ҷиноятӣ нест, ки чунин амал мантиқан нодурусту ғайримантиқӣ ба назар мерасад. Баъзе аз олимон метавонанд бо ин назар мувофиқ набошанд ва ин далелро асос қарор диҳанд, ки дар ин ҷо сухан дар бораи меъёри субъективӣ, меъёр дар бораи шахси мушаххас меравад. Вале чунин номувофиқ будан ҳеҷ гуна асоси воқеӣ надорад, зеро саломатии инсон дар ҳолате мавриди ҳимоя қарор мегирад, ки новобаста аз будан ва ё набудани меъёри шахсии саломатӣ ва ё ҳар гуна инҳироф аз меъёр (ҳар навъ беморӣ), аз сӯйи ҷинояткор таҳдид гардад.

Саломатии инсон новобаста ба тандуруст ва бемор будани ӯ тавассути ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳимоя мешавад. Яъне, инсон аз замони таваллуд то лаҳзаи марг дар ҳимояи қонун қарор мегирад. Ф. Лист чунин меҳисобид, ки «Дар робита ба ҳаёти тифли навзод ҳам куштор ва ё ҷазои ҷисмонӣ ҳамон гуна, ки нисбат ба як пирамарди дар ҳоли фавт» имконпазир аст, татбиқпазир мебошад[152]. Саломатӣ[153] ҳамсафари ҳаёт аст. Тасаввури он ки онҳо аз ҳам ҷудоанд, имконнопазир мебошад. Дар асоси он чи баён шуд, метавон ба ин натиҷа расид, ки саломатии шахс аз рӯзи таваллуд то рӯзи марг новобаста аз

[151] Ожегов С.И., Шведова Н.Ю. Толковый словарь русского языка. – М.: ФЗЪ, 1993. – С. 431.
[152] Ниг.: Учебник уголовного права: Особенная часть: Разрешенный автором перевод с 12 и 13 переработанного издания / Фон-Лист Ф., проф. Берлин. ун-та; Пер. Ф. Ельяшевич. – М.: Т-во Тип. А.И. Мамонтова, 1905. – С. 7.
[153] Ниг.: Муфассал: Бабаджанов И.Х. Жизнь и смерть человека как институционально-правовые категории (теоретико-аксиологический и частно-правовой анализ): дис. … д-ра юрид. наук. – Душанбе, 2014. – 369 с.

меъёрҳои пазируфташудаи саломатӣ, имкони доштани образи зиндагии фаъол ва зиндагии маънавиву ҷисмонии муваффақ вуҷуд дорад.

Аз нуқтаи назари мо, мафҳуми «саломатӣ» бояд дар пайванд бо мафҳуми «зарар ба саломатӣ» баррасӣ гардад. Ин ба он алоқаманд аст, ки саломатӣ дар умум дар маркази таваҷҷуҳи ҳуқуқи ҷиноятӣ қарор намегирад. Саломатӣ дар маркази таваҷҷуҳи ҳуқуқи ҷиноятӣ танҳо дар алоқамандӣ бо содиршавии ҷиноят, ки саломатиро объекти худ қарор медиҳад, қарор мегирад. Ва дар натиҷа зарурати ҳимояти саломатӣ бо шарти мутобиқ будани он бо манфиатҳои ҷомеа ба миён меояд. Зимни муайян намудани зарар ба саломатӣ, мо талош мекунем муайян намоем, ки дар ҳолати ҷисмиву руҳии инсон мушаххасан кадом тағйирот ба амал омадааст.

Ҳамин тариқ, метавон ба ин натиҷа расид, ки «Саломатӣ (ҳамчун предмети ҷиноят) ин вазъ ва ҳолати узвҳои организм то содиршавии ҷиноят мебошад, ки ба туфайли он инсон ҳамчун мавҷуди биологӣ» вуҷуд дошта метавонад. Аз нигоҳи ҳуқуқи ҷиноятӣ, саломатие аҳамият дорад, ки то лаҳзаи фаро расидани таҷовузи ҷиноятӣ вуҷуд дорад.

Саломатии инсон то замоне, ки ба шахс имкони вуҷуд доштан ҳамчун мавҷуди биологиро медиҳад, аз ҷиҳати қонун ҳимоя мешавад. Маҳз ба ин хотир предмети ҷиноятро ба муқобили саломатӣ, на саломатии шахс ҳамчун падидаи иҷтимоӣ, балки саломатии инсон ҳамчун мавҷуди биологӣ ташкил медиҳад. Ҳангоми омӯзиши мафҳуми саломатӣ мо бо масъалаи таносуби мавҷуд миёни истилоҳоти «ҳаёт» ва «саломатӣ» дучор меоем. Чи гуна таносуб дар миёни ин мафҳум вуҷуд дорад?

Аз нигоҳи мо, ин ду истилоҳ ҳамоҳангии диалектикиро ташкил медиҳанд, зеро тасаввур кардани шахси фавтидае, ки дорои саломатии хуб бошад ва ё баръакси он мушкил мебошад. Вале як нигоҳи мухтасар ба моддаҳои Қисми махсуси КҶ ҶТ имкон медиҳад таъкид намоем, ки истилоҳоти мазкур тавассути қонунгузор комилан мафҳумҳои аз ҳамдигар ҷудо арзёбӣ мешаванд. Бо таваҷҷуҳ ба махсусияти ҳуқуқӣ ҷиноятии

муайянсозии ин ду истилоҳ, чунин ҷудосозӣ комилан асоснок ба назар мерасад, зеро он ба осонсозии квалификатсияи ҷиноят мусоидат менамояд. Ҳар гуна таҷовузи чиноятӣ ба муқобили саломатӣ бо ин ё он тарз рӯйи давомнокии умри инсон таъсир мегузорад. Ҳар чи қадар таҷовузи ҷиноятӣ сахтар бошад, ба ҳамон андоза эҳтимол давомнокии умр дар муқоиса бо имконоти потенсиалии организм камтар мегардад. Ҳамин тавр, метавон гуфт, ки таҷовуз ба муқобили ҳаёти инсон, тавассути зарар расонидан ба саломатӣ сурат мегирад. Тасаввуроти муосир ҳам дар бораи марг инро исбот менамояд, ки мувофиқи он марг падидаи яклаҳзаина нест ва он равандест, ки дар замон ва марҳалаҳои мушаххас амалӣ мегардад. Ин ҳолат ба таври ҷиддӣ аҳамияти гузаронидани таҳқиқоти пурраи ҳуқуқи ҷиноятии мафҳуми «саломатӣ»-ро бештар мекунад.

Масъала дар бораи лаҳзаи оғози ҳаёт то кунун ҳалношуда боқӣ мемонад. Он на танҳо барои ҷиноятҳои ба муқобили саломатӣ равонашуда, балки барои ҷиноятҳои ба муқобили ҳаёт суратгирифта низ аҳамияти аввалиндараҷа дорад. Ба ин суоли зоҳиран одӣ то кунун посухи ягона вуҷуд надорад. Бештари олимон дар асарҳои худ ба он таваҷҷуҳи лозим нишон намедиҳанд. Вале аз бисёр ҷиҳат фаъолияи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар ҷиҳати дуруст мушаххас намудани кирдори ҷиноятии содиршуда ба ҳалли ин масъала вобастагӣ дорад. Ба аҳамияти махсуси ҳалли дурусти масъалаи мазкур Н.С. Тагансев ишора намуда, дар зимн ёдовар мешавад, ки таҷовуз ба муқобили ҳаёт ва саломатӣ вуҷуд дошта наметавонад, агар он ба муқобили шахсе равонашуда бошад, ки аз як тараф, ӯ фавтида бошад ва аз ҷониби дигар, ҳанӯз ба ҳаёти худ оғоз накарда бошад[154]. Дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX дар ин робита чанд нуқтаи назари мутафовит вуҷуд лошт. Барои мисол, Н.С. Тагансев ва Н.А. Неклюдов пешниҳод намуда буданд, ки ҳамчун лаҳзаи ибтидои ҳаёт ибтидои нафаскашии мустақилонаи тифл ва ё ҷудо намудани нофи тифли навзод аз модар ҳисобида шавад.

[154] Ниг.: Таганцев Н.С. О преступлениях против жизни по русскому праву. Т. 1. – СПб.: Тип. Н.А. Неклюдова, 1870. – С. 17.

Дар ин замина мавқеи В.Д. Набоков лозим ба таъкид аст, ки мувофиқи он лаҳзаи аз батни модар берун омадани яке аз қисмҳои бадани навзод бояд ҳамчун лаҳзаи оғози ҳаёт ба қайд гирифта шавад[155]. Ин ҳолат аз назари мо, саҳеҳу дуруст аст, аммо муаллиф дар ин ҷо имкони аз батни модар беҷон таваллуд ёфтани навзодро ба назар намегирад. Бо вуҷуди доштани камбудӣ, чунин бархурди ҳалли масъалаи мазкур, аз бисёр ҷиҳат асоснок аст, зеро он ҷавобгӯи талаботи ҳуқуқи ҷиноятӣ буда, бо пешрафту дастовардҳои тибби муосир мувофиқ ва мутобиқ аст. Маҳз аз лаҳзаи берун омадани узвҳои тани навзод (сар, пой ва қисмати қафои тифл) аз батни модар ба шарти вуҷуд доштани нишонаҳои ҳаёт, саломатӣ метавонад объекти ҷиноят қарор бигирад.

Дар марҳалаи аввали рушди ҳуқуқи ҷиноятии шуравӣ, нуқтаи назаре васеъ паҳн гардида буд, ки мутобиқи он ҳаёти инсон аз лаҳзае шуруъ меёбад,ки дар ҷараёни таваллуд, тифл ба таври пурра аз батни модар берун меояд ва баъд аз ин, аз ҷиҳати ҷисмонӣ, тифли навзод метавонад объекти таҷовуз қарор бигирад[156].

М.Д. Шаргородский пешниҳод намуда буд, ки марҳалаи ҷудо намудани тифл аз батни модар ва шурӯъ ба нафаскашӣ намудани навзод оғози ҳаёт шуморида шавад[157]. Тавре ки баъдан мушаххас шуд, чунин нуқтаи назар саҳеҳ нест, зеро ин аломат зимни аломати хос будан аломати ягонаи фаъолияти ҳаётии тифли навзод маҳсуб намешавад. Ғайри аз ин, дар баъзе ҳолат, ҳангоми таваллуд нафасгирӣ ва гиряи тифли навзод бинобар таъхир дар нафасгирии он эҳсос намешавад ва дар чунин ҳолат тифл метавонад зиндаву саломат бошад[158].

---

[155] Ниг.: Набоков В.Д. Элементарный учебник Особенной части русского уголовного права. – СПб., 1903. – С. 5.

[156] Ниг.: Мокринский С, Натансон В. Преступления против личности. – Харьков: Юриздат НКЮ УССР, 1928. – С. 6; Пионтковский А.Л. Советское уголовное право. Т. 2. Часть Особенная. – М.; Л.: Госиздат, 1928. – 428 с.

[157] Ниг.: Шаргородский М.Д. Преступления против жизни и здоровья. – М.: Юриздат, 1947. – С. 59.

[158] Ниг.: Бородин С.В. Ответственность за убийство: квалификация и наказание по российскому праву. – М: Юрист, 1994. – С. 8.

Бар асоси нуқтаи назаре, ки тибқи доктринаи ҳуқуқи ҷиноятии шуравӣ андешаи умумипазируфта маҳсуб мешуд, суиқасд ба ҳаёт ва саломатии инсон на фақат баъди таваллуд ёфтани тифл аз батни модар, балки баъд аз тасдиқ шудани ҳолати таваллуди физиологии навзод низ имконпазир аст[159]. Оғози таваллуди физиологӣ ба андешаи тарафдорони нуқтаи назари мазкур ба ин маъност, ки тифл ба қадри лозим нашъунамо ёфта, тамоми хусусиятҳоеро, ки ҳаёти берун аз батни модар тақозо менамояд, доро мебошад. Чунин нуқтаи назар ҷонибдории васеъ дар миёни криминалистони муосир касб намуд. Гузашта аз ин, имрӯз ин нуқтаи назар асосан дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ мавқеи бартар ишғол менамояд. Оё далели кофӣ барои ин вуҷуд дорад?

Таваллуд раванди мураккаби физиологӣ ба ҳисоб меравад, ки аз се марҳала иборат мебошад: марҳалаи аввал хориҷ шудани моеи гирду атрофи ҷанин ва танг шудани мавзуни мушакҳои раҳмдон; марҳалаи дуюм хориҷ шудани ҷанин ба берун аз роҳи маҷрои таваллуди модар. Аз лаҳзаи намоён шудани ҳар қисми бадани тифл ва ошкор шудани аломатҳои ҳаёт дар он метавон дар бораи таваллуд ёфтани навзод сухан гуфт (вуҷуди ҳаёт ва саломатӣ); марҳалаи сеюм ҷудо шудани пласентҳо аз деворахои раҳмдон ва хориҷ шудани онҳо. Ҳамин тариқ, шуруи таваллуди физиологӣ наметавонад барои эътироф намудани ҳолати таваллуди тифл асосу далел гардад, зеро раванди таваллуд хеле қабл аз ба дунё омадани навзод шуруъ мегардад.

Бар асоси санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ таваллуди зинда ҳолати ба таври пурра аз батни модар берун омадаи ҷанини тифли навзод новобаста аз давомнокии давраи ҳомиладории модар ба ҳисоб меравад. Дар зимн, баъди ба ин сурат ҷудо гардидани ҷанин аз батни модар навзод нафас гирифта, нишонаҳои дигари ҳаёт аз ҷумла, задани дил, набзи ноф, ҳаракатҳои табии мушакҳоро новобаста аз буридани ноф дар худ зоҳир месозад. Дар диспозитсияи м. 105 КҶ ҶТ ишора шудааст, ки суиқасд ба ҳаёти кӯдак ҳангоми ва ё баъди таваллуд одамкушӣ эътироф ва шинохта мешавад. Барои

[159] Ниг.: Загородников Н.И., Игнатов А.И. Преступления против личности. – М., 1962. – С. 6; Рашковская Ш.С. Преступления против жизни, здоровья, свободы и достоинства личности: Лекции для студентов ВЮЗИ / Под ред. А.Н. Васильева. – М., 1956. – С. 9.

мисол, пизишке, ки таваллуди навзодро қабул менамояд, метавонад қабл аз ҷудо шудани тифл аз батни модар қасдона ва ё аз рӯйи беэҳтиётӣ сари ӯро маъюб созад. Ҳамин тавр, мо бо ҳолате сару кор хоҳем дошт, ки ҳаёти инсон қабл аз саломатии он дар ҳимояи қонуни ҷиноятӣ қарор мегирад, ки ин ғайримантиқӣ ба назар мерасад.

Нуқтаи назар ва мавқеи мо бар он устувор аст, ки аз лаҳзаи дида шудани ҳар қисми бадани навзоди зинда саломатии он метавонад мавриди предмети ҷиноят қарор бигирад ва тавассути таъсиргузорӣ ба он ҷинояткор ба муқобили муносибатҳои ҷамъиятии таъминкунандаи бехатарии саломатии шахси мушаххас суиқасд анҷом медиҳад.

Дар асоси он чи матраҳ шуд, метавон чунин натиҷагирӣ намуд, ки аз нигоҳи мафҳуми ҳуқуқи ҷиноятӣ шахсро метавон таваллудёфта ҳисобид аз лаҳзаи ҷудо шудани ҳар қисми бадани он аз батни модар ба шарти доштани ҳаддиақалл яке аз нишонаҳои зерини ҳаёт: нафасгирӣ, таппиши дил, набзи ноф, ҳаракатҳои табии мушакҳо.

Бо тафовут аз лаҳзаи ба қайд гирифта шудани оғози ҳаёт, лаҳзаи поёнёбии ҳаёт, яъне марг ба таври муфассал дар қонунгузорӣ аз лиҳози қонунӣ муайян гардидааст. Бо қабули Кодекси тандурусти ҶТ аз 30 майи соли 2017, №1413 ва баъд аз таҳия шудани санадҳои зерқонунии дахлдор масъалаи вобаста ба фаро расидани лаҳзаи марг роҳи ҳалли ниҳоии худро пайдо намуд.

Фавти инсон дар натиҷаи фаро расидани марги бадани инсон рух медиҳад. Раванди аз байн рафтани инсон марҳалаҳои зеринро дарбар мегирад: назъи ҷон, марги клиникӣ, марги майнаи сар ва марги биологӣ. Бо муқаррар гардидани марги майнаи сар ва талошҳои реаниматсионӣ бештар аз 30 дақиқа метавон ба хулоса омад, ки талошҳои мазкур барои эҳёгарӣ дигар бенатиҷа хоҳанд буд. Марги инсон дар асоси марги майнаи сар ва ё марги биологӣ тасдиқи худро меёбад. Марги биологӣ дар тағйиротҳои

баъдимаргии ба амаломада дар тамоми узвҳо ва системаи бадан, ки баргаштнопазир мебошанд, зоҳир меёбад.

Нуктаи муҳим дар тасдиқи ҳолати марги инсон вуҷуди таносуби факти қатъ гардидани кори тамоми дастгоҳи майнаи сар бо исботи баргаштнопазирии фаъолияти он ба ҳисоб меравад.

Ҳамин тавр, инсон аз лаҳзаи муайян гардидани ташхиси марги майнаи сар ё факти марги биологӣ шахси фавтида эътироф мегардад. Дар асоси он чи зикр шуд, метавон ба ин хулоса расид:

1. Объекти бевоситаи қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ муносибатҳои иҷтимоие ба ҳисоб мераванд, ки онҳо бехатарии саломатии шахси дигарро аз расонидани зарари воқеии миёна таъмин менамоянд.

2. Нуқтаи назаре дар илм вуҷуд дорад, ки бар асоси он ҷиноятҳои ба муқобили саломатӣ равонашуда аз қоидаи умумии маъмул истисно мебошанд ва саломатӣ ба сифати категорияи биологӣ объекти бевоситаи ҷиноят ташкил медиҳад. Зимни мувофиқ будан бо тарафдорони назарияи мазкур дар робита ба баррасии ҷанбаи «саломатӣ», мо дар айни замон андешаи онҳо оид ба табиати «нодир»-и ҷиноятҳо ба муқобили саломатиро ғайриқобили қабул медонем. Чунин дарку фаҳмиши объекти ҷиноят дорои нуқсу камбудӣ буда, боиси эҷоди духӯрагӣ дар робита ба он мегардад, зеро тавре ки маълум аст қазовати аз нигоҳи умумӣ дуруст аз лиҳози хусусӣ низ саҳеҳ ба назар мерасад. Аз ин нуқтаи назар, эътирофи худсаронаи объекти ҷиноят дар қатори муносибатҳои ҷамъиятӣ (ҳамчун категорияи иҷтимоӣ), падидаҳои дорои табиати моддӣ нодуруст аст, зеро он ҳам бо воқеиятҳои ҳуқуқии мавҷуд ва ҳам бо воқеиятҳои умумиилмии пазируфташуда мухолиф аст.

3. Предмети қасдан расонидани зарари миёна ба саломатиро, саломатии шахс ташкил медиҳад. Саломатӣ (ҳамчун предмети ҷиноят) ҳолати узвҳо ва системаи организми инсон қабл аз содир шудани ҷиноят аст, ки ба ӯ имкони зиндагӣ намудан ҳамчун мавҷуди биологиро медод.

4. Дар доираи ҳуқуқи ҷиноятӣ саломатӣ (ҳамчун предмети ҷиноят) бояд аз ду ҷиҳат баррасӣ гардад: ҳолати саломатӣ (ҷисмонӣ) ва ҳолати руҳӣ. Арзишу аҳамияти иҷтимоии саломатӣ дар мавҷуд будани муносибатҳои иҷтимоии таъминкунандаи бехатарии саломатии шахси дигар аз имкони воқеии расонидани зарари миёна (объекти ҷиноят) зоҳир мегардад.

5. Саломатӣ аз лаҳзаи ба дунё омадан ва то охири умри шахс ҳимояи ҳуқуқи ҷиноятӣ меёбад. Анҷоми қасд ва таҷовуз ба муқобили саломатии инсон дар ҳар лаҳзаи зиндагии шахс аз таваллуд гирифта, то то лаҳзаи марг имконпазир аст. Аз лиҳози ҳуқуқи ҷиноятӣ лаҳзаи таваллуди (лаҳзаи ба вуҷуд омадани ҳаёт ва саломатии) шахс ҳамон лаҳзае шуморида мешавад, ки яке аз қисмҳои бадани навзод аз батни модар ҳаддиақалл бо яке аз нишонаҳои ҳаёт ҷудо мегардад: нафасгирӣ, тапидани дил, набзи ноф, ҳаракатҳои табиии мушакҳо. Шахс аз лаҳзаи тасдиқ шудани ташхиси марги майнаи сар ва ё факти марги биологӣ мавҷуди фавтида ҳисобида мешавад (аз ҳаёт ва саломатӣ маҳрум мегардад).

## 2.2. Тарафи объективии қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ

Тарафи объективии ҷиноят – инъикоси раванди берунии таҷовуз ба объекти ҷиноят аст, ки он ба таври мушаххас дорои аломатҳои ҳатмӣ ва факултативӣ мебошад. Дар адабиёти ҳуқуқи ҷиноятӣ ба таври анъанавӣ ба масъалаҳои марбут ба тарафи объективии ҷиноят таваҷҷуҳ ва алоқамандии зиёд нишон дода мешавад. Ба назари мо чунин менамояд, ки таърифи объекти умумӣ қисми «осонтарини» ин маҷмуи ҳамаи муносибатҳои ҷамъиятие, ки бо қонунгузории ҷиноятӣ ҳифз карда мешаванд. Масъалаи мафҳум ва фаҳмиши сатҳҳои дигари объекти таҳқиқшаванда хеле мураккаб мебошанд[160].

Ҳарчанд дар назари аввал аҷиб ҳам набошад, вале ҷиноятҳои ба муқобили саломатии инсон равонашуда аз қоидаҳои умумии пазируфташуда истисно мебошанд. Мо наметавонем бигӯем, ки масъалаҳои марбут ба

[160] Ниг.: Одиназода Н.С. Ҳифзи ҳуқуқӣ-ҷиноятии гардиши металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ дар Ҷумҳурии тоҷикистон: дис. ... ном. илм. ҳуқуқ. – Душанбе, 2022. – С. 91.

тарафи объективии гуруҳи ҷиноятҳои мазкур дар корҳои пажӯҳишиву илмии олимони ватанӣ ба таври умумӣ инъикос наёфтаанд. Вале дар ин замина бояд таъкид шавад, ки муҳаққиқон асосан ба мавзуи оқибатҳои хавфноки ҷамъиятии он пардохтаанд. Дар ин миён масъалаҳои марбут ба тавсифи кирдор, робитаи сababӣ ва аломатҳои факултативии тарафи объективии ҷиноят амалан мавриди омӯзишу таҳлил қарор дода нашудаанд. Албатта, кори таҳлилии мавриди назари мо ба маънои анҷоми таҳқиқу таҳлили ҳаматарафаи масъалаҳои дар боло зикргардида нест, вале бо вуҷуди ин, мо дар кори худ саъй мекунем ба тавсифи пурраи ҷанбаҳои ҷиноятии ҳуқуқии мавзуи мавриди назар бипардозем.

Тарафи объективӣ[161] дар робита ба ҷиноятҳои ба муқобили саломатии инсон равонагардида бинобар ҳам гуногунии кирдорҳои эҳтимолие,ки мақсади онҳо расонидани зарар ба саломатии шахс аст ва ҳам аз ҷиҳати оқибатҳои эҳтимолии фарорасанда аҳаммияти махсус ба худ касб менамояд[162]. Қасдан расонидани зарари миёна ба саломатии шахс дар миёни зарарҳои вазнин ва сабук ҳолати мобайниро ишғол менамояд, ки он дар навбати худ зарурати таҳқиқу омӯзиши ҳаматарафаи тарафи объективии таркиби ҷиноятро бо мақсади аз байн бурдани иштибоҳоте, ки дар раванди таҷрибаи ҳуқуқтатбиқсозӣ ба миён меоянд, актуалӣ ва пураҳаммият мегардонад.

Дар робита ба мафҳуми тарафи объективии ҷиноят дар илми ҳуқуқи ҷиноятии ватанӣ амалан ҳеҷ гуна ихтилофи назар вуҷуд надорад. В.Н. Кудрявтсев, муаллифи таҳқиқоти нисбатан мукаммал дар бораи унсурҳои таркиби ҷиноят тарафи объективии ҷиноятро ҳамчун механизми ҷамъиятии хавфноки зиддиқонунии сӯиқасду таҷовуз муайян менамояд, ки аз дидгоҳи шаклҳои берунии инкишоф ва таъсири манфӣ ба муносибатҳои ҷамъиятии тавассути қонун ҳифзшаванда қобили таҳлилу омӯзиш аст[163]. Чунин дарку

---

[161] Ниг. Сатторов Ғ.С. Ҳуқуқи ҷиноятӣ (қисми махсус). – Душанбе, 2018. – 144 с.
[162] Ниг.: Расторопов С.В. Признаки, характеризующие объективную сторону преступлений против здоровья человека / С.В. Расторопов // Закон и права. – 2005. – №7. – С. 38-39.
[163] Ниг.: Кудрявцев В.Н. Объективная сторона преступления. – М.: Госюриздат, 1960. – С. 11.

фаҳмиши тарафи объективии ҷиноят, лозим ба зикр аст, ки бо каме тағйирот дар бештари китобҳои омӯзишии соҳавии доир ба ҳуқуқи ҷиноятӣ инъикос ёфтааст[164].

Тарафи объективии ҷинояти содиршаванда, ки дорои хусусияти инъикос дар ҷаҳони объективист, маҳз дар раванди таҳқиқу тафтиш тавассути мақомоти ҳифзи ҳуқуқи мавриди омӯзишу арзёбӣ қарор мегирад. Он як қатор аломатҳои ҳатмӣ ва факултативиеро дар бар мегирад, ки муайян ва муқаррар кардани онҳо дар дуруст арзёбӣ шудани кирдори содиршуда ва ошкор сохтани ангезаву мақсад ва сабабҳои содиршавии ҷиноят нақши принсипиалии муҳим мебозад. Ба аломатҳои ҳатмӣ дохил мегарданд: кирдор (ҳаракат ё беҳаракатӣ), оқибатҳои ҷамъиятии хавфноке,ки дар натиҷаи содир шудани ҷиноят фаро мерасанд ва робитаи сабабӣ дар миёни кирдор ва оқибатҳои он; аломатҳои факултативӣ иборатанд аз: вақт, ҷой, тарз, вазъият, олот, воситаи содиршавии ҷиноят.

Бо вуҷуди он ки диспозитсияи м. 111 КҶ ҶТ аломатҳои зикргаштаро дар қатори аломатҳои ҳатмӣ баррасӣ намекунад, вале онҳо таваҷҷуҳи олимон ва кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқро ба таври ҷиддӣ ба худ ҷалб менамоянд, зеро онҳо шомили мавзуи таъйид ва собит намудани ҷиноят аз рӯйи парвандаи ҷиноятӣ мегарданд[165]. Дар сурати муайян нагардидани ин аломатҳо, таъқиби ҷиноятӣ нисбат ба шахсе, ки ҷиноят содир менамояд, кор ва талоши беҳуда хоҳад буд. Ҳатто бо вуҷуди он ки онҳо дар қатори аломатҳои ҳатмӣ ба мушоҳида намерасанд, аммо ҳангоми тавсифи дараҷа ва хусусияти аз ҷиҳати ҷамъиятӣ хавфноки кирдор аломатҳои мазкур ивазнашаванда боқӣ мемонанд.

Қасдан расонидани зарари миёна ба саломатии шахс унсур ва таркиби моддӣ ба ҳисоб меравад, яъне тарафи объективии таркиби мазкури ҷиноят кирдор (ҳаракат ё беҳаракатӣ), оқибатҳои хавфноки ҷамъиятӣ, ҳамчунин

---

[164] Ниг.: Курс уголовного права. Общая часть. Т. 1. Учение о преступлении: Учеб, для вузов / Под ред. Н.Ф. Кузнецовой, И.М. Тяжковой. – М: ИКД «Зерцало-М», 2002. – С. 219; Уголовное право. Общая часть: Учеб, для вузов / Отв. ред. И.Я. Козаченко, З.А. Незнамова. – М.: НОРМА-ИНФРА-М, 2000. – С. 145; Уголовное право Российской Федерации. Общая часть: Учебник / Под ред. А.И. Рарога. – М.: Юристъ, 2003. – С. 113.
[165] Уголовно-процессуальный кодекс Российской Федерации. – М., 2005. – С. 74.

робитаи сабабӣ миёни кирдор ва оқибатҳои онро дар худ фаро мегирад. Ба ин далел изҳори назари М.Д. Шаргородский дар бораи он ки дар бархе мавридҳо расонидани зарар ба саломатӣ сирфан унсури расмӣ буда, худи зарба задан ва маҷруҳсозӣ ба маънои анҷом ёфтани ҷиноят аст, баҳсбарангез аст[166]. Нуқтаи назари мазкур аз сӯйи олимони ватанӣ пуштибонӣ наёфтааст ва он дар ҳоли ҳозир ба таври пурра аз тарафи илми ҳуқуқи ҷиноятӣ рад гардидааст.

Кирдори ҷиноятӣ – унсури муҳимтарини тарафи объективии ҷиноят ба ҳисоб меравад ва маҳз он «ҳалқаҳои минбаъдаи тарафи объективиро ба вуҷуд меоварад: робитаи сабабӣ ва оқибати ҷиноят – зарар ба объекти сӯйиқасд»[167]. Истилоҳи «кирдор» мафҳуми комилан криминалӣ ба ҳисоб меравад. Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ он ба ду мафҳум ва маъно ба кор бурда мешавад: маънои васеъ ва маънои маҳдуд[168]. Дар ҳолати якум зери мафҳуми он ҷиноят дар назар аст, дар мавриди дуюм манзур аломати тарафи объективии унсури ҷиноят аст, ки метавонад дар шакли ҳаракат ва ё беҳаракатӣ зоҳир гардад. Дар заминаи мавзуи мавриди таҳқиқ таваҷҷуҳи моро бештар мафҳуми он ба сурати маҳдуд ҷалб менамояд. Л.Д. Гаухман чунин мепиндорад,ки кирдор бо чаҳор аломати ҳатмӣ мушаххас мегардад: аломати зиддиҳуқуқӣ, аломати хавфи ҷамъиятӣ, аломати огоҳ будан ва аломати ихтиёрӣ. Чунин нуқтаи назар дар таҳқиқотҳои анҷомдодаи муаллифони дигар ҳам таъкид шудааст[169]. Аломатҳои нишондиҳандаи кирдор нисбат ба унсури мавриди таҳқиқ таваҷҷуҳи махсусро тақозо менамоянд.

Зери мафҳуми зиддиҳуқуқӣ будани кирдор мамнӯъ будани он тавассути қонуни ҷиноятӣ фаҳмида мешавад. Дар сурати пешбинӣ нашудани кирдор дар КҶ ҶТ, агар он аз ҷиҳати ҷамъиятӣ хавфнок бошаду боиси расонидани зарари муайян ба саломатии шахс гардад, он набояд унсури тарафи объективии ҷиноят бо ҳама оқибатҳои эҳтимолӣ эътироф гардад.

---

166 Ниг.: Шаргородский М.Д. Преступления против жизни и здоровья. – М.: Юриздат, 1947. – С. 313.
167 Кудрявцев В.Н. Объективная сторона преступления. – М.: Госюриздат, 1960. – С. 60.
168 Ниг.: Гаухман Л.Д. Квалификация преступлений: закон, теория, практика. – М., 2003. – С. 89.
169 Ниг.: Расторопов С.В. Уголовно-правовая охрана здоровья человека от преступных посягательств: монография. – М.: Моск. ин-т экономики, менеджмента и права, 2003. – С. 270.

Хавфи ҷамъиятӣ доштан аз он иборат аст, ки тавассути кирдори анҷомдода расонидани зарар ба саломатии шахс ба муносибатҳои ҷамъиятии таъминкунандаи бехатарии саломати дигарон, ки ҳамчун яке аз объектҳои муҳим арзёбӣ ва муҳофизат мегардад, зарар ворид мекунад. Кирдорҳое, ки дар ҳолати надоштани таркиби ҷиноятӣ тавассути шахс содир карда мешаванд, бо шарти риоят гардидани тамоми шароиту муқаррароти лозим қонунӣ мегарданд, кирдорҳои дорои хавфи ҷамъиятӣ маҳсуб намешаванд.

Огоҳона амал кардан ҳамчун аломати кирдор ба маънои содир гардидани ҷиноят дар ҳолати огоҳ будани субъекти амал аст. Ҳаракатҳои рефлектории шахс ба ҳангоми хоб ва ғайра наметавонанд ҳамчун кирдор пазируфта шаванд, зеро аз нигоҳи мафҳуми психофизикӣ дар чунин ҳолат назорати шуур ва огоҳии шахс вуҷуд надорад. Яъне шахс чунин ҳаракатҳоро ноогоҳона ва дар ҳолати фаъол набудани шуур анҷом медиҳад. Аломати мазкур бояд аз аломати ҳамноми тарафи субъективӣ фарқ кунонида шавад, ки он лаҳзаи зеҳнӣ шакли гуноҳро инъикос менамояд.

Ихтиёрӣ будани кирдор аломате мебошад, ки бар асоси он шахс дар сурати доштани имкони воқеии содир накардани кирдори мавриди назар аз рӯйи ирода ва хоҳиш онро содир менамояд. Аломати мазкур хусусияти рафтории иродавии шахсро нишон медиҳад. Дар бораи ихтиёрӣ будани кирдор метавон дар ҳолате сухан гуфт, ки монеаҳои рафънашавандае, ки барои интихоби кирдори дигар вуҷуд дошта бошанд. Ба шакли чунин монеа, барои мисол, таъсиррасонии пешгиринашавандаи физикӣ ва ё қувваи пешгӯинашаванда метавонад баромад намояд. Амали дар натиҷаи вазидани боди шадид ба шахси дигар бархӯрдан ва боиси расонидани зарар ба вай шудан, наметавонад ҳамчуни кирдори ҷиноятӣ арзёбӣ шавад. Шахсе, ки дар натиҷаи тела дода шудан ба шахси дигар зарар мерасонад наметавонад ҳамчун шахси ҷинояткор шинохта шавад, зеро он моҳиятан дар чунин мавридҳо нақши воситаи ҷиноятро иҷро менамояд. Зери мафҳуми маҷбурсозии психикӣ ва физикии рафънопазир ҳолате фаҳмида мешавад,ки

иродаи шахс ба таври пурра вуҷуд надошта бошад. Дар сурати рафъпазир будани таъсири физикӣ ва вуҷуд доштани қобилияти назари амал аз тарафи шахс барои худдорӣ намудан аз содир намудани амал, кирдори содиршуда кирдори ҷиноятӣ шинохта мешавад. Ҳолати рафъпазир будани таъсиррасонии психикӣ ва физикӣ метавонад аз тарафи суд ҳамчун ҳолат ва омили сабуккунандаи гуноҳи шахс ба инобат гирифта шавад.

Зарари миёнаи ҷисмонӣ метавонад ҳам тавассути ҳаракат ва ҳам аз беҳаракатӣ расонида шавад. Фард ширкаткунандаи муносибатҳои ҷамъиятӣ мебошад, аз ин рӯ, ҳангоми расонидани зарар ба саломатии фарди дигар тавассути содир намудани ҳаракат ва ё беҳаракатӣ он амалан марз ва ҳудудҳои маъмулу пазируфташудаи муносибатҳои ҷамъиятиро убур менамояд. Ба ин тартиб, кирдор дар ҳар шакли мавҷуд бояд ҳамчун рафтори берунии инъикосёфта арзёбӣ гардад[170].

Кирдор рафтори фаъолонаи шахсро дар бар мегирад, ки ҳадафи он расонидани зарар ба саломатии шахс мебошад. Дар асоси ҳар гуна кирдор ҳаракатҳои ҷисмонии бадан қарор мегиранд. Он метавонад аз як ҳаракати воҳид ва ё аз чанд ҳаракате иборат бошад, ки мақсади ин ҳаракатҳои баданиро расонидани зарар ба саломатии шахси дигар ташкил медиҳад.

Кирдоре, ки мақсади он расонидани зарари миёна мебошад, аз аввалин ҳаракати бадании дорои аломатҳои дар боло қайдшуда шуруъ мегардад. Аз ин лаҳза шахс шуруъ ба татбиқу амалисозии тарафи объективӣ мекунад,ки ҳатто дар сурати вуҷуд надоштани оқибатҳои ҷамъиятии хавфноки кирдор дар шакли расонидани зарар ба саломатии шахс он метавонад барои қасди содир намудани ҷиноят далелу асос барои ҷавобгарии ҷиноятӣ гардад. Дар кори муайянсозии лаҳзаи интиҳоии амал имкон дорад мушкилоти нисбатан бештар ба вуҷуд ояд. Расонидани зарар ба саломатии шахс метавонад ҳам бо истифодаи узвҳои худ (зарба бо даст, буғӣ кардан ва ғайра) ва ҳам тавассути олатҳои олами моддӣ (зарба бо чӯб, кастет ва таъсиррасонии радиатсионӣ)

[170] Ниг.: Кудрявцев В.Н. Объективная сторона преступления. – М.: Госюриздат, 1960. – С. 70.

ва қувваи табиат сурат бигирад. Квалификатсия ва ё дуруст муайян намудани ҷиноят, аз ҷумла, ҷудосозии қасд аз ҷинояти содиргардида ба ҳалли ин масъала вобастагӣ дорад. Дар робита ба ин мавзуъ имрӯз ду мавқеи асосӣ вуҷуд дорад. Дар ин замина В.Н. Кудрявтсев ба ин назар аст, ки кирдорҳои шахс ба ҳаракатҳои ҷисмонии вай маҳдуд мегарданд[171]. Тамоми кирдорҳои дигаре, ки бо ҳадафи расонидани зарар ба саломатии инсон ба кор бурда мешаванд, аз ҷумла, механизмҳои мухталиф, қувваи табиат, кирдори афроди сеюм аз нигоҳи ин муаллиф бояд ба робитаи сабабӣ миёни кирдор ва оқибати он дохил карда шаванд. Муҳтавои аслии нуқтаи назари дигар аз эътирофи нуктае иборат аст, ки мутобиқи он кирдор на танҳо ҳаракатҳои ҷисмонии шахс, балки он амали он нерӯ ва воситаҳоеро низ дар бар мегирад, ки шахс онҳоро мавриди истифода қарор медиҳад[172].

Бо дар назар гирифтани тамоми ҳолатҳои эҳтимолӣ, ба назари мо нуқтаи назари И.М. Тяжкова нисбатан аз асоси қавитар бархӯрдор аст. И.М. Тяжкова ба ин бовар аст, ки «то замоне, ки неруҳои истифодашаванда ва қонунмандиҳо таҳти контрол ва назари шахс қарор доранд, метавон аз лиҳози ҳуқуқи-ҷиноятӣ дар бораи кирдори ҷиноятӣ сухан гуфт»[173]. Ҷудосозии меъёри «мутеъ ва таҳти назорат будан» барои мушаххас намудани марзҳои кирдори ҷиноятӣ, новобаста ба вариантҳои мухталифи эҳтимолӣ ба арзёбии дурусти ҳар ҷиноят дар алоҳидагӣ мусоидат менамояд.

Мавзуи расонидани зарар ба саломатии шахс тавассути беҳаракатӣ, таҳқиқу баррасии ҷудогонаро тақозо менамояд. Дар адабиёти соҳавии ҳуқуқии ибтидоии даврони шуравӣ, беамалӣ бо як навъ холигӣ ва ё «категорияи фалсафии беасос» баробар дониста мешуд. Имрӯз нуқтаи назари олимон дар ин робита тағйир ёфтааст. Ҳарчанд беҳаракатӣ аз як навъ варианти рафтори ғайрифаъол иборат аст, вале он «ҳеҷ нест ё «категорияи фалсафии беасос» шуморида намешавад, балки он як навъ рафтори

[171] Ниг.:Кудрявцев В.Н. Объективная сторона преступления. – М.: Госюриздат, 1960. – С. 78.
[172] Ниг.:Куриное Б.А. Научные основы квалификации преступлений. – М.: Изд-во Моск. ун-та, 1976. – С. 63; Гаухман Л.Д. Квалификация преступлений: закон, теория, практика. – М., 2003. – С. 94.
[173] Курс уголовного права. Общая часть. Т. 1. Учение о преступлении: Учеб, для вузов / Под ред. Н.Ф. Кузнецовой, И.М. Тяжковой. – М: ИКД «Зерцало-М», 2002. – С. 227.

мушаххасро ташкил медиҳад»[174]. Тавре ки таҳқиқотҳои анҷомдодаи бешумори олимони ватанӣ нишон медиҳанд, ҳолатҳои тавассути беҳаракатӣ расонидани зарар ба саломатии инсон хеле кам ба мушоҳида мерасанд. Вале ин наметавонад монеае барои мавриди таҳқиқ қарор додани он дар чаҳорчӯби таҳқиқоти мо гардад. Ба миён омадани восита ва равишҳои нави таъсиррасонӣ дар олами атроф имкони таъсиррасонӣ ба саломатии инсон тавассути беҳаракатиро афзоиш медиҳад. Бо тафовут аз ҳаракат, ҳангоми беҳаракатӣ шахси ҷинояткор ба таври бевосита бо предмети ҷиноят иртибот намегирад. Барои эътироф намудани беҳаракатӣ ба воситаи ҷиноят, вуҷуд доштани се шарт зарур аст: амали анҷомдодаи субъект бояд равиши муайян дошта бошад; шахс бояд имкони воқеии иҷрои амалҳои заруриро дошта бошад; мушкилоте,ки монеи интихоби рафтори бояду шояд (иҷрои амал) мегарданд, мушкилоти рафъшаванда ба ҳисоб меравaнд[175]. А.А. Тер-Акопов қайд менамояд, ки вазифаи амал кардан метавонад аз рӯйи се асос ба миён ояд: ба далели таъкиди кадом як қонуну муқаррароти ҷиноятӣ ё санади зерқонунӣ, бар асоси шуғлу касб ва мавқеи ишғолнамуда, бар асоси кирдорҳои аз қабл анҷом додашуда[176].

Пизишк тибқи вазифае, ки анҷом медиҳад, вазифадор аст дар ҳолатҳои зарурӣ ба афроди ниёзманд кумаки тиббӣ расонад. Барои муайян намудани амали пизишк тибқи м. 111 КҶ ҶТ беҳаракатии нишондодаи пизишк моҳиятан бояд қасдона бошад. Ин маънои онро дорад, ки пизишк бояд дақиқан донад, ки дахолати вай дар равандҳое, ки дар организми инсон сурат мегиранд, зарурӣ ва ҳатмӣ мебошад. Барои мисол, ҷарроҳе, ки медонад анҷом додани амали ҷарроҳӣ зарурист, барқасдона бо мақсади расонидани зарар ба саломатии инсон аз иҷрои он саркашӣ мекунад. Дар сурати набудани қасд, кирдори ҷарроҳ, ки он дар шакли беҳаракатӣ зоҳир мегардад,

[174] Курс советского уголовного права. Т. 2. Часть Общая. Преступление / Под ред. А.А. Пиантковского. – М.: Наука, 1970. – С. 195.
[175] Ниг.: Кадников Н.Г. Квалификация преступлений и вопросы судебного толкования: теория и практика: Учеб. пособие. – М.: Норма, 2003. – С. 26.
[176] Ниг.: Тер-Акопов А.А. Бездействие как форма преступного поведения. – М.: Юрид. лит., 1980. – С. 66.

метавонад аз рӯйи қ. 1 м. 128 КҶ ҶТ ҳамчун ёрӣ нарасонидан ба бемор арзёбӣ гардад.

Кирдорҳои қаблии шахс ҳам метавонанд сабаби ба вуҷуд омадани вазифаи шахс барои амал кардан гарданд. Масалан, роҳбалад бинобар муноқиша бо роҳбар дар шароити хавфноки табиӣ экспедитсияро танҳо мегузаронад. Дар шароити сарди зимистони қутбӣ ва набудани ёриву машварати коршиносӣ аз сӯйи роҳбалад, як қисм аз ширкаткунандагони экспедитсия бинобар сармозадагӣ бемор мегарданд.

Л.Д. Гаухман ба як далели дигар ишора менамояд, ки он аз меъёрҳои умумииҷтимоӣ иборат мебошад ва ин меъёрҳо дар низоми муносибатҳои иҷтимоӣ рафтори инсонро ба танзим медоранд[177]. Дар ҳақиқат бо ворид гардидан ба низоми муносибатҳои ҷамъиятӣ, шахс дар ҷамъият дорои масъулиятҳое мегардад, ки зарурате вуҷуд надорад, ки онҳо аз рӯйи тартиби меъёрӣ дар санади муайяне пешбинӣ гарданд. Барои намуна, модар вазифадор аст фарзанди худро ғизо диҳад, агар модар қасдан ин кирдорро анҷом надиҳад ва дар натиҷаи он ба саломатии кӯдак зарар расонида шавад, дар чунин ҳолат модар аз рӯйи моддаи дахлдори КҶ ҶТ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад. Ҳангоми муайян намудани гуноҳи шахси гунаҳкор бояд ба далелҳои тасдиққунандаи имконоти воқеии шахс шароити мавҷударо ба назар гирифта аҳамияти ҷиддӣ дод. Ғайр аз ин, ҳатман бояд ба назар гирифта шавад, ки то куҷо кирдорҳои шахси гунаҳкор аз расонидани зарар ба саломатии ҷабрдида пешгирӣ намоянд. Масалан, агар корманди тиббӣ бинобар надоштани таҷриба ва маҳорати дахлдор ба зарурати расонидани ёрии тиббӣ ба шахси бемор пай набарад, дар чунин ҳолат мо метавонем дар бораи вуҷуд надоштани тарафи объективии таркиби ҷиноят сухан бигӯем. Зимни таъкид намудани наздикии ҳаракат ва беҳаракатӣ, В.Н. Кудрявтсев барҳақ қайд менамояд, ки «дар парвандаҳои ҷиноятии ҷудогона набояд миёни шаклҳои алоҳидаи рафтор тафовути на чандон ҷиддӣ қоил шуд»[178].

[177] Ниг.: Гаухман Л.Д. Квалификация преступлений: закон, теория, практика. – М., 2003. – С. 103.
[178] Кудрявцев В.Н. Объективная сторона преступления. – М.: Госюриздат, 1960. – С. 84.

Маҳз чунин наздикӣ, қайд менамояд ин муаллиф, имкон медиҳад,ки ин ду истилоҳ бо мафҳуми умумии «кирдори ҷиноятӣ» муттаҳид гарданд. Бо мувофиқ будан бо нуқтаи назари В.Н. Кудрявтсев доир ба наздик будани чунин шаклҳои кирдор, ҳамзамон мо муқаррар намудани шаклҳои кирдорро дар робита ба ҳар як парвандаи ҷудогонаи ҷиноятӣ зарур медонем. Ин имкон медиҳад, ки ба таври назаррас аз ҳолатҳои руй додани иштибоҳ ҳангоми муайян намудани тарафи субъективии ҷиноят пешгирӣ шавад.

Барои тавсифи ҳаракат ва беҳаракатӣ ҳамчун шакли кирдори ҷиноятӣ равиши расонидани зарар ба саломатӣ бисёр муҳим аст. Дар ҳоли ҳозир фақат як миқдори ками моддаҳои Қисми махсуси КҶ ҶТ ин ё он равиши мушаххаси содиршавии ҷиноятро пешбинӣ менамоянд. Дар бештари моддаҳо равишҳои содиршавии ҷиноят ба таври умумӣ тавсиф ёфтаанд. Дар қонунгузории ҷиноятии миллӣ, одатан оқибатҳои ҷамъиятии хавфнок меҳвари асосиро ташкил медиҳанд.

Дар диспозитсияи м. 111 КҶ ҶТ мушаххасан ба равишҳои расонидани зарар ба саломатии инсон ишора нашудааст. Ва ин бинобар характери махсуси объект ва предмети ҷинояти мазкур ғайримуқаррарӣ ба назар намерасад. Дар натиҷаи рушди босуръати техника ва илм инсоният бо комёбиҳои нав ба нав ноил мегардад, ки дар бархе мавридҳо аз ин дастовардҳои илмӣ бо мақсадҳои ҷиноятӣ истифода мешавад. Бо ин сабаб дар м. 111 КҶ ҶТ пешбинӣ шудани рӯйхати равишҳои тахминии содир намудани кирдорҳои ҷиноятӣ ғайримумкин ба назар мерасад. Сарфи назар аз ин, набояд ба чунин тавсифи муҳими кирдор бо беэътиноӣ бархурд намуд. Ташхис ва арзёбии дурусти равиши содиршавии кирдор дар дуруст муайян намудани қасди расонидани зарар ба саломатӣ ва тарафи субъективии ҷиноят нақши бисёр муҳим дорад. Ҳамчун тавсифи сифатии кирдор, категорияи тарзи хоси ҳар як ҷиноят мебошад, ҳарчанд он метавонад дар қатори аломатҳои ҳатмӣ вуҷуд надошта бошад. Ба таври ҷиддӣ ва илмӣ омӯзиши тарзҳои содиршавии ҷиноят дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ аз оғози солҳои 1960 мелодӣ шуруъ ёфт. Бояд эътироф намуд, ки тайи солҳои гузашта

дар ин самт омӯзишҳои зиёде доир ба тарзҳои содиршавии ҷиноят анҷом дода шуданд. Аммо, мутаассифона дар ин ҳама таҳқиқот танҳо ба мавзуъҳои умумӣ иктифо намуданд ва таҳлили тарзҳои содиршавии гуруҳҳои мушаххаси ҷиноят сарфи назар шудаанд.

Ҳангоми омӯзиши таъсири тарзи содир намудани ҷиноят ба хавфи ҷамъиятии кирдори содиршуда, Г.В. Бушуев менависад, ки «тарзи содир намудани ҷинояти қасдан ин усул ё маҷмуи усулҳое мебошанд,ки тавассути шахси гунаҳкор барои ба даст овардани натиҷаи ҷиноятии матлуб мавриди истифода қарор мегиранд»[179]. В.Н. Кудрявтсев тарзро ҳамчун «тартиб, метод, пайдарҳамии ҳаракатҳо ва усулҳои муайяни тавассути шахс истифодашаванда» мушаххас намудааст[180]. Таърифи нисбатан мукаммал ва баёнкунандаи моҳияти тарзи содир гардидани ҳам ҳаракат ва ҳам беҳаракатии нишондиҳандаи инъикоси берунӣ таърифи тарзе шуморида мешавад, ки аз тарафи гуруҳи муаллифони Донишкадаи ҳуқуқи Вазорати корҳои дохилии Федератсияи Русия пешниҳод шудааст. Зери мафҳуми тарз онҳо шакли берунии кирдори ҷиноятиеро дар назар мегиранд,ки истифодаи усул ва ҷамъи усулҳои иҷрои ҳаракат ва ё худдорӣ намудан аз иҷрои онро ҳангоми беҳаракатӣ нишон медиҳад[181]. Чунин дарки фаҳмиш ба назари мо қобили дастгирӣ мебошад.

Кирдорҳое,ки тавассути онҳо расонидани зарари миёна имконпазир аст, бо гуногун будани худ фарқ менамоянд. Дар айни замон классификатсияи умумипазируфташудаи кирдоре, ки тавассути онҳо ба саломатии инсон зарар расонида мешавад, вуҷуд надорад. Яке аз навъҳои таснифи бештар паҳнгардида классификатсияи кирдорҳое шуморида мешавад, ки бар асоси воситаҳои истифодашаванда ва тарзи корбурд муайян мегардад[182]:

---

179 Бушуев Г.В. Способ совершения преступления и его влияние на общественную опасность содеянного. – Омск: Ом. ВШМ МВД СССР, 1988. – С. 20.
180 Ниг.: Кудрявцев В.Н. Объективная сторона преступления. – М.: Госюриздат, 1960. – С. 71.
181 Ниг.: Объективная сторона преступления (факультативные признаки): Учеб, пособие / Под ред. А.В. Наумова, С.И. Никулина. – М.: Моск. юрид. ин-т МВД РФ, 1995. – С. 94.
182 Ниг.: Даурова Т.Г. Уголовная ответственность за легкие телесные повреждения / Под ред. Ной И.С. – Саратов: Изд-во Сарат. ун-та, 1980. – С. 74; Жордания М. Квалификация телесных повреждений / М. Жордания // Соц. законность. – 1973. – №2.– С. 47.

1) расонидани зарар ба саломатӣ аз роҳи таъсиррасонии ҷисмонӣ;

2) расонидани зарар ба саломатӣ тавассути таъсиррасонии химиявӣ;

3) расонидани зарар тавассути таъсиррасонии психологӣ.

Чунин таснифот дорои як қатор камбудиҳо мебошад. Тарафдорони он таъсиррасонии механикӣ, электирикӣ, ҳароратӣ, термикӣ, биологӣ ва ғайраро, ки ҷузъи предмети экспертизаи судию тиббӣ ҳисобида мешаванд, ба гуруҳи аввал дохил менамоянд. Дар чунин ҳолат чи ангеза олимонро водор менамояд, ки таъсиррасонии химиявиро ба гуруҳи ҷудогона дохил намоянд. Оё барои ин асосу далеле вуҷуд дорад?

Зери мафҳуми таъсиррасонии химиявӣ маъмулан истифодаи заҳр ва дигар ашёи таъсиргузории қавӣ, ки бинобар хусусияти таъсиррасонии худ метавонанд ба саломатии шахс зарар ворид намоянд, фаҳмида мешавад. Чунин дарк ва тасаввур набояд монеи дохил намудани таъсиррасонии химиявӣ ба гуруҳи аввал (таъсири физикӣ) гардад. Аз нуқтаи назари мо, асоси класификатсияро бояд тааллуқ доштани ин ё он навъи таъсиррасонӣ ба категорияи ҷисмонӣ ва фишори психологӣ ташкил диҳад. Функсияҳои физиологии организми инсон ва қисмҳои зоҳирии бадан, ки бо таъсир расонидан ба онҳо ҷинояткор ба объекти ҷиноят таҷовуз мекунад, предмети фишори ҷисмонӣ ҳисобида мешаванд[183]. Таъсиррасонии химиявӣ низ чун дигар навъҳои таъсиррасонӣ ба категорияи фишори ҷисмонӣ дохил мегардад. Ба назари мо, фишори ҷисмонӣ ҳамчун равиши сӯйиқасд ва таҷовуз ба саломатии инсон тамоми навъҳои таъсиррасониро, ки ба предмети экспертизаи судию тиббӣ дохил мешаванд, дарбар мегирад[184]. Дар чаҳорчӯби таркиби мавриди таҳқиқи мо психикаи инсон, ки бо мақсади расонидани таъсири психикӣ ва ҷисмонӣ зери фишор қарор дода мешавад, предмети фишори ҷисмониро ташкил медиҳад. Фишори равонӣ дар маҷмуъ метавонад боиси ба миён омадани беморишӣ руҳӣ ва ҳам дучори тағйири ҷисмонӣ ва

---

[183] Ниг.: Сердюк Л.В. Насилие: криминологическое и уголовно-правовое исследование / Под ред. С.П. Щербы. – М.: Юрлитинформ, 2002. – С. 28; Гаухман. Л.Д. Насилие как средство совершения преступления. – М., 1974. – С. 3–18.

[184] Ниг.: Волков В.Н., Датий А.В. Судебная медицина: Учеб, пособие для вузов / Под ред. А.Ф. Волынского. – М.: ЮНИТИ-ДАНА; Закон и право, 2000. – С. 8.

органикӣ шудани узвҳои алоҳида ва тамоми организми инсон гардад. Меъёри асосии ҷудо намудани тарзҳои зикргардидаи кирдор предмети онҳо ба ҳисоб меравад (нуқтаи фишор овардан). Бинобар ворид намудани ихтилоли психикӣ (равонӣ) ба аломатҳои расонидани зарари миёна ба саломатӣ, дар доираи м. 111 КҶ ҶТ бояд танҳо чунин навъи таъсиррасонии равонӣ мавриди арзёбӣ қарор гирад, ки он боиси ба вуҷуд омадани бемории руҳӣ намегардад. Тавре ки таҳқиқотҳои олимони ватанӣ нишон медиҳанд, таъсиррасонии равонӣ ба саломатии инсон хеле кам ба назар мерасад. Ҳатто баъзе муаллифон дар бораи ба онҳо маълум набудани чунин таъсиррасонӣ дар таҷрибаи амалӣ таъкид менамоянд[185]. Густурдагии ҳолатҳои истифода шудани предметҳои мухталиф дар расонидани зарар ба саломатии инсон дар таҷрибаи амалӣ ба иддае аз муаллифон иҷозат медиҳад дар бораи ҷудосозии ба истилоҳ равиши абзорӣ ва предметӣ сухан гӯянд. Асли матлаб аз он иборат аст, ки оё метавон ба категория тарз предметҳоеро дохил намуд, ки онҳо бо мақсади анҷоми қасд мавриди истифода қарор мегиранд. Зимни мувофиқ будан бо назари гуруҳи муаллифони Донишкадаи ҳуқуқи ВКД Федератсияи Русия барои иваз намудани мафҳумҳо ҳеҷ зарурате вуҷуд надорад, зеро восита қисме аз унсури таркиби ҷиноят дорои аҳамияти ҷудогонаи ҳуқуқи ҷиноятӣ мебошад[186]. Истифодаи предмет ба квалификатсияи м. 111 КҶ ҶТ ҳеҷ гуна таъсир намегузорад. Вале наметавон бо андешаи С.В. Расторопов мувофиқ набуд ба ин маъно, ки бешубҳа ин дараҷаи аз ҷиҳати иҷтимоӣ хавфнок будани кирдорро афзоиш медиҳад ва он ҳангоми таъйин гардидани ҷазо инъикос меёбад[187]. Ба афзоиши дараҷаи хавфи иҷтимоии амали сӯиқасд ба муқобили саломатии инсон бо истифодаи воситаҳои мухталиф ҳанӯз А. Лохвитский ишора ва дар зимн пешниҳод намуда буд, ки таъсири омили мазкур ҳангоми муайян гардидани ҷиноят

---

[185] Ниг.: Даурова Т.Г. Уголовная ответственность за легкие телесные повреждения / Под ред. Ной И.С. – Саратов: Изд-во Сарат. ун-та, 1980. – С. 74.

[186] Ниг.: Объективная сторона преступления (факультативные признаки): Учеб. пособие / Под ред. А.В. Наумова, С.И. Никулина. – М.: Моск. юрид. ин-т МВД РФ, 1995. – С. 75.

[187] Ниг.: Расторопов С.В. Уголовно-правовая охрана здоровья человека от преступных посягательств: монография. – М.: Моск. ин-т экономики, менеджмента и права, 2003. – С. 270.

афзоиш дода шавад[188]. Қонунгузорро лозим меояд то дар мавриди тавсияҳои пешниҳодшуда биандешад ва аломати квалификатсионии дахлдорро дар м. 112 КҶ РФ (м. 111 КҶ ҶТ – М.С.) ворид созад[189].

Тавре ки дар боло таъкид шуд, қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ ба категорияи таркибҳои моддӣ дохил мегардад, яъне барои муқаррар намудани ҷиноят ҳамчун кирдори ба анҷомрасида на фақат вуҷуд доштани кирдори ба ҷамъият хавфнок, балки фаро расидани оқибатҳои иҷтимоии хавфнок низ лозим аст. Оқибати ҷиноят ба муқобили саломатӣ дар расонидани зарар ба саломатӣ зоҳир мегардад.

Соли 2004 Қоидаҳои экспертизаи судиву тиббии вазнинии зарар ба саломатӣ мавриди истифода қарор гирифтанд (фармоиши Вазорати тандурустӣ аз санаи 18 марти соли 2014, № 101). То кунун, мутассифона, санади меъёрии муайян намудани меъёрҳои тиббии муқаррар сохтани дараҷаи вазнинии зарари расонидашаванда ба саломатии шахс қабул нашудааст. Бинобар ин, ҳангоми арзёбии аломатҳои нишондиҳандаи қасдан расонидани зарари миёна ба саломатии инсон мо аз меъёрҳое, ки дар Қоидаҳои экспертизаи судиву тиббии вазнинии зарар ба саломатӣ пешбинӣ шудаанд, истифода мекунем.

Дар м. 112 Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон (с. 1961) барои баён намудани гуруҳи ҷиноятҳои мавриди алоқаи мо аз истилоҳи «зарари каме вазнини ҷисмонӣ» истифода мешуд. Бо қабули Кодекси нави ҷиноятии ҶТ дар соли 1998, истилоҳи «зарари миёна ба саломатӣ» мавриди истифода қарор гирифт. Бо вуҷуди барои қонунгузории ҷиноятии ватанӣ нисбатан анъанавӣ будани истилоҳи «зарари каме вазнини ҷисмонӣ», иваз намудани он бо истилоҳи «зарари миёна ба саломатӣ» ҳам аз сӯйи криминалистон ва ҳам тавассути кормандони тиббӣ-судӣ хуб пазируфта шуд.

---

[188] Ниг.: Лохвицкий А. Курс русского уголовного права. – СПб.: Тип. правительствующего сената, 1867. – С. 546.
[189] Ниг.: Сахаров В.И. Средства и орудия совершения преступления и их уголовно-правовое значение: Учеб, пособие. – М.: МЮИ МВД России, 1996. – С. 51-59.

Дар айни замон ҷароҳатҳои ҷисмонӣ фақат яке аз шаклҳои расонидани зарар ба саломатии инсон маҳсуб мешаванд. Истилоҳи мазкур ба муддати тӯлонӣ дар ҳуқуқи ҷиноятии шуравӣ мавриди баҳсу гуфтугӯҳои илмӣ қарор дошт. Махсусан, муҳтавои ин истилоҳ баҳсбарангез буд. Бархилофи мавҷудияти доштани назарҳои мухталиф, метавон ду гуруҳи асосиро ҷудо намуд, ки гуруҳи аввал ба мафҳуми «ҷароҳатҳои ҷисмонӣ» чунин амалҳо, аз ҷумла зарба, латукӯб ва дигар амалҳои хушунатомезро ворид мекунанд. Аммо аз нигоҳи гуруҳи дуюм кирдорҳои мазкур ҷузъи мафҳуми «ҷароҳатҳои ҷисмонӣ» намешаванд.

Тарафдорони мафҳуми маҳдуди ҷароҳатҳои ҷисмонӣ чунин олимони барҷастаиҳуқуқи ҷиноятӣ, аз қабили Н.Д. Дурманов[190], Н.И. Загородников[191], А.С. Никифиров[192] ва дигарон маҳсуб мешуданд. Онҳо ба тарафдории нуқтаи назари худ далел оварда, аз ҷумла таъкид менамуданд, ки бо фарқ аз ҷароҳатҳои ҷисмонӣ, ки тавассути онҳо дақиқ муайяни намудани характер ва дараҷаи зарар имконпазир аст, дар ҳолати вуҷуд доштани зарба ва латукӯб ошкор намудани оқибатҳои чунин кирдорҳо мушкил ва гоҳо комилан имконнопазир мебошад.

Дар робита ба чунин мавқеъ П.А. Дубоветс назари мутафовит дошт. Ӯ аз ҷумла чунин менигорад: «Ба таври принсипиалӣ дуруст аст, ки таърифи «ҷароҳатҳои ҷисмонӣ» кирдорҳои хушунатомези зеринро дар бар мегирад: зарба, латукӯб ва ба ин монанд кирдорҳо, боиси ба миён омадани ранҷу азияти ҷисмонӣ мегарданд. Зарба, латукӯб ва дигар кирдорҳои хушунатомез,ки боиси ба миён омадани дарду азият дар шахс мегарданд, ба монанди дигар ҷароҳатҳои ҷисмонӣ ба вазъи саломатии инсон зарар ворид менамоянд»[193]. Лозим ба зикр аст,ки ба маънои васеъ дарк намудани ин истилоҳ аз сӯйи олимони шуравӣ дастгирӣ ва пуштибонӣ мешуд.

---

[190] Ниг.: Дурманов Н.Д. Понятие телесных повреждений по советскому уголовному праву / Н.Д. Дурманов // Сов. государство и право. – 1956. – №1. – С. 84.
[191] Ниг.: Загородников Н.И. Преступления против здоровья. – М., 1969. – С. 36.
[192] Ниг.: Никифоров А.С. Ответственность за телесные повреждения по советскому уголовному праву. – М.: Госюриздат, 1959. – С. 14.
[193] Дубовец П.А. Ответственность за телесные повреждения по советскому уголовному праву. – М.: ЮЛ, 1964. – С. 8.

Аз дидгоҳи мо нуқтаи назари аввал дар муқоиса нисбатан афзалият дорад. Сарфи назар аз пешрафтҳои назарраси ба дастомада дар соҳаи тибб, дар бештари мавридҳо зарари воқеиеро, ки ба саломатии инсон ворид карда мешавад бо сабаби он ки он чандон ҷиддӣ несту зуд тавассути худи организми шахс рафъ мегардад, муайян кардан ғайриимкон аст.

Мо ба таври муфассал дар мавриди таҳлилу баррасии дидгоҳҳои мавҷуд дар бораи мафҳуми «ҷароҳати ҷисмонӣ» таваққуф намекунем. Бо ворид гардидани мафҳуми «зарар ба саломатӣ» ба КҶ ҶТ дар асл мафҳуми «ҷароҳатҳои ҷисмонӣ» аз рӯйи моҳият ва мазмун аҳамияти ҳуқуқи ҷиноятии худро аз даст дод. Акнун масъалаи мазмуну мундариҷаи ин таъриф пурра ба ихтиёри мутахассисони тибби судӣ мегузарад. Имрӯз дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ истилоҳи «зарар ба саломатӣ» ҳамчун оқибати сӯйиқасди ҷиноятӣ аҳаммияти аввалиндараҷа касб менамояд. Муҳим нест, ки расонидани «зарар ба саломатӣ» дар кадом шакл зоҳир меёбад.

Бо вуҷуди аҳаммияти касбнамудаи худ, истилоҳи «зарар ба саломатӣ» дар КҶ ҶТ тавзеҳу маънидод наёфтааст. Муҳтавои он дар Қоидаҳои экспертизаи судиву тиббии вазнинии зарар ба саломатӣ инъикос ёфтааст (минбаъд-Қоидаҳо), ки тавассути фармоиши Вазорати тандурустӣ аз 18 марти соли 2004, таҳти №101 ба тасвиб расида буд. Зери мафҳуми зарари расонидашуда ба саломатии инсон аз байн рафтани яклухтӣ ва фаъолияти муқаррарии физиологии узвҳои бадани шахс фаҳмида мешавад, ки он дар натиҷаи таъсиррасонии омилҳои ҷисмонӣ, химиявӣ, биологӣ ва психологии муҳити беруна ба амал меояд.

Аз нуқтаи назари мо мафҳуми «зарар ба саломатӣ» бояд дар сатҳи қонунгузорӣ пешбинӣ ва таърифи он дар эзоҳи м. 110 КҶ ҶТ ҳамроҳ карда шавад. Таърифи мафҳуми «зарар ба саломатӣ», ки дар Қоидаҳо омадааст, асос бояд гирифта шавад. Ин имкон медиҳад дарку фаҳмиши воҳиди истилоҳи мазкур дар илми ҳуқуқшиносӣ ва тиббӣ-судӣ таъмин карда шавад.

Омӯзиши масъалаҳои умумии фарогирандаи муҳтавои ҳуқуқии қасдан расонидани зарари миёна ба саломатии шахсро анҷом дода, бояд аломатҳои конкретии ҷинояти мазкурро мавриди баррасӣ қарор дод. Ин имкон медиҳад ҷинояти мавриди назар аз гуруҳи ҷиноятҳои яклухт ҷудо карда шавад Ба аломатҳои нишондиҳандаи таркиби ҷиноят, ки дар м. 111 КҶ ҶТ пешбинӣ шудаанд, дохил мегарданд:

1) набудани хатар барои ҳаёти инсон;

2) набудани оқибатҳои дар м. 110 КҶ ҶТ ишорашуда;

3) ба муддати тӯлонӣ хароб шудани саломатӣ;

4) камтар аз се як ҳиссаи қобилияти умумии кориро ба таври собит аз даст додан.

Ҳамин тавр, барои муайян намудани кирдори содирнамуда аз рӯйи м. 111 КҶ ҶТ лозим аст то вуҷуд надоштани ду аломати аввал ва вуҷуд доштани ҳаддиақалл яке аз ду аломати охир муқаррар карда шавад.

Хавфнок будан барои ҳаёт – аломате ба ҳисоб меравад, ки барои расонидани зарари вазнин ба саломатӣ хос аст. Зери мафҳуми зарари барои ҳаёти инсон хавфнок чӣ дар назар аст. Ин дар адабиёти вобаста ба ҳуқуқи ҷиноятӣ ва экспертизаи судию тиббӣ кайҳост, ки мавриди баҳсу арзёбӣ қарор дорад. Бояд хотирнишон сохт, ки аломати мазкур дорои хусусияти мураккаби ҳуқуқи тиббӣ мебошад.

Аз нуқтаи назари экспертизаи судию тиббӣ зарари барои ҳаёт хавфнок он зараре шуморида мешавад, ки «дар ҳолати муқаррарии худ, яъне дар сурати ёрӣ нарасонидан ба бемор маъмулан бо марг анҷом меёбад»[194]. Тавсифи тиббии ин аломат бештар фаҳмотар ба назар мерасад, агар он ҳамчун таносуби ду раванди бо ҳам дар ихтилоф мавриди арзёбӣ қарор бигирад: зарар ва барқарорсозӣ[195]. Раванди зарар дар натиҷаи омили зараррасон ба вуҷуд меояд. Раванди барқарорӣ тавассути имконоти эҳёву

---

[194] Бойко И.Б. Судебная медицина для юристов: Учеб. пособие. – Рязань, 2002. – С. 56.

[195] Ниг.: Альшевский В.В. Судебно-медицинская экспертиза вреда здоровью в современном уголовном судопроизводстве (процессуальные аспекты, методические принципы и формально-логические алгоритмы). – М.: Юрлитинформ, 2004. – С. 81.

компенсатории худи организм муайян мегардад. Бо дар назар гирифтани мақсаду хусусияти бо ҳам зидди равандҳои ишорашуда, В.В. Алшевский таърифи нисбатан пурра ва мушаххасу фаҳмои мафҳуми зарар ба саломатии барои ҳаёт хавфнокро ироа медиҳад: «патологияи ба таври маълум барои ҳаёт хавфнок бо тағйир ёфтани он функсияҳои организм, ки худ ба худ бартараф намегарданд зоҳир меёбанд (ё худ ба худ, ё дар натиҷаи як қатор мушкилот) ва боиси ба миён омадани ҳолати терминалие мегардад, ки метавонад ба марг оварда расонад»[196]. Дар мавриди ҷанбаи тиббии аломати мазкур асосан ҳама чиз равшану фаҳмост.

Агар тибби судӣ бо оқибатҳои таҷовузу сӯйиқасд сару кор бигирад, мақомоти ҳуқуқтатбиққунанда бошанд бояд кирдорҳоеро арзёбӣ намоянд, ки онҳо қабл аз расонидани зарар ба саломатии шахс содир мешаванд. Дар ҳуқуқи ҷиноятии ватанӣ чунин нигоҳ ба аломати мавриди таҳқиқ ахиран ба миён наомадааст. Дар ибтидои асри XX М.М. Гродзинский нигошта буд: «Иллати барои ҳаёти шахс хавфнок аз расонидани чунин зиёну беморӣ иборат аст, ки дар мавриди муайян имкон дорад он боиси фавтидани шахси зарардида гардад, ҳарчанд дар ин ҷо поёни ба марг расонидан ҷо надошта бошад»[197]. Тавре ки аз ин таъриф бармеояд, криминалистҳои ибтидои асри XX ба арзёбии оқибатҳои фарорасида таваҷҷуҳ ва афзалияти бештар медоданд. Ғайр аз ин, таърифи мазкур ба ин суол посух намедиҳад: оё зарар дар ҳолати расонидан бояд хавфнок бошад ва ё сухан дар бораи нуқсҳое меравад, ки ҳамчун натиҷа ба миён меоянд.

А.С. Никифиров низ аз чунин нуқтаи назар пуштибонӣ менамуд. Аз нигоҳи ин муаллиф, он зарар барои ҳаёт хавфнок шуморида мешавад, ки дар замони расонидан хавфнок бошад. Ҳамзамон зараре, ки дар лаҳзаи ворид гардидан хавфнок нест, аммо бо вуҷуди ин боиси эҷоди хавф барои ҳаёти

---

196 Альшевский В.В. Судебно-медицинская экспертиза вреда здоровью в современном уголовном судопроизводстве (процессуальные аспекты, методические принципы и формально-логические алгоритмы). – М.: Юрлитинформ, 2004. – С. 81.

197 Гродзинский М.М. Преступления против личности (текст и комментарий к ст. 142-165, 172-179 УК). – М.: Право и жизнь, 1924. – С. 26.

ҷабрдида ва ё марги вай мегардад[198]. Ба назари мо чунин васеъсозии чорчӯбҳои муваққатӣ набояд сурат бигирад. Новобаста ба дастовардҳои илми тибби муосир на ҳамеша метавон муайян намуд, ки мураккабиву вазнинии хавфноки вазъи саломатии шахс натиҷаи ҷароҳатҳои гирифташуда аст ё дигар омилҳои номусоид сабаби ба миён омадани чунин вазъ шудааст.

Ҳоло бештари олимон чунин меҳисобанд,ки хавфнок будани зарар барои ҳаёти шахс бояд дар лаҳзаи расонидани зарар ба саломатӣ муайян карда шавад. Дар баробари ин агар ёрӣ расонидан ба бемор боиси пешгирӣ аз фавтидани шахси ҷабрдида гардад ва ба саломатии шахс зарари миёна ё сабук расонида шавад, дар чунин ҳолат кирдорҳои содирнамудаи шахси гунаҳкор бояд аз рӯйи м. 110 КҶ ҶТ арзёбӣ шаванд. Он нуқсонҳои эҳтимолие,ки дар натиҷаи расонидани зарар ба миён меоянд, бояд дар асоси аломатҳои иллат пайдо кардани саломатӣ ва аз даст додани қобилияти умумии меҳнатӣ баррасӣ гарданд.

Коршиноси экспертизаи судию тиббӣ аз ҷиҳати хавфнок будани зарар ба паталогия ва ҳаёти шахс бояд хусусият ва бемории дар натиҷаи расонидани зарар ҳосил гардидаро муайян ва арзёбӣ намояд. Кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бояд ба кирдорҳои содирнамудаи шахси гунаҳкор, ки мақсади онҳо расонидани зарари барои ҳаёт хавфнок мебошад, баҳои дурусти ҳуқуқӣ диҳанд. Дар робита ба ҷинояти содиргардида нақши асосиро бояд кормандони экспертизаи судию тиббӣ ифо намоянд. Агар сухан дар бораи суиқасди расонидани зарари миёна ба саломатии шахс равад, дар ин сурат, афзалият бояд ба тавсифи ҳуқуқи ҷиноятии кирдори содиршуда дода шавад. Таваҷҷуҳи аслии кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бояд аз рӯйи тарз, олоту воситае, ки тавассути он ҷиноят содир мешавад ва он қисмҳои бадан, ки зиён мебинанд, мутамаркиз шавад. Дуруст ба назар гирифта нашудани тарзи чигунагии анҷом додани сӯйиқасд аз тарафи бархе муаллифон ва кормандони дахлдор метавонад боиси квалификатсияи нодурусти кирдори

---

[198] Ниг.: Никифоров А.С. Ответственность за телесные повреждения по советскому уголовному праву. – М.: Госюриздат, 1959. – С. 41.

содиргардида шавад. Таваҷҷуҳ нишон додан фақат ба ҷанбаи вобаста ба оқибатҳои зарари расонидашуда имкон намедиҳад ба таври дақиқ вуҷуд доштан ва ё вуҷуд надоштани хавф барои ҳаёти шахс муайян карда шавад. Аз нуқтаи назари мо, барои хавфнок эътироф намудани зарари расонидашуда, хавфнок будани тарзи сӯйиқасд ва вуҷуд доштани оқибатҳои он ҳатмист. Дар муайян ва арзёбӣ намудани хавфнок будани зарари расонидашуда ба саломатӣ тарзи суиқасд ва воситаву предмети содиршавии ҷиноят, ки тавассути шахси ҷинояткор барои расонидани зарар ба саломатии шахси дигар интихоб мегарданд, нақши бисёр муҳим мебозад. Зимни таҳқиқу омӯзиши ҷиноятҳои ба муқобили саломатии инсон равонашуда, ҳанӯз дар асри XIX А. Лохвитский нигошта буд: «Ташхиси ҷароҳатҳои сабук ва вазнин аз рӯйи предмети ҷиноят ва қисматҳои ба онҳо зарар расидаи бадан бештар аз ҳар чизи дигар як кирдору иқдоми ратсионалӣ ба ҳисоб меравад...»[199].

Ҳамин тавр, барои квалификатсия ва арзёбии кирдори ҷинояти содиршуда аз рӯйи м. 111 КҶ ҶТ лозим аст то дар лаҳзаи расонидани зарар ба шахс он барои ҳаёти шахси ҷабрдида хавфнок набошад.

Аломати дуюми нишондиҳандаи қасдона расонидани зарари миёна ба саломатӣ набудани оқибатҳои дар м. 110 КҶ ҶТ омада, аз ҷумла, аз даст додани қувваи биноӣ, такаллум, овоз, яке аз узвҳои бадан, корношоям гардидани аъзои бадан, қатъ гардидани ҳомиладорӣ, ихтилолоти руҳӣ, бадшакл сохтани рӯй ва ғайра ба ҳисоб меравад. Лозим ба зикр аст, ки бештари ин аломатҳо ба таври муфассал дар корҳои таҳқиқии анҷомдодаи муаллифони ватанӣ инъикоси худро ёфтаанд. Аммо баъзе аз ин аломатҳо, дар чаҳорчӯби таҳқиқоти мавриди назари мо ба таваҷҷуҳи махсус ниёз доранд.

Бадшакл сохтани рӯй ин аломати ҳуқуқии расонидани зарари вазнин ба саломатии шахс мебошад, ки он солҳои зиёдест, ки дар миёни криминалистон баҳсу баррассиҳоро ба миён овардааст. Аз ҷумла, С.А. Познишев дар

---

[199] Лохвицкий А. Курс русского уголовного права. – СПб.: Тип. правительствующего сената, 1867. – С. 546.

ибтидои асри XX дар ин бора чунин нигошта буд: «Ба таври ислоҳнопазир бадшакл сохтани рӯй мафҳуми комилан шартист; қонун зери ин мафҳум чунин расонидани зарар ба рӯйи инсонро дар назар дорад, ки дар натиҷаи он рӯйи шахс намуди нофорам ва номақбул ба худ мегирад. То кунун ҷароҳат боиси бадшакл гардидани рӯйи инсон мегардад, ин то дараҷаи зиёде ба ҷинс ва синну соли шахси ҷабрдида бастагӣ дорад; захму доғҳои сурх, ки бешубҳа боиси бадшакл гардидани рӯйи духтари ҷавон ва ё шахси солхӯрда мегарданд, рӯйи шахси зарардидаро қабеҳу кароҳатангез нишон медиҳанд»[200]. Ба хусусияти чунин арзёбӣ, ки истифодаи ин аломатро то ҷое мураккаб месозад, олимону муаллифони дигар таваҷҷуҳ нишон додаанд[201].

Далели ҳамроҳ намудани ин аломат ба м. 110 КҶ ҶТ дар он аст, ки аҳаммияти ин қисми бадан дар зиндагии шахс хело зиёд мебошад. Расонидани чунин ҷароҳатҳо ба инсон, метавонад боиси ҳазф шудани ӯ аз ҳаёти иҷтимоӣ гардад ва ё дар баробари ӯ монеаҳои рафънопазиреро эҷод намояд, ки ба ин далел шахс аз машғул шудан ба фаъолиятҳои муайяни шуғлӣ маҳрум гардад. Андешаву назари бархе аз олимону муаллифонро дар бораи ин ки бадшаклсозии ислоҳнопазир боиси ворид гардидани зарар ба саломатӣ намешавад, ба гумон аст, ки дуруст ҳисобид[202]. Аввалан, бадшакл сохтани рӯйи шахс на фақат ба афроди гирду атроф, балки мустақиман ба худи шахси ҷабридида низ тасаввури дилшикаставу ғамбор ва нафратовареро илқо мекунад, ки он метавонад дар шакли бемории руҳӣ зоҳир гардад. Сониян, ҳангоми бадшакл сохтани рӯй, ба саломатии шахси ҷабрдида хоҳу ноҳоҳ зарар ворид карда мешавад, ҳарчанд ки он метавонад ҷиддӣ набошад.

Аломати мазкур барои мо аз ҷиҳати муайян гардидани набуди он ҷолиб аст. Барои ин пеш аз ҳама бояд муайян кард,ки худи рӯйи шахс аз чӣ иборат

---

[200] Познышев С.В. Очерк основных начал науки уголовного права. Особенная часть: Преступления против личности. – М.: Юриздат НКЮ, 1938. – С. 30.
[201] Ниг.: Жижиленко А.А. Преступления против личности. – М.: Л., 1927. – С. 44; Расторопов С.В. Преступления против здоровья человека / С.В. Расторопов // Законодательство. – 2004. – №2. – С. 67-76.
[202] Ниг.: Никифоров А.С. Ответственность за телесные повреждения по советскому уголовному праву. – М.: Госюриздат, 1959. – С. 41.

аст? Қоидаҳо чунин марзҳои рӯйро муайян кардааст: болоӣ – гӯшаи пӯшиши мӯйдори сар; паҳлӯӣ – гӯшаи пеши ибтидои гӯшҳо, гӯшаи ақиби шохаи поёнии ҷоғ; поёнӣ – кунҷ ва гӯшаи поёнии ҷоғари поёнӣ. Мувофиқи Қоидаҳо марз ё қисмати паҳлӯии рӯй ҳамчун қисмати қафои маҷрои ҳалазунии гӯш, гӯшаи ақиби шохаи ҷоғари поёнӣ муайян гардида буд. Ба туфайли ин метавон иброз дошт, ки мафҳум ва дарки рӯй дар таҷрибаи экспертизаи судию тиббӣ дорои тавсифу мушаххассозии комилан ноустувор мебошад ва ин дар гумон аст ба таври мусбат дар иҷро ва татбиқи қонун таъсир бигузорад. Бо таъкиди ин нукта, ки масъалаи ҳудуд ва марзи рӯй бояд аз нуқтаи назари тиббиву эстетикӣ муайян карда шавад, В.В. Алшевский менигорад: «Барои як бор ҳудудҳои муайянгардидаи рӯй то тағйир ёфтани тасаввуроти эстетикии ҷомеа дар бораи рӯй боқӣ мемонанд».

Муайян кардани мавриди ислоҳнопазир будани бадшаклии рӯй ба салоҳияти суд дохил мешавад. Вале бо вуҷуди салоҳиятҳои додашудаи суд дар ин замина, суд дар гумон аст салоҳиятҳои дар ихтиёрдоштаи худро дар ин робита бидуни кумаки экспертҳои судию тиббӣ иҷро карда тавонад. Муайян сохтани ислоҳнопазир будани зарари расонидашуда ҷузъи салоҳияти экспертизаи судию тиббӣ ба ҳисоб меравад. Дар Қоидаҳо таъкид шуда буд, ки зери мафҳуми ислоҳнопазирӣ бояд номумкин будани аз байнравии осори дидашавандаи ҷароҳат ё ба таври ночиз кам кардани он бо гузашти вақт фаҳмида шавад. Агар рафъи ҷароҳат ба гузаронидани амалиёти косметикӣ ниёз дошта бошад, он ҷароҳати ислоҳнопазир шуморида мешавад.

Бо такя ба хулосаи экспертизаи судию тиббӣ суд бояд қарор қабул намояд, ки оё дар ҳақиқат ҷароҳати воридкардашуда сабаби бадшакл гардидани рӯйи шахс шудааст. Дар зимн, ҳангоми арзёбии вазъи зоҳирии шахси ҷабрдида суд бояд меъёрҳои объективиро асос қарор бидиҳад. Барои муайян кардани мавриди бадшаклии рӯй, чӣ гуна будани намуди зоҳирии шахси ҷабрдида қабл аз расонидани зарар ё сурат гирифтани сӯиқасд муҳим

нест[203]. То кунун дар ин бора ҳеҷ гуна қоидаи хосе таҳия нашудааст. Ба назари мо суд ҳангоми баровардани қарор бояд бар асоси бовару эътиқоди худ амал намояд, зеро коркарду таҳияи стандартҳои миёнаи махсус барои рӯйи инсон дар гумон аст имконпазир бошад. Бо анҷом додани таҳлилу баррасии аломати мазкур, лозим ба зикр аст, ки ҳамчун зарари миёна фақат ҳаракат ё беҳаракатии шахс муайян карда мешавад, ки дар натиҷаи он ба рӯйи инсон зарарҳои ислоҳпазир расонида мешавад. Ин зарар ва ҷароҳатҳо аз рӯйи аломати тӯлонӣ будани давраи вайроншавии саломатӣ ё аз даст додани қобилияти умумии меҳнатӣ муайн карда мешаванд.

Барои квалификатсия ё муайян кардани ҳаракат ва беҳаракатии шахси гунаҳгор аз рӯйи м. 111 КҶ ҶТ бояд на фақат набудани аломати зарари вазнин, балки вуҷуд доштани аломати нишондиҳандаи расонидани зарари миёна (аломатҳои мусбат): ба муддати тӯлони зарар дидани саломатӣ ва ё ба таври устувор аз даст додани қобилияти умумии меҳнатӣ ба ҳадди камтар аз се як ҳисса муқаррар карда шавад.

Иллат пайдо кардан ва ё вайрон шудани саломатӣ – ба таври муваққатӣ зарар дидани саломатии шахс мебошад, ки дар натиҷаи аз байн рафтани яклухтии анатомӣ ва фаъолияти муқаррарии физиологии узвҳои ҷудогона ва бофти организм дар натиҷаи таъсиррасонии омилҳои берунаи физикӣ, химиявӣ, биологӣ ва психологӣ ба амал меояд.

Зарар дидани саломатӣ метавонад тӯлонӣ ва кӯтоҳмуддат бошад (м. 111 КҶ ҶТ). Дар адабиёти вобаста ба фаъолияти экспертизаи судию тиббӣ борҳо ишора шудааст, ки аз нуқтаи назари тиббӣ ҳеҷ гуна асосу далел барои ҷудосозии зарари расонидашаванда ба саломатӣ ба гуруҳҳо вуҷуд надорад. Мувофиқи Қоидаҳо зери мафҳуми барои давраи тӯлонӣ вайрон шудани саломатии шахс, аз даст додани қобилияти умумии меҳнатӣ ба муддати беш аз се ҳафта (21 рӯз) дар назар аст. Давомнокии корношоямӣ бар асоси

[203] Ниг.: Загородников Н.И. Преступления против здоровья. – М., 1969. – С. 57-59; Никифоров А.С. Ответственность за телесные повреждения по советскому уголовному праву. – М.: Госюриздат, 1959. – С. 41-47.

давомнокии муддати корношоямии муваққатӣ, ки дар маълумотномаи махсуси тиббӣ қайд мешавад, муайян мегардад.

Мутахассиси экспертизаи судию тиббӣ давраи давомнокии нуқс дидани вазъи саломатӣ ва ҳуқуқшинос дар навбати худ бар асоси хулосаи пешниҳодгардидаи экспертизаи судию тиббӣ дараҷаи вазнинии зарари расонидашуда ба саломатиро муқаррар менамоянд.

Бинобар хусусияту мазмуни худ аломати давомнокии саломатӣ ҷанбаи иқтисодӣ дорад. Бо ворид намудани ин аломат ба м. 111 КҶ ҶТ, қонунгузор ба назар гирифтааст, ки бинобар гирифтани ин ё он ҷароҳати ҷисмонии дар натиҷаи сӯйиқасд фарорасида, шахси ҷабрдида имкони кор карданро надорад, бинобар ин, зарар на танҳо ба вазъи саломатӣ, балки ба вазъи таъминоту некӯаҳволии моддии ӯ низ расонида мешавад. Ҳарчанд дар даҳсолаҳои охир мақсаднок будани истифодаи аломати мазкур асНои арзёбии дараҷаи вазнинии зарар дар навишта ва асарҳои ҳуқуқӣ матраҳ намегардад, аммо криминалистони қабл аз инқилоб онро номуваффақ мешумориданд. Метавон бо И.Я. Фойнитский мувофиқ буд, ки аз ҷумла қайд намудааст: «агар манзур аз коре, ки дар баробари ба иҷрои он шахси ҷабрдида корношоям ва нотавон мегардад, кории маъмулии он бошад, дар ин сурат нисбат додани зарар ба зарари вазнин ё сабук на ба хусусияти ҷароҳату зиёни расонидашуда вобаста аст, балки ба он бастагӣ дорад, ки он ба шахси дорои кадом касбу шуғл расонида мешавад»[204]. Бояд таъкид шавад, ки давомнокии муддати бар асари расонидани зарари ҷисмонӣ халалдор ё иллат пайдо кардани саломатӣ ба хусусияти ҳар як узви ҷудогона ва имконоти моддиву иқтисодии шахси зарардида вобастагӣ дорад. Яъне, агар ба таври дигар бигӯем, ба тӯлонӣ будани давраи халалдор шудани саломатӣ омилҳои объективии зиёде таъсир мегузоранд. Аз ин рӯ, мутахассис ва ё эксперти судӣ бояд санадҳои тиббии дахлдорро ба таври ҷиддӣ таҳлилу таҳқиқ намояд, зеро имкон дорад гоҳҳо ба муддати тӯлонӣ таҳти муолиҷа қарор гирифтани

[204] Фойницкий И.Я. Курс уголовного права. Часть Особенная. Посягательства личные и имущественные. – СПб., 1901. – С. 70.

шахс на ба зарари расонидашуда, балки ба зарурати мавриди таҳқиқи бештари клиникӣ қарор гирифтани шахси ҷабрдида ва ё дигар омилҳо вобастагӣ дорад[205].

Эксперт бояд ба таври ҷиддӣ ба санадҳои тиббӣ, ки давраи давомнокии зарар дидани саломатиро муайян месозанд, муносибат намояд. Бо дар назар гирифтани муносибатҳои нимарасмии дар замони мо маъмулгардида байни кормандон ва корфармоён, эксперт бояд мадди назар дошта бошад, ки дар баъзе мавридҳо давомнокии нуқсондор шудани саломатӣ на ба хусусияти ҷароҳату зарар вобастагӣ дорад. Ва ё мумкин аст ҷабрдида аз гирифтани маълумотномаи тиббӣ худдорӣ намуда, пеш аз муҳлат ба кор мебарояд.

Аломати ба таври тӯлонӣ нуқсондор шудани саломатӣ экспертизаи муфассали тиббиро бо мақсади ба кор бурда шудани он ҳамчун аломати ҷиноят тақозо менамояд. Мо чунин фикр менамоем, ки дар анҷоми чунин таҳқиқоту омӯзиш нақши асосиро бояд кормандони тибби судӣ иҷро намоянд. Баъд аз машварат бо кормандони тибби судӣ мо борҳо бо арзёбии манфии аломати мазкур рӯ ба рӯ гардидаем. Ин бештар аз вобаста будани давомнокии вайрон гардидани саломатӣ ба як қатор омилҳоест, ки дар аксари мавридҳо ҳеҷ гуна робитае ба зарари расонидашуда надоранд.

Ба таври устувор аз даст додани қобилияти умумии меҳнатӣ аломати нишондиҳандаи дараҷаи вайрон шудани саломатӣ мебошад, ки дар натиҷаи содир шудани сӯйиқасд расонида мешавад. Бо тафовут аз аломати қаблӣ, аломати ба таври собит ва устувор аз даст додани қобилияти умумии меҳнатӣ бояд на ҳамчун зарари мулкии ба шахс расонидашуда, балки ҳамчун зарари ба организми шахс расонидашуда мавриди арзёбӣ қарор бигирад. Дар чунин ҳолатҳо расонидани зарар боиси талаф ёфтани узви бадан (коркарди узви бадан) намегардад ва он аз рӯйи хусусияти худ метавонад ҳам табобатшаванда ва ҳам муолиҷанашаванда бошад. Барои муайян намудани кирдори содирнамудаи шахси гунаҳкор аз рӯйи м. 111 КҶ ҶТ бояд муқаррар

[205] Ниг.: Волков В.Н., Датий А.В. Судебная медицина: Учеб, пособие для вузов / Под ред. А.Ф. Волынского. – М.: ЮНИТИ-ДАНА; Закон и право, 2000. – С. 374.

гардад, ки аз даст додани қобилияти умумии меҳнатӣ хусусияти собиту устувор дошта бошад. Ба таври устувор аз даст додани қобилияти умумии меҳнатӣ дар ҳолате ба амал меояд, ки қобилияти кории шахс барои ҳамеша (то охири умр) аз даст дода мешавад ва ё давраи нуқсондор шудани саломатии шахс беш аз 120 рӯзро ташкил медиҳад. Аз ин бармеояд, ки қонунгузор бархилофи назари бархе аз криминалистон[206] имкони (дар ояндаи дур) тағйирёбии дараҷаи аз даст додани қобилияти кории шахсро ҳам ба самти беҳбуд ва ҳам ба самти бадшавӣ истисно намедонад.

Аз даст дода шудани устувори қобилияи меҳнатӣ дар ҳадди на камтар аз се як ҳисса ба шумули аз 10 то 30 дарсад аз даст дода шудани қобилияти кории устувор ба ҳисоб меравад. Дараҷаи фоизи аз даст дода шудани қобилияти умумии меҳнатӣ тавассути экспертизаи судию тиббӣ ҳамзамон бо муайян шудани беморие, ки дар натиҷаи расонидани зарар ба саломатии шахс ба миён меояд, мушаххас карда мешавад. Дараҷаи корношоямӣ аз рӯйи ҷадвали расмӣ, ки махсуси муайян намудани дараҷаи аз даст додани устувори қобилияти умумии корист, муқаррар карда мешавад. Аз даст додани дараҷаи қобилияти кории кӯдакон дар асоси муқарраротиумумии Қоидаҳо бо таваҷҷуҳ ба талаф ёфтани қобилияти умумии кӯдакон дар оянда муқаррар карда мешавад. Дараҷаи аз даст додани қобилияти кории шахсони маъюб ва афроди солхӯрда амалан монанди афроди солим новобаста ба маъюб будани онҳо ва ҳолати саломатии афрод муайян карда мешавад.

Аз дидгоҳи мо ба қонунгузор лозим аст аломати аз даст дода шудани қобилияти умумии кориро, ки дар диспозитсияи қ. 1 м. 111 КҶ ҶТ ба кор бурда шудааст, бо ҷадвали талафёбии қобилияти меҳнатӣ бо роҳи иваз кардани таркиби «камтар аз се як ҳисса» ба ибораи «камтар аз 35 дарсад» мутобиқ гардонад.

Набояд аз даст додани қобилияти умумии кориро бо аз даст додани қобилияти кории профессионалӣ иштибоҳ гирифт. Зери мафҳуми қобилияти

---

[206] Ниг.: Загородников Н.И. Преступления против здоровья. – М., 1969. – С. 55.

кории профессионалӣ бояд нотавонии пурраи шахс дар иҷрои коре фаҳмида шавад, ки аз рӯйи хусусияти сифату миқдории худ ин ё он касбу шуғл доштани онро тақозо менамояд. Ҳолати аз даст дода шудани қобилияти кории касбӣ тавассути анҷом гирифтани экспертизаи судию тиббӣ бар асоси Қоидаи муқаррар гардидани дараҷаи талаф ёфтани қобилияти кории касбии фаророасанда дар натиҷаи ҳодисаи нохуш дар истеҳсолот муқаррар мегардад.

Агар шахси ҷабрдида дорои чанд касб бошад, он касбе барои ӯ асосӣ шуморида мешавад, ки ҳангоми машғул будан ба он дучори осебдидагӣ мешавад, ё касбе метавонад шуғли асосӣ ба ҳисоб равад, ки аз рӯйи он шахси ҷабрдида собиқаи кории бештар дорад. Зимни муайян намудани дараҷаи аз даст додани қобилияти кории касбӣ бояд назаррас будани халалдор шудани кори организм ва таъсири он ба иҷрои ин, ё он навъи фаъолият аз сӯйи мутахассис ба назар гирифта шавад.

Аломати барои шахси гунаҳкор ошкори аз даст додани қобилияти касбии меҳнатӣ дар диспозитсияи моддаи 111 КҶ ҶТ омадааст. Бинобар ин, агар сӯйиқасд ба саломатӣ боиси фаро расидани натиҷа дар шакли аз даст додани устувори қобилияти кории умумӣ камтар аз як аз се ҳисса гардад ва шахс дар чунин ҳолат бинобар хусусияти ҷароҳатҳои бардошта натавонад вазифаҳои касбии худро ба таври дуруст иҷро намояд, дар чунин маврид кирдори ӯ аз рӯйи м. 110 КҶ ҶТ муайян карда мешавад. Қобилияти кории умумӣ дар ин миён метавонад ҳифз шавад.

Махсус бояд қайд намуд, ки квалификатсияи кирдори шахси гунаҳкор аз рӯйи м. 111 КҶ ҶТ бо истифодаи ин аломат танҳо дар ҳолате имконпазир аст, ки агар шахси гунаҳкор хоҳони ба таври пурра маҳрум сохтани шахси ҷабрдида аз қобилияти кории касбӣ бошад. Ба ин матлаби дар қонун омада дар бораи маълум будани оқибатҳои эҳтимолӣ барои шахси гунаҳкор таъкид шудааст. Дар сурати надоштани қасди расонидани оқибатҳои ишорашуда, кирдори шахси гунаҳкор имкон дорад аз рӯйи моддаҳои дигари Кодекси

ҷиноятӣ, ки барои расонидани зарар ба саломатӣ ҷавобгарӣ пешбинӣ намудаанд, арзёбӣ гардад.

Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон (с. 1961) ба таври мушаххас ишорае ба характери қобилияти меҳнатӣ (умумӣ ва касбӣ) надошт ва ин боиси ба миён омадани баҳсҳои илмии зиёде дар ин замина гардида буд. Дар замони муътабар будани Кодекси мазкур, бархе аз муаллифон пешниҳод намуда буданд, ки ҳангоми муайян намудани аз даст додани қобилияти кории устувор қобилияти кории касбӣ истифода гардад[207]. Дар он замон мухолифони ин пешниҳод изҳор дошта буданд, ки «бо як ҷароҳат ва ё зарари ҷисмонӣ метавон вобаста ба хусусияти осеб ва касби шахси ҷабрдида зарари моддӣ, маънавӣ расонид»[208]. Ҳар ду нуқтаи назар дорои далелҳои мустаҳкаманд. Аз ин хотир, бо дар назар гирифтани ду андеша, бояд роҳи ҳалли миёна пайдо карда шавад. Дар шароити мавҷуд будани спектри васеи самтҳои мухталифи фаъолияти башарӣ, набояд қисман аз даст дода шудани қобилияти кории профессионалӣ ба назар гирифта нашавад. Аз рӯйи мазмуну моҳияти худ аз даст дода шудани қобилияти кории касбӣ як навъ аломати иқтисодӣ ба ҳисоб меравад. Мо пешниҳод менамоем, ки аломати қисман аз даст дода шудани қобилияти кории касбӣ ба м. 111 КҶ ҶТ ҳамроҳ карда шавад, зеро шахсе,ки дар ҳадди муайян қобилияти кории касбии худро аз даст медиҳад, дар муқоиса бо шахсе, ки бинобар иллати тӯлонӣ пайдо кардани саломатӣ аз имкони кор намудан маҳрум аст, дар вазъияти бадтари моддӣ қарор мегирад. Мавҷуд будани дараҷабандии давомнокии давраи иллат пайдо кардани саломатӣ ва набудани тақсимоти аз даст додани қобилияти кории касбӣ ба дараҷаҳои муайян аз таноқуз ва ноустувории қонунгузор дар робита ба ин мавзуъ дарак медиҳад.

Илова ба кирдор ва оқибатҳои он, ҳамчунин аломати ҳатмии тарафи объективии қасдан расонидани зарари миёна ба саломатиро робитаи сабабӣ

---

[207] Ниг.: Меньшагин В.Д., Пионтковский А.А. Курс советского уголовного права. Часть Особенная. – М.: Госюриздат, 1955. – С. 578; Булатов С.Я., Мамутов А.М. Ответственность за преступления против личности по Уголовному кодексу Казахской ССР. – Алма-Ата, 1961. – С. 44.
[208] Загородников Н.И. Преступления против здоровья. – М., 1969. – С. 54.

ташкил медиҳад. Омӯзиши масъалаҳои вобаста ба робитаи сабабӣ аз тарафи олимони соҳа ба таври ҷиддӣ дар ибтидои асри гузашта оғоз ёфт. Дар кори таҳқиқу омӯзиши масъалаи мазкур олимоне аз қабили Н.Д. Сергеевский, Н.С. Тагансев, А.Н. Трайнин, Н.Д. Дурманов, Т.В. Серетели, М.Д. Шаргородский, В.Н. Кудрявсев, Н.Ф. Кузнетсова, А.А. Тер-Акопов, Г.А. Кригер, В.Б. Малинин ва дигарон саҳми назаррас гузоштаанд.

Мутаассифона, дар доираи кори мазкур мо имкони онро надорем, ки ба таври пурра ин масъалаи мураккаб ва васеъу доманадорро инъикос намоем. Аз ин рӯ, дар меҳвари таҳқиқоти худ мо фақат ба масъалаҳои нисбатан ҷолиб ва баҳсталаби робитаи сабабӣ, ки мустақиман ба ҷиноятҳои ба муқобили саломатӣ нигаронидашуда робита доранд, мепардозем. Бо истифодаи зиёди мафҳуми «робитаи сабабӣ», қонунгузор мутаассифона, таърифи мушаххаси ин мафҳумро ироа намедиҳад. Дар қонунгузории ватанӣ, ба таври маъмул, ҳеч гуна тавсияи мушаххасе доир ба муқаррар намудани ин унсури тарафи объективии ҷиноят дида намешавад. Қонунгузор мафҳуми робитаи сабабиро дар асоси доктринаи ҳуқуқи ҷиноятӣ пешбинӣ намуда, дар ҳоле, ки бархе кишварҳои собиқ шуравӣ дар сатҳи қонунгузории худ муқарраротдар бораи робитаи сабабиро пешбинӣ намудаанд[209].

Андешаи умумипазируфта аз он иборат аст, ки ҳуқуқи ҷиноятӣ таълимот дар бораи робитаи сабабиро ба вуҷуд намеоварад ва фақат баъзе корҳои анҷомшудаи фалсафиро мавриди истифода қарор медиҳад. С.В. Познишев нигоштааст, ки андешаи бархе аз муаллифон дар бораи он ки ғайр аз дарки фалсафии сабаб мафҳуми «ба маънои ҳуқуқи ҷиноятӣ» аз он фарқкунандаи дигари сабабӣ вуҷуд дорад, ҳеҷ далелу асосе надорад ва гузашта аз он метавонад боиси сардаргумии мафҳум мегардад ва ба гумон аст, ки таъсири мусбат дар амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ гузорад[210]. Таълимоти худро дар бораи робитаи сабабӣ ба миён наоварда, илми ҳуқуқи ҷиноятӣ бо вуҷуди ин ба баъзе аз хусусиятҳои махсуси он таъкид менамояд. Дар тасдиқи ин матлаб

[209] Уголовный кодекс Грузии. – СПб.: Юрид. центр Пресс, 2002. – 409 с.
[210] Ниг.: Познышев С.В. Основные начала науки уголовного права. – М., 1909. – С. 303.

Н.Ф. Кузнетсов қайд менамояд: «Механизми расонидани зарар, сабабият, воқеан, дар тамоми падидаҳои табиат ва фаъолияти иҷтимоӣ ягона аст. Худи сабаб ва натиҷа дар соҳаҳои дахлдори амалкунанда дорои тафовутҳои хосе мебошанд. Дар ҳуқуқи ҷиноятӣ, сабаб ҳамеша мазмуни ҳаракат ё беҳаракатӣ шахсеро ташкил медиҳад, ки ба синну соли муайян расидааст ва мукаллаф мебошад. Натиҷа ва оқибат ҳамеша ба маънои зарари хавфноки иҷтимоӣ ва зиёни расонидашуда ба муносибатҳои дар ҳифзи қонуни ҷиноятӣ қарордошта фаҳмида мешавад»[211]. Дар ҷиноятҳои ба муқобили саломатии шахс равонагардида бояд робитаи сабабӣ дар миёни кирдори зиддиҳуқуқии шахс ва оқибати аз ҷиҳати иҷтимоӣ хавфноки он дар шакли расонидани зарар ба саломатии шахси ҷабрдида муқаррар карда шавад. Ҳангоми таҳқиқи ҷиноятҳои содиршуда ба муқобили саломатии шахс, вазифаи муқаррар намудани робитаи сабабӣ ба уҳдаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мебошад. Бинобар он ки ҷиноятҳо ба муқобили саломатӣ дорои предмети махсус мебошанд, мақомоти ҳуқуқтатбиққунанда аснои муайян сохтани робитаи сабабӣ маҷбуранд барои дарёфти кумак ба мутахассисони экспертизаи судию тиббӣ муроҷиат намоянд. Ҳангоми гузаронидани экспертиза барои мушаххас намудани дараҷаи миёна зарари расонидашаванда ба саломатӣ мутахассиси табиб ҳамчунин робитаи сабабиро муайян месозад. Ба ин далел аст, ки масъалаҳои вобаста ба робитаи сабабӣ дар адабиёти махсуси соҳаи экспертизаи судию тиббӣ баррасӣ мегарданд.

Бояд диққати махсус ба хусусияти сифатан мухталифи робитаи сабабӣ дода шавад, ки он тавассути мақомоти экспертизаи судию тиббӣ муқаррар ва аз тарафи эксперти судию тиббӣ муайян карда мешавад. Бо дар назар гирифтани конструксияи м. 111 КҶ ҶТ муайянсозии робитаи сабабӣ миёни оқибатҳои ибтидоӣ (ҷароҳатҳои расонидашуда ба организми шахс) ва баъдӣ, яъне ворид намудани зарар ба саломатии шахс ба салоҳияти эксперти судию тиббӣ дохил мегардад. Дар асл, табиби судӣ масъалаи робитаи сабабӣ миёни

[211] Курс уголовного права. Общая часть. Т. 1. Учение о преступлении: Учеб, для вузов / Под ред. Н.Ф. Кузнецовой, И.М. Тяжковой. – М: ИКД «Зерцало-М», 2002. – С. 219.

ҷароҳатҳои ҷисмонии расонидашуда, ҳолати патологӣ ва ё бемории дар натиҷаи таъсиррасонӣ ба организм ва зарари воридгардида ба миёномадаро ҳал менамояд. Чунин зарурат дар ҳолате ба миён меояд, ки ба ғайр аз таъсиррасонии ҷиноятӣ ба вазъи саломатии шахси ҷабрдида ҳамчунин омилҳои бегона (амали пизишк, амали худи ҷабрдида, қувваи табиат) таъсири муайян мегузоранд. Воситаи баёни чунин натиҷагирӣ хулосаи эксперт ба ҳисоб меравад. Дар тафовут аз эксперти тиббиву судӣ, мақомоти дахлдори судиву тафтишотӣ робитаи сабабӣ миёни кирдор ва оқибатҳои ниҳоӣ дар шакли зарар ба саломатиро муайян менамоянд.

Дар асри сипаригашта ду назарияи бунёдии марбут ба робитаи сабабӣ таҳия шуда буд: назарияи эквивалентӣ ва назарияи сабаби адекватив ӣ. То солҳои 1930 асри гузаштаи мелодӣ дар фаъолияту назарияи амалии илми ҳуқуқи ҷиноятӣ аз назарияи эквивалентӣ – condition sine qua non (шароити вуҷуд надоштан) истифода мешуд. Мувофиқи ин назария сабаби ба миён омадани оқибатҳои ҷиноятӣ ҳар гуна ҳаракат ва беҳаракате эътироф карда мешуд, ки шарти ҳатмии фаро расидани оқибати ҷиноятӣ мегардид. Камбудии назарраси ин назария аз он иборат буд, ки дар он тақсимоти шароит ба ҳолати асосӣ ва ҳолати дуюмдараҷа вуҷуд надошт ва тамоми ҳолатҳо баробар арзёбӣ мешуданд.

Назарияи эквавалентӣ сабаби оқибатҳои ҷиноятиро чунин кирдори шахс эътироф менамуд, ки он на дар ҳолати мушаххас, балки ба таври умумӣ метавонист боиси фаро расидани чунин оқибат ва натиҷаи ба он баробар гардад. Зимни ҳамчун унсури тарафи объективӣ эътироф намудани робитаҳои сабабии маъмулӣ, назарияи адекватив ӣ ба ҳисоб намегирифт, ки дар ҳолатҳои ҷудогона амали тасодуфӣ ҳам чун ҳолати зарурат метавонад боиси ба миён омадани натиҷаи муайян гардад. Чунин бархӯрд нисбат ба дарки сабабият, наметавонист ниёзмандиҳои амалияро таъмин намояд. Зеро он имкони ба ҷавобгарии ҷиноятӣ ҷалб намуданро дар ҳолатҳои ғайримаъмулӣ номумкин месохт, ҳарчанд дар баъзе мавридҳо чунин зарурат

вуҷуд дорад. Барои мисол, дар сурати хуб огоҳ будани шахс аз вазъи саломатии шахси дигар, ин ё он бемории шахс, ё доштани донишҳои махсус оид ба ин ё он соҳа, ӯ метавонад бо таъсиррасонии ночиз ба организми шахси ҷабрдида боиси расонидани зарари миёна ба саломатӣ гардад.

Зимни истифодаи нисбии муқаррарот ва ҳолатҳои назарияҳои дар боло матраҳшуда, муаллифони ватанӣ дар тамоми ҷараёни асри XX кӯшишу талоши зиёд ба харҷ доданд, то равиши ягонае таҳия ва коркард шавад, ки он имкони бехато муайян намудани вуҷуд доштан ва ё вуҷуд надоштани робитаи сабабиро дар ин ё он ҳолати мушаххас фароҳам оварад[212]. Бо вуҷуди он ки олимон масъалаҳои вобаста ба ҷанбаҳои назариявиро ба таври амиқу густурда мавриди таҳқиқу омӯзиш қарор додаанд, аммо онҳо дар ин миён кормандони амалиеро бевосита дар амалия бо масъалаҳои дахлдор сарукордоштаро фаромӯш сохтанд ва бо ин кор амалан онҳоро аз додани тавсияҳои лозим барои муайян намудани робитаи сабабӣ дар робита ба таркиби ҷудогона ҷиноятҳо маҳрум сохтанд. Тавре ки Н.Ф. Кузнетсова одилона қайд менамояд, имрӯз зарурати даст кашидан аз он назарияҳое ба миён омадааст, ки сабабҳои абстрактӣ ва аз лиҳози статикӣ мутавасситро муқаррар менамоянд ва ҳамчунин боиси таҳияи методикае мегарданд, ки тавассути он ба таври дуруст ҳал намудани масъалаи вуҷуд доштан ва надоштани робитаи сабабӣ бо дар назар гирифтани шароити эҳтимолии қазия таъмин мегардад[213].

Барои муқаррар намудани ҳолати вуҷуд доштани робитаи сабабӣ миёни кирдорҳои шахс ва оқибатҳои фаророрасидаи онҳо дар шакли расонидани зарар ба саломатии шахси ҷабрдида дар навбати аввал муайян намудани тарафи объективии робитаи сабабӣ натиҷавӣ зарур мебошад. Аз нуқтаи назари мо, тавсияи М.Д. Шаргородский дар мавриди ба ҳисоб гирифтани

[212] Ниг.: Шаргородский М.Д. Преступления против жизни и здоровья. – М.: Юриздат, 1947. – С. 131; Ковалев М.И., Васьков П.Т. Причинная связь в советском уголовном праве / Под ред. А.А. Пионтковского. – М.: Госюриздат, 1958. – С. 37; Церетели Т.В. Причинная связь в уголовном праве. – М.: Госюриздат, 1963. – С. 171-193.

[213] Ниг.: Курс уголовного права. Общая часть. Т. 1. Учение о преступлении: Учеб, для вузов / Под ред. Н.Ф. Кузнецовой, И.М. Тяжковой. – М: ИКД «Зерцало-М», 2002. – С. 250.

омили субъективии (гуноҳ) ҳангоми ҳал намудани масъалаи вуҷуд доштан ва ё вуҷуд надоштани робитаи сабабӣ саҳеҳу дуруст нест[214]. Ин нуқта, ки дар миёни кирдори шахс ва расонидани зарар ба саломатии шахси дигар робитаи сабабӣ вуҷуд дорад, худ ба худ наметавонад далеле барои ҷавобгарии ҷиноятӣ гардад. Масъалаи ба ҷавобгарӣ ҷиноятӣ кашида шудани шахс бар асоси дар кирдорҳои вай вуҷуд доштан ва ё вуҷуд надоштани таркиби ҷиноят ҳал мегардад. Аз ин рӯ, агар дар ҳолати мушаххас гуноҳ вуҷуд надошта бошад, ин ба он маъно пазируфта намешавад, ки робитаи сабабӣ вуҷуд надорад.

Қадами дуюм дар раванди муқаррар намудани робитаи сабабӣ дар миёни кирдори ҷамъиятии хавфнок ва оқибатҳои ҷиноятӣ бояд таъйиди ин ҳолат бошад, ки кирдори мазкур (ҳаракат ё беҳаракатӣ) аз ҷиҳати замонӣ муқаддам аз натиҷа анҷом шуда бошад. Дар ҷиноятҳои ба муқобили саломатии шахс равонашуда фосилаи замонӣ метавонад ба таври мушаххас назаррас бошад (то чанд моҳ). Ин фосила дар аксари мавридҳо ба шароитҳои ба суиқасд алоқаманд набуда вобастагӣ дорад, ки ба сифати онҳо расонидаи ёрии тиббии саривақтӣ, квалификатсияи кормандони тибб ва дар ниҳоят ҳолати саломатии ҷабрдида баромад мекунанд.

Марҳалаи баъдӣ (сеюм) дар амри муайян намудани робитаи сабабӣ аз муқаррар гардидани он иборат аст, ки оё кирдори содиршуда шарти зарурии фаро расидани зарар ба саломатӣ мебошад. Дар бораи зарурат сухан ронда, мо дар назар дорем, ки бидуни амалкарди кирдори мазкур (ҳаракат ё беҳаракатӣ) фаро расидани зарар ба саломатӣ имконнопазир мебуд. Барои ин бояд кирдори мазкур аз занҷираи умумии детерминатсия хориҷ карда шавад. Дар баробари ин, тавре ки В.Б. Малинин таъкид менамояд, лозим аст то амалиёти зерин иҷро карда шавад: «Агар ҳангоми хориҷ кардан маълум гардад,ки натиҷа ва оқибат дар ҳар сурат фаро расида, мутобиқи тартиби воқеӣ амалӣ мешуд, дар чунин ҳолат ин бешубҳа тасдиқ менамояд, ки амали мавриди таҳқиқи шахс ба шароите шомил намешавад, ки он фаро расидани

[214] Ниг.: Шаргородский М.Д. Преступления против жизни и здоровья. – М.: Юриздат, 1947. – С. 139.

оқибатро мумкин созад»[215]. Дар сурате, ки маълум шавад зарар ба саломатӣ намерасад ва ё мерасад, дар ин ҳолат вазнинии зарари расонидашуда тағйир меёбад ва ин тасдиқи мустақими вуҷуд доштани робитаи сабабӣ маҳсуб мешавад. Робитаи сабабӣ бояд ҳамчун маҷмуи шароитҳои зарурӣ пазируфта шавад, ки бидуни онҳо оқибат (зарар ба саломатӣ) имкон надорад, ки фаро расад[216]. Дар айни замон кирдор замоне,ки зарар ба саломати бо ин ё он вазнинӣ дар натиҷаи таъсири шароитҳое берунӣ расонида мешавад, бояд шарти ҳатмӣ дониста шавад. Ба сифати ҳолатҳои мазкур метавонанд баромад кунанд: фаъолияти афроди сеюм, махсусияти организми шахси зарардида, қувваи табиат ва ғайра. Аввалин бор мавзуи таъсири хусусияти организми шахси ҷабрдида ба рушди робитаи сабабӣ тавассути Т.В. Серетели мавриди омӯзиш қарор дода шудааст[217]. Назарияи ҳуқуқи ҷиноятии ватанӣ масъалаи мазкурро бо такя ба пайравии муаллифон аз ин ё он назарияи робитаи сабабӣ ҳал намуда буд. Барои мисол дар китоби дарсии соли 1948 А.А. Пионтковский иброз дошта буд, ки хусусиятҳои вижаи организми шахси ҷабрдида наметавонанд боиси тағйир ёфтани робитаи сабабӣ гардида, ба он хусусияти тасодуфӣ бахшанд[218]. Дар ин робита Н.Д. Дурманов назару андешаи дигар дорад: «Натиҷае, ки ҳосили занҷираи дигари сабабҳост натиҷатан ибтидо дар занҷираи дигар дорад ва барои он амали мазкур ва падидаҳои ба миёновардаи он фақат яке аз шароитҳо маҳсуб мешуданд»[219].

Ба ин тартиб, дар мавридҳое, ки ба фаро расидани оқибатҳо хусусияти вижаи организми шахси ҷабрдида мусоидат менамояд, дар бораи вуҷуд надоштани робитаи сабабӣ сухан гуфтан норавост. Талошҳои муаллифони ҷудогона барои эътироф намудани робитаи сабабии тасодуфӣ тавассути «набудани унсури робитаи сабабӣ» бо ҳақиқати муштараки илмӣ мухолифат

---

[215] Малинин В.Б. Причинная связь в уголовном праве. – СПб.: Юрид. центр Пресс, 2000. – С. 175.
[216] Ниг.: Малинин В.Б. Асари зикршуда. – С. 171.
[217] Ниг.: Церетели Т.В. Причинная связь в уголовном праве. – М.: Госюриздат, 1963. – С. 229-238.
[218] Ниг.: Уголовное право. Общая часть: Учебник / А.А. Герцензон, М.М. Исаев, А.А. Пионтковский, Б.С. Утевский; Науч. ред. В.Д. Меныдагин. 4-е изд., перераб. – М.: Юрид. изд-во МЮ СССР, 1948. – С. 304.
[219] Дурманов Н.Д. Общие основания учения о причинной связи в уголовном праве // Вопросы уголовного права. – М.: Юрид. изд-во НКЮ СССР, 1944. – С. 55.

дорад. Масъалаи вобаста ба ҷавобгарии ҷиноятӣ бояд бо дар назар гирифтани омили вуҷуд доштани унсури гуноҳ дар кирдорҳои шахси қасдкунанда роҳи ҳал пайдо намояд. Аз дидгоҳи назари фалсафӣ, робитаи сабабӣ метавонад ҳатмии устувор, ноустувори ҳатмӣ ва ё тасодуфӣ бошад[220]. Устувори ҳатмӣ чунин сабабе метавонад эътироф гардад, ки он дар шароити муайян ҳамеша (бо гумони эҳтимолияти баланд) боиси фаро расидани як натиҷаву оқибат ва ё маҷмуи натиҷаҳо мегардад. Ҳамин тавр, бо муқаррар ва пешбинӣ намудани гуруҳи пурраи ҷароҳатҳои барои ҳаёт хавфнок дар Қоидаҳо, қонунгузор аз қарори маълум дар назар дорад, ки агар ба шахси ҷабрдида сари вақт ёрии тиббӣ расонида нашавад, дар чунин ҳолат ҷароҳатҳои шахси ҷабрдида боиси ногузир фавтидани вай гардад.

Дар ҳолати вуҷуд доштани робитаи сабабии ҳатмии ноустувор сабаби ба миён омадани чанд оқибати эҳтимолӣ мешавад, вале пешакӣ наметавон муайян кард, ки чӣ натиҷа ҳосил мешавад. Чунин навъи робита ба қадри кофӣ дар таркиби ҷиноятҳои ба муқобили саломатӣ равонашуда паҳн гардидааст.

Робитаи сабабии тасодуфӣ чунин навъи робитаест, ки дар он фаро расидани оқибату зарарнок миқдори ночизро (расонидани зарар ба саломатӣ) ташкил медиҳад. Дар ҷараёни таҳқиқи ҷинояти мушаххас, имкони ба миён омадани ҳолатҳое истисно нест, ки робитаи мавҷуд аз нигоҳи як нафар метавонад дорои хусусияти тасодуфӣ ва нуқтаи назари шахси дигар он робитаи ҳатмии устувор бошад. Ин аз бисёр ҷиҳат ҳам ба огоҳӣ, дараҷаи саводнокӣ, доштани омодагии махсуси шахс ҳамчун ҷинояткор ва ҳам мақомоти судиву тафтишотӣ бастагӣ дорад. Кӯшишҳои бархе аз муаллифон барои хориҷ сохтани робитаи сабабӣ аз ҳудуди ҳуқуқи ҷиноятӣ ба назари мо ба иштибоҳи дар миёни ҳуқуқшиносон маъмулгашта дар бораи нақши таъйиншудаи робитаи сабабӣ доир ба масъалаи ҷавобгарии ҷиноятӣ вобаста аст.

[220] Ниг.: Федотов А.В. Виды причинной связи между деянием и наступившими вредными последствиями / А.В. Федотов // Журн. рос. права. – 2001. – №13. – С. 92-100.

Бо ҷамъбаст ва натиҷагирӣ намудани таҳқиқу омӯзиши мавзуи марбут ба робитаи сабабӣ, бояд таъкид намуд, ки робитаи сабабӣ бояд на ба таври умумӣ, балки вобаста ба ҳар як ҳолати мушаххас бо дар назар гирифта шудани шароити ба амал омадани сӯйиқасд муқаррар гардад. Ба таври маснӯӣ якҷо сохтани робитаи сабабӣ ва гуноҳ комилан ғайриқобили қабул аст. Дар ғайри ин сурат имкони роҳ ёфтани хатову иштибоҳ дар муайян сохтани ҷиноят имконпазир аст. Бо мавқеи В.Б. Малинина ҳамроҳ гардида, мо ба чунин назарем, ки дар бораи вуҷуд доштани робитаи сабабӣ дар миёни амали содирнамудаи шахс ва оқибатҳои фаророрасидаи он дар тамоми мавридҳо сухан гуфтан баҷост. Махсусан, агар амали мавриди назар шарти пеш аз фаро расидани натиҷаи ҷиноятӣ бошад[221].

Ҳамин тавр, хусусиятҳои махсуси организми шахси ҷабрдида, дахолат ба ҷараёни қувваи табиӣ, фаъолияти шахсони сеюм ё худи ҷабрдида монеи муқаррар гардидани робитаи сабабӣ намегардад. Ин вобаста ба шароитест, ки дар он кирдору амали содиршуда шарти пешакии фаро расидани зарар ба саломатии шахси ҷабрдида бошад.

Зимни таҳлилу баррасии тарафи объективии қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ мо ба хулосаҳои зерин омадем:

1. Тибби судӣ афродеро, ки мавриди қасд қарор мегиранд, ҳамчун фарди комилан солим арзёбӣ менамояд. Амалан муқаррарот дар бораи муайян намудани дараҷаи вазнинии зарари расонидашуда ҳангоми таъсиррасонии ҷинояткор ба узви осебпазири организм вуҷуд надорад.

2. Аломатҳое, ки барои нишон додани оқибатҳои амал ба кор бурда мешаванд, коркарду баррасии амиқтари назариявиро тақозо менамоянд. Номутассилии тавсифнопазир нисбат ба истифода шудани аломатҳои нишондиҳандаи оқибатҳои сӯйиқасд ба мушоҳида мерасад. Бо мавриди истифода қарор додани аломати аз даст додани пурраи қобилияти касбии меҳнатӣ дар м. 111 КҶ ҶТ, қонунгузор ҳамзамон аломати қисман аз даст

[221] Ниг.: Малинин В.Б. Причинная связь в уголовном праве. – СПб.: Юрид. центр Пресс, 2000. – С. 175.

додани қобилияти касбии меҳнатиро дар м. 111 КҶ ҶТ пешбинӣ накардааст. Тавре, ки мо дар боло далел овардем, ин бештар ба воқеиятҳои имрӯза мутобиқат ва ҳамоҳангӣ дорад.

3. Ба ин тартиб метавон таъйид намуд, ки тарафи объективии қасдан расонидани зарари миёна ба саломатии шахс дорои сохти мураккаб мебошад, ки ба ин далел он танзими мукаммалтари қонунгузориро тақозо менамояд. Дар марҳалаи кунунӣ ҳангоми таҳияву муайянсозии моддаи м. 111 КҶ ҶТ қонунгузор набояд фақат ба оқибатҳои ҷиноятӣ таваҷҷуҳ зоҳир намояд, балки лозим аст то қонунгузор ҳамчунин дар аломатҳои вазнинкунанда равишҳои нисбатан хавфноки расонидани зарар ба саломатиро низ инъикос намояд. Ҳамчунин лозим аст то имкони воридсозии аломати вазнинкунандаи истифодаи силоҳ ё предметҳое, ки ҳамчун силоҳ ба кор бурда мешаванд, ба қ. 2 м. 111 КҶ ҶТ дар оянда баррасӣ гардад.

### 2.3. Субъект ва тарафи субъективии қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ

Субъекти ҷиноят яке аз унсури асосии таркиби ҷиноят мебошад. Қайд намудан зарур аст, ки дар қонунгузории ҷиноятӣ истилоҳи субъекти ҷиноят истифода бурда намешавад. Барои ифода кардани субъекти ҷиноят дар моддаҳои Қисми махсуси Кодекси ҷиноятӣ, калимаҳои «гунаҳкор», ё ки «шахсе, ки ҷиноят содир кардааст», ё ки «шахси гунаҳкор дар содир кардани ҷиноят» ва «маҳкумшуда» ба кор бурда мешавад[222]. Аломатҳои субъективии таркиби ҷиноятро субъекти ҷиноят ва тарафи субъективии ҷиноят ташкил медиҳанд, ки дар натиҷа ҳолати дохилии руҳии шахси ҷиноятнкор ва хусусиятҳои хоси худи ӯ мавриди омӯзиш ва баҳодиҳии илмӣ қарор мегиранд[223].

Ҳар шахси воқеии мукаллафи ба синни чаҳордаҳ расида метавонад субъекти қасдан расонидани зарари миёна ба саломатии шахс ба ҳисоб равад.

[222] Ниг.: Одиназода Н.С. Ҳифзи ҳуқуқӣ-ҷиноятии гардиши металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ дар Ҷумҳурии тоҷикистон: дис. ... ном. илм. ҳуқуқ. – Душанбе, 2022. – С. 101.
[223] Ниг.: Муродзода Ф.Р. Тавсифи ҳуқуқии ҷиноятӣ ва криминологии муомилоти ғайриқонунии прекурсорҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: дис. ... ном. илм. ҳуқуқ. – Душанбе, 2022. – С. 53.

Дар қонунгузории ҷиноятӣ мафҳуми мукаллафӣ ба таври алоҳида шарҳ дода нашудааст, барои ҳамин аз рӯйи мафҳуми номукаллафӣ, ки дар м. 24 КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст, маънои онро ба таври зерин муайян кардан мумкин аст[224]. Шахсе, ки дар вақти содир кардани ҷиноят қобилияти фаҳмидан ва сариштa кардани кирдори ба ҷамъият хавфнок ва оқибатҳои онро дарк намуда, идора карда метавонад, шахси мукаллаф мебошад[225]. Дар диспозитсияи м. 111 КҶ ҶТ қонунгузор бинобар сабабҳои комилан муайян ва фаҳмо ҳеҷ гуна аломатҳои иловагии субъектро зикр накардааст. Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ, ки субъект фақат бо аломатҳои дар м.м. 22, 23, 24, 25 ва 26 муқарраршуда муайян шудааст, бо номи субъекти умумии ҷиноят ёдовар мешавад. Аломатҳои мазкур ба таври муфассал дар адабиёти илмӣ ва дарсӣ[226] мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд ва ба ин далел ҳам дар бештари мавридҳо дар таҷрибаи амалии соҳавии пешомада мушкилу нофаҳмӣ эҷод наменамоянд. Аз ин рӯ, мо дар ин ҷо, ба тавсифу шарҳи умумии онҳо иктифо мекунем.

Бо дарназар гирифтани хусусияти ҳатмии аломатҳои баррасишуда, метавон ба чунин хулоса ва натиҷа биоем, ки зарару зиёне, ки ба ҳайвонот тавассути шахси ғайримукаллаф ва ё хурдсол расонида мешавад, ҷиноят ҳисобида намешавад. Аз ин қоида берун ва истисно мебошанд ҳолатҳое, ки ҳангоми вуҷуд доштани онҳо шахси дорои тамоми аломатҳои субъекти ҷиноят барои расонидани зарар ба саломатии дигарон аз шахсони номукаллаф ва ё шахсони хурдсол истифода мебарад. Дар чунин мавридҳо шахси мавриди назар худ иҷрокунандаи амал ҳисобида мешавад, зеро вай дар чунин ҳолат дар иҷро ва содир намудани амал ба таври мустақим ширкат хоҳад дошт. Масъалаи мукаллаф ва ё номукаллаф будани шахси гумонбар тавассути суд дар асоси хулосаи баровардаи экспертизаи судӣ-психиатрӣ

---

[224] Ниг.: Ҳуқуқи ҷиноятӣ (қисми умумӣ): китоби дарсӣ / Зери таҳрири Ғаффорова Н.А., Салимов Ҳ.С. – Душанбе: Зинат, 2011. – С. 116; Ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон: қисми умумӣ: китоби дарсӣ / Зери таҳрири Раҳимзода Р.Ҳ., Бобоҷонзода И.Ҳ. – Душанбе, 2019. – С. 216.

[225] Ниг.: Раҳмонзода М.Ҷ. Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон: дис. ... ном. илм. ҳуқуқ. – Душанбе, 2020. – С. 112.

[226] Ниг.: Орлов В.С. Субъект преступления по советскому уголовному праву. – М.: Госюриздат, 1958. – 260 с.; Павлов В.Г. Субъект преступления. – СПб.: Юрид. центр Пресс, 2001. – 318 с.

муайян карда мешавад. Номукаллаф эътироф гардидани шахс ба маънои вуҷуд надоштани таркиби ҷиноят маънидоду тафсир мешавад. Вале он тавре, ки Н.Г. Кадников барҳақ қайд менамояд, номукаллаф эътироф гардидани шахс ба маънои вуҷуд надоштани амалу кирдори ҷамъиятии хавфнок аз сӯйи шахси мавриди назар нест[227]. Зимни ба ҷавобгарии ҷиноятӣ накашидани шахсони дахлдор, давлат ҳуқуқи татбиқ ва амалӣ намудани чораҳои маҷбурсозии дорои хусусияти тиббиро нисбат ба онҳо барои худ маҳфуз нигоҳ медорад.

Ба таври дуруст муайян ва муқаррар намудани синну соли ҳар шахсе, ки ҷиноят содир менамояд, дар ин кор нақши муҳимму калидӣ мебозад. Тавре ки мо дар боло ишора карда гузаштем, мувофиқи қ. 2 м. 23 КҶ ҶТ ҷавобгарӣ барои қасдан расонидани зарари миёна ба саломатии шахс аз синни чаҳордаҳсолагӣ фаро мерасад. Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои шахс на дар он рӯзе фаро мерасад, ки рӯзи таваллуди шахс ҳисобида мешавад, балки он пас аз гузаштани як шабонарӯз баъд аз фаро расидани рӯзи таваллуд ба ҳисоб гирифта мешавад. Яъне, он бо гузаштани як шабонарӯз пас аз фаро расидани рӯзи таваллуди субъекти ҷиноят ба ҳисоб гирифта мешавад. Асосан дар аксари ҳолатҳо муайян кардани синну соли қонунӣ дар асоси ҳуҷҷатҳои расмӣ гузаронида мешавад ва ин боиси пеш омадани ҳеҷ гуна мушкилу нофаҳмӣ намегардад. Вале бо вуҷуди ин, ҳолатҳое пеш меоянд, ки барои муайян намудани синни шахси ҷиноятсодирнамуда лозим меояд ба таври алоҳида экспертизаи судиву тиббӣ таъйин карда шавад. Аз рӯйи натиҷаҳои экспертизаи судиву тиббии гузаронидашуда рӯзи таваллуди шахси субъекти ҷиноят охирин рӯзи соле эътироф мегардад, ки он аз сӯйи мутахассисони салоҳиятдори экспертизаи судиву тиббӣ муайян карда мешавад. Агар эскперт ба марҳалаи муайяни замонӣ ишора намояд, дар ин сурат, мақомоти тафтишотӣ-судии дахлдор бояд синну соли минималии субъекти ҷиноятро

[227] Ниг.: Кадников Н.Г. Квалификация преступлений и вопросы судебного толкования: тория и практика: Учеб, пособие. – М: Норма, 2003. – С. 35.

асос қарор бидиҳанд, ки он дар натиҷаи гузаронидани экспертиза мушаххас мегардад.

Аз нигоҳи назариявӣ ва ҳамчунин дар таҷрибаи амалӣ ҳангоми муайян намудани тарафи субъективии қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ мушкилоти нисбатан зиёд пеш меояд. Дар аксари корҳои таҳқиқотии илмие, ки бо таҳқиқу омӯзиши ҷиноятҳои вобаста ба расонидани зарари миёна ба саломатии шахс бахшида шудаанд, таъкид мешавад, ки таҳлили тарафи субъективии ҷиноятҳои зикршуда дорои мушкилот ва печидагиҳои зиёд мебошад[228]. Бидуни муболиға метавон гуфт, ки дар масъалаи вобаста ба ҷалб намудани шахс ба ҷавобгарии ҷиноятӣ ва нисбат ба он таъйин намудани ҷазои сазовор тарафи субъектии ҷиноят унсури асосӣ шуморида мешавад.

Новобаста ба таваҷҷуҳи зиёди олимон ба масъалаҳои рӯзмараи вобаста ба тарафи субъективии ҷиноят, ҳамчунин як қатор масъалаҳои алоқаманд ба ҷиноятҳои вобаста ба расонидани зарар ба саломатӣ, аз ҷумла қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ вуҷуд доранд, ки наомӯхта ва ҳалношуда боқӣ мемонанд. Бештари корҳои иҷрошудаи ба масъалаҳои вобаста ба тарафи субъективии ҷиноят бахшидашуда, бояд гуфт, ки ба олимону муҳаққиқони даврони шуравӣ тааллуқ доранд ва лозим ба зикр аст, ки бо доштани ҷанбаи фундаменталӣ таҳқиқоту пажӯҳишҳои анҷомшуда дар ҳоли ҳозир ҳам аҳаммияту арзиши актуалии ҳуқуқии худро гум накардаанд. Вале набояд фаромӯш кард, ки ҳоло мо дар ҷомеаи комилан мутафовит кору зиндагӣ менамоем ва дар ин ҷомеа манфиатҳои шахсият ва ормонҳои давлати ҳуқуқӣ дорои аҳаммияти махсус мебошанд ва ин дар навбати худ аз мо бозбинӣ ва таҷдиди назари маҷмуи бузурги донишҳои қаблан андӯхташударо тақозо менамояд. Набудани корҳои илмии нави гузаронидашуда вобаста ба мавзуи мазкур боиси он гардидааст,ки назарияи мавҷудаи ҳуқуқи ҷиноятӣ аз ниёзу талаботи таҷрибаи ҳуқуқтатбиқкунӣ қафо

---

[228] Ниг.: Расторопов С.В. Субъект и субъективную сторону преступлений против здоровья человека / С.В. Расторопов // «Черные дыры» в российском законодательстве. – 2005. – №2. С. 425-423; Расторопов С.В. Преступления против здоровья человека (субъективная сторона) / С.В. Расторопов // Закон и право. – 2003. – №9. – С. 61-65.

афтодааст. Дар ин зербоб мо ба корҳои анҷомдодаи муаллифони ватанӣ дар соҳаи таҳқиқу омӯзиши тарафи субъективии ҷиноят ва мутобиқати онҳо бо воқеиятҳои муосири ҳуқуқӣ ва талаботи амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ мепардозем.

Олимони тоҷик Т.Ш. Шарипов, Н.Б. Азимов, З.А. Камолов ва М.Н. Насриддинов мафҳуми тарафи субъективиро чунин шарҳ медиҳанд: «Тарафи субъективии ҷиноят – ин маҷмуи аломатҳое мебошад, ки тарафи дохилии (руҳии) таҷовузи ҷинояткоронро тавсиф медиҳанд. Яъне, тарафи субъективии ҷиноят – ин ҳолати руҳии шахсе мебошад, ки бевосита ба содир кардани ҷиноят даст задааст. Тарафи субъективи ҳолати психологӣ, яъне таркиби кирдори ба ҷамъият хавфнокро фаро мегирад. Аз ин сабаб, тарафи субъективӣ (дар муқоиса аз тарафи объективӣ) тарафи дохилии ҷиноят ба ҳисоб меравад. Ба сифати чунин аломатҳо: гуноҳ, ангеза, мақсад ва ҳайяҷони субъекти ҷиноят баромад мекунад[229]. Кирдори ҷиноятӣ, аз «ҳаракат» ва ё «беҳаракатӣ» иборат мебошад, ки он муносибати шахсро нисбат ба ҷаҳони атроф, ҷамъият ва аъзои он нишон медиҳад[230]. Таркиби психологӣ бо ёрии чунин аломатҳо ҳуқуқи ба монанди гуноҳ, мақсад, ангеза, қасд муайян гардида ва бо ҳам алоқамандии зич доранд. Ҳар як ҷиноят дорои мазмуну муҳтавои психологии муайянест, ки он дар назорат ба шуур ва иродаи шахс бар кирдоре, ки анҷом дода мешавад, инъикоси худро меёбад. Зери мафҳуми ҷиноят аз нигоҳи психологӣ чунин ҳолатҳо дар назар аст: 1) дарки хусусияти амалӣ ва аҳаммияти ҷамъиятии кирдори содиршаванда ва ё набудани чунин дарк; 2) пешбинӣ ва ё пешбинӣ накардани оқибатҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ хавфноки кирдорҳои худ; 3) муносибати иродавӣ нисбат ба кирдорҳои содиршаванда; 4) сабаб ва ангезаҳои содир намудани ҷиноят; 5) мақсад ва ангезаи содир намудани ҷиноят; 6) ҳолати руҳӣ эмотсионалӣ. Ҳамин тавр, тарафи субъективии ҳар гуна ҷиноят аз инъикоси аломатҳои объективии

---

229 Ниг.: Шарипов Т.Ш., Азимов Н.Б., Камолов З.А., Насриддинов М.Н. Ҳуқуқи ҷиноятӣ (қисми умумӣ). – Душанбе, 2010. – С. 108.

230 Дагель П.С., Котов Д П. Субъективная сторона преступления и ее установление / Науч. ред.: Горский Г.Ф. – Воронеж: Изд-во Воронеж. ун-та, 1974. – С. 40.

таркиби ҷиноят дар шууру тафаккури субъекти ҷиноят иборат мебошад ва он нишондиҳандаи муносибати субъект ба он ба ҳисоб меравад[231]. Моҳиятан, тарафи субъективӣ «модел»-и идеалии тарафи объективии таркиби ҷиноят мебошад, ки он дар шуур ва дарки субъект[232] инъикос меёбад ва ин дар навбати худ имкон медиҳад тасдиқ шавад, ки тарафҳои объективӣ ва субъективии кирдори ҷиноятӣ бо ҳам алоқаманд мебошанд.

Ба андешаи олими соҳибмактаб А.И. Сафарзода ҳар як мафҳум дар ҳуқуқи ҷиноятӣ мазмуни муайянеро фаро гирифта, дарки он барои ҳалли масъалаҳои мубориза бо ҷинояткорӣ замина фароҳам меорад[233]. Дар робита ба ин, мафҳуми гуноҳро чунин шарҳ додан мумкин аст: «Гуноҳ – унсури ҳатмии тарафи субъективии ҷиноят шуморида мешавад». Таълимот дар бораи гуноҳ дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятии ватанӣ ба таври анъанавӣ яке аз унсурҳои аслӣ ба ҳисоб меравад. Мутобиқи қонунгузории феълии амалкунанда шахс танҳо дар ҳолатҳое метавонад ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шавад, ки нисбат ба кирдори хавфноки ҷамъиятӣ ва ё (беҳаракатии) он гунаҳгор будани вай муайян гардад. Ба таври объективӣ гунаҳкор донистани шахс дар ҳуқуқи ҷиноятии ҶТ пешбинӣ нашудааст. Таълимот дар бораи тарафи субъективии ҷиноят ва аз ҷумла, дарки дурусти гуноҳ ба навъе нишондиҳандаи сатҳи демократия ва маърифати ҳуқуқии ҷомеа ба ҳисоб меравад ва он дорои аҳаммияти аввалиндараҷа дар кори муайян намудани ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳамчун институти иҷтимоӣ мебошад.

Баҳсу мунозираҳои илмӣ дар бораи мафҳуми гуноҳ ва муҳтавои он солҳост, ки идома доранд. Ба таври умда, ин баҳсу мунозираҳо боиси ба миён омадани ду гуруҳи аз ҳам фарқкунанда, гуруҳи тарафдорони назарияи психологӣ ва гуруҳи тарафдорони назарияи арзишёбӣ шудааст. Лозим ба зикр аст, ки ҳуқуқи ҷиноятии даврони шуравӣ ва баъдан ҳам ҳуқуқи

---

[231] Ниг.: Лекгиас И. Вина как субъективная сторона преступного деяния: Пер. с нем. / Под ред. и с предисл. А.А. Пионтковского. – М.: Госюриздат, 1958. – С. 48.
[232]Ниг.: Кудрявцев В.Н. Общая теория квалификации преступлений. 2-е изд., перераб. и доп. – М.: Юрист, 2004. – С. 147.
[233] Ниг.: Сафарзода А.И. Уголовно-правовая охрана предпринимательской деятельности в Республике Таджикистан: автореф. дис. … д-ра юрид. наук. – Душанбе, 2018. – С. 26.

ҷиноятии замони муосири ҶТ ба таври собиту устувор аз мавқеи тарафдорони назарияи психологии гуноҳ пайравӣ мекунанд. Аммо дар байни олимони ватанӣ ҳам касоне ҳастанд, ки тарафдори назарияи арзишёбии гуноҳ мебошанд. Ба таври муфассал ҳар ду назарияи зикршударо мавриди баррасӣ қарор медиҳем.

Бештари муаллифон ба миён омадани назарияи арзишгузории гуноҳро ба номи криминалисти олмонӣ Р. Франк ва асари вай «Дар бораи сохти мафҳуми гуноҳ», ки соли 1907 ба нашр расида буд, алоқаманд медонанд[234]. Дар ин асар муаллиф дарки гуноҳро ҳамчун муносибати психологии шахс нисбат ба кирдори содиршуда дар шакли қасд ва аз рӯйи беэҳтиётӣ рад намудааст. Аз нуқтаи назари ин муаллиф, чунин тарзи фаҳмиши мафҳуми гуноҳ имкон намедиҳад муайян гардад, ки чаро гуноҳи шахсони айбдоршаванда аз рӯйи як ҷиноят ва дар шароити бо ҳам монанд аз тарафи суд ба тарзи мухталиф арзёбӣ ва муайян карда мешавад. Мувофиқи назарияи пешниҳодшуда, гуноҳ ҳамчун мафҳуми ҷомеъ арзёбӣ мегардад ва он дар баробари қасд ё беэҳтиётӣ ҳамчунин мукаллафият ва тамоми ҳолатҳои содиршавии ҷиноятро дар бар мегирад. Ҷузъе, ки тамоми ин унсурҳоро дар якҷоягӣ тақвият мебахшад, ҷазо мебошад. Ҳамчун гунаҳгор А. Франк фақат ҳаракат ва ё беҳаракатиеро арзёбӣ намудааст, ки барои содир намудани он субъект ва ё шахсе, ки онро содир намудааст, метавонад мавриди сарзаниш ва ҷазо қарор бигирад. Далели аслӣ дар чунин ҳолат аз он иборат буд, ки дар қонуни ҷиноятии он замон фақат ба таври умумӣ омада буд, ки ҷазо, сарзаниш, накӯҳиш хоси содир намудани кадом кирдор аст.

Ҳамзамон, дар айни ҳол таъкид мешуд, ки ҳаракат ва ё беҳаракатие, ки аз рӯйи қоидаи умумӣ дар баъзе ҳолатҳои ҷудогона сарзанишпазир аст, дар шароити хоси ҷудогона метавонад сарзанишпазир набошад. Ва дар натиҷа, дар чунин маврид ҳаракат ва беҳаракатии мавриди назар наметавонад ҷиноят арзёбӣ шавад. Назарияи мазкур дар кишварҳои Аврупо хеле

[234] Ниг.: Frank. R. Uber den Aufbau des Schuldbegriffs. – Giessen, 1907. – 70 с.

густариш ёфта буд ва он дар корҳои илмии анҷомдодаи олимони машҳури аврупоӣ аз ҷумла, Г. Келзен, В. Заувер, Г. Велсел ва ғайра инъикос ёфтааст.

Ҳуқуқи ҷиноятии ватании замони шӯравӣ нисбат ба назарияи арзишгузории гуноҳ, ки тавассути муаллифони «буржуазӣ» пешниҳод шуда буд, назари комилан манфӣ дошт. Вале бо вуҷуди ин, бархе аз криминалистҳо кӯшидаанд ин назарияи ғарбиро барои истифода дар ҳуқуқи ҷиноятии ватанӣ мавриди коркарду истифода қарор бидиҳанд. Яке аз намояндагони барҷастаи ин гуруҳи тарафдори назарияи арзишгузории гуноҳ Б.С. Утевский мебошад. Дар асари илмии худ бо номи «Гуноҳ» муаллиф қайд менамояд, ки «дар баробари фаҳмиши нисбатан танги гуноҳ ҳамчун унсури таркиби ҷиноят ва тарафи субъективии ҷиноят, яъне қасд ва беэҳтиётӣ илми ҳуқуқи ҷиноятии шӯравии сотсиалистӣ бо мафҳуми нисбатан васеи гуноҳ – асоси ҷавобгарии ҷиноятӣ ошно мебошад»[235]. Ба назари муаллифи мазкур, мушаххасан, дарк ва фаҳмиши васеи гуноҳ асоси ҷавобгарии ҷиноятиро ташкил медиҳад. Гуноҳ, аз нигоҳи ин муаллиф, маҷмуи ҳолату шароитест, ки аз назари суд сазовори арзёбии ахлоқиву сиёсӣ аз тарафи давлат аст ва тақозо менамояд, ки шахси онро содирнамуда ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шавад[236]. Нуқтаи заъфу камбуди мафҳуми пешниҳодшудаи гуноҳ аз дидгоҳи мо дар он аст, ки доираи он хеле васеъ гардонида шудааст. Ҳуқуқи ҷиноятӣ репрессивитарин шохаи илми ҳуқуқ ба ҳисоб меравад, бинобар ин, ба таври саросар ворид кардани лаҳзаи субъективӣ ба он номумкин аст, зеро он метавонад боиси ба миён омадани оқибатҳои ҷиддии манфӣ гардад. Гуноҳи содир намудани ҷиноят ҳолати объективист, яъне он новобаста ба андешаву мулоҳизоти судя вуҷуд дорад ва дар зимн лаҳзаи фаро расидани он на ба содиршудани қарори суд, балки ба лаҳзаи содиршавии ҷиноят алоқаманд аст. Маҳз аз ин рӯ, муайян кардани гуноҳ ба мавзуи муайян кардан ва гузаронидани тафтишоти пешакии ҷиноят алоқаманд аст. Мавқеи Б.С. Утевский аз сӯйи фазои илмии вобаста ба илми ҳуқуқи ҷиноятӣ мавриди

[235] Утевский Б.С. Вина в советском уголовном праве. – М.: Госюриздат, 1950. – С. 59.
[236] Ниг.: Утевский Б.С. Асари зикршуда. – С. 59.

интиқод қарор гирифт. Ин интиқод ҳатто дар баъзе мавридҳо хориҷ аз усул ва муқаррароти ахлоқӣ ҳам буд. Вале бо вуҷуди ин, ин нуқтаи назар тарафдорони худро ҳам пайдо намуда буд. Аз чунин нуқтаи назар, А.Н. Трайнин низ пуштибонӣ менамуд. Ӯ гуноҳро ҳамчун унсури таркиби ҷиноят ва асоси ҷавобгарии ҷиноятӣ арзёбӣ менамояд. Вобаста ба мафҳуми гуноҳ – унсури таркиби ҷиноят, ӯ ба таври пурра муқаррароти назарияи психологӣ дар мавриди гуноҳро эътироф намуда, онро ҳамчун муносибати психологии шахс нисбат ба кирдори ҷиноятӣ ва натиҷаи он дар шакли қасд ва беэҳтиётӣ арзёбӣ менамуд. Ба назари олими мазкур, гуноҳ дар чунин шакл ҳанӯз барои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахс кофӣ нест. Гуноҳ ҳамчун асоси ҷавобгарии ҷиноятӣ, «бояд дорои аломатҳои иловагие бошад, ки ба туфайли мавҷуд будани онҳо ба кор бурда шудани шакли шадиди ҷавобгарии ҷиноятӣ – ҷазои ҷиноятӣ асоснок гардад»[237]. «Маҳз ҳамин моҳиятан дорои хусусияти синфӣ, ҷамъиятӣ, арзёбии психологии ҳолати шахс буда, ҳамчун ҷузъи гуноҳ асоси ҷавобгарии ҷиноятиро ташкил медиҳад»[238]. Ба ин сурат, ҷудосозии мафҳуми гуноҳ фақат аз ҷиҳати шартӣ имконпазир аст ва он дар таҷрибаи амалии ҳуқуқтатбиқкунӣ ҳеҷ нақшу ҷойгоҳе надорад. Баҳогузории манфии давлат ҳамчунин нисбат ба мафҳуми гуноҳ ҳамчун унсури таркиби ҷиноят низ вуҷуд дорад, ки он дар истилоҳи «тарафи субъективии ҷиноят» хулоса мешавад. Баҳогузории манфии ҷинояткори эҳтимолӣ қабл аз содир гардидани ҷиноят тавассути субъекти ҷиноят вуҷуд дорад ва он дар манъи содир кардани ҷиноят инъикоси худро меёбад. Агар ҳаракат ва ё беҳаракатии шахси гунаҳкор аз нигоҳи давлат сазовори маломат ва арзёбии манфӣ набошад, дар ин сурат, гуноҳ, яъне унсури таркиби ҷиноят ҳам вуҷуд надорад. Назарияи арзишгузории гуноҳ дар миёни криминалистҳо пуштибонӣ ва дастгирии васеъ пайдо накард ва бо интиқоди асоснок рӯбарӯ гардид. Агар чи баҳсу мунозираҳо дар бораи мазмуну муҳтавои гуноҳ дар бештари мавридҳо хусусияти идеологӣ дошт, вале бо вуҷуди ин, ба назари

[237] Демидов Ю.А. Социальная ценность и оценка в уголовном праве. – М., 1975. – С. 112.
[238] Демидов Ю.А. Асари зикршуда. – С. 112.

мо, ин ҳама баҳсу мунозираҳо ба таври умумӣ боиси рушду пешрафти назаррас дар кори таҳқиқу омӯзиши тарафи субъективии ҷиноят гардид. Ба таври анъанавӣ, ҳуқуқи ҷиноятии ҶТ гуноҳро ҳамчун муносибати психологии шахси гунаҳкор нисбат ба аломатҳои объективӣ, ки ҷузъи таркиби ҷиноят мебошанд, арзёбӣ менамоянд. Гуноҳ ҳамчун муносибати психологӣ аз робитаи мавҷуд миёни субъекти ҷиноят (шахсият) ва ҷаҳони атрофи ӯ (падидаҳои табиӣ, ниҳодҳои иҷтимоӣ,шахсони дигар ва ғайра) иборат мебошад. Ҳар навъ муносибати психологӣ аз се ҷузъ иборат мебошад: интелектуалӣ (зеҳнӣ), иродавӣ ва эҳсосотӣ. Лозим ба зикр аст, ки чунин табақабандӣ ва ҷудосозӣ ба таври пурра хусусияти шартӣ-назариявӣ дорад, зеро дар ҳаёти воқеӣ онҳо ба таври зич бо ҳам алоқаманд ҳастанд ва ҳамчун тарафи ҷудогонаи муносибатҳои психологӣ шуморида мешаванд. Бар асоси Кодекси ҷиноятии амалкунандаи ҶТ, он имкон дорад дар шакли қасд ва беэҳтиётӣ зоҳир гардад. Гуноҳ ба сифати тарафи субъективии қасдан расонидани зарари миёна ба саломатии шахс ду унсурро дар худ дар бар мегирад: интеллектуалӣ ва иродавӣ. Вале ин ба он маъно нест, ки лаҳзаи эҳсосот ҳангоми содир шудани ҷиноят вуҷуд надорад. Он хоси тамоми ҳаракати инсон, аз ҷумла содир гардидани ҷиноят мебошад. Фақат он дар таркиби ҷинояти баррасишаванда мавриди арзёбии ҳуқуқи ҷиноятӣ қарор намегирад. Бо дар назар гирифтани м. 111 Кодекси ҷиноятии ҶТ метавон ба ин сурат натиҷагирӣ намуд, ки қасдан расонидани зарари миёна ба саломатии шахс метавонад бо қасди бевосита ва ё қасди бавосита сурат бигирад. Ҷудосозӣ ба қасди бевосита ва ё қасди бавосита бо дар назар гирифтани мазмун, таркиби интеллектуалӣ ва лаҳзаи иродавӣ сурат мегирад. Масъалаи қасди бевосита ҳангоми таҳқиқи тарафи субъективии ҷиноят мушкилоти зиёдро эҷод менамояд. Расонидани зарари миёна бо қасди бевосита ба ин маъност, ки шахс аз ҷиҳати иҷтимоӣ хавфнок будани кирдорҳои худро дарк менамояд, имкони фаро расидан ва ногузир будани оқибатҳои хавфноки иҷтимоиро дар шакли расонидани зарар ба саломатии

баробар ба зарари миёнаро пешбинӣ менамояд ва хоҳони фаро расидани чунин оқибатҳо мебошад. Аз тавсиф ва таърифи мазкур бармеояд, ки лаҳзаи интеллектуалии қасди бевосита аз дарки хусусияти кирдорҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ хавфнок ва пешбинии оқибатҳои хавфноки ин кирдорҳо дар шакли расонидани зарар ба саломатии инсони ҷабрдида тавассути шахс иборат мебошад. Лаҳзаи иродавии қасди бевосита дар хоҳиш ва мувофиқ будан бо расонидани зарар ба саломатии шахси зарардида инъикос меёбад ва он ҳамчунин самтгирии қасди шахси айбдорро нишон медиҳад[239]. Тақсим ва ҷудо кардани гуноҳ ба ин унсурҳо амали шартист, вале он ба таври назаррас ба беҳтар мушаххассозии мазмуну муҳтавои тарафи субъективии ҷиноят мусоидат менамояд. Ба ин тарз дарк намудани тарафи субъективии ҷинояти мавриди назар дар нигоҳи аввал шояд бенуқсон бошад. Вале агар мо ба таври системавӣ моҳияти онро таҳлил намоем, бо масъалаҳои зиёде рӯбарӯ мегардем, ки то ба имрӯз дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳалношуда боқӣ мемонанд. Гузашта аз ин, дар ҳолате, ки амалия ва назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ конструксияи қасди ғайримушаххасро эътироф менамоянд, зарурати мубрам вуҷуд дорад,ки консепсияҳои мавҷуда дар бораи тарафи субъективии баъзе аз ҷиноятҳо бар асоси дастовардҳои ахиру муосири ҳуқуқи ҷиноятӣ ва экспертизаи судиву тиббӣ мавриди бознигарӣ ва таҷдиди назар қарор бигиранд. Барои дарки беҳтару хубтари сохтори тарафи субъективии қасдан расонидани зарари миёна ба саломатии шахс зарур аст, ки ҷанбаҳои ителлектуалӣ ва иродавии ҷинояти мавриди назар ба таври муфассал мавриди омӯзиш қарор бигиранд. Лаҳза ё ҷанбаи ителлектуалии ҷиноят аз огоҳ будани ҷинояткор аз хатарнок будани оқибатҳои ҳаракат ё беҳаракатӣ ва пешбинӣ кардани фаро расидани оқибатҳои хатарноки иҷтимоӣ иборат аст. Дар ин замина истилоҳи «дарк намуд» аҳаммияти хоса касб менамояд. Фарҳанги тафсирии русии Ожегов ин истилоҳро ҳамчун «дарк кардан, яъне

[239] Ниг.: Дагель П.С., Михеев Р.Ж. Теоретические основы установления вины. – Владивосток: Изд-во Дальневост. ун-та, 1975. – С. 36.

пурра дар зеҳни худ ҷой кардан, фаҳмидан» маънидод менамояд[240]. Бояд қайд намуд, ки дарк кардан ба таври зич ва ногусастанӣ бо тафаккур алоқаманд мебошад, вале тафаккур, андеша бо шуур ва дарк монанд нест. Он дар қатори дарк, эҳсос ва ҳофиза фақат абзору воситаи дарк ба ҳисоб меравад. Ба туфайли андеша, тафаккур, вазифае,ки дар баробари шахс пайдо мегардад, роҳи ҳал пайдо менамояд. «Андеша аз рӯйи моҳияти худ маърифатест, ки тавассути он вазифаҳои дар баробари шахсон ба миёномада роҳи ҳалли худро пайдо мекунанд»[241]. Фаъолияти огоҳона ва мақсадноки шахс ба туфайли он имконпазир мегардад, ки дар он модели дохилии ҷаҳони беруна шакл мегирад. Ин имкон медиҳад, ки вазъи феълӣ бо вазъи гузашта муқоиса гардад, на фақат мақсад дар назар гирифта шавад (расонидани зарар ба саломатӣ), балки оқибатҳои кирдор қабл аз анҷоми он тасаввур ва пешбинӣ шаванд, имкон фароҳам меоварад, ки тавассути контроли иҷрошавии мақсад тафовути мавҷуд миёни вазъи воқей ва вазъи матлуби предметҳо то ба ҳадди ақал коҳиш дода шавад[242]. Маҳз чунин тарзи раванди дарку маърифат дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ асосе барои омӯзиши мазмуни психологии гуноҳ ба ҳисоб меравад.

Акнун ба таҳлили предмети дарк – хатари иҷтимоӣ мепардозем. Аз нигоҳи мафҳуми ҳуқуқи ҷиноятӣ хавфи иҷтимоӣ аз ҳолати муайяни зиддииҷтимоии объективии ҷиноят,ки вобаста ба хусусият ва аломатҳои манфӣ мебошад, иборат мебошад. Он имкони воқеии расонидани зарар ба муносибатҳои иҷтимоии зери ҳимояти қонун қарордоштаро дар бар мегирад[243].

Бояд қайд намуд, ки хатар ё хавфи иҷтимоии ҷиноят дар аломатҳои объективии ҷиноят инъикоси худро меёбад. Аз нуқтаи назари доктринаи ҳуқуқи ҷиноятӣ, дарки хавфи иҷтимоӣ дорои ду сатҳ аст: сатҳи якум – шахсе, ки ба саломатии шахси дигар зарар мерасонад,огоҳона дарк менамояд,ки

---

[240] Ниг.: Ожегов С.И., Шведова Н.Ю. Толковый словарь русского языка. – М.: ФЗЪ, 1993. – С. 476.
[241] Рубинштейн С.Л. О мышлении и путях его исследования. – М.: Изд-во АН СССР, 1958. – С. 14.
[242] Ниг.: Васильев В.Л. Юридическая психология. 4-е изд., доп. и перераб. – СПб.: Питер, 2002. – С. 130.
[243] Ниг.: Ляпунов Ю.И. Общественная опасность деяния как универсальная категория советского уголовного права: Учеб. пособие для слушателей вузов МВД СССР. – М.: ВЮЗШ МВД СССР, 1989. – С. 39.

кирдори вай характери аз ҷиҳати иҷтимоӣ хавфнок дорад, яъне кирдори шахс дар маҷмуъ нисбат ба муносибатҳои иҷтимоӣ хатар эҷод менамоянд[244]; дуюм – шахс дарк менамояд беамалӣ ё амалҳои мушаххасе, ки бо мақсади расонидани зарар ба саломатии шахси зарардида содир мегарданд, дорои хусусияти хавфи иҷтимоӣ мебошанд. Мутобиқи чунин тарзи дарк кримилалистҳои ватанӣ объект ва предметро махсусан қайд менамоянд,ки ин ҷавобгӯи ҳақиқати фалсафист ва бар асоси он предмет ҷузъи объект ба ҳисоб меравад. Сатҳи дар боло зикршуда объекти дарк ва сатҳи дуюм предмети[245] он маҳсуб мешавад. Барои шакли гуноҳи қасдона дарки хавфи иҷтимоии кирдор дар ҳар ду шакл хос аст. Вуҷуд надоштани дарк ҷавобгариро барои ҷинояте, ки қасдона содир мешавад, истисно мекунад. Дар сурати вуҷуд доштани як қатор шароити хос, он ҳатто ҷавобгарии ҷиноятиро низ истисно мекунад. Дар ин робита А.А. Пионтковский аз нуқтаи назари мухолиф пайравӣ менамуд. Аз ҷумла ӯ дар бораи вуҷуд надоштан ва зарур набудани таъйиду тасдиқи хавфи иҷтимоӣ изҳори назар карда буд[246]. Дар ҳоли ҳозир чунин мавқеъ ва нуқтаи назар тавассути назария ва таҷрибаи ҳуқуқи ҷиноятӣ рад шудааст, зеро он бо усул ва идеалҳои давлати ҳуқуқӣ мухолифат дорад.

Қонуни ҷиноятӣ аз татбиқкунандаи ҳуқуқ муайян кардани ҳолати дарки хавфи иҷтимоии кирдори содиршавандаро тақозо менамояд на ғайриқонунӣ будани кирдори шахсро Л.Д. Гаухман барҳақ қайд менамояд: «Барои вуҷуд доштани ҳолати ителлектуалӣ зарур нест, ки шахси айбдоршаванда аз лиҳози қонунӣ манъ будани кирдори содиршавандаро огоҳона дарк намояд ва ё тавассути қонуни ҷиноятӣ аз содир намудани он худдорӣ варзад. Агар шахс дарк намояд, ки ҳаракат ва ё беҳаракатии вай қонунан манъ аст, ин ба таври айён иштибоҳ ё хатои ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравад, ки он ҳеҷ таъсире ба ҷавобгарии ҷиноятӣ намегузорад[247]. Зимни мувофиқ будан бо мантиқи қонун

[244] Ниг.: Гаухман Л.Д. Квалификация преступлений: закон, теория, практика. – М., 2003. – С. 149.
[245] Ниг.: Утевский Б.С. Вина в советском уголовном праве. – М.: Госюриздат, 1950. – С. 195; Кудрявцев В.Н. Объективная сторона преступления. – М.: Госюриздат, 1960. – С. 60
[246] Ниг.: Пионтковский А.А. Учение о преступлении по советскому уголовному праву. – М.: Госюриздат, 1961. – С. 354.
[247] Ниг.: Гаухман Л.Д. Асари зикршуда. – С. 149.

аз лиҳози назариявӣ, мо дар робита ба дарки хавфнокии кирдори содиршаванда аз нигоҳи иҷтимоӣ тавассути бархе аз шахсони ҷинояткор метавонем як каме шубҳа дорем. Пеш аз он ки дар бораи дарки амали хавфноки ҷамъиятӣ сухан ронда шавад, мо бояд бовар ҳосил кунем, ки шахс дар бораи категорияҳое, аз ҷумла категорияи «ҷамъият», «муносибатҳои ҷамъиятӣ» фаҳмиши дуруст дошта бошад ва аз ҳама муҳимтар бо мазмуни мураккаб ва чандсатҳаи мафҳуми «хавфи иҷтимоӣ» ошно бошад. Бо дар назар гирифтани дар бештари ҳолатҳо дараҷаи пасти қобилияти интеллектуалии шаҳрвандон, чунин интизорро доштан беҳуда аст. Дар асоси он чи баён гардид, мо метавон чунин ҳисобем, ки ягона исботи бебаҳси дарки аҳаммияти иҷтимоии кирдори содиршаванда ин фаҳмишу огоҳ будани шахс ба он аст, ки ба таври ошкор ҷиноят содир менамояд, зеро дақиқан қонуни ҷиноятӣ барои шаҳрванд нишондиҳандаи асосии хавфи иҷтимоии ин ё он кирдори содиршаванда ба ҳисоб меравад. Дар ин бора метавонанд далелу асос шуморида шаванд: марҳалаи омодагӣ барои содир намудани ҷиноят, пушаймонии ҷинояткор ва як қатор аломатҳои дигар. Дарк намудани хавфнок будани кирдорҳои худ барои ҷомеа ҳамчун падидаи иҷтимоӣ метавонад на фақат ҳамчун дарк, балки ҳамчун қобилияти дарк низ арзёбӣ гардад. Барои мисол, шахсе, ки ҷинояткори ошкорро ба қатл мерасонад, метавонанд чунин боварро дошта бошад, ки кирдори анҷомдодаи ӯ аз лиҳози иҷтимоӣ як кирдори судманд ва фоиданок барои ҷамъият ба ҳисоб меравад. Вале ин наметавонад ин шахс ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шавад. Ҳар шахси воқеии аз лиҳози қонуни ҷиноятӣ мукаллафи чаҳордаҳсола пешбинӣ мешавад, ки қобил ба дарки аҳаммияти иҷтимоии кирдори (ҳаракат ё беҳаракатӣ) худ мебошад. Аз ин ҷиҳат, шарти аслии муайянсозии хусусияти қасдонаи гуноҳ мушаххас намудани мутобиқат миёни аломатҳои шахси ба саломатии дигарон зарар расонида ва аломатҳои субъекти ҷиноят шуморида мешавад, ки қонуни ҷиноятӣ пешбинӣ намудааст. Аз нуқтаи назари мо, дарки хавфи ҳаракат ё (беҳаракатӣ) дорои эҳтимоли фаро расидани

оқибатҳои барои саломатии шахс хавфнок аз назари ҳуқуқи ҷиноятӣ дорои аҳаммияти нисбатан бештар аст.

Мазмуну муҳтавои предметии қасд маҷмуи шароитҳои амалие мебошад, ки тавассути дарк ва иродаи шахси ҷинояткор инъикос меёбад. Дар ин миён бояд ба дарки аломатҳои объект ва предмети ҷиноят тавассути шахс аҳаммият ва таваҷҷуҳи бештар дода шавад[248]. Агар шахс дарк накунад, ки предмети кирдори содирнамудаи вай саломатии инсон аст, дар ин ҳолат бояд ҷиноят дубора муайян ва мушаххас гардида, мавриди омӯзиш қарор бигирад.

Унсури дуюми нишондиҳандаи лаҳзаи интеллектуалии гуноҳи содиркунии ҷинояти қасдона пешбинӣ намудани имкон ва ё ногузир будани фаро расидани оқибатҳои хавфноки ҷамъиятӣ ба ҳисоб меравад. Шахс наметавонад барои қасдан расонидани зарари миёна ба саломатии инсон мавриди ҷавобгарии ҷиноятӣ қарор бигирад, агар ӯ оқибатҳои барои саломатии инсон хавфнокро, ки дар м. 111 Кодекси ҷиноятии ҶТ омадаанд, пешбинӣ накарда бошад. Барои ба таври қасдона расонидани зарари миёна ба саломатии шахс чунин оқибатҳо метавонанд набудани аломатҳои дар м. 110 КҶ ҶТ пешбинишудаи ҷиноят, ба муддати тулонӣ зарар дидани саломатӣ ва аз се як дарсади қобилияти умумии кориро аз даст дода бошанд. Пешбинӣ намудани оқибатҳои хавфноки ҷамъиятии содир намудани ҷиноят бояд ба таври ҳатмӣ исбот карда шавад. Фақат огоҳ будани субъекти ҷиноят аз оқибатҳои иҷтимоии хавфноки ҳаракат ё беҳаракатии худ, дарк намудани оқибатҳои эҳтимолӣ дар шакли халалдор намудани саломатии шахс ба муддати тулонӣ ё аз даст додани қобилияти умумии меҳнатӣ камтар аз як ҳисса имкон медиҳад ҷиноят мувофиқи м. 111 КҶ ҶТ муайян ва арзёбӣ гардад. Аз пеш дидани оқибатҳои хавфноки иҷтимоӣ ҳам тавассути қасди бевосита ва ҳам ба туфайли қасди бавосита метавонад на фақат дар пешбинӣ шудани ногузир будани фаро расидани оқибатҳо, балки дар ҳолати вуҷуд доштани имкони воқеӣ ҳам инъикос ёбад. Дар ҳолатҳои мухталиф,

[248] Ниг.: Дагель П.С., Михеев Р.И. Теоретические основы установления вины. – Владивосток: Изд-во Дальневост. ун-та, 1975. – С. 48.

ҷинояткор метавонад ба андозаи кам ё зиёд фаро расидани оқибатҳои матлубро интизор дошта бошад, бинобар ин, тавре ки П.С. Дагел ва Р.И. Михеев таъкид менамоянд, ҳангоми муайян сохтани гуноҳ лозим ва ҳатмӣ нест, ки шахс ба ногузир будани фаро расидани натиҷаи кирдори ҷиноятӣ бовар дошта бошад[249]. Пешбинии ҷинояткор бояд на фақат оқибати ниҳоии кирдор, балки он бояд робитаи сababӣ миёни амал ва оқибатҳои ибтидоиро ҳам дар бар бигирад. Ю.А. Демидов ба ин бовар аст, ки «пешбинӣ намудани раванди инкишофи робитаи сababӣ ба маънои дарки тағйиротҳои иҷтимоии хавфноки воқеист, ки тавассути ҳаракат ё беҳаракатии шахс инъикос пайдо менамоянд ва онҳо асоси фаро расидани оқибатҳоро ташкил медиҳанд»[250]. Пешбинӣ ва дарк намудани робитаи сababӣ ба маънои он аст, ки тасаввури шахс дар бораи механизми робитаи сababӣ дар миёни ҳаракат ва ё беҳаракатӣ ва оқибатҳои амали ӯ, ки дар расонидани зарар ба шахси ҷабрдида зоҳир меёбанд, ба таври пурра бо робитаҳои сababи натиҷавӣ дар воқеият мутобиқат доранд.

Дар ҳолати воқеӣ душвор аст чунин тасассур кард, ки ҷинояткор ба таври пурра ҳам дараҷаи зарареро, ки тавассути кирдори худ ба саломатии шахси дигар расонида мешавад ва ҳам маҷмуи омилҳоеро, ки суд ҳангоми муайян намудани дараҷаи вазнинии зарар ба саломатӣ ба назар мегирад, дарк намояд. Барои ин ҷинояткор бояд дар бораи ҳолати вазъи шахси зарардида, хусусияти предмете, ки тавассути он ба шахс зарар расонида мешавад ва ҳамчунин дар бораи як қатор дигар омилҳои объективӣ иттилоот ва маълумоти лозим дошта бошад. Аз ин ҳам эҳтимоли камтар вуҷуд дорад,ки ҷинояткор битавонад дар бораи зараре,ки тавассути амали вай ба шахси ҷабрдида расонида мешавад, ба таври равшан ва мушаххас маълумот дошта бошад. Ғайр аз ин, дар бисёр ҳолатҳо мутахассисони экспертизаи судиву тиббӣ ва кормандони мақомоти судӣ ва тафтишоти пешакӣ ҳангоми

[249] Ниг.: Дагель П.С., Михеев Р.Ж. Теоретические основы установления вины. – Владивосток: Изд-во Дальневост. ун-та, 1975. – С. 50.
[250] Демидов Ю.А. Умысел и его виды по советскому уголовному праву: автореф. дис. ... канд. юрид. наук. – М., 1964. – С. 8.

муайян сохтани механизми ба вуҷуд омадан ва хусусияти зараре, ки расонида мешавад, бо мушкил рӯбарӯ мегарданд. Дар бораи вуҷуд доштани имкони пешбинии робитаи сабабӣ дар ҳолате метавон ҷавоби мусбат дод,ки агар он боиси ба миён омадани оқибатҳои қасду ангезаи ҷинояткор гардад. Масъалаҳои вобаста ба дуруст муайян намудани тарафи субъективии ҷиноят ба таври назаррас тавассути ҳолати миёнаи м. 111 Кодекси ҷиноятии ҶТ, яъне байни ҳолати сабук ва ҳолати зарари вазнин хусусияти мураккабтар ба худ мегиранд.

Дар бештари ҳолатҳо субъекти ҷиноят хавфи ҷамъиятии кирдорҳои содирнамудаи худро дарк менамояд ва то андозаи муайян оқибатҳои эҳтимолии кирдорҳои худро пешбинӣ менамояд. Дар илм чунин қасдро қасди номуайян ва ё номушаххас меноманд[251]. А.С. Никифиров дар ин замина ба таври ҷиддӣ таъкид менамояд: «Қасди субъект ҳангоми расонидани зарари ҷисмонӣ аз он ҷиҳат бевосита шуморида мешавад,ки субъект пешбинӣ менамояд ва мехоҳад, ки зарари эҳтимолӣ фаро расад. Аммо, ин қасд, қасди номуайян аст, зеро ҳадафи он расонидани зарари дорои вазнинии мухталиф аст»[252]. Муаллифони зиёде ин нуқтаи назарро дастгирӣ менамоянд. Дар баробари ин, набояд фаромӯш кард, ки қасди шахси айбдоршаванда то андозаи муайян ҳадду ҳудуд дорад ва ба таври дуруст муқаррар намудани он яке аз кафолатҳои мушаххассозии саҳеҳ будани кирдори содиршуда ва муқаррар гардидани ҷазои сазовор нисбат ба шахси ҷинояткор аст. Агар мо дар бораи содир гардидани ҷиноятҳо ба муқобили саломатии шахс сухан гӯем, дар ин сурат ҳолати дарк гардидани хавфнок будани кирдор нисбат ба саломатии шахси дигар тавассути шахси айбдоршаванда бояд ба исбот расад. (ҳамчун предмети ҷиноят, аз қабл донистан, ногузир ё имконпазир будани фаро расидани оқибатҳои хавфнок ба саломатӣ). Ҳадди ақал дар қасди шахси айбдоршаванда набояд қасди аз ҳаёт маҳрум сохтани шахси мавриди назар

---

[251] Ниг.: Расторопов С.В. Борьба с умышленным причинением вреда здоровью граждан в исправительных колониях. – М.; Рязань: Ряз. Филиал Моск. ин-та экономики, менеджмента и права, 2000. – С. 378.
[252] Никифоров А.С. Ответственность за телесные повреждения по советскому уголовному праву. – М.: Госюриздат, 1959. – С. 87.

вуҷуд дошта бошад. Мувофиқи консепсияи қасди номушаххас, зарурати муқаррар намудани мутобиқати мутлақи оқибатҳои аз қабл пешбинишуда тавассути айбдоршаванда дар шакли зарари мухталиф ба саломатӣ вуҷуд надорад. Кофӣ аст исбот карда шавад,ки оқибатҳои тавассути шахси айбдоршаванда пешбинишуда аз доираи қасдан расонидани зарари миёна ба саломатии шахси дигар берун набошанд. Тафовут ва ихтилофҳои начандон муҳимми мавҷуд дар миёни оқибатҳои пешбинишуда ва фаворасида, ки дар натиҷаи тасаввури ғалати айбдоршаванда доир ба оқибатҳои эҳтимолӣ ба миён меоянд, набояд дар кори муайянсозии ҷиноят таъсиргузор бошанд. Квалификатсия ва ё бандубасти ҷиноятҳое, ки ба муқобили саломатии инсон равона мегарданд, бинобар мавҷуд будани фосилаи ҷиддӣ дар миёни забон ва истилоҳҳоти илми ҳуқуқи ҷиноятӣ аз як тараф ва тасаввуроти ибтидоии шахси миёна дар бораи хусусияти зарари эҳтимолӣ ва механизми ба вуҷуд омадани он аз тарафи дигар, печидагӣ ва мураккабии муайян ба худ касб намудааст. Дар натиҷаи чунин вазъ, аҳаммияти фаъолияти дастгоҳи тафтишотиву судӣ, ки ҳангоми муайян кардани тарафи субъективии ҷиноят бояд гуноҳи шахси айбдоршавандаро аз шакли ибтидоии маишӣ ба системаи муназзами истилоҳҳоти ҳуқуқӣ тағйир диҳад, ба таври назаррас афзоиш меёбад. Як шахси мутавасситу миёна ба гумон аст, ки дар зеҳни худ зарари расонидашавандаеро, ки дар қонунгузории ҷиноятӣ дар шакли як қатор аломатҳои пурраи миқдориву сифатӣ пешбинӣ шудаанд, инъикос намояд. Дар аксар ҳолатҳо ин аз сӯйи мақомоти масъули татбиқи ҳуқуқ ба назар гирифта намешавад ва одатан, ба ҷои ин натиҷаи амалҳои ғайриқонунии шахси гунаҳкор ба инобат гирифта шуда, зимни ин тарафи субъектии кирдори содиршуда ба эътибор гирифта намешавад[253].

Агар аз мафҳумҳои илмии абстрактивӣ гузарем, бо ҳолате рӯбарӯ мегардем,ки дар он қасди шахсе, ки нияти ба саломатии шахси дигар зарар расонидан дорад, аз расонидани ягон навъ зиён (шикастагӣ, латхӯрӣ, боиси

[253] Ниг.: Иванов В.Д. Практика применения законодательства Казахской ССР об ответственности за преступления против личности. – Караганда: Караганд. высш. шк. МВД СССР, 1975. – С. 44.

сӯхтагӣ шудан) иборат мебошад. Аз рӯйи одат, қасд то ҳамин ҳадду ҳудуд маҳдуд мемонад. Дар робита ба м. 111 Кодекси ҷиноятии ҶТ, аз нигоҳи мафҳуми ҳуқуқи ҷиноятӣ оқибатҳои кирдори ҷиноятӣ ба ҳисоб намераванд. Мувофиқи моддаи мазкур, зери мафҳуми оқибат ба муддати тӯлонӣ осеб дидани вазъи саломатӣ ё аз даст додани қобилияти умумии меҳнатӣ фаҳмида мешавад. Дар баробари аломати патологии расонидани зарар ба саломатӣ, аз даст додани қобилияти умумии меҳнатӣ, ки дар асоси ҷадвал муайян мегардад, то андозаи зиёд ва ё кам ба тасаввури шахси зарардида дар бораи оқибатҳои эҳтимолии ҷиноят мувофиқат менамояд. Нисбат ба аломати осебдидагии тӯлонии саломатӣ, ба гумон аст, ки қасди субъекти ҷиноят замонеро дар бар гирад, ки он барои шахси зарардида замони фаро расидани корношоямӣ ҳисобида шавад. Дар айни замон дараҷаи вазнинии зарар аз рӯйи аломати вазнинии бештари зарар ба саломатӣ муқаррар карда мешавад. Коршиносони судиву тиббӣ ҳангоми баровардани хулоса, дар ҳама ҷо аз ин қоида истифода мекунанд ва ин як қоидаи маъмулу одӣ ба ҳисоб меравад. Коршиносони судиву тиббӣ бо чунин амал фақат ниёзу тақозои адолати ҳуқуқиро таъмин менамоянд ва дар фаъолияти худ бояд ба ин усул пойбанд бошанд. Мушкилоти асосӣ замоне шурӯъ меёбад,ки хулосаи баровардашуда дар ихтиёри мақоми ҳуқуқтатбиқкунанда қарор бигирад. Мақомоти ҳифзи тартиботи ҳуқуқӣ ва судҳо бидуни шакку тардид ба хулосаҳои таҳиянамудаи коршиносони судиву тиббӣ бовар ва такя мекунанд ва онҳоро ҳамчун асоси айб ба муқобили шахси гунаҳкор истифода мебаранд. Бо вуҷуди ин, мо чунин меҳисобем,ки аснои муайян намудани ҷиноят фақат муайян намудани зарари амалӣ ва қасди ба саломатӣ расонидани зарари вазнини мухталиф кофӣ нест. Ҳамчунин зарур аст, ки ба андозаи максималӣ (ниҳоӣ) ҳолати руҳии субъект нисбат ба кирдори содиршуда, яъне айбу гуноҳ мушаххас гардад. Ин имкон медиҳад ба шакли дурусту саҳеҳ гуноҳ ва ҳамин тавр мутаносибан ҷазои сазовор таъйин гардад. Чизи дар боло баён гардида як далели дигар ба нафъи хориҷ намудани ҷиддан осеб дидани саломатӣ аз тарафи объективии м.м. 111, 112 Кодекси ҷиноятии ҶТ мебошад. Ба назари мо, ҳангоми муайян намудани

қасди бевоситаи расонидани зарар ба саломатӣ бояд ба таври истисноӣ ба аломатҳои устувори аз даст додани қобилияти кории умумӣ такя намуд.

Лаҳзаи вобаста ба ирода таваҷҷуҳ ва диққати махсусро тақозо менамояд. Дар ҳолати қасди бевосита будан, он аз хоҳиши фаро расидани оқибатҳои иҷтимоии хавфнок иборат мебошад. Аз нуқтаи назари мо, маҳз лаҳзаи иродавӣ таҷассуми ошкоршавии қасд ба ҳисоб меравад ва он як навъ ҳалқае шуморида мешавад, ки аломатҳои субъективӣ ва объективии ҷиноятро бо ҳам мепайвандад. Хоҳиш ва майл бояд ба таври предметӣ инъикоси худро пайдо намояд, яъне бо баёни дигар, дар зеҳн ва тасаввури шахси айбдор бояд модели оқибатҳои эҳтимолӣ вуҷуд дошта бошад. Дар робита ба м. 111 Кодекси ҷиноятии ҶТ, лаҳзаи иродавии қасди бевосита бо хоҳиши фаро расидани оқибат ва натиҷаи ҷиноят дар шакли зарар дидани вазъи саломатӣ ба муддати тӯлонӣ ва ё аз даст додани беш аз се яки қобилияти умумии меҳнатӣ таҷассум меёбад.

Маҳз характери муносибати иродавӣ ба оқибатҳои хавфноки иҷтимоии кирдорҳои анҷомдодаи шахс қасди бевоситаро аз қасди бавосита ҷудо месозад. Мутобиқи Кодекси ҷиноятии ҶТ (соли 1998) агар шахс оқибатҳои хавфи иҷтимоии кирдорҳои (ҳаракат ё беҳаракатии) худро дарк намояд, имкони фаро расидини оқибатҳои аз ҷиҳати ҷамъиятӣ хавфноки кирдорҳои худро (дар шакли расонидани зарар ба саломатӣ) пешбинӣ намояд бидуни хоҳиш, огоҳона ва аз рӯйи бепарвоӣ ба фаро расидани чунин оқибатҳо мусоидат намояд, дар ин ҳолат зарари ба саломатӣ расонидашуда дорои характери қасди бавосита ҳисобида мешавад. Дар ҳолати мазкур лаҳзаи иродавӣ дар шакли формулировкаи «бе хоҳиш, вале огоҳона ба фаро расидани оқибатҳои эҳтимолӣ мусоидат намуд ва ё нисбат ба ин оқибатҳо бепарвоӣ зоҳир намуд», ифода меёбад. Зимни мувофиқ будани худ бо нуқтаи назари П.С. Яни, мо чунин мепиндорем, ки м. 28 Кодекси ҷиноятии ҶТ қасди бавоситаро ба таври дуруст муайян накардааст[254]. Аввалан, роҳ додан, ба

[254] Ниг.: Яни П.С. Сложные вопросы субъективной стороны преступления / П.С. Яни // Рос. юстиция. – 2002. – №12. – С. 47-49.

эҳтимоли зиёд тавсифи лаҳзаи интеллектуалии қасд мебошад. Мувофиқи таъбири фарҳанги тафсирии С.И. Ожегов роҳ додан ин ба маънои чизеро имконпазир шуморидан ё чизеро эҳтимол додан аст[255]. Роҳ додан аз пешбинӣ кардан бо дараҷаи муайяни боварӣ доштан ба фаро расидани натиҷаи аз ҷиҳати иҷтимоӣ хавфнок фарқ мекунад. Моҳиятан, мазмуни истилоҳи «роҳ додан» аз пешбинӣ намудани имкон, на ҳолати ногузир будани (ҳангоми қасди бевосита) фаро расидани оқибатҳо иборат аст. Ҳамин тавр, истифодаи истилоҳи «роҳ додан» аз нигоҳи қонунгузорӣ дар робита ба мафҳуми қасди бевосита беасос аст, зеро он дар мавриди мазкур маънои ҷудогонаи мустақил надорад. Аввалан, истилоҳи «бепарвоӣ» ба таври нодуруст мавриди истифода қарор гирифтааст. Дар ин робита мулоҳизаи баёнгардидаи П.С. Яни бамаврид ва дуруст аст: « барои намуна, ҳангоми содир намудани ҷинояти куштор, аз ҷумла аз рӯйи «қасди бевосита» субъекти ҷиноят нисбат ба ҳаёти шахси дигар бепарвоӣ зоҳир менамояд[256].

Ҳамин тавр, ҳангоми қасди бевосита, сухан на дар бораи ногузирӣ, балки фақат дар бораи имконпазирии кирдор меравад. Дар чунин ҳолат, расонидани зарар ба саломатӣ на ҳадафи амал ва на василаи дастёбӣ ба мақсад аст[257]. Шахси айбдор хоҳиши онро надорад,ки ба саломатии шахси зарардида зарар расонад. Ин ҷо зарар фақат натиҷаи дуюмдараҷаи кирдор аст, мақсади он ба чизи дигар равона шудааст. Дар айни замон наметавон нуқтаи назари Б.С. Волковро дуруст ҳисобид,ки кирдори аз рӯйи ирода ба таври пурра он кирдореро метавон эътироф намуд,ки бо мақсади бевосита содир мешавад. Ҳангоми қасди бавосита будан, «оқибат» агар ба таври ҷиддӣ бигӯем инъикоси бавоситаи қасди ирода ба ҳисоб намеравад; он ғайримустақим тавассути иродаи шахс аст, ба таври дигар ғайримустақим,эвентуалӣ ба ҳисоб меравад[258]. Ҳангоми таҳлил намудани

---

[255] Ниг.: Ожегов С.И., Шведова Н.Ю. Толковый словарь русского языка. – М.: ФЗЪ, 1993. – С. 178.

[256] Ниг.: Яни П.С. Сложные вопросы субъективной стороны преступления / П.С. Яни // Рос. юстиция. – 2002. – №12. – С. 48.

[257] Ниг.: Дагель П.С., Котов Д.П. Субъективная сторона преступления и ее установление / Науч. ред.: Горский Г.Ф. – Воронеж: Изд-во Воронеж. ун-та, 1974. – С. 101.

[258] Ниг.: Волков Б.С. Проблема воли и уголовная ответственность. – Казань: Изд. Казан. ун-та, 1965. – С. 35.

моҳияти лаҳзаи иродавии марбут ба қасди бавосита набояд дар бораи шартӣ будани унсурҳои ҷиноят фаромӯш намуд. Зеро онҳо ба таври реалӣ муносибати воҳиди психологӣ нисбат ба содиршавии ҷиноятро ташкил медиҳанд. Ҳангоми гузоштани мақсади асосӣ дар назди худ, шахси ҷинояткор ба ғайр аз оқибатҳои асосии иҷтимоии хавфнок, ба таври огоҳона ҳамчунин оқибатҳои бавоситаи содиркунии ҷиноятро ҳам ба назар мегирад. Дар ин сурат, ба назар гирифта шудани оқибатҳои фаръӣ ба банақшагирии вариантҳои эҳтимолии кирдори ҷиноятӣ таъсир мегузорад. Иродаи шахси айбдор, ба амалисозии тамоми оқибатҳои огоҳона ва ногузир равона шудааст. Барои мисол, шахси ҳаннот ҳангоми дурӯғ муаррифӣ намудани доруву давои қалбакии барои саломатӣ зарарнок, пеш аз ҳама мақсади ба даст овардани фоидаи пулиро дунбол мекунад, вале дар ин ҳолат ба таври пешакӣ барои ӯ маълум аст, ки василаи тиббии мавриди назар метавонад ба саломатии шахсе, ки ӯро дидаву дониста фиреб медиҳад, зарар ворид созад. Дар чунин ҳолат, бепарвоӣ ва ё бетафовутии шахси айбдоршаванда нисбат ба оқибатҳои эҳтимолӣ ҷузъи воҳиди муносибати психологиро (гуноҳ) ташкил медиҳад,ки дар ниҳоят он аз рӯйи ду моддаи Кодекси ҷиноятии ҶТ квалификатсияи мушаххаси ҳуқуқӣ ба худ мегирад. Қасди бавосита ҳам монанди қасди бевосита метавонад номушаххас (ғайриконкретӣ) бошад. Қасди бавосита номушаххас дар мавридҳое имконпазир аст, ки агар шахси айбдоршаванда зимни нахостани фаро расидани оқибатҳои пешбинишуда,огоҳона ва дониста ба фаро расидани ҳар кадоме аз ин оқибатҳо роҳ диҳад[259]. Ин нукта қобили таваҷҷуҳ аст,ки вуҷуд надоштани хоҳиши фаро расидани оқибатҳои мушаххас, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шудани шахси айбдорро ба иттиҳоми омодагӣ ё доштани қасд барои расонидани зарар ба саломатӣ номумкин месозад. Ҷавобгарӣ танҳо барои оқибатҳои мушаххасе фаро мерасад,ки шахси гунаҳкор хоҳишу майли фаро

[259] Ниг.: Яни П.С. Сложные вопросы субъективной стороны преступления / П.С. Яни // Рос. юстиция. – 2002. – №12. – С. 48.

расидани онҳоро надорад, вале дониста ё аз рӯйи бепарвоӣ ба фаро расидани онҳо роҳ медиҳад.

Ҳолатҳое, ки қасди шахси гунаҳкор ба расонидани зарари муайяну мушаххаси вазнин ба саломатӣ равона шудааст, боиси пеш омадани мушкил намегарданд. Агар қасд мушаххас бошад, дар ин ҳолат, ҷавобгарӣ барои он зараре ба саломатӣ расонида мешавад,ки агар қасди шахси ҷинояткор расонидани он ба саломатӣ бошад ё ин зарар фаро расад ё агар зарари расонидашуда камтар аз зарари вазнин бошад ва ё зарар расонида нашавад. Қасди номушаххас дар муқоиса нисбатан мураккабтар ба назар мерасад. Таҷрибаи судӣ аз он гувоҳӣ медиҳад,ки маъмулан расонидани зарар ба саломатӣ бе омодагии қаблӣ сурат мегирад, яъне қасд ба таври ногаҳонӣ пайдо мешавад. Ҳангоми зарба задан ва расонидани зарар ба саломатии шахс аснои низоъе, ки дар заминаи истеъмоли шароб ба вуқӯъ мепайвандад, дар бештари ҳолатҳо шахс мекӯшад, ки оқибати кирдорҳои худро пешбинӣ накунад. Зеро онҳо характери зуд фаро расидан доранд ва дар муқобил тавони дарк ва огоҳӣ замоне фаро мерасад,ки чизеро тағйир додан ғайримумкин мегардад.

Ҳамин тавр, чӣ гуна бояд кирдори ҷинояткор арзёбӣ гардад: аз рӯйи ҷиҳат ва самтгирии қасд ва ё аз рӯйи кирдорҳои воқеъии фаро расида? Мутобиқи муқаррароти консепсияи қасди номушаххас шахс бояд барои расонидани он зараре ба саломатӣ гунаҳкор дониста шавад,ки он дар натиҷаи кирдорҳои содирнамудааш ба амал омада бошад. Шарт дар ин ҷо он аст, ки оқибатҳои фарорасида қасди шахси гунаҳкорро дар бар бигирад. Дар айни замон яке аз постулатҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ қоидае ба ҳисоб меравад,ки мувофиқи он ҳар гуна ҷавобгарӣ барои содир намудани ҳар гуна ҷинояте,ки аз рӯйи қасд содир мешавад, бо дар назар гирифтани мазмуну самту ҷиҳати қасди шахси гунаҳкор фаро мерасад. Як нуктаи ба таври умумӣ қабулшуда иборат аз он аст, ки қасди ғайримушаххас яке аз навъҳои қасди бевосита ба ҳисоб меравад. Дар консепсия ва назарияи вобаста ба қасди номушаххас, ки

аз сӯйи олимони ватанӣ таҳия ва коркард шудааст, таъкид мешавад, ки чунин намуди қасд дорои ҳадду марзҳои муайяне мебошад, ки дар навбати худ бояд ба таври дақиқ мушаххас гарданд. Вале дар ин ҷо суоли бамавриде ба миён меояд: агар дар назария ва амалия таъкид мешавад, ки назария ва амалия марзҳои минималӣ ва максималии қасдро (самтгирии объективӣ) муқаррар менамоянд, чаро дар сурати расонидани зарар ба саломатӣ бо қасди бевосита номушаххас, ки дар натиҷаи он оқибатҳои на он қадар вазнини пешбинишуда ва матлуби айбдоршаванда фаро мерасанд, кирдорҳои шахси гунаҳкор ҳамчун қасди расонидани зарари дорои оқибатҳои вазнин арзёбӣ намешаванд? Агар имкони расонидани ҳар навъ зарар ба саломатии шахс (аз сабук то вазнин) тавассути шахсе, ки ҷиноят содир менамояд, дарк шавад, дар ин сурат хавфи иҷтимоии кирдори содиршаванда бояд бар асоси оқибатҳои вазнинтарин аз миёни оқибатҳои эҳтимолӣ муайян карда шавад. Дар ин замина назари баённамудаи И. Самолюк комилан асосноку дуруст аст, ки мувофиқи он консепсияи қасди бевосита номушаххас боиси сурат нагирифтани таҳлили пурраи аломатҳои субъективии амал мегардад. Консепсияи ғалати мазкур метавонад ҳатто боиси ба таври объективӣ айбдоркунии шахс гардад[260]. Соҳаи ҳуқуқе, ки ба таври пурра принсипи айбдоркунии субъективиро қабул менамояд, умуман наметавонад қасди бевоситаро ҳамчун қасди номушаххас пешниҳод ва арёбӣ намояд. Нуқтаи назари дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ бештар паҳнгашта аз он иборат аст, ки бар асоси аломатҳои объективии ҷиноят метавон самтгирӣ ва ё ҷиҳати қасди шахси гунаҳкорро муайян намуд. Ба ин маънӣ А.С. Никифиров таъкид менамояд: «Ҳеҷ як аз ҳолатҳои худ ба худ дар якҷоягӣ гирифташудаи объективӣ наметавонад тасдиқкунандаи ин ё он самти қасди шахс бошад. Дар маҷмуъ, аз рӯйи характери индивидуалии худ ҳолатҳои мазкур метавонанд тасдиқкунандаи самти қасди шахс ба таври ибтидоӣ ва тахминӣ гарданд ба шарти он ки, агар дар асоси далелҳои ба назаргирифтаи худ дар

[260] Ниг.: Самолюк И. Об умысле при телесных повреждениях / И. Самолюк // Сов. юстиция. – 1966. – №13. – С. 17-18.

ин замина ба қарор ва хулосаи мушаххас биёяд[261]. Бо чунин изҳори назар наметавон розӣ нашуд: дар аксари ҳолатҳо таҳлили аломатҳои тарафи объективии ҷиноят имкон медиҳад қасди шахси гунаҳкор муайян ва мушаххас гардад. Вале бо вуҷуди ин, аз нигоҳи мо, андешаи А.С. Никифоров саҳеҳ ва дуруст нест. Мувофиқи ин нуқтаи назар, ҳангоми маҳдуд кардани ҷиноят, вобаста ба вазнинӣ ва вазнинии эҳтимолии зарари расонидашуда ба саломатӣ аз рӯйи қоидаи умумӣ хеҷ зарурат вуҷуд надорад,ки самтгирии қасди шахс муқаррар гардад. Зеро маъмулан барои ҷавобгарӣ кофист,ки субъект бо қасди номуайян амал намояд[262]. Лозим ба зикр аст,ки андешаи баённамудаи А.С. Никифиров ва назарияи аз сӯйи аксари муҳаққиқони шӯравӣ дастгириёфта дар маҷмуъ ҷавобгӯи дараҷаи инкишофи илмии солҳои 60-уми асри XX мебошад. Аммо он дар шароити имрӯза ҷиддан ниёз ба таҷдиди назар дорад ва бояд ба воқеъиятҳои феълӣ мутобиқ гардонида шавад.

Аз нуқтаи назари мо, мазмуну моҳият ва самти қасди шахси гунаҳкор дар ҳолатҳои ҷудогона бояд ба таври муфассал мавриди омӯзиш қарор бигирад. Ҳаракат ва беҳаракатие, ки мақсади он расонидани зарар ба саломатии шахси дигар аст, бояд аз рӯйи аломати самти қасди субъекти ҷиноят муайян гардад. Фақат бо чунин бархурд метавон аз айбдорсозии объективӣ ва беасос коҳиш додани мизон ва хусусияти кирдори хавфноки ҷамъиятии содиршуда пешгирӣ намуд. Бояд қайд намуд,ки равишҳои мавҷуди вобаста ба ҳалли мушкилоти тарафи субъективии ҷиноятҳои алоқаманд ба расонидани зарар ба саломатии шахс ба таври пурра бо талаботҳое, ки дар амал вуҷуд доранд, ҷавобгӯ нестанд. Таҳлили корҳои илмии дар даврони шӯравӣ дар соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ анҷом додашуда ва ҳамчунин корҳои дар давраи баъдина, яъне даврони имрӯзаи ҶТ идома дошта нишон медиҳанд,ки вазъи ба суръат тағйирёбандаи марбут ба қасд ҳангоми расонидани зарар ба саломатӣ имрӯз аз гузашта фарқ мекунад.

---

[261] Ниг.: Никифоров А.С. Ответственность за телесные повреждения по советскому уголовному праву. – М.: Госюриздат, 1959. – С. 89.
[262] Ниг.: Никифоров А.С. Асари зикршуда. – С. 89.

Қасди расонидани зарар ба саломатӣ тавассути шахси гунаҳкор, ки қабл аз содир шудани ҷиноят ба амал меояд, марзҳои хеле васеъ барои тағйир ёфтан дорад. Раванди расонидани зарар метавонад марҳалаи дуру дарозро дар бар бигирад. Он метавонад аз якчанд сонияи ҳангоми расонидани зарари ҷисмонӣ то чанд моҳи ҳангоми истифода шудани заҳр идома ёбад. Аз ин ҷиҳат, дар ҷараёни татбиқи тарафи субъективии ҷиноят, қасд имкон дорад чанд бор ба таври ҷиддӣ самти худро тағйир диҳад. Барои намуна, қасди ҷинояткоре, ки дар аввал қасди расонидани зарари сабукро дорад, метавонад ба қасди расонидани зарари миёна тағйир ёбад. Сабаби чунин тағйир метавонад хоҳиши сахт ҷазо додани шахси зарардида барои нишон додани муқобилияти сахт бошад. Чунин ҳолат, махсусан барои мавридҳое, ки аснои ҷангу хархаша ва низоҳои маишӣ рух медиҳанд, бештар хос аст. Мо мувофиқ нестем бо чунин назар, ки ҷинояткор ҳангоми шурӯъ намудани тарафи объективии ҷиноят, аз қабл омодагӣ мегирад, ки ҳар гуна зарар ба саломатии шахс ворид созад. Ҳангоми содир намудани ҷиноят, шахси таҷовузкор дар ҳар лаҳза метавонад тасмим бигирад,ки ин ё он абзору предметро истифода бикунад ва ё на. Ва ё аз истифодаи ин ё он предмет даст бикашад. Яъне, қасди ҷинояткор маҳз дар ҷараёни расонидани зарар ба саломатӣ мушаххас ва муайян мегардад. Бо гузаштани марҳалаҳои зиёди тағйиру таҳаввул, қасди шахс ба тадриҷ зоҳир меёбад ва он аз як ҳолати абстрактӣ ба ҳолате мегузарад, онро ҳолати мушаххас номидан мумкин аст. Дар зеҳни шахс равандҳои мураккаби зиёде рух медиҳанд, лекин бо вуҷуди ин мо метавонем бо итминону боварӣ изҳор дорем, ки шахси дорои аломатҳои субъекти қодир аст ҷиҳати иҷтимоӣ хавфнок будани кирдорҳои худро дарк намуда, нишонаҳои аввали оқибатҳои эҳтимолиро пешбинӣ созад (шикастагӣ, сухтагӣ, баромадани дасту по ва ғайра). Тавре ки мо алаккай қайд намудем, рушду инкишофи минбаъдаи робитаи сабабӣ, ки аз равандҳои мураккабтарини биохимиявии дар организми шахси зарардида ба амаломада иборат аст, берун аз дарку пешбинии шахси ҷинояткор қарор дорад. Ба

гумон аст, ки касе дар ин бора фикр намояд, зеро бештари шахсон барои дарку фаҳмиши ин чиз донишу маълумоти кофӣ надоранд. Дар баробари ин, ҳангоми доштани қасди бевосита ҷинояткор бояд ба таври мушаххас натиҷаи ниҳоии кирдор, яъне расонидани зарари дорои ин ё дараҷаи вазниниро пешбинӣ намояд.

Вобаста ба расонидани зарари вазнинии миёна ба саломатӣ аз рӯйи қасди шахси гунаҳкор бояд бо аломатҳои зерин мушаххас гардад. Аввалан, шахс бояд қобилияти дарк кардани кирдорҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ хавфноки худро дошта бошад. Дарк кунад, ки муқобили нодиртарин неъмати инсон – саломатӣ баромад мекунад. Дуввуман, ҷинояткор бояд амалан хавфнок будани ҳаракат ё беҳаракатии худро дарк намояд, ки мақсади онҳо расонидани зарар ба саломатии шахси мушаххас ва ё гуруҳи шахсон мебошад. Савуман, шахси расонандаи зарар бояд оқибатҳои нахустини кирдорҳои содирнамудаи худ – ҷароҳатҳои ҷисмонӣ, ҳолати патологӣ, бморӣ ва ғайраро пешбинӣ намояд. Чаҳорум, шахси расонандаи зарар бояд имкон ва ногузир будани фаро расидани оқибатҳои ниҳоии кирдорҳои худ – ба муддати тӯлонӣ зарар дидани саломатӣ, аз даст додани қобилияти умумии кории худ ба миқдори бештар аз се як ҳиссаро пешбинӣ намояд. Ва панҷум ин ки шахси ҷинояткор хоҳиши фаро расидани оқибатҳои дар боло зикршударо дошта бошад. Агар ӯ мушаххасан тасаввур накунад, ки дар натиҷаи кирдорҳои содирнамудааш ба саломатии шахси дигар чӣ гуна зарар расонида мешавад (натиҷатан чунин хоҳиш надорад), қасди мушаххас вуҷуд надошта бошад, дар чунин ҳолат қасди ҷинояткор қасди бавосита хоҳад буд. Зеро шахс нисбат ба оқибатҳои кирдори худ бетафовут аст.

Аз сабаби он ки равандҳои пайдоиш ва мушаххассозии қасд дар зеҳну фикри шахс сурат мегиранд ва ҳуқуқи ҷиноятии муосир ҳанӯз воситае дар ихтиёр надорад, ки бо кумаки он муайян карда шавад,ки дар зеҳну фикри шахс чӣ қасде вуҷуд дорад, назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ бояд методикаи муайянсозии самтгирии қасдро таҳия намояд. Тавсияҳои намояндагони

назарияи қасди номушаххас асосан ба таъкидҳо дар бораи зарур будани таҳлили аломатҳои объективии ҷиноят маҳдуд мешаванд,ки ин ба назари мо наметавонад ба таври пурра дурустии хулосаҳои ба дастомадаро тазмин ва кафолат диҳад. Дар таҷрибаи амалӣ, ҳолатҳои зиёди дарки нодурусти моҳияти тарафи субъективӣ ва равишҳои амалии муайянсозии он аз сӯйи кормандони мақомоти татбиқи ҳуқуқ ба чашм мехӯранд. Ҳанӯз солҳои 1970 асри гузашта Г.А. Злобин ва Б.С. Никифиров дар асари худ «Қасд ва шаклҳои он» иштибоҳ ва хатоҳои асосиеро, ки аз сӯйи кормандони мақомоти татбиқи ҳуқуқ содир мегарданд, нишон дода буданд.

Яке аз хатоҳои бисёр маъмул истифода бурдани методи субъективӣ идеалистӣ (интроспексия) мебошад.Моҳияти ин метод аз он иборат аст,ки васила ва сарчашмаи ягонаи донишҳои инсонӣ дар бораи равандҳои психологӣ мушоҳида ва назорати равандҳои дохилии ҳиссии инсон аз ҷиҳати хоҳишу ангеза тавассути худи шахс мебошад. Агар ба таври дигар бигӯем, муфаттиш, прокурор ё судя барои дарки дурусти ҳолати ботинии психикиву руҳии шахси ҷинояткор нисбат ба ҷинояти содиршуда, бояд худро дар ҷои ҷинояткор тасаввур намояд. Зимни тасаввур намудани худ бар асоси модели идеалии содиршавии ҷиноят, муфаттиш метавонад вокуниши худ нисбат кирдори содиршуда, дараҷаи огоҳӣ, пешбинӣ ва хоҳишотро арзёбӣ намояд. Аммо суоле пеш меояд, ки метавон ба ин тарзи осон ва одӣ ҳама чизро тарҳрезӣ намуд? Ба назари мо ин номумкин аст! Одамон дорои хусусиятҳои психофизикии мухталиф мебошанд ва ба ҳамин хотир ҳам чунин равишро наметавон равиши асосӣ ҳисоб намуд. Ҳарчанд дар марҳалаи аввалияи муайянсозии тарафи субъективии ҷиноят вобаста ба ҷинояти мушаххас он метавонад то андозае муфид бошад. Яке аз методҳои ғалати дигари дарки тарафи субъективии ҷиноят ин методи дарки тарафи субъективии ҷиноят ба воситаи муқоиса намудани кирдорҳои рафтории таъсиргузории беруна ба инсон мебошад. Бар асоси чунин дарки тарафи субъективӣ, муносибати психологӣ берун аз чаҳорчӯби таҳқиқу омӯзиш боқӣ мемонад ва муносибати

психологӣ дар шакли берунии худ – тарзи амалу рафтор инъикоси худро меёбад. Ба ин тарз, муқоиса намудани таҳқири хешованди шахси гунаҳкор ва расонидани зарари миёна ба саломатии шахси таҳқиркунанда, метавон ба ин хулоса омад,ки ҳангоми зери фишор қарор додани организми шахси зарардида, шахси гунаҳкор мехост фақат ба ӯ зарари миёна ворид созад. Баръакси ин, агар мавриди фавти шахси зарардида дар натиҷаи ҷароҳатҳои расонидашуда ва кирдори пеш аз куштор содирнамудаи хешованди қасднамударо муқоиса кунем, амали шахси гунаҳкор ҳамчун қатл, куштор арзёбӣ мешавад. Чунин равиш метавонад боиси ба амал омадани саҳв гардад, агар махсусан механизми дар боло зикршудаи ба миён омадани зарар ба саломатӣ ба назар гирифта шавад. Дар айни замон наметавон эътироф накард, ки дар аксар ҳолатҳо таҷовуз бештар ё камтар ба он мавриде баробар аст, ки он асоси таҷовуз ба муқобили саломатии шахси дигар ташкил медиҳад.Ва ин дар навбати худ метавонад ба сифати яке аз равишҳо барои муайян сохтани муҳтавои тарафи субъективӣ ва самтгирии қасди шахси гунаҳкор истифода гардад.

Танҳо равиши дурусте, ки метавонад ҳангоми муайян намудани шакли гуноҳ ва самтгирии қасд ҷавобгӯи ниёзҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ бошад, равиши таҳлили амиқи системавии ҳам ҳолатҳои объективӣ ва ҳам ҳолатҳои субъективии содиршавии ҷиноят мебошад. Дар баробари ин, бояд ба таври махсус ба зарурати истифодаи донишҳои психологӣ барои ворид шудан ба моҳияти психологии ҷиноят таъкид шавад,ки шакли содаву осони онро тарафи субъективии ҷиноят ташкил медиҳад. Д.П. Котов дар замони худ ба ин масъала таваҷҷуҳ зоҳир намуда буд. Ӯ таъкид намуда буд, ки омӯзиши тарафи субъективии ҷиноят ҳамчун объекти дарку маърифат ногузир ба омӯзиши махсуси психологие табдил меёбад, ки дар ҷараёни амалишавии мурофиаи ҷиноятӣ сурат мегирад[263]. Ҳадафи чунин омӯзиш дар мисоли ҳодисаи мушаххас, ошкорсозии мазмуну муҳтавои аломатҳои тарафи

[263] Ниг.: Дагел П.С., Котов Д.П. Субъективная сторона преступления и ее установление / Науч. ред.: Горский Г.Ф. – Воронеж: Изд-во Воронеж. ун-та, 1974. – С. 227.

субъективии ин ё он ҷиноят мебошад,ки дар моддаҳои ҷудогонаи қонуни ҷиноятӣ пешбинӣ шудаанд. Аз ин рӯ, на ҳамаи равандҳо ва маҷмуи падидаҳои мураккаби психологӣ, балки он қисмате,ки дорои аҳаммияти ҳуқуқи ҷиноятӣ аст, объекти таҳқиқу омӯзиши ҳуқуқӣ ҷиноятӣ қарор мегирад.

Қадами нахустин дар роҳи муқаррар намудани тарафи субъективии ҷиноят бояд омӯзиши оқибатҳои фаророрасидаи амалӣ бошад. Чунин таҳлил бояд дар асоси хулосаи экспертизаи судиву тиббӣ гузаронида шавад. Таваҷҷуҳи асосӣ, зимни ин, бояд ба локализатсияи ҷароҳатҳо ва сабабҳои шартӣ дода шавад Ҳангоми муайянсозии самтгирии қасд, ин нукта муҳимм аст,ки зарари расонидашуда ба саломатӣ дар чи шакле сурат гирифтааст (ҷароҳатҳои ҷисмонӣ, беморӣ, ҳолати патологӣ). Пас аз дарёфт намудани маълумоти экспертизаи судӣ тиббӣ зарур аст арзёбӣ шавад,ки то чи андоза нисбат ба кирдорҳои шахси гунаҳкор ва аломатҳои аввалияи оқибатҳо (сӯхтагӣ, шикастагӣ ва ғайра) зарари ба саломатии шахси зиёндида расонидашуда баробар аст. Ҷавоб ба ин пурсиш ба таври зич ба муқаррар намудани робитаи сабабӣ алоқаманд мебошад. Дар параграфи қаблӣ, мо қайд намуда будем,ки дар миёни амали шахс ва оқибату паёмадҳои фаророрасида дар ҳама маврид робитаи сабабӣ вуҷуд дорад. Шарти асосӣ ин аст,ки амали мазкур шароити пеш аз ба амал омадани натиҷаи ҷиноятиро ташкил диҳад. Аммо, ҳангоми муайян намудани гуноҳ, набояд фаромӯш кард,ки дар баъзе мавридҳо пеш омадани оқибатҳои ба истилоҳ ғайримуқаррарӣ имконпазир аст. Маҳз ин нукта, ба назар мерасад, ки аз мадди назари тарафдорони назарияи арзишгузории гуноҳ, ки хоҳони арзёбии гуноҳи шахси гунаҳкор аз рӯйи оқибатҳои амалии фаророрасида мебошанд, дур меафтад. Ба хотири роҳ надодан ба иштибоҳ ҳангоми муайянсозии ҷиноятҳо ба муқобили саломатӣ бояд робитаи сабабии мавҷуд миёни амал ва оқибатҳои дар натиҷаи он фаророрасида ва ҳамчунин инъикоси ин ҳама дар зеҳну фикри шахси гунаҳкор муқоиса карда шавад. Вобаста ба он ки то чӣ

андоза шахс унсурҳои тарафи объективии ҷиноятро дарк намудааст ва ё метавонист дарк намояд, метавон дар бораи мазмуну муҳтаво ва самти қасди шахси айбдоршаванда хулосаи пешакӣ баровард.

Қадами дуюм ин таҳлили равиш, абзору силоҳ ва воситаҳоест,ки барои расонидани зарар ба саломатӣ мавриди истифода қарор мегиранд. Барои мисол, агар муайян шавад,ки ҷинояткор аз силоҳи оташфишон ё дигар навъҳои силоҳҳои сард (табар, шамшер ва ғайра) истифода бурдааст, дар ин сурат мо наметавонем бигӯем, ки қасди ҷинояткор расонидани зарари миёна ба шахси зиёндида будааст. Табиист,ки чунин иддао набояд ба худ ҷанбаи мутлақ бигирад,зеро ҳолатҳое низ метавонад пеш биоянд,ки силоҳҳои дар боло зикршуда барои содир намудани ҷиноят мутобиқи моддаи 111 Кодекси ҷиноятии ҶТ мавриди истифода қарор мегиранд. Тавре, ки омӯзиши маводи таҷрибаи судӣ нишон медиҳад, мақомоти тафтишотиву судӣ ба таври пурра характери равиш, силоҳу абзор ва дигар воситаҳои истифодашуда дар расонидани зарар ба саломатиро асноии муқаррар намудани самтгирии қасди шахси айбдоршаванда ба инобат мегиранд.

Ҳамин тавр, Судшаванда З.Х.З., дар ҳолати зерин ҷинояти қасдан расондани зарари миёна ба саломатиро содир намудааст.

Чунончӣ, ӯ 04 ноябри соли 2014, тахминан соати 17.00, ҳангоми дар суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Айнӣ, назди бинои 69/53 қарор доштанаш, қасдан ба рухсораи шаҳрванд М.И.Б., сокини шаҳри Душанбе, кӯчаи Зафар хонаи 129, як маротиба бо мушти дасти росташ задааст. Дар натиҷа ҷабрдида М.И.Б., ҷароҳати ҷисмонӣ бардошта, дар Маркази миллии тиббӣ бистарӣ гардидааст.

Мувофиқи хулосаи ташхиси судӣ-тиббии №8722 аз 12 ноябри соли 2014 ҷароҳати ҷисмонии бадани шаҳрванд М.И.Б., ба зарари миёна ба саломатӣ мансуб мебошад ва боиси дарозмуддат харобшавии саломатӣ ба мӯҳлати зиёда аз 21 рӯз шуда метавонад.

Суд кирдори судшаванда З.Х.З. бо моддаи 111 қисми 1 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҷавобгарии ҷиноятиро барои қасдан расондани зарари

зарари миёна ба саломатӣ, ки барои ҳаёт хавфнок набуда, оқибати дар моддаи 110 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишударо ба миён наовардааст, вале боиси харобшавии тӯлонии саломатӣ ё ба таври устувору назаррас аз даст додани камтар аз се яки қобилияти умумии меҳнатӣ шудааст, пешбинӣ кардааст, банду баст менамояд.

З.Х.З. бо моддаи 111 қисми 1 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон гунаҳкор дониста шуда, ба ӯ ҷазо дар намуди корҳои ислоҳӣ дар ҷойҳое, ки мақоми иҷрокунандаи ҳукм муайян менамояд, вале дар ноҳияи истиқомати маҳкумшуда ба мӯҳлати ду сол бо нигоҳ доштани сӣ фоизи музди меҳнат ба фоидаи давлат, таъйин карда шавад[264].

Парвандаи судии аз тарафи суди ноҳияи синои шаҳри Душанбе баррасӣ гардида қобили таваҷҷуҳ аст: Р., Б., С., ва У аз ҳиссиёти авбошӣ оид ба зарбу лат кардани Маҷидов маслиҳат карданд. Бо ин мақсад С. ва Б. ба истгоҳи нақлиёти ҷамъиятӣ барои вохӯрдан ба назари Маҷидов рафтанд. Замоне ки онҳо ӯро интизор буданд, Б. бо Маҷидов истода С. бошад барои ҷеғ задании Р. ва У. равон шудааст. Баъди якчанд вақт ба назди Б. ва Маҷидов Р. ва У. расида омаданд, дар дасти Р. занҷири оҳанӣ буд. Баъдан Р., С., Б., ва У. аз ҳиссиёти авбошӣ Маҷидовро зарбу лат намуда, ба ӯ зарари миёна ба саломатӣ расониданд, дар ҷараёни зарбу лат Р. занҷири оҳаниро истифода бурда, ба он бо қисмҳои гуногуни бадан (пушт, сар, пойҳо)-и Маҷидов зарба мезанад. Тафтишот ҳаракатҳои мазкурро бо банди «б» қисми 2 моддаи 237-уми Кодекси ҷиноятии ҶТ (гуруҳи ашхос бо маслиҳати пешакӣ) ва ҳаракатҳои Р-ро бо банди «а» қисми 3 моддаи 237-и Кодекси ҷиноятии ҶТ (истифодаи яроқ ё предмети ба сифати яроқ истифода шаванда) бандубаст намудааст[265].

Истифодаи зиреҳи оҳанӣ барои расонидани зарар ба саломатӣ аз сӯйи ҳамлагар Р. нишон медиҳад,ки дар лаҳзаи аввали шурӯйи кирдори ҷиноятӣ,

[264] Ниг.: Парвандаи ҷиноятии №1-53/14 // Бойгонии суди ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбеи ҶТ.
[265] Ниг.: Парвандаи ҷиноятии №12450/18 // Бойгонии суди ноҳияи Синои шаҳри Душанбеи ҶТ.

қасди дар сар доштаи Р. бо амали авбошӣ маҳдуд намешуд ва он расонидани зарар ба саломатиро дар бар мегирифт.

Дар бораи кадом навъи расонидани зарар аз рӯйи беэҳтиётӣ дар ин ҷо метавон сухан гуфт? Ҳадди ақалл дар ин ҷо ҳолати қасдан расонидани зарар ба саломатӣ вуҷуд дорад. Зеро дар маводи парванда масъалаи эҳтимоли қасди расонидани зарари миёна ба саломатӣ бо истифодаи предмети оҳанӣ барои расонидани зиён ба органи ҳаётан муҳими инсон ба саломатӣ – сар инъикос наёфтааст. Ғайр аз ин, мақомоти масъули тафтишотиву судӣ муқаррар накардаанд,ки оё талоши зарба задан ба сари ҷабридида бо истифода аз зиреҳи оҳанӣ метавонист барои ҳаёти вай хатарнок бошад. Ҳолати мазкур намунаи айёни татбиқи доктринаи ватанӣ ба ҳисоб меравад: равиш инъикоси худро дар оқибати ҷиноят меёбад. Вале агар ба назар бигирем, ки шахс на ҳама вақт метавонад нақшаеро ки дар сар дорад, амалӣ созад (бо предмети металлӣ ба сар зад, шахс дасти худро монд ва ба он зарари вазнини миёна расонида шуд) ва қасдеро, ки мекунад на ҳама вақт метавонад то охир амалӣ созад, чунин далел на он қадар қонеъкунанда мебошад.

Ҳамчунин вақт, замон ва ҳолати мушаххаси содиршавии ҷиноят таваҷҷуҳ ва баррасии махсусро тақозо менамоянд. Чигунагии вақт ва макони содиршавии ҷиноят имкони шахси гунаҳкорро барои дарк кардану пешбинӣ намудани ин ё он ҳолати амалӣ ва амалисозии қасд[266] муайян месозанд. Ҷинояткоре,ки барои содир намудани ҷиноят вақти торикии шаб ва ҷойи камодамро интихоб менамояд, аз рӯйи қоида қасди аз пеш дарназаргирифташуда дорад. Содир намудани ҷиноят дар ҷойи ҷамъиятӣ имкон медиҳад, ки дар бораи мушаххассозии муайяни қасд сухан гуфта шавад. Таҳлили аломатҳои объективии ҷиноят дар якҷоягӣ метавонад ба таври пурра саҳнаи содиршавии ҷиноятро дар зеҳни судя ва муфаттиш

[266] Ниг.: Дагель П.С., Котов Д.П. Субъективная сторона преступления и ее установление / Науч. ред.: Горский Г.Ф. – Воронеж: Изд-во Воронеж. ун-та, 1974. – С. 234.

ҷилвагар созад ва ин ба гумон аст имкон диҳад, ки ба таври пурра гуноҳи айбдоршаванда ва махсусан, самтгирии қасд арзёбӣ шавад.

Тавре ки пештар ишора карда будем, ангеза ва мақсади содиршавии ҷиноят аломатҳои ҳатмии таркиби қасдан расонидани зарари миёна ба саломатиро ташкил намедиҳанд, аммо онҳо дар як қасд ба муқобили саломатӣ вуҷуд доранд. Арзёбии дурусти онҳо натиҷаҳои ба дастомада ҳангоми таҳлили аломатҳои объективии ҷиноятро мукаммал мегардонанд ва имкон медиҳанд психологияи дарунии ҳар як ҷинояти мушаххас омӯхта шавад. Ҳангоми таҳлил намудани ангезаи ҷинояткор ҳатман бояд ба назар гирифта шавад,ки рафтори шахсӣ аз рӯйи муҳтавои психологӣ иҷтимоии худ як падидаи бисёр мураккаб аст. Ҷанбаи интихоб ва ҳадафмандӣ[267] хусусияти фарққунандаи рафтори шахсии ҳар фардро ташкил медиҳад. Ҷанбаи интихоб ё интихобпазирӣ вижагии рафтори шахс аст,ки тавассути он шахс дар шароити мураккаб ва пуртазод ин ё он намунаи рафториро интихоб менамояд. Ҳангоми муайян кардани қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ, набояд фаромӯш кард,ки рафтори инсон на фақат бар асоси ангеза, балки бар асоси ҳадафу мақсад ҳам мушаххас карда мешавад. Механизми мураккаби робитаи тарафайни байни ангеза ва мақсад аз ҷониби Б.С. Волков муайян гардидааст: «Ангеза рафторро на худ ба худ, балки мутобиқи ҳадаф, вобаста ба он натиҷаҳое,ки инсон барои ба даст овардани онҳо талош мекунад, муайян месозад. Аз ангеза вобаста аст,ки шахс чӣ гуна мақсаду ҳадафи худро муайян месозад, мақсад муайян менамояд,ки чӣ тавр қасди вуҷуд дошта амалӣ гардонида мешавад[268]. Дар ин ҷо, парвандаи. А.Н.-ро қайд кардан лозим аст, ки бо нияти авбошӣ кирдори зеринро содир кард: А.Н. дар наздикии роҳ дар пушти дарахт пинҳон шудааст, вақте ки автомобилро дидааст, ҷониби ӯ санг партофтааст, дар ҷавоб ронандаи

[267] Ниг.: Волков Б.С. Мотивы преступлений (уголовно-правовое и социально-психологическое исследование). – Казань: Изд-во Казан. ун-та, 1982. – С. 6.
[268] Ниг.: Волков Б.С. Асари зикршуда. – С. 7.

ҳайрон аз автомобил берун шудааст, авбош бо суханҳои қабеҳ бо ронанда дарафтода, қасдан зарари миёна ба саломатӣ расонидааст[269].

Ҳамин тавр, бо муқаррар намудани ангеза мо метавонем ба ин суол посух диҳем: бо кадом сабаб шахси гунаҳкор ба саломатии шахси ҷабрдида зарар ворид намуд? Бо дар назар гирифтани хусусиятҳои фардии шахсият, ин ба мақсаде ишора мекунад,ки онро ҷинояткор пеши худ гузоштааст. Мақсад дар навбати худ, дар расонидани зарар ба саломатӣ, ки ҷинояткор қасди расонидани онро дорад, мушаххас ва зоҳир мегардад. Маҳз чунин тарзи дарки ангеза ва нақши он дар кирдорҳои шахс барои расонидани зарари миёна ба саломатӣ аз рӯйи ангезаҳои авбошӣ ва ангезаҳои сиёсӣ, идеологӣ, нажодӣ, миллӣ, бадбинии динӣ, бадбинӣ ва хусумат нисбат ба гуруҳи муайяни иҷтимоӣ боиси шадидтар шудани ҷавобгарии ҷиноятӣ гардид. Ҳангоми муайян кардани характери қасд, дар навбати аввал бояд шахсияти фарди муайян ба назар гирифта шавад ва набояд аз мафҳуми «зарари миёна» сӯйистифода сурат бигирад.

Зимни натиҷагирии омӯзишу таҳлили тарафи субъективии қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ, метавон ба ин хулоса омад:

1) Ягона равиши муайянсозии дурусти кирдорҳои шахси воридкунандаи зарари миёна ба саломатӣ ин равишест,ки бар асоси он самту хусусияти қасди ҷинояткор муайян карда мешавад. Фақат чунин бархӯрд ба принсипи гунаҳгорӣ, ки дар м. 7 Кодекси ҷиноятии ҶТ пешбинӣ шудааст, мутобиқат дорад ва он имкон медиҳад ҳам аз иттиҳоми объективӣ ва ҳам аз коҳиш додани беасоси дараҷа ва характери кирдори хавфноки ҷамъиятии содиргардида пешгирӣ карда шавад. Агар мақомоти тафтишотиву судӣ муайян намоянд,ки шахси гунаҳкор бо қасди алтернативӣ амал намудааст, дар ин сурат кирдори содиршуда бояд дар асоси оқибатҳои нисбатан хавфнок, ҷузъи қасди шахси ҷинояткор мебошанд, арзёбӣ гардад. Агар муайян карда шавад,ки шахси гунаҳкор тасаввур намекард,ки (дар натиҷа,

[269] Ниг.: Парвандаи ҷиноятии №12120/17 // Бойгонии суди ноҳияи Синои шаҳри Душанбеи ҶТ.

хоҳиши расонидани зарарро надошт) дар натиҷаи кирдорҳои ӯ ба саломатии шахси ҷабрдида мушаххасан чӣ навъ зарар расонида мешавад, дар ин сурат мушаххас будани қасд вуҷуд надорад, яъне қасди ғайримустақим дида мешавад, зеро шахси гунаҳкор нисбат ба амалҳои содирнамудааш бетафовут будааст.

2) Омӯзиш ва таҳқиқи тарафи субъективӣ, ба ростӣ, марҳалаи нисбатан мураккаб дар кори муайян намудани ҷиноят ба ҳисоб меравад ва дар ин кор тавреки таҷриба нишон медиҳад, ҳатто аз сӯйи муфаттишҳои варзида ва судяҳои босалоҳият ҳам дар бисёр мавридҳо ба саҳву хатоҳои зиёди амалӣ роҳ дода мешавад. Маҳз ба ҳамин хотир, имрӯз зарурари мубрам барои гузаронидани таҳқиқоту пажӯҳишҳои фундаменталии бештар вуҷуд дорад.

3) Бояд ба таври махсус қайд намуд,ки ҳангоми вуҷуд доштани шакку шубҳа дар мавриди мазмуну муҳтаво ва мақсаду ҳадафи қасди шахси айбдоршаванда, бояд ба таври пурра принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ асос қарор дода шавад. Ва мувофиқи он «ҳамаи масъалаҳои ҳалнашаванда ба нафъи шахси айбдоршаванда таъбиру тафсир мегарданд».

### 2.4. Аломатҳои вазнинкунандаи қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ

Қисми 2 моддаи 111 КҶ ҶТ феҳристи аломатҳои вазнинкунандаеро дар бар мегирад, ки ба таври умумӣ хавфи рафтори мазкурро афзоиш медиҳад ва он барои таъйин кардани ҷазои нисбатан сахт нисбат ба шахси ҷинояткор дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ аз ду то панҷ сол асос мегардад. Шакли мушаххаси қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ метавонад дар сурати содир гардидани кирдорҳои зерин ҷой дошта бошад:

а) нисбати ду ё зиёда шахсон *(Қонуни ҶТ аз 18.06.2008, № 386)*;

б) нисбати шахс ё наздикони ӯ вобаста бо фаъолияти хизматӣ ё қарзи ҷамъиятиро иҷро намудани ӯ *(Қонуни ҶТ аз 17.05.2004, № 35)*;

в) аз ҷониби гуруҳи шахсон ё гуруҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ *(Қонуни ҶТ аз 18.06.2008, № 386)*;

г) бо бераҳмии махсус;

д) дар ҷараёни бетартибиҳои оммавӣ;

е) бо сабаби нафрат ё хусумати миллӣ, нажодӣ, динӣ, маҳалгароӣ ё интиқом *(Қонуни ҶТ аз 17.05.2004, № 35)*;

ж) такроран ё аз ҷониби шахси қаблан содирнамудаи ҷинояти қасдан расонидани зарари вазнин ба саломатӣ ё одамкушии пешбининамудаи моддаҳои 104 ва 110 ҳамин Кодекс содир гардидааст.

Дар КҶ ҶТ номгӯи аломатҳои вазнинкунанда ба таври умумӣ васеъ гардонида шудааст. Дар Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон (соли 1961) ҳамчун аломатҳои арзёбии ҷиноят фақат ҷароҳатҳои ҷисмонӣ пешбинӣ шуда буданд, «агар онҳо дорои характери азобу шиканҷа мебуданд ва ё тавассути шахси ҷинояткори собиқадори хавфнок содир мешуданд». Аз нуқтаи назари мо, зиёд сохтани миқдори аломатҳои вазнинкунандаи ҷиноят амали асоснок ба ҳисоб меравад. Қабл аз гузаштан ба баррасиву омӯзиши аломатҳои арзёбии ҷиноят, бояд таъкид шавад, ки аломатҳои дар қ. 2 м. 111 КҶ ҶТ пешбинишуда монанд ба он аломатҳое мебошанд, ки дар моддаҳои дигари боби «Ҷиноятҳо ба муқобили ҳаёт ва саломатӣ» ва ҳамчунин дигар бобҳои КҶ ҶТ омадаанд. Аз ин рӯ, мо таваҷҷуҳи худро фақат бар рӯйи аломатҳои мубоҳисавӣ ва хусусияти хосси корбурду истифодаи онҳо дар чаҳорчӯби таркиби ҷиноятии мавриди назар мутамарказ мегардонем. Банди «б» қ. 2 м. 111 қасдан расонидани зарар ба саломатиро, ки нисбати шахс ё наздикони ӯ ба вай дар заминаи иҷрои фаъолияти хизматӣ ва қарзи ҷамъияти содир карда мешавад, пешбинӣ менамояд. Қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ, ки бо мақсади эҷоди монеа дар роҳи иҷрои фаъолияти қонунии шахси зарардида барои иҷрои вазифаҳои хизматӣ ва ҷамъиятии шахс содир мегардад, ё аз рӯйи ангезаи қасосгирӣ барои чунин фаъолият анҷом мешавад, бояд мавриди арзёбӣ ва баҳогузорӣ қарор бигирад. Тавре, ки дар боло таъкид шуд, аломати мазкур, дар м. 112 Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон (соли 1961) пешбинӣ нашуда буд. Ва он ҳамчунин дар дигар моддаҳое, ки расонидани ҷароҳати мухталифи ҷисмонии вазнинро пешбинӣ менамуданд,

вуҷуд надошт. Аломати ба ин монанд дар м. 104 Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон (соли 1961) пешбинӣ шуда буд, аммо, он ҷазои вазнинро фақат барои кушторҳои ғаразноке, ки дар заминаи иҷрои фаъолиятҳои хизматӣ ва вазифаи ҷамъиятӣ тавассути шахси зарардида содир мегардиданд, пешбинӣ намуда буд. Кодекси ҷиноятии амалкунандаи соли 1998 Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тафовут аз Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон (соли 1961), ба таври яксон ҳам шахси зарардидаи иҷрокунандаи фаъолияти хизматӣ ва ҷамъиятӣ ва ҳам шахсони ба ӯ наздикро муҳофизат менамояд. Барои дарку фаҳмиши пурраи аломати мазкур, бояд мафҳумҳои зерин ба таври мушаххас муайян гарданд: «фаъолияти хизматӣ, идорӣ», «вазифа, қарзи ҷамъиятӣ», «шахсони наздик». Мафҳумҳои зерин бо ангезаи ҷиноят вобаста буда, дорои хусусияти баҳодиҳии расмӣ мебошанд ва ин хусусият дар аксари мавридҳо кори арзёбӣ ва муайянсозиро мушкил мегардонад[270].

Зери мафҳуми фаъолияти хизматӣ ё идорӣ аз нуқтаи назари амалияи судӣ, он амалҳои шахси зарардида дар назар аст,ки ба доираи вазифаҳои ӯ дар асоси шартномаи меҳнатии (қарордод) бо муассисаҳои давлатӣ, маҳаллӣ, хусусӣ ва дигар муассисаҳои аз рӯйи тартиби муайяншуда ба қайд гирифташуда ба имзорасида дохил мегарданд. Ҳамин тавр, зери мафҳуми иҷрои фаъолияти хизматӣ бояд тамоми фаъолиятҳои шахси зарардида фаҳмида шавад,ки нишондиҳандаи иҷро шудани вазифаи корӣ тавассути шахси зарардида ба ҳисоб мераванд.

Зери мафҳуми иҷрои қарзи ҷамъиятӣ амалисозии он вазифа ва уҳдадориҳои махсусе фаҳмида мешавад, ки аз ҷониби шаҳрванд ба нафъи ҷамъият ва манфиатҳои қонунии шахсони ҷудогона ва барои иҷрои корҳои дигари муфиди ҷамъиятӣ анҷом дода мешаванд. Чунин амалҳоро метавон амалҳои аз ҷиҳати ҷамъиятӣ муфид арзёбӣ намуд: пешгирӣ намудани ҳуқуқвайронкунӣ, иттилоъ додан ба мақомоти давлатӣ дар бораи ҷинояти содиршуда ва ё ҷинояте, ки бояд содир шавад, ҳамчун шоҳид, одами холис,

---

270 Ниг.: Джинджолия Р.С. Унификация оценочных признаков при квалификации преступлений против личности: монография / Под ред. А.А. Магомедова. – М.: ЮБИТИ-ДАНА; Закон и право, – 2004. – С. 77.

машваратчии халқӣ ва ғайра дар ҷараёни мурофиавӣ ширкат варзидан. Муайян намудани номгӯи пурраи мавридҳое, ки метавонанд барои мушаххас гардидани амалҳои хосси иҷрои қарзи ҷамъиятӣ асос гарданд, то ҷое имконнопазир мебошад ва гузашта аз он ҳеҷ мафҳуме надорад. Дар шароити рушду инкишофи ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар қаламрави ҶТ, мо метавонем на фақат дар хусуси густаришу васеъгардонии ҳуқуқҳои шаҳрвандон, балки дар бораи афзоиши ҳуқуқу уҳдадориҳо ва ҷавобгарии онҳо дар баробари ҷомеа сухан гӯем.

Фаъолиятҳои шахси зарардида дар робита ба иҷрои фаъолиятҳои идориву хизматӣ ва амалисозии вазифаҳои ҷамъиятӣ, ки боиси сурат гирифтани таҷовуз мегарданд, метавонанд хусусияти якдафъаина дошта бошанд ва ё дар муддати замонии муайян анҷом шаванд. Бинобар ин, замон ва лаҳзаи расонидани зарар ба саломатии шахс имкон дорад,ки мухталиф бошад. Агар мақсади таҷовузи мавриди назар пешгирӣ аз анҷоми фаъолиятҳои шахси зарардида бошад, дар чунин ҳолат мумкин аст он то шуруи иҷрои чунин фаъолият аз сӯйи шахси зарардида содир гардад. Ва ё он метавонад аснои иҷрои фаъолияти хизматӣ ва иҷрои вазифаи ҷамъиятӣ тавассути шахси зарардида анҷом дода шавад. Баръакси ин, агар мақсади таҷовуз аз қасдгирӣ барои фаъолияти хизматӣ ё вазифаи ҷамъиятии иҷрошуда иборат бошад, дар ин сурат содиршавии ҷиноят пас аз иҷрои чунин амалҳо шуморида мешавад. Зимни мувофиқ будан бо нуқтаи назари С.В. Бородина, ҳамзамон таъкид менамоем,ки сарфи назар аз замони анҷоми амалҳои қонунӣ тавассути шахс бо мақсади иҷрои фаъолияти хизматӣ ва ё вазифаи ҷамъиятӣ ва таҷовуз ба саломатии шахс ва саломатии шахсони наздик, ҷавобгарии ҷиноятӣ барои чунин таҷовуз фаро мерасад[271].

Дар қонуни ҷиноятӣ ва Кодекси мурофиавии ҷиноятии ҶТ таърифи мафҳуми «шахсони наздик» ва «хешовандон» дода нашудааст. Чунин таъриф дар м. 6 Кодекси мурофиавии ҷиноятии ҶТ бояд мафҳумҳои «шахсони

[271] Ниг.: Бородин С.В. Преступления против жизни: Практ. пособие. – М.: Юристъ, 1999. – С. 51.

наздик», «хешовандони наздик», «хешовандон»-ро ба таври мушаххас инъикос созад. Танҳо дар м. 6 КМҶ ҶТ мафҳуми хешовандони наздик чунин инъикос ёфтааст: «Хешовандони наздик – падару модар, фарзандон, фарзандхондагон, фарзандхондашудагон, бародарон ва ҳоҳарон, бобо, бибӣ (модаркалон), набера, инчунин ҳамсар». Ҳамин тавр, ба шахсони наздики шахси зарардида илова ба хешовандони наздик ҳамчунин метавонанд шахсоне дохил гарданд, ки бо ӯ робитаи қавму хешовандӣ доранд (хешовандони ҳамсар), ҳамчунин шахсоне дохил мегарданд, ки саломативу некӯаҳволии онҳо бинобар мулоҳизоту робитаҳои шахсӣ барои шахси зарардида муҳим мебошад. Тавре, ки зикр шуд, мафҳуми мавриди назар мафҳуми тақрибӣ маҳсуб мешавад ва дар зимн, меъёрҳои арзёбии шахсони наздик вуҷуд надоранд. Муносиботи байни афрод маъмулан хусусияти тағйирёбандагӣ доранд ва шахсе,ки имрӯз наздик аст, фардо метавонад бетафовут бошад ва ё гузашта аз ин душману мухолиф гардад. Исботи наздик будани шахсро, маъмулан, шаҳодатҳои додаи шахси зарардида ташкил медиҳад, ки фаъолиятҳои хизматӣ ва ҷамъиятии худро анҷом медиҳад. Ва ё он аз рӯйи шаҳодатҳои додаи шахсоне, ки аз лиҳози муносибатҳои шахсӣ бо ҳам наздикӣ доранд, сурат мегирад. Дар робита ба ин, ба андешаи мо, байни мафҳумҳои КҶ ҶТ ва КМҶ ҶТ як нав номутобиқатӣ ба мушоҳида мерасад. Қонуни ҷиноятӣ истилоҳи «наздикон» ва КМ ҶТ истилоҳи «хешовандони наздик»-ро истифода мебарад, ки ба мақсад мувофиқ намебошад. Ба назари мо, дар ҳоли ҳозир зарурати ягонасозии ин мафҳумҳо ба миён омадааст.

Ҳангоми арзёбии ҷинояти қасдан расонидани зарари миёна аз рӯйи аломатҳои мазкур, набояд аз хотир баровард,ки хусусияти муносиботи наздик бояд қасди шахси гунаҳкорро низ дар бар бигирад. Яъне, шахси гунаҳкор бояд ба таври мушаххас дарк намояд,ки расонидани зарар ба саломатии шахси зарардида метавонад ва ё имкон дорад ба амал ва фаъолиятҳои қонунии шахси иҷрокунандаи фаъолиятҳои хизматӣ ва фаъолиятҳои ҷамъиятӣ (вазифаи ҷамъиятӣ) таъсир гузорад. Чунин навъи таҷовуз фақат бо доштани қасди бевосита имконпазир аст. Бархе аз

муаллифон таъкид менамоянд,ки шахси гунаҳкор метавонад бо қасди бавосита ҳам амал намояд[272]. Чунин нуқтаи назарро наметавон дидгоҳи дуруст номид, зеро дар ҳолати мазкур шахси гунаҳкор ҳадафмандона амал менамояд, кӯшиш менамояд монеи фаъолияти қонунӣ гардад ва ё бо мақсади ба даст овардани натиҷа ҳисси қасос гирифтанро асоси амали худ қарор медиҳад. Ҷанбаи ё лаҳзаи иродавии қасд дар вуҷуд доштани хоҳиши мушаххаси фаро расидани зарар ба саломатии шахси зарардида инъикос меёбад.

Бояд таъкид намуд, ки м. 328 КҶ ҶТ барои истифодаи зӯроварӣ ба муқобили намояндаи ҳокимият ва шахсони ба вай наздик дар робита ба иҷро намудани уҳдадориҳои хизматӣ тавассути намояндаи мақомоти давлатӣ ҷавобгарӣ муқаррар намудааст. Мутобиқи эзоҳи м. 328 КҶ ҶТ, таҳти мафҳуми намояндаи ҳокимият шахсе дар назар дошта шудааст, ки дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ хизмат карда ва мутобиқи тартиби муқаррарнамудаи қонун нисбат ба шахсони таҳти тобеияти хизматиаш қарорнадошта ваколати амрдиҳиро дорад. Илова бар ин бояд ба таври махсус зикр намуд,ки ҳангоми расонидани зарар ба саломатии шахсони дар боло қайдшуда арзёбии иловагӣ аз рӯйи банди «б» қ. 2 м. 111 КҶ ҶТ лозим нест, зеро зӯроварии дар қ. 2 м. 328 КҶ ҶТ ишорашуда маънои расонидани ҳар гуна зарар ба саломатӣ, аз ҷумла зарари миёнаро дар назар дорад.

Банди «в» қ. 2 м. 111 КҶ ҶТ барои қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ, ки бо бераҳмии махсус, таҳқир ва азият нисбат ба шахси зарардида содир мешавад ва ҳамчунин баробар нисбат ба шахсе,ки шахси гунаҳкор огоҳ аст, ки дар ҳолати нотавонӣ қарор дорад, ҷавобгарии ҷиноятӣ муқаррар намудааст. Ба ин тартиб, дар банди «в» амалан ду аломати вазнинкунанда бо ҳам муттаҳид гардонида шудаанд ва яке аз ин аломатҳо аз ҷониби гуруҳи шахсон ва гуруҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ нишон медиҳад. Қаблан, дар қ. 2 м. 112 Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон (соли 1961) сухан дар бораи

[272] Ниг.: Кондрашова Т.В. Проблемы уголовной ответственности за преступления против жизни, здоровья, половой свободы и половой неприкосновенности. – Екатеринбург, 2000. – С. 61.

он ҷароҳатҳои ҷисмоние мерафт, ки дорои хусусияти озордиҳӣ ва ё азобу уқубатдиҳӣ буданд. Васеъ гардонидани муҳтавои аломати мазкурро бо роҳи дохил кардани аломати бераҳмии махсус бояд амали дурусту асоснок шуморид. Аммо дар ин миён набояд нуқси вуҷуд дошта дар конструксияи банди «г» қ. 2 м. 111 КҶ ҶТ нодида гирифт. Мафҳуми «бераҳмии махсус» нисбат ба мафҳумҳои «таҳқир», «озору азият» иртиботи наздик дорад, зеро мафҳумҳои мавриди назар фақат навъҳои бераҳмии махсусро ташкил медиҳанд. Чунин тасаввур мешавад, ки маҳз ба ин хотир, банди «е» қисми 2 м. 104 КҶ ҶТ фақат одамкушӣ бо бераҳмии махсусро пешбинӣ намудааст. Чунин номувозинативу ноҳамоҳангии мавҷуд миёни моддаҳои ҷудогонаи боби 16 КҶ ҶТ «Ҷиноятҳо ба муқобили ҳаёт ва саломатӣ» ба дарку фаҳмиши яксону воҳиди аломатҳои муайянкунандаи ҷиноят таъсири мусбат намерасонад. Дар ҳоли ҳозир зарурати воқеии яксонсозии мафҳумҳои баҳодиҳӣ ва аломатҳои ҷиноятҳо ба муқобили ҳаёт ва саломатӣ вуҷуд дорад, зеро ин метавонад моҳиятан ва ба таври назаррас сифати истифодаву корбурди қонунгузории ҷиноятиро боло бардорад. Мафҳумҳои «озор» ва «таҳқир» шарҳу маънидоди мухталиф доранд: «Таҳқир – тарзу равиши содиршавии ҷиноят мебошад, ки аз содир гардидани амалҳои хушунатомези густохона нисбат ба шахсони зарардида ҳамроҳ бо таҳқиру тавҳини шаъну шараф»[273] иборат мебошад; «зери мафҳумҳои таҳқир ва озор он амалҳое фаҳмида мешаванд, ки боиси расонидани ранҷу азияти иловагӣ нисбат ба шахси ҷабрдида мегарданд. Ба муддати тӯлонӣ маҳрум намудан аз ғизо, об, гармӣ ва нигоҳ доштани шахси ҷабрдида дар шароитҳои барои саломатии ӯ хатарнок ва ҳамчунин дигар шароитҳои тоқатфарсо, аз ҷумлаи чунин ранҷу азиятҳои иловагӣ шуморида мешаванд»[274]; «таҳқир» – азият, азоб, шиканҷа ва ба ин монанд амалҳои хушунатомезеанд, ки дорои характери худхоҳӣ ва

[273] Джинджолия Р.С. Унификация оценочных признаков при квалификации преступлений против личности: монография / Под ред. А.А. Магомедова. – М.: ЮБИТИ-ДАНА; Закон и право, – 2004. – С. 232.
[274] Уголовное право России. Особенная часть: Учебник / Под ред. А.И. Рарога. – М.: Юристъ, 2003. – С. 41.

густохӣ мебошанд ва метавонанд давомдор бошанд»[275]; «зери мафҳуми озор ва таҳқир ҳамчун тарзи расонидани зарар ба саломатӣ амалҳое дар назар аст, ки бо роҳи маҳрум сохтан аз ғизо, об, гармӣ ва нигаҳдории шахси ҷабрдида дар шароитҳои барои ҳаёти ӯ хавфнок ва ё дигар шароитҳои ба ин монанд боиси расонидани ранҷу азият нисбат ба ӯ мегарданд»[276].

Мафҳуми таҳқир ва унсурҳои он аз тарафи олимони тоҷик ба монанди У.А. Азиззода[277], З.Х. Зокирзода[278], Ф.А. Бобохонов[279] мавриди таҳқиқи илмӣ қарор гирифтааст.

Таҳлили таърифҳои мазкур нишон медиҳад,ки дар ҳоли ҳозир дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ меъёрҳои дақиқу мушаххаси таъйинкунандаи меъёрҳои мавриди назар вуҷуд надорад. Дар ин кор наметавон олимони ватаниро маломат намуд, зеро мафҳумҳои мавриди назар ба маънои том мафҳумҳои тахминӣ ба ҳисоб мераванд ва аз ин лиҳоз онҳо қобили стандартизатсиякунонӣ намебошанд. Чизе, ки барои як шахс ба таври даҳшатовар озордиҳанда мебошад, дар айни замон метавонад барои шахси дигар фақат як унсури зиндагии сахту мушкил бошад. Тавре ки С.В.

---

275 Уголовное право России. Часть Общая. Часть Особенная. Учебник / Бобылев О.В., Бородин С.В., Босхолов С.С., Гаухман Л.Д., и др.; Под общ. ред.: Гаухман Л.Д., Колодкин Л.М., Максимов С.В. - М.: Юриспруденция, 1999. – С. 335.

276 Курс уголовного права. Общая часть. Т. 1. Учение о преступлении: Учеб, для вузов / Под ред. Н.Ф. Кузнецовой, И.М. Тяжковой. – М: ИКД «Зерцало-М», 2002. – С. 170.

277 Ниг.: Азиззода У.А., Бобохонов Ф.А. Асосҳои криминализатсия кардани туҳмат ва таҳқир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / У.А. Азиззода, Ф.А. Бобохонов // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2021. – №4. – С. 88-107.

278 Ниг.: Зокирзода З.Х., Бобохонов Ф.А. Проблемаҳои мубрами ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон: монография: нашри аввал. – Душанбе, 2022. – 185 с.; Зокирзода З.Х., Бобохонов Ф.А. Некоторые вопросы криминализации и декриминализации клеветы в уголовном законодательстве Республики Таджикистан / З.Х. Зокирзода, Ф.А. Бобохонов // Вестник ТНУ. Серия социально-экономических и общественных наук – 2022. – №3. – С. 207-214; Зокирзода З.Х., Бобохонов Ф.А. Защита прав человека от морального вреда в уголовном законодательстве Таджикской ССР / З.Х. Зокирзода, Ф.А. Бобохонов // Консолидация интеллектуальных ресурсов как фактор развития современных исследований: сборник статей II Международной научно-практической конференции (24 февраля 2022 г.). – Петрозаводск: МЦНП «Новая наука», 2022. – С. 36-42; Зокирзода З.Х., Бобохонов Ф.А. Ҳифзи ҳуқуқи инсон аз зарари маънавӣ дар муносибатҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ / З.Х. Зокирзода, Ф.А. Бобохонов // Паёми ДМТ. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2021. – №4. – С. 220-228.

279 Ниг.: Бобохонов Ф.А. К вопросу защиты человеческого достоинства от клеветы и оскорблений в Республике Таджикистан / Ф.А. Бобохонов // Экономика и право. Современное состояние и перспективы развития: сборник статей Международной научно-практической конференции (5 мая 2022 г.). – Петрозаводск: МЦНП «Новая наука», 2022. – С. 7-12; Бобохонов Ф.А. Ҳифзи шаъну шарафи инсон аз туҳмат ва таҳқир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Ф.А. Бобохонов // Масъалаҳои назариявии амалисозии ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ (7 декабри соли 2021) / Зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Раҳмон Д.С. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2021. – С. 300-318.; Бобохонов Ф.А. Ҳифзи ҳуқуқи инсон аз туҳмат дар низоми ҳуқуқи мусулмонӣ / Ф.А. Бобохонов // Паёми Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт. – 2021. – №2 (6). – С. 127-132.

Расторопов дуруст қайд менамояд: «дар қонуни ҷиноятӣ набояд ба мафҳумҳо ва истилоҳоте такя намуд,ки қобили ташхиси мушаххас намебошанд[280], зеро тафсир ва истифодаи онҳо дар амалияи тафтишотӣ метавонад боиси халалдор шудани принсипи қонуният гардад, ки он дар моддаи 4 КҶ ҶТ» чунин пешбинӣ шудааст: «Мазмуни Кодекси ҷиноятӣ бояд дақиқан мутобиқи матни он фаҳмида шавад». Ҳамин тавр, мо хориҷ намудани аломати вазнинкунандаи мазкурро аз боби 16 КҶ ҶТ зарур ва лозим медонем. Аммо сурати фароҳам омадани имкони мувофиқ, қонунгузор метавонад онро ба таври мушаххас дар сатҳи қонунгузорӣ муайян ва пешбинӣ намояд. Ҳар гуна амалҳои зӯроварие, ки дар шакли қасдан расонидани зарар ба саломатии шахси ҷабрдида зоҳир мегарданд, аз бераҳмии ҷинояткор гувоҳӣ медиҳанд, вале барои арзёбии кирдор аз рӯйи б. «г» қ. 2 м. 111 КҶ ҶТ пайдо кардани ҳолатҳои махсусе лозим аст, ки аломати расонидани зарар ҳамчун амали содиршуда бо бераҳмии истисноӣ бошанд. Аснои муқаррар намудани ҷавобгарии ҷиноятии фавқуллода баланд барои расонидани зарар ба саломатии шахс бо бераҳмии махсус, манзури қонунгузор эҳсосоти маъмулии дарднок ва он ранҷу азияте набуд, ки амалан ҳар навъ таҷовуз ба саломатӣ боиси ба миён омадани онҳо мегардад. Он гуна, ки Н.И. Загородников қайд менамояд, «қонун дар ин маврид ҷароҳати ҷисмониро пешбинӣ намудааст, ки худи раванди амалисозии он боиси расонидани азиятҳои зиёди ҷисмонӣ мегардад ва шахси расонандаи чунин азиятҳо махсусан тавре амал мекунад,ки он боиси расонидани дарди махсус ва азобу азиятҳои вазнини ҷисмонӣ гардад»[281]. Чунин ҳолатҳо, аз як тараф, бояд бо тарзи сурат гирифтани таҷовуз вобаста бошанд ва тарафи дигар бояд қасди шахси гунаҳкорро дар бар бигиранд. Бераҳмии махсус метавонад ҳам дар тарзи амали шахси гунаҳкор ва ҳам дар дигар ҳолатҳои нишондиҳандаи бераҳмии махсус инъикос ёбанд. Аломати бераҳмии махсус дар он ҳолатҳои қасдан расонидани зарар ба саломатии шахс дида мешавад, ки дар ҷараёни таҷовуз

[280] Ниг.: Расторопов С.В. Уголовно-правовая охрана здоровья человека от преступных посягательств: монография. – М.: Моск. ин-т экономики, менеджмента и права, 2003. – С. 341.
[281] Загородников Н.И. Преступления против здоровья. – М., 1969. – С. 69.

нисбат ба шахси ҷабридида шиканҷа, азобдиҳӣ, озор ва дигар равишҳои ошкоро алоқаманд ба расонидани азиятҳои махсус ба ҷабрдида (расонидани ҷароҳатҳои зиёди ҷисмонӣ, истифодаи миқдори заҳри нокушанда, ки боиси дарди шадид мегардад, бо барқ ва оташ сӯзонидан, дуру дароз маҳрум сохтан аз ғизову обу хобу ғайра) истифода мегардад.

Дар ҳуқуқи ҷиноятӣ нуктаҳои умумипазируфта шуморида мешавад, иборат аз он аст, ки расонидани зарар дар ҳузури наздикони шахси ҷабридида бояд расонидани зарар бо бераҳмии махсус шинохта шавад ва ин вақте имкон дорад, ки шахси гунаҳкор дарк намояд, ки бо амалҳои худ ба ӯ ранҷу азиятҳои махсус мерасонад[282]. Ҳангоми муайянсозӣ ва арзёбии зарари расонидашуда саломатии шахс аз рӯйи б. «г» қ. 2 м. 111 КҶ ҶТ гузаронидани экспертизаи судиву тиббӣ нақши муҳим мебозад. Аҳаммияти нақши он аз додани хулоса дар бораи миқдор ва маҳдудсозии (локализатсияи) ҷароҳатҳо, характер ва замони расонидани ин ҷароҳатҳо иборат мебошад. Вале бояд қайд намуд,ки мафҳуми бераҳмии махсус, на мафҳуми тиббӣ, балки мафҳуми ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравад. Маҳз ба ин далел, хулосаи коршиносон аснои арзёбӣ аҳаммияти таъйинкунанда надорад, он дар қатори дигар далелҳои марбут ба парванда бояд мавриди арзёбӣ қарор бигирад. Хулосаи баровардаи суд дар бораи вуҷуд доштани аломатҳои бераҳмии махсус дар амали шахс, бояд дар асоси таҳлили системавии тамоми аломатҳои объективӣ ва субъективии ҷиноят сурат бигирад. Дар зимн, нуктаи асосӣ дар ин ҷо муқаррар намудани қасд барои содир намудани ҷинояти мавриди назар маҳз бо бераҳмии хос, таҳқир ва ё азобу шиканҷа барои шахси ҷабрдида мебошад. Дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ, мавзуи баҳсбарангез масъалаи марбут ба муносибати субъективии шахси гунаҳкор нисбат ба ҳолатҳои зоҳиршавии бераҳмии махсус, таҳқир ва шиканҷа ҳамчун тарзи расонидани зарар ба саломатӣ боқӣ мемонад.

---

[282] Ниг.: Кадников Н.Г. Квалификация преступлений и вопросы судебного толкования: теория и практика: Учеб. пособие. – М.: Норма, 2003. – С. 66.

Ба андешаи мо, дар муносибат бо шахсони хурдсол ё ҳолати оҷизӣ дар аломати дуюми арзёбии ҷиноят, ки дар б. «г» қ. 2 м. 111 КҶ ҶТ пешбинӣ нагардидааст. Дар таҷрибаи қонунгузории ҷиноятии ФР чунин ҳолат ҷой дорад. Қасдан расонидани зарари миёна ба саломатии шахс дар ҳолате мебошад, ки ба шахси гунаҳкор маълум аст, ки ӯ дар ҳолати оҷизӣ қарор дорад. Оҷизӣ боиси он мегардад, ки шахс объекти мавриди ҷиноят қарор бигирад. Маҳз ворид гардидани ҳолати оҷизӣ барои бартарафсозии мушкилоти амалӣ хеле зарур аст. Хубтар мешуд, ки мақомоти қонунгузори кишвар камбудии мазкурро бартараф менамуд. Қонунгузорро ба кӯшиши бештар барои ҳифз намудани манфиатҳои чунин шахсон тавассути ворид сохтани мафҳуми «ҳолати оҷизӣ» ба қонуни ҷиноятӣ ҳамчун аломати таркиби арзёбӣ ва ҳолати вазнинкунандаи ҷазо водор месозад. Ҳолати оҷизии ҷабрдида маънои онро дорад, ки ҷабрдида бинобар ҳолати ҷисмониву психологии худ қодир нест он чиро ки бо ӯ мегузарад, дарк намояд, хусусият ва аҳаммияти амалҳоеро, ки нисбат ба ӯ мегузаранд бифаҳмад ва ё ба шахси гунаҳкор муқовимат нишон диҳад. Ба ҳолатҳое, ки нишондиҳандаи вазъи нотавони шахси ҷабрдида мебошанд, дохил мегарданд: синну соли хурд, камбудиҳои ҷисмонӣ, халалдор гардидани ҳолати руҳии фаъолият, дигар ҳолати дардмандӣ ва беҳушӣ ва ғайра. Дар ҳолати оҷизӣ, бинобар халалдор гардидани вазъи руҳии шахс, мастшавии сахт, синни хурд доштан шахси ҷабридида аз имкони мухолифат нишон додан маҳрум аст, наметавонад дар муқобили таҷовуз худро муҳофизат намояд ва аз ҳуқуқи мудофиаи зарурӣ истифода кунад. Барои мавриди истифода қарор додани аломати баҳодиҳии ҷинояти мавриди назар, ҳатман бояд ба исбот расад, ки шахси гунаҳкор аломатҳои дар боло зикршударо қабл аз таҷовуз дарк намудааст ва ё онҳоро дар ҷараёни расонидани зарар дарк намудааст. Агар ҳолатҳои мазкур фақат баъд аз поён ёфтани татбиқи ҷанбаи объективии таҷовуз ба ӯ маълум гардида бошанд, дар ин сурат муайянсозии амалҳои вай аз рӯйи банди «г» қ. 2 м. 111 КҶ ҶТ номумкин аст,

зеро қонунгузор дар бораи он ҳолати оҷизии ҷабрдида сухан намегӯяд. Аз нуқтаи назари мо, бояд пас аз «берaҳмии махсус» «ҳолати оҷизӣ» дар банди «г» қ. 2 м. 111 КҶ ҶТ илова карда шавад.

Масъалаи ҳолати оҷизии руҳии шахси аз ҷиноят ҷабрдида масъалаи мубрам ба ҳисоб меравад. Ба таври умумӣ, ҳолати оҷизии руҳӣ ду мафҳум, мафҳуми маҳдуд ва мафҳуми васеъ дорад. Зери мафҳуми маҳдуд, он шаклҳои ошкори ҳолати оҷизии руҳӣ дар назар аст, ки барои бемориҳои руҳӣ, ҳолати беҳушӣ ва ғайра хосанд, ки дар натиҷаи онҳо шахси ҷабрдида наметавонад он чиро, ки бо ӯ мегузарад бифаҳмад, хусусият ва аҳаммияти амалҳоеро, ки нисбат ба худ анҷом мешаванд дарк кунад ва ё муқобилият ба онҳо нишон диҳад. Таҳлилу баррасии таҷрибаи судӣ имкон медиҳад ба ин хулоса омад, ки дар аксари бештари мавридҳо мақомоти судӣ маҳз мафҳуми мавриди назарро асос қарор намедиҳанд. Аммо иддае аз муаллифон чунин мепиндоранд, ки ҳолати оҷизии ҷабрдида дар дарку фаҳмиши хусусият ва аҳаммияти амалҳои бо ӯ анҷомёбанда ва оҷизии вай дар муқобилият нишон додан бояд ба таври васеъ тафсир шаванд ва дар зимн на фақат ба ҳолати оҷизии руҳии дар натиҷаи ҳолати беҳушӣ ва нотавонии дарки хусусият ва аҳаммияти амалҳое, ки нисбат ба суратгиранда, балки ба оҷизии дар натиҷаи тарсу ҳарос, шоки эмотсионалӣ ва фиреб[283] ба миён омада ишора мекунанд. Муаллифони тарафдори нуқтаи назари мафҳуми васеъ зери мафҳуми баён намудани иродаи худ оҷизии огоҳона ва ба таври озод амал намудани шахси зарардидаро ба ҳангоми содир намудани таҷовуз мадди назар қарор медиҳанд. Дар ин маврид сухан дар бораи оҷизии эҳтимолии шахси ҷабрдида барои муқобилият нишон додан ва ё сарфи назар намудани ӯ аз расонидани зарар ба саломатии шахс бо роҳи фирор ё ҳар равиши дигар меравад.

Аз дидгоҳи Л. Конишева шахси ҷабрдидаро метавон ба шарти вуҷуд доштани ҳамзамони чаҳор ҳолат аз ҷумла: дарк накардани муҳтавои дохилии ҳолат тавассути ҷабрдида, муайян намудани вазъ ҳамчун вазъи илоҷнопазир,

---

[283] Ниг.: Коньшева Л. Понятие психически беспомощного состояния жертвы преступления / Л. Коньшева // Рос. юстиция. – 1999. – №4. – С. 36-37.

интихоби равиши номуассири нишон додани муқовимат, набуди имкони психологии назорат намудани ҳалқаҳои фаъолият шахси нотавон эътироф намуд. Мо чунин меҳисобем,ки чунин тафсиру таъбири васеи ҳолати оҷизии шахси ҷабрдида барои чунин ҷиноятҳо, аз ҷумла таҷовуз ба номус (м. 138 КҶ ҶТ), ҳаракати зӯроварии дорои хусусияти шаҳвонӣ, (м. 139 КҶ ҶТ), маҷбур кардан барои гирифтани узвҳо ё бофтаҳои бадани инсон барои пайвандсозӣ (қ. 2 м. 122 КҶ ҶТ) ва ғайра қобили истифода аст. Дар робита ба ин таъкид бояд кард, ки дар қонунгузории ҷиноятӣ мафҳуми «ҳолати оҷизӣ» ва «нотавонӣ» пешбинӣ гардидааст, ки чандон ба мақсад мувофиқ нест. Дар акси ҳол дар қонунгузории ҶТ як навъ «парокандагӣ» ошкор карда мешавад, ки он ягон натиҷаи амалӣ надорад. Аслан, истилоҳи қонунгузорӣ бояд як хел истифода бурда шавад, вагарна боиси нофаҳмиҳои матнҳои қонунгузорӣ мегардад ва рақобати нодурусти меъёрҳои ҳуқуқиро ба миён меорад. Мутобиқи қ. 3-и м. 40-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» мафҳумҳо ва истилоҳоти дар матни санади меъёрии ҳуқуқӣ истифодашаванда бояд фаҳмо ва ҳаммаъно бошанд. Дар робита ба расонидани зарари миёна ба саломатӣ, бояд гуфт, ки мафҳуми ҳолати оҷизӣ нодуруст аст. Оё метавон расонидани зарар ба саломатии шахси ҷабрдидаро бидуни равшан сохтани вазъу ҳолат, арзёбӣ накардан ва ё нодида гирифтани хавфи эҳтимолии он дар оҷиз будан барои нишон додани муқовимати муассир ҷинояти махсусан вазнин ҳисобид? Ба фикри мо, наметавон онро ҷинояти махсусан вазнин шуморид. Дар аксари ҳолатҳои таҷовуз ба ҳаёт ва саломати инсон тавре ки ба мушоҳида мерасад, шахси ҷинояткор меъёрҳои вуҷуд доштани оҷизии шахси ҷабрдида, аз ҷумла меъёри ногаҳонӣ будан, меъёри бартарӣ доштан аз лиҳози қувва, меъёри истифодаи олату восита, меъёри чигунагии содиршавии ҷиноят ва ғайраҳоро ба ҳисоб мегирад. Ҳамин тавр, дар робита ба ҷиноятҳои м.м. 122, 138, 139 КҶ ҶТ, қонунгузор оҷизии ҷисмонии (шахси солхӯрда, маъюб, шахси хурдсол) ва ҳамчунин шаклҳои

оҷизии психологӣ, ҳолати беҳушӣ, халалдор шудани фаъолияти равонӣ, ҳолати шуури таҳрифшуда ва ғайраро дар мадди назар қарор медиҳад.

Барои нахустин бор, ба сифати аломати вазнинкунанда қонунгузор дар банди «е» қ. 2 м. 111 КҶ ҶТ қасдан расонидани зарари миёна ба саломатиро бо сабаби нафрат ё хусумати миллӣ, нажодӣ, динӣ, маҳалгароӣ ё интиқом пешбинӣ намудааст.

Барои муайян намудани ҷиноят аз рӯйи аломати таҳқиқшаванда муқаррар намудани ҳолати вуҷуд доштани далелу бурҳон, ки муҳтавои онро кӯшиши шахси гунаҳкор барои нокомил нишон додани шахси ҷабрдида бинобар тааллуқоташ нисбат ба қавми муайян, миллат, гуруҳи этникӣ, дин, идеология ё ягон гуруҳ зарур аст. Мақсади ҷинояти мазкур барангехтани нафрату душмании сиёсӣ, идеологӣ, нажодӣ, миллӣ, динӣ ва иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад. Хавфи афзоишёфтаи иҷтимоии таҷовузи мазкур, на фақат дар саломат будани шахс, балки дарбаробар будани ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ки қатъи назар аз миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ, таҳсил ва молу мулк дар м. 17 Конститутсияи ҶТ кафолат дода шудаанд, инъикос меёбад.

Бо расонидани зарар ба саломатии инсон, ҷинояткор талош мекунад барои таҳқири воқеӣ ва ғайривоқеии шаъну шарафи миллӣ ва нажодӣ қасос бигирад, мекӯшад, ки тааллуқоти сиёсӣ, идеологӣ, миллӣ, нажодӣ ва иҷтимоии худро ба дигарон нишон бидиҳад. Барои баҳодиҳӣ ва муайянсозии дурусту бехатои ҷинояти содиршуда арзёбии шахсияти ҷинояткор бо тамоми робитаҳои иҷтимоӣ ва фарҳангиаш бисёр муҳим аст. Набудани сабабу ангезаҳои анъанавии нишондиҳандаи амалҳои монанд ба ин ҳамроҳ бо шиорҳо, дар маҷмуъ ба нафъи баҳодиҳӣ аз рӯйи б. «е» қ. 2 м. 111 КҶ ҶТ гувоҳӣ медиҳад. Дар баробари ин, бисёр муҳим аст, ки мақомоти тафтишотиву судӣ бояд ба ин масъала диққати ҷиддӣ диҳанд, ки низоъу даргирӣ дар миёни намояндагони миллатҳои мухталиф (ҳатто бо баёни изҳороти хасмона ба унвони якдигар ҳанӯз наметавонад далели кофӣ барои

арзёбии кирдори содиршуда аз рӯйи банди «е» қ. 2 м. 111 КҶ ҶТ эътироф гардад. Пеш аз расидан ба чунин хулоса, бояд шароит ва чигунагии содиршавии ҷиноят ва пеш аз ҳама, тамоми ҷанбаҳои шахсияти ҷинояткор ҳамчун ноқил ва дорандаи нафрату бадбинӣ нисбат ба намояндагони ҳизбҳои дигари сиёсӣ (гуруҳҳо), идеология, миллият, нажод, гуруҳи иҷтимоӣ ё дин мавриди таҳлилу баррасии ҷиддӣ қарор бигирад.

Агар мақсад аз расонидани зарар на фақат расонидани зарар ба саломатии шахси мушаххаси «беимон», «намояндаи нажоди табақаи пойин ва ғайра, балки воситаи барангехтани нафрати миллӣ, нажодӣ, мазҳабии дорои хусусияти оммавӣ ё бо истифодаи воситаҳои ахбори омма ё шабакаҳои алоқаи барқӣ, аз ҷумла интернет, дар давоми соли пас аз татбиқи ҷазои маъмурӣ барои чунин ҳуқуқвайронкуниҳо содир шуда бошанд ба ҳисоб равад, дар ин сурат чунин ҳаракат бояд аз рӯйи м. 189 КҶ ҶТ арзёбӣ гардад. Ба таври махсус бояд қайд намуд, ки расонидани зарар ба саломатӣ аз рӯйи ангезаҳои сиёсӣ, идеологӣ, нажодӣ, миллӣ ё бадбинии мазҳабӣ ва ё душманӣ бо сабабҳои нафрат ва душманӣ нисбат ба гуруҳҳои мушаххаси иҷтимоӣ фақат бо қасди бевосита имконпазир аст.

Дар банди «в» қ. 2 м. 111 КҶ ҶТ барои қасдан расонидани зарари миёна ба саломатии шахс аз ҷониби гуруҳи шахсон ё гуруҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ пешбинӣ шудааст. Дар маҷмуъ, ба кор бурда шудани аломати мазкур дар таҷрибаи ҳуқуқтатбиққунӣ ҳеҷ гуна мушкил эҷод намекунад, вале бо вуҷуди ин ба баъзе нуқсу камбудиҳои бю «в» қ. 2 м. 111 КҶ ҶТ бояд таваҷҷуҳ сурат бигирад.

Пайдо шудани аломати мазкури баҳодиҳӣ дар м. 111 ва дигар моддаҳои КҶ ҶТ бо тақвияти мубориза ба муқобили ҷинояткории муташаккил алоқаманд аст. Олимон ба таври барҳақ қонунгузорро барои дар доираи як банд муттаҳид кардани ду аломати дорои дараҷаи мухталифи хавфи ҷамъиятӣ мавриди танқид қарор медиҳанд[284]. Дар дигар моддаҳои КҶ ҶТ, ки

[284] Ниг.: Расторопов С.В. Квалифицированные и особо квалифицированные виды составов преступлений против здоровья человека / С.В. Расторопов // Законодательство. – 2003. – №10. – С. 77-82.

дар онҳо содиршавии ҷинояти дар шарикӣ дар ҷиноят пешбинӣ шудааст, аломати мазкур ҳамчун аломати махсуси баҳодиҳӣ ҷудо карда шудааст, аммо аломатҳои аз ҷониби гуруҳи шахсон ё гуруҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ ба сифати аломатҳои вазнинкунанда муайян карда шудаанд. Омӯзиши таҷрибаи судӣ нишон медиҳад, ки ҷинояти мавриди таҳқиқ бештар ба таври танҳо содир карда мешавад. Далели он ба ин бармегардад, ки ба таври маъмул ҷинояти қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ худ ба худ, бе омодагии қаблӣ бо қасди ногаҳон ба миёномада содир мегардад. Мо чунин меҳисобем, ки қонунгузор дар б. «в» қ. 2 м. 111 КҶ ҶТ пас аз «аз ҷониби гуруҳи шахсон ё гуруҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ» бояд аломати махсуси гуруҳи муташаккилро ҳамчун аломати нисбатан хавфнок дар КҶ ҶТ ворид намояд.

Воқеан, аз лиҳози таҳқиқу омӯзиш, мо ба хулосае омадем, ки дар қ. 2 м. 111 КҶ ҶТ аломати вазнинкунадаи ҳолати авбошӣ мавҷуд нест. Ворид намудани аломати вазнинкунандаи ҳолати авбошӣ дар б. «ғ» қ. 2 м. 111 КҶ ҶТ, яъне қасдан расонидани зарари миёна аз рӯйи ангезаҳои авбошӣ ҷолиб ба назар мерасад. Таҳлили маводҳои таҷрибаи судӣ нишон медиҳад, ки ҳангоми содир намудани ҷиноят аз рӯйи м. 111 КҶ ҶТ аломати баҳодиҳии мазкур нисбатан зиёдтар ба чашм мерасад. Барои аввалин бор ҳиссиёти авбошӣ ҳамчун аломати арзёбии ҷиноят дар м. 104 КҶ ҶШС Тоҷикистон (соли 1961) инъикос ёфта буданд. Ба мавзуи таҳқиқи ангезаҳои авбошӣ корҳои анҷомдодаи як қатор муаллифон, аз ҷумла Б.С. Волков, В.В. Лунеев, Н.Г. Иванов, Б.А. Викторов, С.В. Скляров ва дигарон[285] бахшида шудаанд.

Суди Олии ҶТ зимни шарҳу эзоҳи б «к» қ. 2 м. 104 КҶ ҶТ тавзеҳ медиҳад, ки бо номи одамкушӣ аз ҳиссиёти авбошӣ содиршуда бояд чунин навъи куштор арзёбӣ гардад, ки он дар асоси беэҳтиромии ошкорро нисбат ба ҷомеа ва меъёрҳои умумипазируфташудаи ахлоқӣ сурат мегирад ва чунин

---

[285] Ниг.: Волков Б.С. Мотивы преступлений (уголовно-правовое и социальнопсихологическое исследование). – Казань, Изд-во Казан, ун-та, 1982. – 152 с.; Лунеев В.В. Мотивация преступного поведения. – М.: Наука, 1991. – 383 с.; Иванов Н.Г. Мотив преступного деяния: Учеб, пособие. – М., 1997. – 63 с.; Викторов Б.А. Цель и мотив в тяжких преступлениях. – М., 1963. – 82 с.

ҳолат дар замоне рух медиҳад, ки рафтори шахси ҷинояткор таҳдиди ошкоро нисбат ба тартиботи ҷамъиятӣ ба ҳисоб меравад ва он баста ба майли мухолифат нишон додан бо муҳити гирду атроф ва бетаваҷҷуҳӣ ба шахсони гирду атроф (мисол, қасдан боиси марг шудан бе ҳеҷ баҳонаи маълум ва ё бо асоси ночиз ҳамчун баҳона барои куштор). Ҳолати мазкур комилан бо он моддаҳои КҶ ҶТ қобили истифода аст, ки барои расонидани зарар ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ менамоянд.

Ҳангоми муқаррар намудани сабабу ангезаи ҷиноят, мақомоти тафтишотиву судӣ маъмулан кӯшиш менамоянд он сарчашмаеро муайян созанд, ки бо пайдо шудани ин ё он ангеза алоқаманд мебошад. Вижагиву махсусияти ҳиссиёти авбошӣ дар он инъикос меёбад, ки дар тафовут аз сабабу ангезаҳои дигари дорои асоси мушаххаси предметӣ, он дорои сабаби зоҳирии то андозае объективӣ мебошад, ки он метавонад сабаби пайдо шудани чунин ҳиссиётро баён созад[286]. Дар зимн, бояд ёдовар шуд, ки аломати вазнинкунандаи ҳиссиёти авбошӣ дар қ. 2 м. 111 КҶ ҶТ пешбинӣ нагардидааст ва ин наметавонад барои арзёбии ҷиноят аз рӯйи қ. 2 м. 111 КҶ ҶТ асос қарор дода шавад.

Дар бисёр ҳолатҳо аз кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ шунида мешавад, ки сабабу ангезаҳои авбошӣ ғайриратсионалӣ ва бесабаб буда, аз ҳар гуна мантиқ ва ғайра орӣ мебошанд. Дар воқеъ, ҳиссиёти вобаста ба авбошӣ, зери таъсири омилҳои берунӣ ба вуҷуд намеоянд, баръакс, онҳо натиҷаи хусусиятҳои ботинии (психологии) шахсият ва талаботҳои зиддииҷтимоӣ ба ҳисоб меравaнд (эгоизм, худсобиткунӣ, хоҳиши худро дар муқобили дигарон қарор додан). Рушду инкишофи ғайриқаноатбахши раванди ташаккули шахсият дар ин ҷо бетаъсир нест. Зимни шарҳ додани хусусиятҳои ҳиссиёти авбошӣ, бояд ба ногаҳонӣ, зудгузар, айён, баргаштнопазир, ҷазонопазир, заъфнопазир будани онҳо ишора намуд. Дар онҳо ҳисси бартарӣ доштан нисбат ба дигарон ва дар ниҳоят

[286] Ниг.: Волков Б.С. Мотивы преступлений (уголовно-правовое и социально-психологическое исследование). – Казань, Изд-во Казан, ун-та, 1982. – С. 48.

ғайриратсионалӣ будан вуҷуд дорад, ки дар нигоҳи аввал нисбат ба мукаллаф будани шахси ҷинояткор шубҳаву гумон эҷод менамояд. Дар аксари мавридҳо таҷовузи дар зоҳир бесабаб, ки расонидани зарар ба саломатӣ натиҷаи он баромад мекунад, чизе ғайр аз хуруҷи мухолифатҳои ботинии (психологии) шахс бо мақсади холӣ кардани ғазаби худ бар сари дигарон нест. Агар шахс дар шароитҳои ғайримуқаррарие тарбия гирифта бошад, дар чунин фазо ҳеҷ гуна эҳтиром ба шахсият, шарафи вай вуҷуд надошта бошад, дурӯягӣ, зӯроварӣ, бераҳмӣ дар муносиботи шахсӣ ҳоким бошад, амалисозии (холӣ кардани) хашму ғазаби ҷамъшуда (ноқаноатмандӣ) ба эҳтимоли зиёд ба ғайр аз як навъ зӯровариву хушунат чизи дигаре набошад. Дар айни замон, хуруҷи дар зоҳир бесабаби зӯровариву таҷовуз дар амал решаҳои амиқ дорад. Ҳарчанд дар ҳолати мазкур расонидани зарар ба саломатии шахси ҷабрдида як навъ воситаи тахлияи эмотсионалӣ ё ҳалли низои дохилӣ маҳсуб мешавад. Аммо, ин далели худсафедкунӣ барои шахси ҷинояткор шуда наметавонад, баръакс, он барои таъйин гардидани ҷазои нисбатан вазнинтар нисбат ба вай асос шуда метавонад, зеро бо ҳал намудани мушкилоти худ, шахси ҷинояткор ба муқобили яке аз пуразиштарин неъматҳои инсон – ҳаёт ва саломатии ӯ таҷовуз мекунад. Шахсе, ки дар фазову муҳиту шароити муносиб таълиму тарбият мегирад, ҳатман роҳи дигари (қонунӣ) ҳалли ихтилофҳои шахсиро пайдо мекунад.

Дар адабиёти соҳавии бахшидашуда ба мавзуи сабабу ангезаҳои авбошӣ, таъкид мегардад, ки яке аз сабабҳои содиршавии рафтори мавриди назар майзадагӣ мебошад. Дар ҳақиқат, аксари бештари ҷиноятҳо, аз ҷумла, ҷинояти қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ амалҳои зиддиқонунии шахсоне алоқаманд мебошанд, ки дар ҳолати мастӣ қарор доштаанд. Дар айни замон, наметавон бо назари Б.С. Волков розӣ нашуд, ки омили майзадагӣ ба таври пурра сабабҳои рафторҳои авбошонаро тасдиқ намекунад. Ҳолати мастӣ метавонад фақат баҳонаи матлуб барои содиршавии рафторҳои авбошона бошад. Чунин назарро ин нукта низ тасдиқ

менамояд, ки на ҳар шахси дар ҳолати мастӣ қарордошта майли содир намудани амалҳои авбошонаро дорад. Б.С. Волков сабаби зоҳиршавии ангезаҳои авбоширо хеле хуб муайян намудааст: «Қасди ваҳшиёна дар натиҷаи арзишҳои маънавиву ахлоқии ваҳшиёна ба вуҷуд меоянд»[287].

Агар ба ғайр аз қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ аз рӯйи ҳиссиёти авбошона шахси айбдоршаванда кирдорҳои дигари қасдонаи халалдоркунандаи тартиботи ҷамъиятии бо нишон додани беэҳтиромии ошкор нисбат ба ҷамъият ва истифодаи яроқ ё предметҳои ба сифати яроқ истифодашаванда содир намуда бошад, дар ин сурат кирдори содиршуда бояд аз рӯйи б. «а» қ. 3 м. 237 КҶ ҶТ арзёбӣ шавад. Бо сабаби мавҷуд набудани аломати вазнинкунадаи аз рӯйи ҳиссиёти авбошӣ дар қ. 2 м. 111 КҶ ҶТ чунин кирдор наметавонад аз рӯйи маҷмуи ҷиноят бандубаст карда шавад. Ҳарчанд таҷовуз ба шахсият тавассути шахси авбош бештар дар ҷойҳои ҷамъиятӣ сурат мегирад, аммо ин имкони содиршавии чунин таҷовузро дар ҷойҳои камодам низ истисно намекунад. Содир шудани ҷиноят дар ҷойҳои ҷамъиятӣ ҳамчун меъёр аснои баҳодиҳии амал аз рӯйи ҷиноятҳои содиршуда баромад мекунад.

Дар интиҳои таҳқиқу омӯзиши аломати баҳодиҳии мазкур, наметавон ба мушкилоте ишора накард, ки бо онҳо ҳуқуқтатбиқкунанда дар робита ба ҷудосозии расонидани зарар ба саломатӣ бинобар ангезаҳои авбошона ва расонидани зарар ба саломатӣ дар натиҷаи даргирӣ ва низоъ рӯ ба рӯ мегардад.

Ҳамин тавр, 23 октябри соли 2016, шаҳрванд Қ.С.М. аз сӯйи суди ноҳияи Синои шаҳри Душанбе дар содир намудани ҷиноят аз рӯйи қисми 1 моддаи 237 КҶ ҶТ гунаҳкор дониста шуд. 10 майи соли 2016 Қ.С.М. дар меҳмонии дӯсти худ Ш.И.И. ҳамроҳ бо Л.Р. қарор дошт ва ҳудуди соати 3 дар назди манзили Ш.И.И. автомашина пайдо шуд. Аз дохили автомобил М.М. ва В.Р. баромада, ба назди К.Р., ки дар назди хона қарор дошт, омаданд. Миёни

[287] Волков Б.С. Мотивы преступлений (уголовно-правовое и социальнопсихологическое исследование). – Казань, Изд-во Казан, ун-та, 1982. – С. 50.

онҳо низоъ даргирифт, ки он ба даргирӣ мубаддал шуд, баъди ин онҳо ба ҳар тараф пароканда шуданд. Дар ин лаҳза ба назди онҳо Қ.С.М. омада, баъд аз салом аз М.М. фаҳмидан хост, ки чӣ ҳодиса рух додааст. М.М. ба пурсиш ҷавобе надода, як мушт ба рӯйи Қ.С.М. мезанад, ки аз зарбати мушт ӯ ба замин меафтад. Баъд аз он ки Қ.С.М. аз замин бармехезад, ба ҳавлӣ даромада дар даст бели тезро гирифта бо он аз пушт бо қисмати сари М.М. зарба мезанад,ки дар натиҷа ӯ ба замин меафтад. Баъди ба замин афтодан, Қ.С.М. бо бел ба дасти М.М. мезанад. Баъди ин, ба назди автомобили дар канори хона қарордоштаи опел, ки ба С.Д. тааллуқ дошт, омада ба садову талаби мардум барои қатъ кардани рафтори авбошона гӯш надода, бо дастаи бел шуруъ ба зарба задан ба баданаи автомобил намуд. Дар чунин ҳолат автомобил ба ҳаракат даромада аз назар дур шуд. Дар натиҷаи амалҳои зиддиқонунии Қ.С.М. нисбат ба М.М. ҷароҳатҳои ҷисмонии зерин расонида шуд: лат хӯрдани мағзи сар, ҷароҳати қисмати рости ақиби сар, ҷароҳати ангушти якуми панҷаи даст, доғи кабуд дар қисмати чашми чап. Аз рӯйи муддати давом ёфтани давраи зарар дидани саломатӣ экспертҳои судию тиббӣ ҷароҳатҳои ба М.М. расонидашударо ба категорияи зарари миёна ба саломатии шахс дохил намуданд. Ба ғайр аз ин, дар натиҷаи амалҳои содирнамудаи Қ.С.М. ба автомобили тааллуқдошта ба С.Д. зиёни фаннӣ ва механикӣ расонида шуд, ки он зиёни моддӣ дид. Ба амалҳои содирнамудаи Қ.С.М. аз ҷониби кормандони мақомоти тафтишоти пешакӣ аз рӯйи қ. 3 м. 237 КҶ ҶТ арзёбӣ шуданд.

Дар ҳақиқат, аз маводҳои парвандаи ҷиноятӣ ба таври ошкоро бармеояд, ки ҳангоми расонидани ҷароҳатҳои ҷисмонӣ Қ.С.М. на аз рӯйи ангезаҳои авбошона, балки бинобар хусуматҳои шахсии доштаи худ нисбат М.М. амал намудааст. Зеро М.М. аввалин шуда, ба Қосимов С.М. зарба мезанад,ки баъди ин, Қ.С.М. вориди ҳавлӣ шуда аз он ҷо бо бели тез бармегардад ва бо он ба М.М. ҷароҳатҳои ҷисмонӣ мерасонад. Ҷиноят дар ин маврид аз рӯйи ангезаҳои шахсӣ содир мешавад, зеро кирдори

анҷомдодаи Қ.С.М. на бо мақсади вайрон кардани тартиботи ҷамъиятӣ, ки омили муайнкунанда аснои ҳалли масъалаи вуҷуд доштани аломатҳои авбошӣ дар амали содиршуда мебошад, балки нисбат ба шахси мушаххас – М.М. равона карда шуда буданд. Ба ғайр аз ин, суд ба таври асоснок ба хулоса омад, ки кирдорҳои содирнамудаи Қ.С.М. қобили арзёбӣ ва баррасӣ аз рӯйи қ. 3 м. 237 КҶ ҶТ мебошанд ва судро инро бо он марбут медонад, ки ҳангоми расонидани зиён ба автомобили С.Д., Қ.С.М. дар амал ҳеҷ гуна кӯшиши зарба задан бо бели дар даст дошта ба дигар шахсони дар дохили автомобил қарордошта накард ва ҳеҷ гуна таҳдиде ҳам нисбат ба онҳо нишон надод[288].

Барои дуруст муайян намудани сабабу ангеза дар ҳолати мазкур, пеш аз ҳама бояд мушаххас намуд, ки кӣ мушаххасан ташаббускори ба миён омадани низоъ ва даргирӣ буд. Оё мунoқиша қасдан тавассути шахси гунаҳкор бо баҳонаи расонидани зарар ба саломатии шахси ҷабрдида барангехта нашудааст. Мутобиқи Қарори Суди Олии ҶТ агар ташаббускори даргирии низоъ ва мунoқиша шахси зарардида баромад кунад, ё рафтори ғайриқонунии ӯ боиси ба миён омадани мунoқиша шуда бошад, дар ин сурат шахси гунаҳкор наметавонад ҷавобгарӣ барои одамкуширо аз рӯйи ҳиссиёти авбошӣ ба уҳда бигирад (дар мисоли мавриди назар – қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ). Дар ҳар сурат, барои муайян намудани сабабу ангезаҳои авбошӣ, бояд тамоми кирдорҳои шахси гунаҳкор, ки дар лаҳзаи содиршавии ҷиноят, қабл ва баъд аз он содир шудаанд, таҳлилу баррасӣ гарданд.

[288] Ниг.: Парвандаи ҷиноятии №1-596/16 // Бойгонии суди ноҳияи Синои шаҳри Душанбеи ҶТ.

# ХУЛОСА

Дар асоси омӯзиши паҳлуҳои назариявӣ ва амалии ҷинояти қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ чунин хулосаҳои илмӣ ба даст омаданд:

1. Зарари миёна ба саломатӣ чунин зарарест, ки боиси харобшавии тӯлонии саломатӣ ё ба таври устувор аз даст додани камтар аз сеяки қобилияти меҳнатӣ мегардад. Харобшавии тӯлонии саломатӣ дар ҳолате ҷой доша метавонад, ки дар натиҷаи зарар шахс қобилияти меҳнатии худро зиёда аз се ҳафта (21 рӯз) гум карда бошад. Ба таври устувору назаррас аз даст додани қобилияти меҳнатӣ бошад, дар вақте ҷой дорад, ки шахс аз 10 то 30 фоизи қобилияти меҳнатии худро гум карда бошад. Танҳо қатъ намудани ҳомиладорӣ ҳамчун навгонии чунин аломат дар чаҳорчӯби моддаи 111-и Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон соли 1961 пешбинӣ шуд. Моддаи мазкур ба сифати ҷазо ҷавобгарии ҷиноятиро дар шакли маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз 3 то 10 сол муқаррар намуд. Қасдан расонидани зарари ҷисмонӣ, ки боиси марги шахси зарардида мешуд ё дорои хусусияти азобу шиканҷа ва ё ҷинояти содиршуда тавассути шахси ретсидивист ҷазо дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз панҷ то дувоздаҳ солро ба ҳамроҳ метавонист дошта бошад (қ. 2 м. 111 Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон соли 1961) **[1-М].**

2. Таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ оид ба ҷинояти қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ нишон дод, ки аксари давлатҳо расонидани зарар ба саломатии шахсро (расонидани зарари ҷисмониро) ба категорияҳои вазнин, вазнини миёна ва сабук ҷудо менамоянд. Вале дар ин миён, истисноҳое низ вуҷуд доранд. Барои мисол, бо қисман ба иқтибос гирифтани истилоҳоти КҶ соли 1960 ҶШФСР, ҷумҳуриҳои собиқ шуравии Озарбойҷон, Гурҷистон ва Қирғизистон аз формулировкаи (тасвия) «зарари начандон вазнин ба саломатӣ» истифода менамоянд. Дар Кодекси ҷиноятии ҷумҳурии Белорус, Тоҷикистон дар навбати худ номи қаблии таркиби ҷинояти баррасишаванда, яъне «зарари каме вазнини ҷисмонӣ» ҳифз гардидааст. Бо вижагии хоси бархурд дар заминаи дараҷабандӣ намудани мизони зарар ба саломатӣ, қонунҳои ҷиноятии Литва ва

Эстония низ фарқ менамоянд. Маҳрум сохтан аз озодӣ ҳамчун намуди анъанавии ҷазо дар ҳамаи кодексҳои ҷиноятии давлатҳои ИДМ ва соҳили Балтика вуҷуд дорад. Ҳамзамон маълум гардид, ки аз миёни 15 ҷумҳурӣ 9 кишвар бе ишора ба ҳадди пойинтарини ҷазо, ҳадди болотарини онро дар намуди се соли маҳрум сохтан аз озодӣ муқаррар менамоянд. Доштани санксияҳои нисбатан сабук аз хусусияти фарққунандаи қонунгузориҳои ҷумҳуриҳои Озарбойҷон ва Эстония ба ҳисоб меравад. Ҷазои нисбатан вазнинтар барои расонидани зарари миёна ба саломатии шахс муқаррар шудааст: 1) Молдавия – 4 сол, 2) Латвия, Қирғизистон, Қазоқистон – 5 сол **[5-М].**

3. Таҳлили объект ҷинояти қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ нишон дод, ки ҷинояти мазкур ҳамчун як намуди мустақили ҷиноятҳо ба муқобили саломатӣ дорои объекти худ мебошад. Нуқтаи назаре дар илм вуҷуд дорад, ки бар асоси он ҷиноятҳои ба муқобили саломати равонашуда аз қоидаи умумии маъмул истистно мебошанд ва саломатӣ ба сифати категорияи биологӣ объекти бевоситаи ҷиноят ташкил медиҳад. Зимни мувофиқ будан бо тарафдорони назарияи мазкур дар робита ба баррасии ҷанбаи «саломатӣ», мо дар айни замон андешаи онҳо оид ба табиати «нодир»-и ҷиноятҳо ба муқобили саломатиро ғайриқобили қабул медонем. Чунин дарку фаҳмиши объекти ҷиноят дорои нуқсу камбудӣ буда, боиси эҷоди духӯрагӣ дар робита ба он мегардад, зеро тавре ки маълум аст қазовати аз нигоҳи умумӣ дуруст аз лиҳози хусусӣ низ саҳеҳ ба назар мерасад. Аз ин нуқтаи назар, эътирофи худсаронаи объекти ҷиноят дар қатори муносибатҳои ҷамъиятӣ (ҳамчун категорияи иҷтимоӣ), падидаҳои дорои табиати моддӣ нодуруст аст, зеро он ҳам бо воқеиятҳои ҳуқуқии мавҷуд ва ҳам бо воқеиятҳои умумиилмии пазируфташуда мухолиф аст **[4-М].**

4. Таҳлили объект ҷинояти қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ нишон дод, ки ҷинояти мазкур ҳамчун як намуди мустақили ҷиноятҳо ба муқобили саломатӣ дорои объект ва тарафи объективӣ мебошад. Тарафи объективӣ дар робита ба ҷиноятҳои ба муқобили саломатии инсон

равонагардида бинобар ҳам танаввӯъ ва гуногунии кирдорҳои эҳтимолие, ки мақсади онҳо расонидани зарар ба саломатии шахс аст ва ҳам аз ҷиҳати оқибатҳои эҳтимолии фарорасанда аҳаммияти махсус ба худ касб менамояд. Қасдан расонидани зарари миёна ба саломатии шахс дар миёни зарарҳои вазнин ва сабук ҳолати мобайниро ишғол менамояд, ки он дар навбати худ зарурати таҳқиқу омӯзиши ҳаматарафаи тарафи объективии таркиби ҷиноятро бо мақсади аз байн бурдани иштибоҳоте, ки дар раванди таҷрибаи ҳуқуқтатбиқсозӣ ба миён меоянд, актуалӣ ва пураҳаммият мегардонад.

5. Тибби судӣ афродеро, ки мавриди қасд қарор мегиранд, ҳамчун фарди комилан солим арзёбӣ менамояд. Амалан муқаррарот дар бораи муайян намудани дараҷаи вазнинии зарари расонидашуда ҳангоми таъсиррасонии ҷинояткор ба узви осебпазири организм вуҷуд надорад.

6. Аломатҳое, ки барои нишон додани оқибатҳои амал ба кор бурда мешаванд, коркарду баррасии амиқтари назариявиро тақозо менамоянд. Номутассилии тавсифнопазир нисбат ба истифода шудани аломатҳои нишондиҳандаи оқибатҳои суиқасд ба мушоҳида мерасад. Бо мавриди истифода қарор додани аломати аз даст додани пурраи қобилияти касбии меҳнатӣ дар м. 111 КҶ ҶТ, қонунгузор ҳамзамон аломати қисман аз даст додани қобилияти касбии меҳнатиро дар моддаи м. 111 КҶ ҶТ пешбинӣ накардааст. Тавре ки мо дар боло далел овардем, ин бештар ба воқеиятҳои имрӯза мутобиқат дорад.

7. Тарафи объективии қасдан расонидани зарари миёна ба саломатии шахс дорои сохти мураккаб мебошад, ки ба ин далел он танзими мукаммалтари қонунгузориро тақозо менамояд. Дар марҳалаи кунунӣ ҳангоми таҳияву муайянсозии м. 111 КҶ ҶТ қонунгузор набояд фақат ба оқибатҳои ҷиноятӣ таваҷҷуҳ зоҳир намояд, балки лозим аст то қонунгузор ҳамчунин дар аломатҳои вазнинкунанда равишҳои нисбатан хавфноки расонидани зарар ба саломатиро низ инъикос намояд. Ҳамчунин лозим аст то имкони воридсозии

аломати вазнинкунандаи истифодаи силоҳ ё предметҳое, ки ҳамчун силоҳ ба кор бурда мешаванд, ба қ. 2 м. 111 КҶ ҶТ дар оянда баррасӣ гардад.

8. Таҳлили субъект ва тарафи субъективии ҷинояти қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ нишон дод, ки ҷинояти мазкур ҳамчун як намуди мустақили ҷиноятҳо ба муқобили саломатӣ дорои объект ва тарафи объективӣ мебошад. Ягона равиши муайянсозии дурусти кирдорҳои шахси воридкунандаи зарари миёна ба саломатӣ ин равишест, ки бар асоси он самту хусусияти қасди ҷинояткор муайян карда мешавад. Фақат чунин бархӯрд ба принсипи гунаҳгорӣ, ки дар м. 7 КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст, мутобиқат дорад ва он имкон медиҳад ҳам аз иттиҳоми объективӣ ва ҳам аз коҳиш додани беасоси дараҷа ва хусусияти кирдори хавфноки ҷамъиятии содиргардида пешгирӣ карда шавад. Агар мақомоти тафтишотиву судӣ муайян намоянд, ки шахси гунаҳкор бо қасди алтернативӣ амал намудааст, дар ин сурат кирдори содиршуда бояд дар асоси оқибатҳои нисбатан хавфнок, ҷузъи қасди шахси ҷинояткор мебошанд, арзёбӣ гардад. Агар муайян карда шавад, ки шахси гунаҳкор тасаввур намекард, ки (дар натиҷа, хоҳиши расонидани зарарро надошт) дар натиҷаи кирдорҳои ӯ ба саломатии шахси ҷабрдида мушаххасан чӣ навъ зарар расонида мешавад, дар ин сурат мушаххас будани қасд вуҷуд надорад, яъне қасди бевосита дида мешавад, зеро шахси гунаҳкор нисбат ба амалҳои содирнамудааш бетафовут будааст.

# ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ

Дар натиҷаи омӯзиш, баррасӣ ва таҳқиқоти диссертатсионӣ таклифҳо ва тавсияҳои илмию амалии зерин пешниҳод карда мешаванд:

1. Барои боз ҳам равшантар шудан барои иштирокчиёни мурофиаи судӣ, махсусан барои судя ҷиҳати баровардани ҳукми одилона беҳтар мебуд, ки дар эзоҳи м. 111-и КҶ ҶТ мафҳуми «харобшавии тӯлонии саломатӣ ё ба таври устувор аз даст додани камтар аз сеяки қобилияти умумии меҳнатӣ» шарҳ дода шавад.

2. Диспозитсияи м. 111-и КҶ ҶТ танҳо аломатҳои саломатии ҷисмонии инсонро ифода кардааст, вале аломатҳои саломатии равонии инсон аз мадди назар дур мондаанд. Бинобар ин, беҳтар мешуд, ки дар диспозитсияи м. 111-и КҶ ҶТ дар баробари ифодаи «харобшавии тӯлонии саломатӣ ё ба таври устувор аз даст додани камтар аз сеяки қобилияти умумии меҳнатӣ» ифодаи «аз даст додани қобилиятҳои равонӣ ва саломатии равонӣ, ки ба бемориҳои руҳӣ монанд нест» илова карда шавад.

3. Дар диспозитсияи қисми дуюм банди зерин илова карда шавад: «нисбати шахси баръало ноболиғ ё шахсе, ки дар ҳолати оҷизӣ қарор доштани ӯ барои гунаҳгор аён аст».

4. Бинобар сабаби он ки бераҳмии махсус дараҷаи зарари расонидашударо меафзояд ва ҳамзамон шабеҳ будани б. «г» м. 111 ба б. «ж» м. 117-и КҶ ҶТ беҳтар мешуд, ки аз қисми дуюми м. 111-и КҶ ҶТ б. «г бо бераҳмии махсус» хориҷ карда мешуд.

5. Гипотеза ва диспозитсияи м.м. 110, 111 ва 112-и КҶ ҶТ бо ҳамдигар шабеҳ мебошанд, вале дар диспозитсияи м. 111-и КҶ ҶТ танҳо ифодаи «оқибатҳои дар м. 110 ҳамин Кодекс пешбинишударо ба миён наовардааст» муқаррар шудааст. Бинобар ин, беҳтар мешуд, ки дар диспозитсияи м. 111-и КҶ ҶТ ҳамзамон ифодаи зерин илова гардад: «оқибатҳои дар м. 112-и ҳамин Кодекс пешбинишударо ба миён наовардааст».

6. Ҳамчунин, истифодаи мафҳуми «зарар» муайяну мушаххас нест, зеро «зарар» ҳам хусусияти молумулкӣ ва ҳам хусусияти шахсии ғайримолумулкӣ (ҳаёт, саломатӣ, қадру қимат, обрӯ ва ғ.)-ро ифода менамояд. Истифодаи калимаи «зиён» фаҳмо ва муназзам ба назар мерасад. Аз ин рӯ, калимаи «зарар», ки дар диспозитсияи м. 111 КҶ ҶТ оварда шудааст, ба калимаи «зиён» иваз карда шавад. Бинобар ин, номи м. 111 КҶ ҶТ ба «Қасдан расонидани зиёни миёна ба саломатӣ» иваз карда шавад.

7. Бо мақсад мувофиқ аст, ки дар эзоҳи м. 111 КҶ ҶТ муқаррароти зерин пешбинӣ карда шавад:

«1. Зарари миёна ба саломатӣ, зарарест, ки боиси харобшавии тӯлонии саломатӣ ё ба таври устувори назаррас аз даст додани камтар аз сеяки қобилияти меҳнатӣ гаштааст.

2. Харобшавии тӯлонии саломатӣ дар ҳолате ҷой доша метавонад, ки дар натиҷаи зарар шахс қобилияти меҳнатии худро зиёда аз се ҳафта (21 рӯз) гум карда бошад.

3. Ба таври устувор аз даст додани қобилияти меҳнатӣ бошад, дар вақте ҷой дорад, ки шахс аз 10 то 30 фоизи қобилияти меҳнатии худро гум карда бошад».

8. Пешниҳод карда мешавад, ки м. 111-и КҶ ҶТ дар таҳрири зерин оварда шавад:

1) Қасдан расонидани **зиёни** миёна ба саломатӣ, ки барои ҳаёт хавфнок набуда ва оқибатҳои дар м. 110 **ва 112-и** ҳамин Кодекс пешбинишударо ба миён наовардааст, вале боиси харобшавии тӯлонии саломатӣ ё ба таври устувору назаррас аз даст додани камтар аз сеяки қобилияти умумии меҳнатӣ, **аз даст додани қобилиятҳои равонӣ ва саломатии равонӣ, ки ба бемориҳои руҳӣ монанд нест, аз даст додани камтар аз сеяки қобилияти меҳнатӣ касбӣ** шудааст, -

бо корҳои ислоҳӣ ба муҳлати то ду сол ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати то ду сол ҷазо дода мешавад.

2) Ҳамин кирдоре, ки:

а) нисбати ду ё зиёда ашхос;

б) нисбати шахс ё наздикони ӯ вобаста бо фаъолияти хизматӣ ё қарзи ҷамъиятиро иҷро намудани ӯ;

в) аз ҷониби гурӯҳи ашхос ё гурӯҳи ашхос бо маслиҳати пешакӣ;

г) **нисбати шахси баръало ноболиғ ё шахсе, ки дар ҳолати оҷизӣ қарор доштани ӯ барои гунаҳгор аён аст;**

д) дар ҷараёни бетартибиҳои оммавӣ;

е) бо сабаби нафрат ё хусумати миллӣ, нажодӣ, динӣ, маҳалгароӣ ё интиқом;

ж) такроран ё аз ҷониби шахси қаблан содирнамудаи ҷинояти қасдан расонидани зарари вазнин ба саломатӣ ё одамкушии пешбининамудаи моддаҳои 104 ва 110 ҳамин Кодекс содир гардидааст, -

бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз ду то панҷ сол ҷазо дода мешавад.

# РӮЙХАТИ АДАБИЁТ (МАЪХАЗҲО)

## I. Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва расмӣ:


1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6-уми ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми сентябри соли 1999, 22-юми июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 [Матн]. – Душанбе: Нашриёти Ганҷ, 2016. – 137 с.
2. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 майи соли 1998, таҳти №574 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://mmk.tj (санаи муроҷиат: 01.02.2023).
3. Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2009, таҳти №564 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://mmk.tj (санаи муроҷиат: 01.02.2023).
4. Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2017 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://mmk.tj (санаи муроҷиат: 01.02.2023).
5. Уголовно-процессуальный кодекс Российской Федерации от 18.12.2001, №174-ФЗ (с изм. и доп., вступ. в силу с 28.06.2023) [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.consultant.ru/document/cons_doc_LAW_34481 (санаи муроҷиат: 02.07.2023).
6. Уголовно-процессуальный кодекс Украины [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: https://femida.news/ugolovnyj–processualnyj–kodeks–ukrainy–2019/ (санаи муроҷиат: 01.02.2023).
7. Уголовный кодекс Азербайджанской Республики [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://continent–online.com/Document/?doc_id=30420353#pos=5.–124 (санаи муроҷиат: 01.02.2023).
8. Уголовный кодекс Армении [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://base.spinform.ru/show_doc.fwx?rgn=7472 (санаи муроҷиат: 01.02.2023).
9. Уголовный кодекс Грузии [Текст]. – СПб.: Юридический центр Пресс, 2002. – 409 с.

10. Уголовный кодекс Кыргызской Республики от 2 февраля 2017 г., №19 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://cbd.minjust.gov.kg /act/view/ru–ru/111527?cl=ru–ru (санаи муроҷиат: 01.02.2023).
11. Уголовный кодекс Литовской Республики [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: https://www.yakaboo.ua/ugolovnyj–kodeks–litovskoj–respubliki.html (санаи муроҷиат: 01.02.2023).
12. Уголовный кодекс Молдовы [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ:URL:https://www.legislationline.org/download/id/8276/file/Moldova_CC_2002_am2018_ru.pdf (санаи муроҷиат: 01.02.2023).
13. Уголовный кодекс Республики Беларусь [Текст]. – СПб.: Юридический центр Пресс, 2001. – 474 с.
14. Уголовный кодекс Республики Казахстан [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: https://online.zakon.kz/document/?doc_id= 31575252#pos=66;–45 (санаи муроҷиат: 01.02.2023).
15. Уголовный кодекс Республики Узбекистан (с изменениями и дополнениями по состоянию на 12.09.2019) [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http: // continent–online.com /Document/? doc_id=30421110 (санаи муроҷиат: 01.02.2023).
16. Уголовный кодекс Российской Федерации от 13.06.1996, №63-ФЗ (ред. от 16.10.2019) [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www. consultant.ru/document/cons_doc_LAW_10699/ (санаи муроҷиат: 01.02.2023).
17. Уголовный кодекс Туркменистана [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http: // minjust.gov.tm/ru/mmerkezi /docview.php?doc_id=8091 (санаи муроҷиат: 01.02.2023).
18. Уголовный кодекс Эстонии [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: https://www.legislationline.org/download/id/6462/file/EstoniaCCasof2002 ru.pdf (санаи муроҷиат: 01.02.2023).

## II. Монографияҳо, китобҳои дарсӣ, тафсирҳо, васоити таълимӣ, курси лексияҳо:

19. Frank, R. Uber den Aufbau des Schuldbegriffs [Техт] / R. Frank. – Giessen, 1907. – 70 с.
20. Азизов, У.А. Эволюция институтов преступления и наказания на территории исторического и современного Таджикистана: историко-правовое исследование [Текст] / У.А. Азизов. – Душанбе: Андалеб-Р, 2015. – 368 с.
21. Альшевский, В.В. Судебно-медицинская экспертиза вреда здоровью в современном уголовном судопроизводстве (процессуальные аспекты, методические принципы и формально-логические алгоритмы) [Текст] / В.В. Альшевский. – М., Юрлитинформ. – 2004. – 176 с.
22. Амосов, Н.М. Раздумья о здоровье. 3-е изд., доп. и перераб [Текст] / Н.М. Амосов. – М., Физкультура и спорт. – 1987. – 64 с.
23. Бойко, И.Б. Судебная медицина для юристов: Учеб. пособие [Текст] / И.Б. Бойко. – Рязань, 2002. – 96 с.
24. Большая медицинская энциклопедия. Т. 1 [Текст]. – М., 1959. – 25 с.
25. Большой юридический словарь [Текст] / Под ред. А.Я. Сухарева, В.Е. Крутских. 2-е изд., перераб. и доп. – М., ИНФРА-М, 2002. – 704 с.
26. Бородин, С.В. Ответственность за убийство: квалификация и наказание по российскому праву [Текст] / С.В. Бородин. – М., Юрист, 1994. – 216 с.
27. Бородин, С.В. Преступления против жизни: Практ. пособие [Текст] / С.В. Бородин. – М., Юрист, 1999. – 356 с.
28. Булатов, С.Я., Мамутов, А.М. Ответственность за преступления против личности по Уголовному кодексу Казахской ССР [Текст] / С.Я. Булатов, А.М. Мамутов. – Алма-Ата, 1961. – 102 с.
29. Бушуев, Г.В. Способ совершения преступления и его влияние на общественную опасность содеянного [Текст] / Г.В. Бушуев. – Омск: Ом. ВШМ МВД СССР, 1988. – 24 с.
30. Васильев, В.Л. Юридическая психология. 4-е изд., доп. и перераб [Текст] / В.Л. Васильев. – СПб.: Питер, 2002. – 640 с.
31. Викторов, Б.А. Цель и мотив в тяжких преступлениях [Текст] / Б.А. Викторов. – М., 1963. – 82 с.

32. Волков, Б.С. Мотивы преступлений (уголовно-правовое и социально-психологическое исследование) [Текст] / Б.С. Волков. – Казань: Изд-во Казан. ун-та, 1982. – 152 с.
33. Волков, Б.С. Проблема воли и уголовная ответственность [Текст] / Б.С. Волков. – Казань: Изд-во Казан. ун-та, 1965. – 136 с.
34. Волков, В.Н., Датий, А.В. Судебная медицина: Учеб, пособие для вузов [Текст] / Под ред. А.Ф. Волынского. – М.: ЮНИТИ-ДАНА; Закон и право, 2000. – 639 с.
35. Гаухман, Л.Д. Квалификация преступлений: закон, теория, практика [Текст] / Л.Д. Гаухман. – М., 2003. – 448 с.
36. Гаухман, Л.Д. Насилие как средство совершения преступления [Текст] / Л.Д. Гаухман. – М., 1974. – 167 с.
37. Ғаффорӣ, Н.А., Ҳусейнзода, С.Ҳ. Ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (Қисми умумӣ). Мафҳумҳо дар нақшаҳо [Матн] / Н.А. Ғаффорӣ, С.Ҳ. Ҳусейнзода. – Душанбе: ЭР-граф, 2016. – 256 с.
38. Гельфер, М.А. Объект преступления [Текст] / М.А. Гельфер. – М., 1960. – 24 с.
39. Гельфер, М.А., Коржанский, Н.И. Объект и предмет уголовно-правовой охраны [Текст] / М.А. Гельфер, Н.И. Коржанский. – М., Акад. МВД СССР, 1980. – 248 с.
40. Гродзинский, М.М. Преступления против личности (текст и комментарий к ст. 142-165, 172-179 УК) [Текст] / М.М. Гродзинский. – М., Право и жизнь, 1924. – 68 с.
41. Дагел, П.С., Михеев, Р.Ж. Теоретические основы установления вины [Текст] / П.С. Дагель, Р.Ж. Михеев. – Владивосток, Изд-во Дальневост. ун-та, 1975. – 167 с.
42. Даурова, Т.Г. Уголовная ответственность за легкие телесные повреждения [Текст] / Т.Г. Даурова. – Саратов, 1980. – 120 с.
43. Демидов, Ю.А. Социальная ценность и оценка в уголовном праве [Текст] / Ю.А. Демидов. – М., 1975. – 184 с.

44. Джинджолия, Р.С. Унификация оценочных признаков при квалификации преступлений против личности [Текст]: монография / Р.С. Джинджолия. – М.: ЮБИТИ-ДАНА; Закон и право, 2004. – 271.
45. Дубовец, П.А. Ответственность за телесные повреждения по советскому уголовному праву [Текст] / П.А. Дубовец. – М.: ЮЛ, 1964. – 159 с.
46. Дурманов, Н.Д. Общие основания учения о причинной связи в уголовном праве [Текст] // Вопросы уголовного права: Сб. 1 / Н.Д. Дурманов. – М., Юрид. изд-во НКЮ СССР, 1944. – С. 34-55.
47. Жижиленко, А.А. Преступления против личности [Текст] / А.А. Жижиленко. – М, 1927. – 127 с.
48. Загородников, Н.И. Преступления против здоровья [Текст] / Н.И. Загородников. – М., 1969. – 166 с.
49. Загородников, Н.И., Игнатов, А.И. Преступления против личности [Текст] / Н.И. Загородников, А.И. Игнатов. – М., 1962. – 64 с.
50. Зокирзода, З.Х. Проблемаҳои танзими ҳуқуқи ҷиноятии мусодираи молу мулк дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]: монография: нашри аввал / З.Х. Зокирзода / Зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Шарипов Т.Ш. – Душанбе: «Нашри мубориз», 2021. – 196 с.
51. Зокирзода, З.Х., Бобохонов, Ф.А. Проблемаҳои мубрами ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]: монография: нашри аввал / З.Х. Зокирзода, Ф.А. Бобохонов. – Душанбе, 2022. – 185 с.
52. Иванов, В.Д. Практика применения законодательства Казахской ССР об ответственности за преступления против личности [Текст] / В.Д. Иванов. – Караганда: Караганд. высш. шк. МВД СССР, 1975. – 89 с.
53. Иванов, Н.Г. Мотив преступного деяния: учеб. Пособие [Текст] / Н.Г. Иванов. – М.: Метод. центр, 1997. – 63 с.
54. Кадников, Н.Г. Квалификация преступлений и вопросы судебного толкования: теория и практика: Учеб. пособие [Текст] / Н.Г. Кадников. – М., Норма, 2003. – 144 с.
55. Ковалев, М.И., Васьков, П.Т. Причинная связь в советском уголовном праве [Текст] / М.И. Ковалев., П.Т. Васьков. – М., Госюриздат, 1958. – 72 с.

56. Кондрашова, Т.В. Проблемы уголовной ответственности за преступления против жизни, здоровья, половой свободы и половой неприкосновенности [Текст] / Т.В. Кондрашова. – Екатеренбург, 2000. – 61 с.
57. Коржанский, Н.И. Предмет преступления (понятие, виды изначение для квалификации) [Текст] / Н.И. Коржанский – Волгоград: ВСШ МВД СССР, 1976. – 56 с.
58. Красиков, А.Н. Уголовно-правовая охрана прав и свобод человека в России [Текст] / А.Н. Красиков. – Саратов, 1996. – 212 с.
59. Кудрявцев, В.Н. Общая теория квалификации преступлений. 2-е изд., перераб. и доп [Текст] / В.Н. Кудрявцев. – М., Юрист, 2004. – 304 с.
60. Кудрявцев, В.Н. Объективная сторона преступления [Текст] / В.Н. Кудрявцев. – М. Госюриздат, 1960. – 201 с.
61. Куриное, Б.А. Научные основы квалификации преступлений [Текст] / Б.А. Куриное. – М.: Изд-во Моск. ун-та, 1976. – 182 с.
62. Курс советского уголовного права. Т. 2. Часть Общая Преступление [Текст] / Под ред. А.А. Пиантковского. – М.: Наука, 1970. – 516 с.
63. Курс уголовного права. Общая часть. Т. 1. Учение о преступлении: Учеб. для вузов [Текст] / Под ред. Н.Ф. Кузнецовой, И.М. Тяжковой: – М., ИКД «Зерцало-М», 2002. – 624 с.
64. Лекгиас, И. Вина как субъективная сторона преступного деяния [Текст] / И. Лекгиас. – М.: Госюриздат, 1958. – 85 с.
65. Лохвицкий, А. Курс русского уголовного права [Текст] / А. Лохвицкий. – СПб.: Тип. правительствующего сената, 1867. – 662 с.
66. Лунеев, В.В. Мотивация преступного поведения [Текст] / В.В. Лунеев. – М.: Наука, 1991. – 383 с.
67. Ляпунов, Ю.И. Общественная опасность деяния как универсальная категория советского уголовного права: Учеб. пособие для слушателей вузов МВД СССР [Текст] / Ю.И. Ляпунов. – М.: ВЮЗШ МВД СССР, 1989. – 119 с.
68. Малинин, В.Б. Причинная связь в уголовном праве [Текст] / В.Б. Малинин. – СПб.: Юрид. центр Пресс, 2000. – 316 с.

69. Матузов, Н.И. Личность. Права. Демократия. Теоретические проблемы субъективного права [Текст] / Н.И. Матузов. – Саратов, 1972. – 292 с.
70. Меньшагин, В.Д., Пионтковский, А.А. Курс советского уголовного права. Часть Особенная [Текст] / В.Д. Меньшагин., А.А. Пионтковский. – М.: Госюриздат, 1955. – 800 с.
71. Мирзоахмедов, Ф.А. Уголовная ответственность за терроризм по законодательству Республики Таджикистан и Российской Федерации (сравнительно-правовое исследование) [Текст]: монография / Ф.А. Мирзоахмедов. – Душанбе: ЭР-граф, 2017. – 180 с.
72. Мокринский, С., Натансон, В. Преступления против личности [Текст] / С. Мокринский, В. Натансон. – Харьков: Юриздат НКЮ УССР, 1928. – 278 с.
73. Муллаев, М.М. История уголовного права Таджикской ССР [Текст] / М.М. Муллаев. – Сталинабад: Идв-во Таджик. гос. ун-та, 1960. – Ч. 1. – 159 с.
74. Набоков, В.Д. Элементарный учебник Особенной части русского уголовного права [Текст] / В.Д. Набоков. – СПб., 1903. – 188 с.
75. Никифоров, А.С. Ответственность за телесные повреждения по советскому уголовному праву [Текст] / А.С. Никифоров. – М.: Госюриздат, 1959. – 128 с.
76. Никифоров, Б.С. Объект преступления по советскому уголовному праву [Текст] / А.С. Никифоров. – М.: Госюриздат, 1960. – 229 с.
77. Новоселов, Г.П. Учение об объекте преступления. Методологические аспекты [Текст] / Г.П. Новоселов. – М.: Норма, 2001. – 208 с.
78. Объективная сторона преступления (факультативные признаки) [Текст]: Учеб. пособие / Под ред. А.В. Наумова, С.И. Никулина. – М.: Моск. юрид. ин-т МВД РФ, 1995. – 154 с.
79. Ожегов, С.И., Шведова, Н.Ю. Толковый словарь русского языка [Текст] / С.И. Ожегов, Н.Ю. Шведова. – М., 1993. – 960 с.
80. Орлов, В.С. Субъект преступления по советскому уголовному праву [Текст] / В.С. Орлов. – М.: Госюриздат, 1958. – 260 с.
81. Павлов, В.Г. Субъект преступления [Текст] / В.Г. Павлов. – СПб.: Юрид.

центр Пресс, 2001. – 318 с.
82. Перфильев, М.Н. Общественные отношения. Методологические и социальные проблемы [Текст] / М.Н. Перфильев. – Л, 1974. – 212 с.
83. Пионтковский, А.А. Учение о преступлении по советскому уголовному праву [Текст] / А.А. Пионтковский. – М.: Госюриздат, 1961. – 666 с.
84. Пионтковский, А.Л. Советское уголовное право. Т. 2. Часть Особенная [Текст] / А.Л. Пионтковский. – М.: Госиздат, 1928. – 428 с.
85. Познышев, С.В. Основные начала науки уголовного права [Текст] / С.В. Познышев. – М., 1909. – 412 с.
86. Познышев, С.В. Очерк основных начал науки уголовного права. Особенная часть [Текст]: Преступления против личности / С.В. Познышев. – М.: Юриздат НКЮ, 1923. – 296 с.
87. Познышев, С.В. Учебник уголовного права: Общая часть. Очерк основных начал Общей и Особенной части уголовного права. Т. 1. [Текст] / С.В. Познышев. – М.: Юрид. изд-во Наркомюста, 1923. – 300 с.
88. Расторопов, С.В. Борьба с умышленным причинением вреда здоровью граждан в исправительных колониях [Текст] / С.В. Расторопов. – Рязань: Ряз. Филиал Моск. ин-та экономики, менеджмента и права, 2000. – 254 с.
89. Расторопов, С.В. Состав преступления против здоровья человека [Текст]: монография / С.В. Расторопов. – Рязань, 2003. – 270 с.
90. Расторопов, С.В. Уголовно-правовая охрана здоровья человека от преступных посягательств [Текст]: монография / С.В. Расторопов. – М.: Моск. ин-т экономики, менеджмента и права, 2003. – 463 с.
91. Рашковская Ш.С. Преступления против жизни, здоровья, свободы и достоинства личности [Текст]: Лекции для студентов ВЮЗИ / Под ред. А.Н. Васильева. – М., 1956. – 87 с.
92. Рожин, В.П. Введение в марксистскую социологию [Текст] / В.П. Рожин. – Л.: Изд-во Ленингр. ун-та, 1962. – 169 с.
93. Российское уголовное право. Особенная часть [Текст] / Бородин С.В., Дубовик О.Л., Келина С.Г., Кригер Г.Л., и др.; Под ред.: Кудрявцев В.Н., Наумов А.В. – М.: Юристъ, 1997. – 496 с.

94. Рубинштейн, С.Л. О мышлении и путях его исследования [Текст] / С.Л. Рубинштейн. – М.: Изд-во АН СССР, 1958. – 150 с.
95. Сатторов, Ғ.С. Ҳуқуқи ҷиноятӣ (қисми махсус) [Матн] / Ғ.С. Сатторов. – Душанбе, 2018. – 144 с.
96. Сафаров, А.И., Саидов, Ш.Н., Кудратов, Н.А. Ҷиноятҳои иқтисодӣ [Матн]: воситаи таълимӣ / А.И. Сафаров., Ш.Н. Саидов., Н.А. Кудратов. – Душанбе, 2015. – 172 с.
97. Сахаров, В.И. Средства и орудия совершения преступления и их уголовно-правовое значение [Текст]: Учеб. пособие / В.И. Сахаров. – М.: МЮИ МВД России, 1996. – 157 с.
98. Сборник документов по истории уголовного законодательства СССР и РСФСР 1917-1952 гг. [Текст]. – М.: Госюриздат, 1953. – 463 с.
99. Сердюк, Л.В. Насилие: криминологическое и уголовно-правовое исследование [Текст] / Л.В. Сердюк. – М.: Юрлитинформ, 2002. – 382 с.
100. Смитиенко, В.Н. Обьект преступлений против здоровья населения [Текст] / В.Н. Смитиенко. – Омск,1973. – 38 с.
101. Солиев, К.Ҳ. Таркиби ҷиноят [Матн]: дастури таълимӣ / К.Ҳ. Солиев. – Душанбе: Ирфон, 2014. – 40 с.
102. Социальные и политические отношения развитого социализма [Текст] / Под ред. Г.А. Белова. – М., 1985. – 137 с.
103. Спиркин, А.Г. Философия. Учебник [Текст] / А.Г. Спиркин. – М.: Гардарики, 2000. – 816 с.
104. Старков, О.В., Милюков, С.Ф. Наказание: уголовно-правовой и криминопенологический анализ [Текст] / О.В. Старков, С.Ф. Милюков. – СПб.: Юрид. центр Пресс, 2001. – 462 с.
105. Таганцев, Н.С. О преступлениях против жизни по русскому праву. Т. 1. [Текст] / Н.С. Таганцев. – СПб., 1870. – 461 с.
106. Тафсир ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Муҳаррири масъул Х.Х. Шарипов. – Душанбе: Глобус, 2006. – 880 с.
107. Тер-Акопов, А.А. Бездействие как форма преступного поведения [Текст] / А.А. Тер-Акопов. – М.: Юрид. лит., 1980. – 152 с.

108. Трайнин, А.Н. Общее учение о составе преступления [Текст] / А.Н. Трайнин. – М.: Госюриздат, 1957. – 321 с.
109. Уголовное право России. Общая часть: Учебник [Текст] / Под ред. В.Н. Кудрявцева, В.В. Лунева, А.В. Наумова. – М.: Юристъ, 2003. – 596 с.
110. Уголовное право России: Учебник: В 2 т. Т. 1. Общая часть [Текст] / Под ред. А.И. Игнатова, Ю.А. Красикова. – М.: НОРМА-ИНФРА-М, 2000.– 768 с.
111. Уголовное право Российской Федерации. Общая часть: Учебник [Текст] / Под ред. А.И. Рарога. – М.: Юрист, 2003. – 511 с.
112. Уголовное право. Общая часть: Учеб. для вузов [Текст] / Отв. ред. И.Я. Козаченко, З.А. Незнамова. – М: НОРМА-ИНФРА – М, 2000. – 516 с.
113. Уголовное право. Общая часть: Учебник [Текст] / А.А. Герцензон, М.М. Исаев, А.А. Пионтковский, Б.С. Утевский. – М.: Юрид. изд-во МЮ СССР, 1948. – 575 с.
114. Утевский, Б.С. Вина в советском уголовном праве [Текст] / Б.С. Утевский. – М.: Госюриздат, 1950. – 237 с.
115. Учебник уголовного права: Особенная часть: Разрешенный автором перевод с 12 и 13 переработанного издания / Фон-Лист Ф., проф. Берлин. унта; Пер. Ф. Ельяшевич. – М.: Т-во Тип. А.И. Мамонтова, 1905. – 427 с.
116. Фойницкий, И.Я. Курс уголовного права. Часть Особенная: Посягательства личные и имущественные [Текст] / И.Я. Фойницкий. – СПб., 1901. – 433 с.
117. Ҳуқуқи ҷиноятӣ (қисми умумӣ): китоби дарсӣ [Матн] / Зери таҳрири Н.А. Ғаффорова, Ҳ.С. Салимов. – Душанбе: Зинат, 2011. – 344 с.
118. Ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми умумӣ. Китоби дарсӣ [Матн] / Зери таҳрири д.и.ҳ., дотсент Раҳимзода Р.Ҳ. ва д.и.ҳ., профессор Бобоҷонзода И.Ҳ. – Душанбе: ЭР-граф, 2019. – 550 с.
119. Ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон: қисми умумӣ: китоби дарсӣ [Матн] / Зери таҳрири Р.Ҳ. Раҳимзода, И.Ҳ. Бобоҷонзода. – Душанбе, 2019. – 550 с.

120. Ҳусейнзода, С.Ҳ. Таркиби ҷиноят. Дастури таълимӣ [Матн] / С.Ҳ. Ҳусейнзода. – Душанбе: ЭР-граф, 2013. – 272 с.
121. Ҳусейнзода, С.Ҳ., Нажбудинов, М.А., Ҳикматзода, Ҷ.У. Ҷиноятҳо ба муқобили саломатӣ. Дастури таълимӣ [Матн] / С.Ҳ. Ҳусейнзода, М.А. Нажбудинов, Ҷ.У. Ҳикматзода. – Душанбе: Эр-граф, 2017. – 372 с.
122. Церетели, Т.В. Причинная связь в уголовном праве [Текст] / Т.В. Церетели. – М.: Госюриздат, 1963. – 382 с.
123. Чикин, С.Я. Здоровье человека и социальная среда [Текст] / С.Я. Чикин. – М.: Знание, 1971. – 80 с.
124. Шаргородский, М.Д. Преступления против жизни и здоровья [Текст] / М.Д. Шаргородский. – М.: Юриздат, 1947. – 471 с.
125. Шарипов, Т.Ш., Азимов, Н.Б., Камолов, З.А., Насриддинов, М.Н. Ҳуқуқи ҷиноятӣ (қисми умумӣ) [Матн] / Т.Ш. Шарипов, Н.Б. Азимов, З.А. Камолов, М.Н. Насриддинов. – Душанбе, 2010. – 256 с.
126. Шарипов, Т.Ш., Сафарзода, А.И. Камолов, З.А., Холиқзода, Ш.Л., Зокиров, З.Х., Зиёбоева, М.Н. Ҳуқуқи ҷиноятӣ: қисми умумӣ Нашри 4-ум, такмилдодашуда [Матн] / Т.Ш. Шарипов, А.И. Сафарзода, З.А. Камолов, Ш.Л. Холиқзода, З.Х. Зокиров, М.Н. Зиёбоева. – Душанбе, 2019. – 224 с.
127. Шарипов, Т.Ш., Сафарзода, А.И., Камолов, З.А., Холиқзода, Ш.Л., Зокирзода, З.Х., Зиёбоева, М.Н. Ҳуқуқи ҷиноятӣ (Қисми умумӣ). Нашри 5-ум, такмилдодашуда [Матн] / Т.Ш. Шарипов, А.И. Сафарзода, З.А. Камолов, Ш.Л. Холиқзода, З.Х. Зокирзода, М.Н. Зиёбоева. – Душанбе, 2020. – 223 с.

## III. Мақолаҳо ва маърӯзаҳо

128. Азиззода, У.А., Бобохонов, Ф.А. Асосҳои криминализатсия кардани туҳмат ва таҳқир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / У.А. Азиззода, Ф.А. Бобохонов // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2021. – №4. – С. 88-107.
129. Баевский, Р.М. Проблема здоровья и нормы: точка зрения физиолога [Текст] / Р.М. Баевский // Клиническая медицина. – 2000. – №4. – С. 60-65.

130. Сафарзода, А.И., Муқимов, С.Д. Баъзе масоили инкишофи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ [Матн] / А.И. Сафарзода, Д.С. Муқимов // Қонунгузорӣ (маҷаллаи илмӣ). – 2022. – №1 (45). – С. 108-117.
131. Бобохонов, Ф.А., Бобохонов, А.К. К вопросу защиты человеческого достоинства от клеветы и оскорблений в Республике Таджикистан [Текст] / Ф.А. Бобохонов, А.К. Бобохонов // Экономика и право. Современное состояние и перспективы развития: сборник статей Международной научно-практической конференции (5 мая 2022 г.). – Петрозаводск: МЦНП «Новая наука», 2022. – С. 7-12.
132. Бобохонов, Ф.А. Ҳифзи шаъну шарафи инсон аз туҳмат ва таҳқир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ф.А. Бобохонов // Масъалаҳои назариявии амалисозии ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ (7-уми декабри соли 2021) / Зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Раҳмон Д.С. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2021. – С. 300-318.
133. Бобохонов, Ф.А. Ҳифзи ҳуқуқи инсон аз туҳмат дар низоми ҳуқуқи мусулмонӣ [Матн] / Ф.А. Бобохонов // Паёми Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт. – 2021. – №2 (6). – С. 127-132.
134. Дурманов, Н.Д. Понятие телесных повреждений по советскому уголовному праву [Текст] / Н.Д. Дурманов // Сов. государство и право. – 1956. – №1. – С. 83-90.
135. Жордания, М. Квалификация телесных повреждений [Текст] / М. Жордания // Соц. законность. – 1973. – №2. – С. 46-47.
136. Зокирзода, З.Х., Муқимов, С.Д. Баъзе масъалаҳои объекти қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ [Матн] / Д.С. Муқимов, З.Х. Зокирзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2022. – №9. – С. 218-225.
137. Зокирзода, З.Х., Муқимов, С.Д. Низоми ҷазо дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / З.Х. Зокирзода, Д.С. Муқимов //

Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2022. – №5. – С. 218-225.
138. Зокирзода, З.Х., Бобохонов, Ф.А. Некоторые вопросы криминализации и декриминализации клевети в уголовном законодательстве Республики Таджикистан [Текст] / З.Х. Зокирзода, Ф.А. Бобохонов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук – 2022. – №3. – С. 207-214.
139. Зокирзода, З.Х., Бобохонов, Ф.А. Защита прав человека от морального вреда в уголовном законодательстве Таджикской ССР [Текст] / З.Х. Зокирзода, Ф.А. Бобохонов // Консолидация интеллектуальных ресурсов как фактор развития современных исследований: сборник статей II Международной научно-практической конференции (24 февраля 2022 г.). – Петрозаводск: МЦНП «Новая наука», 2022. – С. 36-42.
140. Зокирзода, З.Х., Бобохонов, Ф.А. Ҳифзи ҳуқуқи инсон аз зарари маънавӣ дар муносибатҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ [Матн] / З.Х. Зокирзода, Ф.А. Бобохонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2021. – №4. – С. 220-228.
141. Келле, В.Ж. Роль субъективного фактора в совершенствовании социалистических общественных отношений [Текст] / В.Ж. Келле // Филос. науки. – 1968. – №1. – С. 15-17.
142. Расторопов, С.В. Преступления против здоровья человека (субъективная сторона) [Текст] / С.В. Расторопов // Закон и право. – 2003. – №9. – С. 61-65.
143. Расторопов, С.В. Сравнительно-правовой анализ некоторых составов преступлений против здоровья человека по УК РФ и УК государств СНГ и Балтии [Текст] / С.В. Расторопов // «Черные дыры» в российском законодательстве. – 2004. – №1. – С. 110-120.
144. Расторопов, СВ. Объект преступлений против здоровья человека [Текст] / С.В. Расторопов // Уголовное право. – 2004. – №1. – С. 43-45.
145. Расторопов, С.В. Понятие здоровья в уголовно-правовой и медицинской науках [Текст] / С.В. Расторопов // «Черные дыры» в российском законодательстве. – 2005. – №1. – С. 149-152.

146. Растoропов, С.В. Признаки, характеризующие субъект и субъективную сторону преступлений против здоровья человека [Текст] / С.В. Растoропов // «Черные дыры» в российском законодательстве. – 2005. – №2. – С. 423-425.
147. Растoропов, С.В. Преступления против здоровья человека [Текст] / С.В. Растoропов // Законодательство. – 2004. – №2. – С. 67-76.
148. Растoропов, С.В. Признаки, характеризующие объективную сторону преступлений против здоровья человека [Текст] / С.В. Растoропов // Закон и права. – 2005. – №7. – С. 38-39.
149. Самолюк, И. Об умысле при телесных повреждениях [Текст] / И. Самолюк // Сов. юстиция. – 1966. – №13. – С. 17-18.
150. Федотов, А.В. Виды причинной связи между деянием и наступившими вредными последствиями [Текст] / А.В. Федотов // Журн. рос. права. – 2001. – №13. – С. 92-100.
151. Фролов, Е.А. Спорные вопросы учения об объекте преступления [Текст] / Е.А. Фролов // Сб. учен. тр. – Свердловск, 1968. – Вып. 10. – С. 184-225.
152. Яни, П.С. Сложные вопросы субъективной стороны преступления [Текст] / П.С. Яни // Рос. юстиция. – 2002. – №12. – С. 47-49.

## IV. Диссертатсия ва автоpефератҳо

153. Ахвердов, А.М. Умышленное причинение тяжкого вреда здоровью, повлекшего по неосторожности смерть потерпевшего: уголовно-правовой и криминологический аспекты [Текст]: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.08 / Ахвердов Альберт Михайлович. – Ставрополь, 2005. – 206 с.
154. Бабаджанов, И.Х. Жизнь и смерть человека как институционально-правовые категории (теоретико-аксиологический и частно-правовой анализ) [Текст]: дис. … д-ра юрид. наук: 12.00.01, 12.00.03 / Бабаджанов Исрофил Хусейнович. – Душанбе, 2014. – 369 с.
155. Безручко, Е.В. Уголовная ответственность за причинение вреда здоровью человека [Текст]: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.08 / Безручко Евгений Валерьевич. – Ростов-на-Дону, 2001. – 201 с.

156. Гудимов, А.С. Уголовно-правовая характеристика умышленного причинения средней тяжести вреда здоровью человека [Текст]: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.08 / Гудимов Александр Сергеевич. – М., 2008. – 213 с.
157. Гуревич, Л.И. Борьба с телесными повреждениями по советскому уголовному праву [Текст]: автореф. дис. ...канд. юрид. наук: 12.00.08 / Л.И. Гуревич. – М., 1950. – 16 с.
158. Демидов, Ю.А. Умысел и его виды по советскому уголовному праву [Текст]: автореф. дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.08 / Ю.А. Демидов. – М., 1964. – 12 с.
159. Зокирзода, З.Х. Мусодираи молу мулк ҳамчун намуди ҷазои ҷиноятӣ [Матн]: дис. ... ном. илм. ҳуқуқ: 12.00.08 / Зокирзода Зафар Хайрулло. – Душанбе, 2020. – 176 с.
160. Камолов, З.А. Система наказаний по уголовному кодексу Республики Таджикистан [Текст]: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.08 / Камолов Зубайдилло Аюбович. – Иркутск, 2009. – 193 с.
161. Коновалов, В.С. Уголовная ответственность за причинение легкого вреда здоровью [Текст]: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.08 / Коновалов Владимир Станиславович. – Ростов-на-Дону, 2002. – 185 с.
162. Муродзода, Ф.Р. Тавсифи ҳуқуқии ҷиноятӣ ва криминологии муомилоти ғайриқонунии прекурсорҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]: дис. ... ном. илм. ҳуқуқ: 12.00.08 / Муродзода Фирӯза Рузибой. – Душанбе, 2022. – 195 с.
163. Одиназода, Н.С. Ҳифзи ҳуқуқӣ-ҷиноятии гардиши металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]: дис. ... ном. илм. ҳуқуқ: 12.00.08 / Одиназода Носир Садир. – Душанбе, 2022. – 192 с.
164. Расторопов, С.В. Борьба с умышленными тяжкими телесными повреждениями, совершаемыми осужденными в исправительно-трудовых колониях [Текст]: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.08 / Расторопов Сергей Владимирович. – Рязань, 1996. – 301 с.

165. Раҳмонзода, М.Ҷ. Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]: дис. ... ном. илм. ҳуқуқ: 12.00.08 / Раҳмонзода Муҳаммад Ҷамшед. – Душанбе, 2020. – 182 с.
166. Сафарзода, А.И. Уголовно-правовая охрана предпринимательской деятельности в Республике Таджикистан [Текст]: автореф. дис. … д-ра юрид. наук: 12.00.08 / Сафарзода Анвар Ислом. – Душанбе, 2018. – 53 с.
167. Сафарзода, Н.Ф. Ҳуқуқ ба саломатӣ: масъалаҳои назарӣ ва амалӣ [Матн]: дис. ... ном. илм. ҳуқуқ: 12.00.01 / Сафарзода Некрӯз Файзӣ. – Душанбе, 2022. – 177 с.
168. Титов, Б.Н. Уголовная ответственность за умышленное причинение тяжкого вреда здоровью [Текст]: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.08 / Титов Борис Николаевич. – М., 2001. – 130 с.
169. Тихонов, Е.Н. Уголовная ответственность за причинение вреда здоровью по законодательству Российской Федерации [Текст]: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.08 / Тихонов Евгений Николаевич. – М., 2004. – 187 с.
170. Толков, Д.В. Конфискация имущества как институт уголовного права [Текст]: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.08 / Толков Дмитрий Васильевич. – Рязань, 2010. – 196 с.
171. Халиков, Ш.Л. Уголовная ответственность за умышленное причинение тяжкого вреда здоровью по законодательству Республики Таджикистан [Текст]: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.08 / Халиков Шерали Лоикович. – Душанбе, 2017. – 178 с.
172. Хоҷазода, Ф.Ф. Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои дахлдорӣ ба ҷиноят мутобиқи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]: дис. ... ном. илм. ҳуқуқ: 12.00.08 / Хоҷазода Фурқат Файзалӣ. – Душанбе, 2022. – 241 с.
173. Шарипов, М.М. Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ришвадиҳии тиҷоратӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]: дис. ... ном. илм. ҳуқуқ:

12.00.08 / Шарипов Маҳмадкарим Маҳмадсалимович. – Душанбе, 2022. – 188 с.

## V. Захираҳои электронӣ ва сомонаҳои интернетӣ:

174. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 21.12.2021 [Захираи электронӣ] // Саҳифаи интернетии Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Манбаи дастрасӣ: https: // mfa.tj (санаи муроҷиат: 01.02.2023.).

## VI. Маводҳои таҷрибаи судӣ ва омор

175. Маълумотномаи омории Раёсати омори судии Суди Олии ҶТ. – Душанбе, 2022.
176. Парвандаи ҷиноятии №1-53/14 // Бойгонии суди ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбеи ҶТ.
177. Парвандаи ҷиноятии №1-596/16 // Бойгонии суди ноҳияи Синои шаҳри Душанбеи ҶТ.
178. Парвандаи ҷиноятии №12120 /17 // Бойгонии суди ноҳияи Синои шаҳри Душанбеи ҶТ.
179. Парвандаи ҷиноятии №12450/18 // Бойгонии суди ноҳияи Синои шаҳри Душанбеи ҶТ.

## ФЕҲРИСТИ
## ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ

### I. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:

**[1-М].** Муқимов, С.Д. Баъзе масоили инкишофи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ [Матн] / Д.С. Муқимов, А.И. Сафарзода // Қонунгузорӣ (маҷаллаи илмӣ). – 2022. – №1(45). – С. 108-117; ISSN 2410-2903.

**[2-М].** Муқимов, С.Д. Низоми ҷазо дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Д.С. Муқимов, З.Х. Зокирзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон / Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2022. – № 5. – С. 218-225; ISSN 2413-5151.

**[3-М].** Муқимов, С.Д. Масъалаҳои асосии мақсади ҷазо дар сиёсати ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Д.С. Муқимов, З.Х. Зокирзода, И.И. Алиев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон / Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2022. – №6. – С. 218-225; ISSN 2413-5151.

**[4-М].** Муқимов, С.Д. Баъзе масъалаҳои объекти қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ [Матн] / Д.С. Муқимов, З.Х. Зокирзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон / Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2022. – №9. – С. 218-225; ISSN 2413-5151.

**[5-М].** Муқимов, С.Д. Предмети қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ [Матн] / Д.С. Муқимов // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. (Маҷаллаи илмӣ-амалии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ). – Душанбе, 2023. – №1 (29). – С. 235-248; ISSN 2414-9217.

**[6-М].** Муқимов, С.Д. Субъекти қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ [Матн] / Д.С. Муқимов // Қонунгузорӣ (маҷаллаи илмӣ). – 2023. – №2 (50). – С. 131–134; ISSN 2410-2903.

**[7-М].** Муқимов, С.Д. Аломатҳои вазнинкунандаи қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ [Матн] / Д.С. Муқимов // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи

инсон. (Маҷаллаи илмӣ-амалии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ). – Душанбе, 2023. – №1 (29). – С. 216-234; ISSN 2414-9217.

**II. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмӯаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ чоп шудаанд:**

**[8-М].** Муқимов, С.Д. Қасдан расонидани зарари миёна ба саломатии шахс дар қонунгузории ҷиноятии давлатҳои хориҷи дур [Матн] / С.Д. Муқимов // Маводҳои конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ бахшида ба таҷлили 30-умин солгарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзуи «Рушди илмҳои башардӯстӣ (гуманитарӣ) дар 30 соли Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (04. 09 2021). – Рашт, 2022. – С. 208-219.

**[9-М].** Муқимов, С.Д. Таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории ҷиноятии давлатҳои пасошуравӣ оид ба қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ [Матн] / С.Д. Муқимов // Маводҳои конференсияи илмӣ-назариявии устодон, кормандон ва донишҷӯён бахшида ба 25-солагии Ваҳдати миллӣ ва «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (солҳои 2020-2040)» (18-23 апрели соли 2022). – Рашт, 2022. – С. 19-21.

**[10-М].** Муқимов, С.Д. Низоми ҷазо дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ [Матн] / С.Д. Муқимов // Паёми Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт. – 2021. – №1 (5). – С. 93-97.

**[11-М].** Муқимов, С.Д. Зӯроварӣ – омили асосии барҳамхӯрии оилаҳо дар ҷомеаи имрӯза [Матн] / С.Д. Муқимов // Паёми Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт. – 2021. – №2 (6). – С. 141–144.

**[12-М].** Муқимов, С.Д. Пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо аз тарафи намояндагони иттиҳодияҳои ғайрирасмӣ [Матн] / С.Д. Муқимов // Паёми Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт. – 2019. – №1 (1). – С. 89-96.